ISSN 2790 – 3567

ПАЁМ

ВЕСТНИК

HERALD

МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА АМНИЯТ

МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ И БЕЗОПАСНОСТЬ

№4 (12) 2024

INTERNATIONAL RELATIONS AND SECURITY

Стратегияи мо барои таъмини амнияти миллӣ, ваҳдати миллат, ҳифз ва рушди анъана, расму оин ва фарҳанги миллӣ, баланд гардидани сатҳи иқтисодиёт ва дар ин замина беҳтар шудани некуаҳволии мардуми Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

ISSN 2790 – 3567

МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА АМНИЯТ

ЦЕНТР СТРАТЕГИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ И БЕЗОПАСНОСТЬ

CENTER FOR STRATEGIC RESEARCH UNDER THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

INTERNATIONAL RELATIONS AND SECURITY

№4 (12) 2024

Душанбе – 2024

Муассис: Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷалла соли 2022 таъсис ёфтааст. Дар як сол чор шумора нашр мешавад.

САРМУҲАРРИР:
Усмонзода Хайриддин Усмон–доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:
Шарифзода Лоҳутӣ Шариф–доктори илмҳои сиёсӣ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
Раҳимзода Шариф Махсум – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Қурбонов Абдураҳмон Шерович – доктори илмҳои фалсафа, профессор
Зиёӣ Хуршед Махшул – доктори илмҳои фалсафа, профессор
Хидирзода Махфират Умар – доктори илмҳои фалсафа, профессор
Майтдинова Гузел Майтдиновна – доктори илмҳои таърих, профессор
Саидов Абдулманон Саторович – доктори илмҳои фалсафа, профессор
Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Саидмуродов Лутфулло Ҳабибуллоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон – доктори илмҳои сиёсӣ
Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ – номзади илмҳои сиёсӣ
Давлатов Рамазонӣ – номзади илмҳои фалсафа

КОТИБИ МАСЪУЛ:
Олимзода Валиҷон–сардори Раёсати таъмини иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТАРҶУМА ВА ТАҲРИРИ МАТНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ:
Давлатов Зубайдулло
Сатторов Қиёмуддин
Давлатов Рамазонӣ
Мансур Суруш
Эмомализода Қосимҷон

МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Олимзода Валиҷон – сардори Раёсати таъмини иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маҷаллаи "Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният" ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 августи соли 2024 таҳти №283/м ворид карда шудааст. Инчунин, маҷалла дар индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) пайваста ворид карда мешавад. Маҷаллаи мазкур дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №222/МҶ – 97 аз 10 декабри соли 2021 ба қайд гирифта шудааст.

ИРТИБОТ:
Нишонӣ: 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (992 37) 221–11–00, 221–32–36; e–mail: info@mts.tj

Учредитель: Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Журнал основан в 2022 году. Периодичность издания – 4 раза в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:
Усмонзода Хайриддин Усмон–доктор филосовских наук, профессор, член–корреспондент Национальной академии наук Таджикистана

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:
Шарифзода Лохути Шариф – доктор политических наук

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:
Мухаммад Абдурахмон Навруз – доктор политических наук, профессор
Рахимзода Шариф Махсум – доктор экономических наук, профессор
Курбонов Абдурахмон Шерович – доктор филосовских наук, профессор
Зиёи Хуршед Махшул – доктор филосовских наук, профессор
Хидирзода Махфират Умар – доктор филосовских наук, профессор
Майтдинова Гузель Майтдиновна–доктор исторических наук, профессор
Саидов Абдулманон Саторович – доктор филосовских наук, профессор
Одинаев Хаёт Абдулхакович–доктор экономических наук, профессор
Саидмуродов Лутфилло Хабибуллоевич – доктор экономических наук, профессор, член–корреспондент Национальной академии наук Таджикистана
Мухаммадзода Парвиз Абдурахмон –доктор политических наук
Сафарализода Худжамурод Куддуси –кандидат политических наук
Давлатов Рамазони – кандидат философских наук

ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:
Олимзода Валиджон – начальник Управления информационного обеспечения Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

ПЕРЕВОД И РЕДАКТИРОВАНИЕ ТАДЖИКСКИХ, РУССКИХ И АНГЛИЙСКИХ ТЕКСТОВ:
Давлатов Зубайдулло
Сатторов Киёмуддин
Давлатов Рамазони
Мансур Суруш
Эмомализода Косимджон

ТЕХНИЧЕСКИЙ РЕДАКТОР:
Олимзода Валиджон – начальник Управления информационного обеспечения Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

Журнал «Международные отношения и безопасность» включен в перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 06 августа 2024 года №283/м. А также журнал входит в индекс рецензируемых научных журналов России (РИНЦ). Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации №222/МҶ – 97 от 10 декабря 2021 года.

КОНТАКТЫ:

Адрес: 734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел: (992 37) 221–11–00, 221–32–36; e–mail: info@mts.tj

Founder: Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan. The journal was founded in 2022. The journal is published four times per year**.**

CHIEF EDITOR:

Usmonzoda Khayriddin Usmon – Doctor of Philosophy Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Sharifzoda Lohuti Sharif – Doctor of Political Sciences

EDITORIAL BOARD:

Muhammad Abdurahmon Navruz – Doctor of Political Sciences, Professor
Rahimzoda Sharif Makhsum – Doctor of Economic Sciences, Professor
Qurbonov Abdurahmon Sherovich – Doctor of Philosophy Sciences**,** Professor
Ziyoi Khurshed Makhshul – Doctor of Philosophy Sciences, Professor
Khidirzoda Makhfirat Umar – Doctor of Philosophy Sciences, Professor
Maytdinova Guzel Maytdinovna – Doctor of Historical Sciences, Professor
Saidov Abdulmanon Satorovich – Doctor of Philosophy Sciences**,** Professor
Odinaev Hayot Abdulhaqovich – Doctor of Economic Sciences**,** Professor
Saidmurodov Lutfullo Habibulloevich – Doctor of Economic Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
Muhammadzoda Parviz Abdurahmon – Doctor of Political Sciences
Safaralizoda Khujamurod Quddusi – Candidate of Political Sciences
Davlatov Ramazoni – Candidate of Philosophical Sciences

EXECUTIVE SECRETARY:

Olimzoda Valijon – Head of the Department of Information Support of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan

TRANSLATION AND EDITING OF TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH TEXTS:

Davlatov Zubaydullo
Sattorov Qiyomuddin
Davlatov Ramazoni
Mansur Surush
Emomalizoda Qosimjon

TECHNICAL EDITOR:

Olimzoda Valijon–Head of the Department of Information Support of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan

The journal "International relations and security" has been included in the list of leading peer–reviewed journals and publications by the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan as of August 06, 2024, No.283/м. Additionally, the journal is indexed in the Russian Science Citation Index (RSCI). It is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. The registration certificate No.222/MJ–97 was issued on December 10, 2021.

CONTACTS:

Address of the founder: 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave.89;
tell: (992 37) 221–11–00, 221–32–36; e–mail: info@mts.tj

МУНДАРИҶА

СИЁСАТШИНОСӢ

МУЪТАДИЛСОЗИИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ҚИБОЛИ ЧОЛИШҲОИ НАВ ДАР ЗАМИНАИ АРЗИШҲОИ ДУНЯВИЯТМЕҲВАР
УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН,
РАҲМАТОВ УБАЙДУЛЛО НЕМАТОВИЧ.....14

ТОҶИКИСТОН ВА МАҶОРИСТОН: ҲАМҚАДАМУ ШАРИКОНИ БОЭЪТИМОД ДАР ЗАМОНИ МУОСИР
ШАРИФЗОДА АБДУФАТТОҲ АБДУВАҲҲОБ,
ШАРИФЗОДА ФИРДАВС АБДУФАТТОҲ.....28

ТАЪСИРИ ПАЁМАДҲОИ ЭҲТИМОЛИИ БУҲРОНИ ХОВАРИ МИЁНА БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ
ШАРИПОВ АМРИДДИН НУРИДИНОВИЧ.....45

МАҚОМИ ДИПЛОМАТИЯИ ОБИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР
УМАРЗОДА АМРИДДИН САИДАҲМАД.....57

НИҲОДИГАРДОНӢ–ОМИЛИ МУҲИММИ ТАЪМИНИ ФАЪОЛНОКИИ СИЁСИИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН
АСОМАДИНОВ МИРЗОМУҲИДДИН АСЛИДИНОВИЧ,
АБДУЕВ ХУРШЕД НАРЗАЛИЕВИЧ.....67

АРЗЁБИИ РАВАНД ВА ТАҶРИБАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН АЗ НАЗАРИ ОЛИМОНИ ҒАРБ
МАДИМАРОВА ГУЛҲАЁ МАДИМАРОВНА.....77

БАРРАСИИ ТАНОСУБИ МАФҲУМИ “МАНФИАТИ МИЛЛӢ” ВА “МАНФИАТИ ГЕОПОЛИТИКӢ” ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ
САЪДУЛОЕВ АБДУЛВОСИТ,
МУМИНОВ МУСТАҚИМ АБДУВАКИЛОВИЧ.....87

ЗАМИНАҲОИ СИЁСИИ ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГӢ ДАР ҲИНДУСТОН
ХОЛМУРОДОВ ШАРИФХУҶА ГАДОМАДОВИЧ.....101

УМУМИЯТҲО ДАР ТАТБИҚИ “НЕРУИ НАРМ”–И РУСИЯ ДАР КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ
САФАРОВ ҲАКИМШО АСЛАМШОЕВИЧ.....113

ИҚТИСОДӢ

АРЗЁБИИ ИМКОНИЯТҲОИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ НИЗОМИ САНОАТӢ ВА ОМИЛҲОИ ОН
МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ.....126

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ҶАРАЁНИ РУШДИ ФАЗОИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУҚАДДАСЗОДА ФИРДАВС МУҚАДДАС.....142

ТАШКИЛИИ НИЗОМИ ТАЪМИНИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН
МИРСАИДОВ САИДАКМАЛ АВРОРОВИЧ,
ИБРОҲИМОВ ДАВЛАТ НОДИРХОНОВИЧ.....156

ТАШКИЛ КАРДАНИ СОХТОРИ НАВ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ДАР МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИИ МЕҲНАТӢ
АЗИМОВА МАДИНА ТУРДИЕВНА.....167

КОММУНИКАТСИЯИ НАҚЛИЁТӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ
РАҶАБОВ АБДУҲАЛИМ АБДУРАҲИМОВИЧ,
ЮНУСОВ ФАРИДУН МАЪРУФОВИЧ.....174

МЕХАНИЗМҲОИ ТАТБИҚИ ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОИР БА ОБУ ИҚЛИМ
МАҲМАДОВ ҶОМӢ АБДУРАҲМОНОВИЧ.....185

РУШДИ БОЗОРИ ХӮРОКИ УМУМӢ ОМИЛИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ ВА ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ
ИБРОҲИМЗОДА ИБРОҲИМ ШОҲ.....196

ЗАМИНАҲОИ РУШДИ ҚАРЗДИҲИИ ИПОТЕКӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
СОЛИҲОВА МАЙСАРА ДАВЛАТОВНА.....207

ФАЛСАФА

МУЛОҚОТИ ТАЪРИХӢ: НАТИҶАГИРИҲО ВА ХУЛОСАҲО
ҚУРБОНОВ АБДУРАҲМОН ШЕРОВИЧ.....221

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ САРМОЯИ ИҶТИМОӢ ВА ИНСОНӢ ДАР АСАРҲОИ МУҲАҚҚИҚОНИ ҒАРБӢ
САИДОВ АБДУЛМАНОН САТТОРОВИЧ.....232

ТАСНИФОТИ ИЛМҲО АЗ НАЗАРИ МУҲАММАД ҒАЗЗОЛӢ
ЗИЁЕВ ИДИБЕК ҒОЗИЕВИЧ,
НАСРИДДИНОВ ҲУКМИДДИН НАҶМИДДИНОВИЧ.....243

ТАШХИСИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН УСУЛИ ПЕШГИРИИ КАҶРАФТОРИИ ИҶТИМОӢ
КОМИЛОВА МАВҶУДА ДАВЛАТҶОНОВНА.....253

МАРҲАЛАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА ВИЖАГИҲОИ ХОССИ СИЁСАТИ ГЕНДЕРӢ
ҶАББОРӢ НАСИБА ҶАББОР.....268

СОДЕРЖАНИЕ

ПОЛИТОЛОГИЯ

РОЛЬ СВЕТСКИХ ЦЕННОСТЕЙ В УРАВНОВЕШЕВАНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ ПЕРЕД ЛИЦОМ НОВЫХ ВЫЗОВОВ
УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН,
РАХМАТОВ УБАЙДУЛЛО НЕМАТОВИЧ.....14

ТАДЖИКИСТАН И ВЕНГРИЯ: НАДЕЖНЫЕ СПУТНИКИ И ПАРТНЕРЫ В СОВРЕМЕННУЮ ЭПОХУ
ШАРИФЗОДА АБДУФАТТОХ АБДУВАХХОБ,
ШАРИФЗОДА ФИРДАВС АБДУФАТТОХ.....28

ВЛИЯНИЕ ВОЗМОЖНЫХ ПОСЛЕДСТВИЙ БЛИЖНЕВОСТОЧНОГО КРИЗИСА НА ЦЕНТРАЛЬНУЮ АЗИЮ
ШАРИПОВ АМРИДДИН НУРИДИНОВИЧ.....45

РОЛЬ ВОДНОЙ ДИПЛОМАТИИ ТАДЖИКИСТАНА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ
УМАРЗОДА АМРИДДИН САИДАХМАД.....57

ИНСТИТУЦИОНАЛИЗАЦИЯ – ГЛАВНЫМ ФАКТОРОМ ПОЛИТИЧЕСКИЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МОЛОДЕЖИ В УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКИСТАНА
АСОМАДДИНОВ МИРЗОМУХИДИН АСЛИДИНОВИЧ,
АБДУЕВ ХУРШЕД НАРЗАЛИЕВИЧ.....67

ОЦЕНКА ПРОЦЕССА И ОПЫТА ТАДЖИКСКОГО МИРА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ЗАПАДНЫХ УЧЕНЫХ
МАДИМАРОВА ГУЛХАЁ МАДИМАРОВНА.....77

ОБЗОР ВЗАИМОСВЯЗИ МЕЖДУ «НАЦИОНАЛЬНЫМ ИНТЕРЕСОМ» И «ГЕОПОЛИТИЧЕСКИМ ИНТЕРЕСОМ» В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ
САЪДУЛОЕВ АБДУЛВОСИТ,
МУМИНОВ МУСТАКИМ АБДУВАКИЛОВИЧ.....87

ФОРМИРОВАНИЕ КУЛЬТУРНОЙ ДИПЛОМАТИИ В ИНДИИ
ХОЛМУРОДОВ ШАРИФХУЧА ГАДОМАДОВИЧ.....101

ОБЩЕЕ ПРИМЕНЕНИЕ РОССИЙСКОЙ «МЯГКОЙ СИЛЫ» В СТРАНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ
САФАРОВ ХАКИМШО АСЛАМШОЕВИЧ.....113

ЭКОНОМИКА

ОЦЕНКА ВОЗМОЖНОСТЕЙ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОЙ СИСТЕМЫ И ЕЕ ФАКТОРОВ
МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ.....126

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И ПРОЦЕСС РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОГО КЛИМАТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН
МУКАДДАСЗОДА ФИРДАВС МУКАДДАС.....142

ОРГАНИЗАЦИЯ СИСТЕМЫ ИННОВАЦИОННОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРЕДПРИЯТИЙ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ
МИРСАИДОВ САЙДАКМАЛ АВРОРОВИЧ,
ИБРОХИМОВ ДАВЛАТ НОДИРХОНОВИЧ.....156

ФОРМИРОВАНИЯ НОВОЙ СТРУКТУРЫ СОЦИАЛЬНО–ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ НА РЫНКЕ ТРУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
АЗИМОВА МАДИНА ТУРДЫЕВНА.....167

ТРАНСПОРТНАЯ КОММУНИКАЦИЯ В ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ СТРАНЫ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ
РАДЖАБОВ АБДУХАЛИМ АБДУРАХИМОВИЧ,
ЮНУСОВ ФАРИДУН МАРУФОВИЧ.....174

МЕХАНИЗМЫ РЕАЛИЗАЦИИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ИНИЦИАТИВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ПО ВОДЕ И КЛИМАТУ
МАХМАДОВ ДЖОМИ АБДУРАХМОНОВИЧ.....185

РАЗВИТИЕ ОБЩЕГО ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО РЫНКА КАК ФАКТОР УЛУЧШЕНИЯ ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ И ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ
ИБРОХИМЗОДА ИБРОХИМ ШОХ.....196

ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ИПОТЕЧНОГО КРЕДИТОВАНИЯ В ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
СОЛИХОВА МАЙСАРА ДАВЛАТОВНА.....207

ФИЛОСОФИЯ

ИСТОРИЧЕСКИЕ ВСТРЕЧИ: РЕЗУЛЬТАТЫ И ВЫВОДЫ
КУРБОНОВ АБДУРАХМОН ШЕРОВИЧ.....221

ОТРАЖЕНИЕ ПРОБЛЕМЫ СОЦИАЛЬНОГО И ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В ТРУДАХ ЗАПАДНЫХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ
САИДОВ АБДУЛМАНОН САТТОРОВИЧ.....232

КЛАССИФИКАЦИЯ НАУК С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МУХАММАДА ГАЗАЛИ
ЗИЁЕВ ИДИБЕК ГОЗИЕВИЧ,
НАСРИДДИНОВ ХУКМИДДИН НАДЖМИДДИНОВИЧ.....243

СОЦИАЛЬНАЯ ДИАГНОСТИКА КАК МЕТОД ПРОФИЛАКТИКИ СОЦИАЛЬНОЙ ДЕВИАЦИИ
КОМИЛОВА МАВДЖУДА ДАВЛАТДЖОНОВНА.....253

ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ ФОРМИРОВАНИЯ И ОСОБЕННОСТИ ГЕНДЕРНОЙ ПОЛИТИКИ
ДЖАББОРИ НАСИБА ДЖАББОР.....268

CONTENT

POLITICAL SCIENCE

THE ROLE OF SECULAR VALUES IN BALANCING SOCIAL RELATIONS IN THE FACE OF NEW CHALLENGES
USMONZODA KHAYRIDDIN USMON,
RAKHMATOV UBAIDULLO NEMATOVICH.....14

TAJIKISTAN AND HUNGARY: RELIABLE COMPANIONS AND PARTNERS IN THE MODERN EPOCH
SHARIFZODA ABDUFATTOH ABDUVAHHOB,
SHARIFZODA FIRDAVS ABDUFATTOH.....28

THE IMPACT OF THE POSSIBLE CONSEQUENCES OF THE MIDDLE EAST CRISIS ON CENTRAL ASIA
SHARIPOV AMRIDDIN NURIDINOVICH.....45

THE ROLE OF TAJIKISTAN'S WATER DIPLOMACY IN MODERN CONDITIONS
UMARZODA AMRIDDIN SAIDAHMAD.....57

INSTITUTIONALIZATION IS AN IMPORTANT FACTOR IN ENSURING THE POLITICAL ACTIVITY OF YOUNG PEOPLE IN THE MODERN CONDITIONS OF TAJIKISTAN
ASOMADINOV MIRZOMUHIDDIN ASLIDINOVICH,
ABDUEV KHURSHED NARZALIEVICH.....67

ASSESSMENT OF THE PROCESS AND TAJIK PEACE EXPIRENCE FROM THE POINT OF VIEW OF WESTERN SCIENTISTS
MADIMAROVA GULHAYO MADIMAROVNA.....77

CONSIDERATION OF THE RELATIONSHIP BETWEEN THE CONCEPTS OF «NATIONAL INTEREST» AND «GEOPOLITICAL INTEREST» IN THE SYSTEM OF INTERNATIONAL RELATIONS
SA'DULOEV ABDULVOSIT,
MUMINOV MUSTAQIM ABDUVAKILOVIH.....87

POLITICAL PREREQUISITES FOR THE FORMATION OF CULTURAL DIPLOMACY IN INDIA
HOLMURODOV SHARIFKHUJA GADOMADOVICH.....101

COMMON FEATURES OF THE IMPLEMENTATION OF RUSSIAN "SOFT POWER" IN CENTRAL ASIAN COUNTRIES
SAFAROV HAKIMSHO ASLAMSHOEVICH.....113

ECONOMY

ASSESSMENT OF THE POSSIBILITIES OF INNOVATIVE DEVELOPMENT OF THE INDUSTRIAL SYSTEM AND ITS FACTORS
MURTAZOZODA ORAZ,.....126

THEORETICAL ASPECTS AND PROCESS OF DEVELOPMENT OF ENTREPRENEURSHIP CLIMATE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
MUKADDASZODA FIRDAVS MUKADDAS.....142

ORGANIZATION OF A SYSTEM OF INNOVATION SUPPORT FOR ENTERPRISES OF THE AGRICULTURAL COMPLEX OF KHATLON REGION
MIRSAIDOV SAIDAKMAL AVROROVICH,
IBROHIMOV DAVLAT NODIRKHONOVICH.....156

FORMATION OF A NEW STRUCTURE OF SOCIAL AND LABOR RELATIONS IN THE LABOR MARKET OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
AZIMOVA MADINA TURDYEVNA.....167

TRANSPORT COMMUNICATION IN THE ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE COUNTRY DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE
RADZHABOV ABDUHALIM ABDURAHIMOVICH,
YUNUSOV FARIDUN MARUFOVICH.....174

IMPLEMENTATION MECHANISMS OF THE INTERNATIONAL INITIATIVES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON WATER AND CLIMATE
MAHMADOV JOMI ABDURAHMONOVICH.....185

THE DEVELOPMENT OF A COMMON FOOD MARKET AS A FACTOR IN IMPROVING THE LIVES OF THE POPULATION AND ENSURING FOOD SECURITY
IBROHIMZODA IBROHIM SHOH.....196

FUNDAMENTALS FOR THE DEVELOPMENT OF MORTGAGE LENDING IN THE ECONOMIC CONDITIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
SOLIHOVA MAYSARA DAVLATOVNA.....207

PHILOSOPHY

HISTORICAL MEETINGS: RESULTS AND CONCLUSIONS
KURBONOV ABDURAHMON SHEROVICH.....221

REFLECTION OF THE PROBLEM OF SOCIAL AND HUMAN CAPITAL IN THE WORKS OF WESTERN RESEARCHERS
SAIDOV ABDULMANON SATTOROVICH.....232

CLASSIFICATION OF SCIENCES FROM THE POINT OF VIEW OF MUHAMMAD GHAZALI
ZIYOEV IDIBEK GOZIEVICH,
NASRIDDINOV KHUKMIDDIN NAJMIDDINOVICH.....243

SOCIAL DIAGNOSTICS AS A METHOD OF PREVENTING SOCIAL DEVIATION
KOMILOVA MAVJUDA DAVLATJONOVNA.....253

THE MAIN STAGES OF FORMATION AND FEATURES OF GENDER POLICY
JABBORI NASIBA JABBOR.....268

УДК: 316.75:323

МУЪТАДИЛСОЗИИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ҚИБОЛИ ЧОЛИШҲОИ НАВ ДАР ЗАМИНАИ АРЗИШҲОИ ДУНЯВИЯТМЕҲВАР

УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН,
доктори илмҳои фалсафа, директори Маркази тадқиқоти
стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: (+992) 93-453-10-08; e-mail: khidiev@mail.ru

РАҲМАТОВ УБАЙДУЛЛО НЕМАТОВИЧ,
номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа
ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
бо номи Шириншоҳ Шоҳтемур
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146;
тел: (+992) 904-56-75-95; e-mail:rahmatov.ubaydullo@bk

Дар шароити муосир низоми амалкунандаи муносибатҳои байналмилалӣ мавридӣ дигаргуниҳои густурда ва ҷолиби таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Мутобиқ шудан ба чунин шароити навзуҳурёбанда барои аксари кишварҳо хеле душвору ғайримуқаррарӣ аст, вале кишварҳои гоногун маҷбуранд ба тадриҷ диду ҷаҳонбинии худро вобаста ба арзишҳову чолишҳои он мутобиқ созанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд манфиатдору ширкаткунандаи меҳварӣ дар рақобатҳои бартариҷӯйии геосиёсии имрӯза нест, вале бо дарназардошти он ки минтақаи ҷойгиршавии он дар маркази гирудорҳои шадид, нуқтаи бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳои бузургу миёна қарор дорад, бинобар ин, наметавонад аз таваҷҷуҳ ба ин равандҳо канор бошад.

Муаллифони мақола бо пайгирӣ аз дарки ин масъала афзалияти истеҳкомбахшии пояҳои дунявитятмеҳвариро дар ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон ҳамчун кафили таъмини суботу рушди он дар чунин як марҳалаи ҳассоси таърихӣ мавриди таҳлил қарор додаанд.

Калидвожаҳо: *дунявият, теологӣ, бархурди манфиатҳо, усули бунёдӣ, амалҳои даҳшатафкан, рафторҳои суботзудоянда, дурнамои рушди иҷтимоӣ, фурсатталабӣ, тазоди даркнашуда, ҷомеаи илмгаро, истиқрори дунявиятмеҳварӣ, вазъи изтирорӣ, доираҳои хурофотӣ.*

Мусаллам аст, ки мо дар даврони хеле хатарноке зиндагонӣ мекунем. Якчанд даҳсола пештар агар мо эҳтимоли ба набарди ҳарбӣ воридшавии абарқудратҳоро ба мушкилӣ тасаввур мекардем, акнун садду монеаҳо

барои аз ҳамдигар душмантароши онҳо бардошта шуда, тавассути қурбонсозии кишварҳои дуюм бештарашон вориди размоишҳои гибридии мусаллаҳонаанд. Бо пайгирӣ аз ин вазъият бархе тарҳрезони сиёсати байналмилалӣ мутмаини эҳтимоли минбаъд ба сатҳи рӯёӯиҳои бевоситаи мусаллаҳонаи абарқудратҳо табдил ёфтани чунин набардҳоянд [3]. Зимнан ишора мешавад, ки набояд фирефтаи авҷёбии нишондодҳои равобити тиҷоратии миёни ин кишварҳо шуд, зеро дар асл тиҷорат дармоне барои пешгирии набардҳо нест, балки танҳо даричаи иртибототии бозгунае барои то андозае коҳишдиҳӣ ё ҷубронсозии хисороти ҷангҳост [4]. Бо мушоҳидаи чунин даргириҳо кишварҳои хурду миёна дар симои ҳеҷ абарқудрате акнун пуштибони абадии худро намебинанд, балки онҳоро, пеш аз ҳама, пойбанди ҳифзи манфиатҳои маҳдуди бевоста худашон тасаввур мекунанд. Ҳатто имрӯз ИМА–ро баъзе аз шарикони деринааш, аз ҷумла Иттиҳоди Аврупо дар он симмате, ки онро собиқ президенти он Роналд Рейган ҳамчун “шаҳри баланду мағрури бар рӯйи қуллаҳо устувор сохта шуда, ... шаҳре бо бандарҳои озоди тиҷоративу созандагӣ ҷӯшанда” тасвир карда буд, ба мушкилӣ қабул карданиянд [1]. Зимнан, чанде пеш Иттиҳоди Аврупо мансаби наверо дар ин созмон бо номи комиссари махсус доир ба масъалаҳои ҳарбӣ ҷорӣ намуд.

Бо дарки зарурати объективӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон пайгирона талош менамояд, ки дар иҳотаи ин гуна амвоҷи пурталотуму фарогири равандҳои мураккаби ҷаҳони имрӯз дар ҳошияи таърих боқӣ намонад, балки барои исботи ҳуқуқи ҳастии хеш ва дастёбӣ ба рушди босубот шароити бавуҷудомадаро самараноку муносиб истифода барад. Зеро равандҳои муосири таърихӣ шебу фарозҳое доранд, ки дар сурати канорачӯйӣ аз дарку баҳрабардории бамавридашон метавонанд паёмадҳои дардноку пурҳаводиси сангин барои рушду суботи ҷомеа дошта бошанд. Аз ин ҷиҳат ин равандҳо ба сарнавишти давлатҳо, қавму миллатҳои саросари олам бештар аз пештар гиреҳ мехӯранду таъсиргузоранд. Хусусан, бевосита дар марҳалаи ҳозира чунин таъсиргузориҳо тавассути фишору таҳдидҳои ҳарбӣ, кӯбидани путки вазнини таҳримҳои сиёсию иқтисодӣ ба сари кишварҳо ва ғайра паёмади зуҳури заминаҳои ибтидоии низоми алҳол ташаккулёбандаи ноустувори нави ҷаҳонӣ хеле хашинтару бераҳмона шудаанд, ки таърих мисолашро камтар дар кулбораш дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд манфиатдору ширкаткунандаи меҳварӣ дар рақобатҳои бартариҷӯйии геосиёсии имрӯза нест, вале бо дарназардошти он ки минтақаи ҷойгиршавии он дар маркази гирудорҳои шадид, нуқтаи барҳӯрди манфиатҳои абарқудратҳои бузургу миёна қарор дорад, бинобар ин, наметавонад аз таваҷҷуҳ ба ин равандҳо канор бошад. Осиёи Марказӣ, вобаста ба мавқеи ҷойгиршавияш, доштани захираҳои

дастнахӯрдаи табиӣ, гуногунии қавмӣ, зарфиятҳои истеҳсолию инсонӣ, долону шоҳроҳҳои транзитӣ ба маркази таконбахши бисёре аз равандҳои глобалӣ табдил ёфта, дар ин замина, ба хотири бартарафсозии хатари таркишёбии равандҳои тули шоҳрагҳои канории он ҷараёндошта, маҷбур аст иқдомҳои саривақтӣ бигирад [7]. Осиёи Марказӣ аз ин ҷиҳат аз худ фазоеро ҷилва медиҳад, ки равандҳои дохилию канории он бояд пайваста қобили мулоҳиза бошанду тамоюли вайронсозандаи онҳо саривақт ба маҷрои назоратшаванда баргардонида шаванд. Зуҳури фазои мазкур танҳо бастагӣ ба омилҳои дохилӣ надорад, балки аксар маврид тавассути рӯйкарду фарояндҳои амиқи глобалӣ ба вуқуъ мепайванданд [14].

Мувафаққиятомезона бархӯрд кардан бо чунин шароит наметавонад пурра қаблан тибқи ягон тарҳи сеҳромези геополитикӣ таъйиншудаю иборат аз сужаҳои сода бошад. Зеро равандҳои таърихӣ ҳеч гоҳ ба тариқи сунъӣ идораю ислоҳ намешаванд, балки рафтору амали давлатҳо дар ин мавридҳо бо коркарди мулоҳизоте таъйин мегардад, ки дарки онҳо бидуни биниши амиқ аз шароиту омилҳои мушаххас ғайриимкон аст. Дигаргуниҳо ҳангоми ҳаракати низомҳои сиёсию иҷтимоӣ дар ин масирҳо иҷтинобнопазиранд, аммо он ба эҳтимоли зиёд он чизе нахоҳад буд, ки аз аввал ба он аксари дастандаркорону мушоҳидон умед мебандад.

Чунин аст моҳияти ҷаҳони навзуҳури аз худ ба мушкилот даракдиҳанда, ки бояд тибқи интизориҳои зиёди ҷомеаи башарӣ вориди саҳнаи таърихӣ гардад. Аммо то куҷо ин интизориҳо имконияти ба воқеият пайвастан доранду оё ин низоми равобити байналмилалӣ дар ниҳоят ягон умумияте ба он низоме, ки дар марҳалаи пештараи рушди ҷомеаи башарӣ мо ба усулҳои бунёдии он унс гирифтаю одат карда будем, хоҳад дошт ё на, саволест бечавобу муаммодор. Мутаассифона, дар посух ба ин саволҳо бештари таҳлилгарон ба он андешаанд, ки марҳалаи кӯтоҳмуддати таърихии унсгирифтаи пештараи мо дар муқоиса бо даврaи тулонитари гузаштаи башарият ҳарчанд ғайриодӣ муназзам пеш мерафт, вале пояи бовариҳо ба эҳтимоли барқарорсозияш камтар боқӣ мондааст. Албатта, мутобиқ шудан ба чунин шароити навзуҳурёбанда барои аксари кишварҳо хеле душвору ғайримуқаррарӣ аст, вале ноилоҷ маҷбуранд батадриҷ диду ҷаҳонбинии худро вобаста ба арзишҳову чолишҳои он мутобиқ созанд [2].

Дар маҷрои чунин равандҳои ҷаҳони навзуҳурёбанда табиист, ки чархишу таҳаввулоти сиёсати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо иборат аз як ҳаракати содаи мавқеиятгузинӣ, вокуниши эҳсосотбор ба рӯйдодҳои таконбахши муосир нест, балки бархоста аз талошҳои ба қонуниятҳои таърихӣ муносиб бархӯрд намудан аст. Яъне Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо ин равандҳо ҳамгом асту аз эҳтимолияти интихобҳои душвору ғайриқолабӣ ва паёмадҳои шигифтангези онҳо канорагирӣ намекунад. Нуктаи аслию

меҳварӣ он аст, ки дар ин маврид фурсате барои шакку ноуммедӣ бояд ҷой надошта бошад ва мероси ғании таърихи давлатдориро бо паснигарии созанда, на қолабӣ, балки бояд эҷодкорона ба кор гирифт. Бо интихоби чунин усули бунёдӣ ва истифодаи таҷрибаи давлатсозии даврони соҳибистиқлолӣ кулвори сабақандӯзии мо аз мероси таърихии ҷомеасозиямон то як сатҳи муайян дар қиболи равандҳои навзуҳури ҷаҳони муосир суфта ҳам гашт, то ин ки ба дунболи ин гуна мерос на тақлидгароёнаю бе назари интиқодӣ, балки эҷодкоронаю сабақомӯзона қадам гузорем. Интихоби чунин усули ҷомеасозӣ бархӯрди номуносиб ба мероси фарҳангӣ, талоши содаи ба вазъияти қаблии ташкили ҳаёти ҷомеа бозпас гардонидани чархи таърихро қабул надорад, вагарна таъхиркорию канорагирҳо аз чолишҳои муосир боиси зуҳури падидаҳои бунёдгароёнаю ифротӣ шуда, вобастагиро ба низомҳои бегона меафзояд.

Мутаассифона, шаҳди талхи чунин суннати фикрию амалиро мо дар таърихи давлатдориямон на як бору ду бор чашидаву ранҷу машаққат бурдаем, зеро дар ҳама давру замон ҳамеша ин таҷрибаҳо худро муқобили талошҳои он суннати фикрию амалие қарор медоданд, ки аз истиқлоли маънавии пуштибонӣ намуда, барои таъмини бақои миллати тоҷик ҷоннисорӣ мекарданд [17]. То он сатҳе, ки агар низоми сиёсии даврон қобилияти идораю таҳти назорат гирифтани талошҳои хушунатомези суннатҳои бунёдгароёнаю фаромиллигароиро аз худ нишон медод, ҳамон андоза умри давлатдории тоҷикон ҳам дарозтар идома меёфт. Вале дар сурати аз даст додани чунин қобилият, суннати мазкур бо истифода аз фурсат доимо ба дунболи заволбахшии низоми давлатдории миллии тоҷикон мешитофт. Дар натиҷа, чархи ҳаракати ҷомеа барои қарнҳо ба ҳошияҳо кашида шуда, бадбиниҳои қавмӣ, фарҳангзудоӣ, афзалиятдиҳии арзишҳои сирф эътиқодӣ ба авҷи аълои худ расида, ба хатти маши ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ табдил меёфт. Аз ин рӯ, набояд худро тасаллӣ дод, ки зуҳури чунин талошҳо фақат моли таърихи гузаштаанд, балки имрӯзҳо низ баъзе аз мубаллиғони чунин анъана ин маъниҳоро дар зеҳну муносибати афроди алоҳида ҷой дода истодаанду ноогоҳона ҳуҷум ба арзишҳои миллӣ, пояҳои давлати дунявиро барои худашон шараф меҳисобанд. Бар ивази додани номҳои миллӣ ба фарзандону дуконҳои худ, канорагирӣ аз таҷлили идҳои аҷдодӣ, қайди санаҳои пуршарафи даврони истиқлоли диёрамон ва ғайраро шарафу қарзи эътиқодии худ меҳисобанд.

Дастгирии чунин андешаю рафторҳои суботзудояндаи миллиро, муттаассифона, имрӯзҳо инчунин, дар мавқеи калавандаи баъзе аз намояндагони аҳли зиё, соҳибкорон, ходимони давлатию ҷамъиятӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Тазодди пурра даркнашудаи авҷгирии ин равандҳо аз он иборат аст, ки ҳатто дар байни ин қишри маърифати

дунявидошта низ эътиқод ба сеҳру афсункориҳо, ҷустуҷӯйи тӯмору бозубандҳои кӯшоиши кор ва талошҳои худро бо ҳамин роҳ эмин нигоҳ доштан аз чашми баду ҳифзи мартабаи иҷтимоии хеш ба маротиб афзудааст. Инро баъзе аз таҳлилгарони тоҷик ба таври зайл шарҳу тавзеҳ додаанд: «Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, гурӯҳҳое ҳастанд, ки мехоҳанд бо роҳи ривоҷ додани донишҳои динӣ, мутлақ арзёбӣ кардани онҳо, афкори ҷомеаро ба тарафи худ тамоюл бахшида, аз ин роҳ дунявияти ҷомеаро аз байн баранд. Чунин навъи муносибат барои Тоҷикистон ва кишварҳои минтақа хатарзо аст, зеро таҷрибаи кишварҳои олам нишон додааст, ки ҳокимияти теократӣ ҳеҷ гоҳ на ба манфиати миллатҳо ва на ба манфиати шаҳравандон амалеро анҷом дода наметавонад. Он танҳо фарогири манфиати гурӯҳҳои хурд ва табақаи руҳониён аст, ки аз роҳи тарвиҷу тарғиби таассуб ва хурофот дукони тиҷоратии хешро гардон мекунанд, вале дар маҷмуъ, миллатро дар беҳувиятӣ ва кишварро ба дастнигару истеъмолгар табдил медиҳанд. Ҳамин аст, ки дар муносибат ба навъҳои дониш бояд аз зовияи аҳаммияти таърихӣ ва дурнамои рушди иҷтимоии ҷомеаҳо назар афканд. Зеро ҷомеаҳое, ки илмгароянд хирад ва тафаккур асоси истеҳсолии онҳоро ташкил медиҳад. Баръакс, ҷомеаҳое, ки дорои ҳокимияти теократианд, бархӯрдҳо рӯз то рӯз дар онҳо меафзоянд, таассубу хурофот боло мегирад, бархӯрдҳои иҷтимоӣ зиёд гардида, саркӯбгарии ҳокимияти сиёсӣ меафзояд. Озодӣ ва ҳуқуқҳои инсон маҳдуд мешаванд. Табъизи ҷинсӣ, мазҳабӣ ва иҷтимоӣ меафзояд, осебпазирии иҷтимоӣ боло мегирад. Дар маҷмуъ, ин кишварҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ ҷойгоҳу мавқеи хешро аз даст медиҳанд» [16].

Дар илми ҷомеашиносӣ аслан чунин суннати фикрию амалиро фурсатталабӣ номидаанд ва моҳияташ аз он бармеояд, ки онҳо мунтазири бозгашту барқарор шудани вазъияти ҳаёти пештараи таърихии ҷомеаанду аз тасмимгирии мустақилона дар шароити нав метарсанд. Пешбинӣ аз чунин шакли мунтазам барқароршавии вазъи деринтизори таърихӣ таҳти сояи иродаю дасти ноаёни неруҳои фавқуттабиӣ барои эшон ҳамчун як амри табиӣ ба назар мерасад. Яъне қишри муайяни ҷомеа ҳанӯз ҳам мунтазири зуҳури як навъ тасодуфи деринтизори таърихиянд ва харҷи заҳматро барои шинохти аслии ҳодисаҳо ба худ раво намебинанду кӯшиш менамоянд, ки кулли ҳодисаҳои собиқи таърихиро аз ҳамин мавқеъ ва дидгоҳ арзёбӣ кунанд. Паёмади чунин мавқеъгирию арзёбиҳо натанҳо барои низоми ҳаёти муътадили ҷомеа, балки дар сурати сар задани нобасомониҳо барои худи ҳамин гуна афрод низ сангину фалокатбор аст.

Бинобар ин, танҳо истиқрори дунявиятмеҳварӣ метавонад кафолати эмин мондани ҷомеаҳои муосири осиёию шарқиро аз оқибатҳои вазнини ба

доми панҷаҳои оҳанини ғоявии исломи сиёсӣ, бахусус, ҷанбаҳои фаромиллидоштаи он афтоданро дошта бошад. Ҷанбаи фаромиллигароийи исломи сиёсӣ ҳадафи ташаккулдиҳии умумияти "уммати исломӣ"–ро пайгирӣ карда, рушду тавсеаи чунин мафкура натанҳо барои кишварҳои мусалмонӣ, балкӣ ғарбию осиёие, ки дар он ҷо вақтҳои охир мубаллиғону ҷонибдорони зиёд пайдо шуда истодааст, хатарнок аст. Масалан, дар кишвари Олмон моҳи майи соли 2024 гирдиҳамоии густурдае бо ташаббуси ҳаракати тундгарои "Muslim Interaktiv" дар шаҳри Ҳанновер барои ташкили хилофати исломӣ дар ин сарзамин бо иштироки беш аз ду ҳазор нафар доир шуд, ки боиси ташвишу нигаронии ниҳодҳои амниятӣ гардид. Ба ҳамин монанд ҳамоиши ҷавононро блогери 25–солаи африқоитабори олмонӣ Ададе Боатенг ташкил дод, ки ҳазорон нафар тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ аз иқдоми мазкур дастгирӣ кардаанд. Сафи ин гурӯҳҳо дар кишвари Олмон пайваста аз ҳисоби муҳоҷирон, паноҳандагон, таҳсилгирандагони мактабҳои омӯзиши Қуръон дар назди масҷидҳо ва ғайра меафзояд ва аз байни онҳо солҳои охир афроди даст ба анҷоми амалҳои даҳшатафканӣ ба қайд гирифта шудааст. Мутаносиб бо ин фаъолиятҳо, пайравони таассубпешагон дар миёни донишомӯзони мусулмонтабори олмонӣ ва паноҳандагону муҳоҷирон дар ҳоли афзоиш буда, шумораи ширкаткунандагон дар ташкилу татбиқи амалҳои даҳшатафканӣ аз ҳисоби онҳо дар хоки Олмон низ ҷавон шудааст. Аз соли 2016 то соли 2024 афроди синни мактабхон дар 48% чунин амалҳо даст доштаанд[10].

Барои бо чунин вазъи изтирорӣ рақобат кардан, зарурат ба ташкили эътилофи ғоявии кишварҳои осебпазир аз мафкураи фароисломӣ дар сатҳи ҳамкории ниҳодҳои идоракунию таҳлилӣ ва истихборотӣ муҳим ба назар мерасад. Яъне ғояи муттаҳидкунандаи чунин эътилоф бояд на ченаки яксатҳии мардумсолорию ғайримардумсолорӣ, балки ҳифзи арзишҳои дунявиятмеҳварӣ ба хотири ояндаи босуботу бонизом бошад. Чунин эътилофи ғоявӣ метавонад зиддиятҳоро миёни рақобату талоши абарқудратҳои дорои манфиатҳои муғризонаи сояафкан бар қитъаҳои гуногуни олам, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, барои шакл додану дар курсии қудрат нишондани низомҳои дилписанди худ то андозае барои ҳадафҳои муштараки дорои арзиши ҳаётӣ коҳиш диҳад [8]. Ин имкон медиҳад, ки кишварҳо дастаҷамъона бидуни тамоюлоти мафкуравӣ омодаи рафъсозии таҳдидҳои экзистенсиалӣ ё ҳаётӣ бошанд. Яъне онҳо қабл аз зуҳури лаҳзаҳои ҳассосу хатарнок маҷмуе аз иқдомотро барои татбиқи як сиёсати муаассир зидди равандҳои зидди дунявиятмеҳварӣ бояд баҳри бақои умумӣ тавсиа диҳанд. Ин заминаю муҳитеро ба вуҷуд меоварад, ки кишварҳо зимни шуруъи ҳамкорӣ бо якдигар аз ин фарзия такя намоянд, ки ҳар кадоме масъулу омодаи мусоидат ба якдигар дар масъалаи таъмини ояндаи

босуботу бонизом мебошанд. Агар чунин фарзия барои онҳо номуносиб ба назар расад, пас раҳоӣ аз фикри васвосии дар симои якдигар дидани душмани манфиатҳои ҳаётӣ душвор аст ва ин ғизои ҳаётбахши мафкураҳои тундгаройӣ барои муқовимат алайҳи нозомҳои дунявиятмеҳвар аст. Кафили ояндаи босуботу бонизом дурӣ ҷустан аз ҳама гуна талошҳои васвасабори низомбадбинии кишварҳо нисбати якдигар новобаста аз миқёсу минтақа аст.

Аз ин нигоҳ муносибату таҳлилҳои коршиносони ғарбие, ки дар амалҳои кишварҳои дунявии пасошуравӣ барои таҳти назорат қарор додани фазои ташаккулдиҳию паҳнсозии амалу ғояҳои умумияти фаромиллиии “уммати исломӣ”, оштинопазирии он бо аркони дунявиятмеҳварӣ фақат аз паси айнаки маҳдудсозии фазои динӣ, озодии виҷдон ва дигар арзишҳои неолибералӣ менигаранду баҳо медиҳанд, аз бисёр ҷиҳат дур аз воқеият мебошанд. Чунин як мақола санаи 14–уми майи соли 2024 аз ҷониби Марлен Лариус таҳти унвони “Пойгоҳи нави сарбозгирии ДОИШ” дар маҷаллаи “Форайн Эффес” нашр гардид, ки дар он муаллиф талошу иқдомҳои давлати Тоҷикистонро барои таҳти назорат қарор додани фазои ташаккулдиҳию паҳнсозии амалу ғояҳои ифротгаройии динӣ ҳамчун омили шомилшавии ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои террористӣ маънидод карданро кардааст [9]. Вале дурустии исботи чунин қазоватро далелҳои объективии марбут ба таъмини шароити озодиҳои динии дар кишвар тайи солҳои истиқлол анҷомдодашуда инкор менамояд [12].

Ҳамин тавр, бо сабаби аҳёнан дар тули таърих афзалият пайдо кардани суннати фикрию амалии дунявиятситези ёдоваршуда таърихи кишвару миллати мо хеле зиёд ба вартаҳои бесуботию нобудӣ ва вобастагиҳои сиёсии дарозмуддат афтодааст. Бо ризояту хомӯшии мутеъгароёнаи эшон на як бору ду бор сари афроди вафодору ҷоннисори роҳи таъмини бақои сиёсии миллати тоҷик, парчамбардорони истиқлоли маънавии он рӯйи дорҳо баланд шудаю ҳадафи тири душман қарор гирифтааст. Мисоли он ҳуҷум ба намояндагони аҳли шуубия, маорифпарварону ҷадидон, ҳақталошии ходимони давлатию зиёиёни даврони аввали барқароршавии сохти шуравӣ мебошад, ки нақшашон барои зинда нигоҳ доштани ҳамбастагии ҷанбаҳои дунявию эътиқоди муътадили динии ҷомеа хеле назаррасу омӯзанда будааст[5]. Бо вуҷуди хусусияти истибдодию мазҳабӣ, худкомагӣ доштани низомҳои ҷойдоштаи сиёсии давр пас аз шикасти давлатдории миллии Сомониён, аммо канорандозии ин мардум аз баданаи идоракунии давлат барои чандин силсилаи салтанатию аморатӣ пурра муяссар нагардид ва онҳо то ҳадди тавонашон тухми меҳру муҳаббати ватандорӣ, дилбастагӣ ба ҳаёти дунявиро дар замири насли замони хеш мекоштанд [6].

Ташкили ҳаёти сиёсию ҷамъиятии давраи Шуравӣ, бо вуҷуди надоштани тавони пурраи бартарафсозии вазиши бодҳои номатлуби суннатҳои қаблии зикршуда, вале нақши муассире дар азнавсозию ба муосирият пайвастани ҷомеаи моро ба харҷ дод [13]. Модернкунонии Шуравӣ аз истифодаи роҳҳои бешумори навсозии бахшҳои гуногуни сохтори иҷтимоӣ оғоз гардида, ҳамзамон, татбиқи модели мазкур минбаъд ба таври густурда дар тамоми соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа амалӣ гардид. Бо такя ба қудрати он замон мутамаркази таҳти сарпарастии бевоситаи Ҳизби Коммунист қарордошта, бахусус зерсохтори таблиғотии он, ин иқдом дар як шароити сиёсии воҳид барои тамоми кишварҳои иттифоқ яксон татбиқ гашт. Ҳарчанд Тоҷикистон нуқтаи тавсеанаёфтаи ин ҳалқаи муосириятсозӣ дар муқоиса бо кишварҳои дигари Шуравӣ боқӣ монд, вале дар самти созмондиҳии идоракунии ҳаёти ҷамъиятӣ, таъмини назму субот, татбиқи ахлоқи муайяни идорӣ, сохтмони ишооти азими истеҳсолӣ ва ғайра дастовардҳои беназирро дар муқоиса бо марҳалаҳои пештара ба даст оварда. Раванди азнавсозии ҷомеаи тоҷик дар ин давра паёмадҳои зиёди мусбате ба ҳаёти ҷамъиятӣ дошт, ки аз инҳо иборат буданд: раҳкушоӣ ба ташкили ҳаёти дунявии ҷомеа тавассути маҳдуд кардани фазои динию анъанавии он; истифодаи баробари арзишҳои ҷаҳонбинии илмию маънавӣ барои тарбияи ахлоқию меҳнатӣ ва зиндагӣ дар муҳити коллективизми сотсиалистӣ; кӯшиши то андозае ба ҳам наздик кардани тарзи ҳаёти шаҳрнишинӣ ва деҳот; баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳли ҷомеа, татбиқи беҳдошти муҳити зист, ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва ғайра [15]. Чунин ҳадафу паёмадҳои мусбати давраи Шуравии мамлакатамон то андозае зиддиятҳои бешумори равандҳои ба муосирият наздик шудани ҷомеаи моро нисбатан ҳамвор карданд [13].

Дар муқоиса бо даврони пештара, дар шароити имрӯза мардуми тоҷик дар шароити беҳтару муқоисанашаванда парчами истиқлоли маънавию бақои миллатро баланд мекунад, зеро дар пуштивонаи ӯ давлати миллӣ сояафкану побарҷой ва илҳомбахш аст. Шароиту омилҳои суботзудое, ки дар марҳалаҳои пештара дунболагиру монеъи ҳаракати ҷомеа ба ин самт мешуданд, тадричан иқтидору заминаҳои худро аз даст медиҳанд. Бо шарофати эъмори давлати миллии дунявӣ, барои мардуми мо фурсат фароҳам омадааст, ки муқобили ҳамдигар қарор гирифтани суннатҳои идомаёбандаи марбут ба талошҳои таъмини истиқлоли маънавӣ, ҳифзи арзишҳои мазҳабӣ ва арзишҳои дунявиро баҳри таъмини бақои таърихиии миллату сарзамин канори як анъанаи собиту ягонаи танготанги давлатдорӣ муттаҳид созад. Мусаллам аст, ки ин суннат бояд пӯё бошад, вале дар баробари ҳамаи ин устуворӣ бояд яке аз сифатҳои ҷудонашавандаи он боқӣ монад.

Ҷомеа ба мисоли як киштии шиноваре нест, ки пайваста дар ин ва ё он соҳил лангар афканад, балки он бандари мустаҳкамеро мемонад, ки туғёнҳоро сокиту ором ва мавҷҳоро барои ҷараёни бехатари ҳаёти мардум бетанаффус ҳамвор месозад. Ҷомеае, ки чунин сифатҳоро аз даст медиҳад, маҷбур аст, ки худро гоҳ ба як қутбу гоҳ ба қутби дигар бизанад. Ҷомеаи устувор бидуни фаъолияти беҳадаф тавассути ҳаракати пӯёаш он чиро барои таъмини рушду суботаш муносиб аст, новобаста аз фарқгузории зиддиятзойи қутбӣ барои худ мегирад ва он чиро номуносиб аст, аз соҳили худ дур меафканад. Тоҷикистони имрӯза чунин интихобро тавассути татбиқи сиёсати давлатсозию “сиёсати дарҳои боз” амалӣ мегардонад ва он самараи нек ҳам ба бор оварда истодааст. Аксари кишварҳои олам алҳол чунин амалро бо тарзҳои барои худ хос анҷом медиҳанд. Онҳо ба дунболи фанноваријҳои ҷадид таҷрибаи дигаронро ҳарисона меомӯзанд, дар истеҳсолоти худ ҷорӣ мекунанд ва ҳатто тибқи ниёзҳо нусхабардорӣ карда, ҳамчун моли худ дар бозори ҷаҳонӣ пешниҳод менамоянд. Бо чунин талошҳо истеҳсолти ҷамъиятиро рушд дода, натанҳо бозорҳои дохилӣ, балки беруниро низ таъмин менамоянд. Татбиқи ҳадафҳои стратегии чоруми мамлакати мо низ чунин талошҳоро тақозо мекунад, зеро кишварҳои пешрафтаи имрӯза мавқеи устуворашонро бо харҷи чунин заҳмату сахткӯшиҳо таъмин кардаанд. Чунин ҳадафҳоро бо нодида гирифтани равандҳои объективии таърихӣ ба даст овардан мушкил аст, вагарна аз бефаъолиятӣ то ба зуболадони таърихӣ як қадам роҳ аст.

Чунин қисматро фарҳанги сиёсии мо қабул надорад, зеро он мазҳари ибтикору арҷгузориҳо ба суннатҳои решадори дафтардорию давлатсолорӣ аст. Ин суннат ба монанди оҳанрабоест, ки наслҳои гуногуни мардумро на ба канорагирӣ аз масъулияти ватандорю меҳнатдӯстӣ, балки ҳарчи бештар ташвиқу тарғиб ба ҷазб шудан дар баданаи он бо кору пайкори созанда сохтаасту ҳамакнун дорад, месозад. Чунин суннатро тоҷикон имрӯз аз ганҷинаи таҷрибаи таърихи давлатдорию ваҳдатофаринии худ натанҳо ба мерос гирифтааст, балки тули таърих баҳравар гаштани мардумони дигари ҳамсояву дурдастро аз саодати чунин арзишҳо арзонӣ доштааст.

Ҳамин тавр, таҷрибаи ғании андухтаи башарият собит намудааст, ки раванди таърихӣ ба тариқи сунъӣ ҳеҷ гоҳ ислоҳ нашудааст ва намешавад. Ҳарчанд талоши содасозии дарки ин равандҳо дар тасаввури мардум ва ҳатто бисёре аз намояндагони нухбагони фикрию маъмурӣ вуҷуд дорад, вале аз равандҳои таърихӣ набояд фақат интизори сужаҳои содаро дошт. Равандҳои таърихӣ таҳти таъсир омилҳои гуногун ҷараён мегиранд ва сабабҳои собиқро дар ин равандҳо дидан маънои айнан такроршавии натиҷаҳоро намедиҳад, зеро сабабҳои муайян дар шароити маъмулии тағйирёбанда натиҷаи муайянро ба миён меоваранд.

Бинобар ин, бадеҳӣ аст, ки сиёсатҳои чандҷонибаи давлатҳо ва ҳамсоягони онҳо дар ҳар минтақа бо мулоҳизаҳое таъйин мешаванд, ки дарки онҳо бидуни биниши амиқ дар таъйини ҳадафҳои онҳо ғайриимкон аст. Давлати Тоҷикистон мутобиқ ба коди фарҳангӣ ва дидгоҳи зеҳнии худ нисбат ба он чӣ барои расидан ба мақсади таҳкими суботу рушд лозим аст, рафтор мекунад. Дар миқёси дигар кишварҳо ҳам мебинем, ки дарки арзишмандии тасмимгирӣ бар асоси суннатҳои фарҳангӣ ва мулоҳизаҳои сиёсии дохилӣ меафзояд. Ин гузина заминаест, ки моро аз хатари таслимшавӣ ба таҳрикоти беруна дар раванди тасмимгириҳо эмин нигоҳ медорад. Аз ин рӯ, таҳаввулоту пӯёии сиёсати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро набояд ҳамчун маҳсули як ҳаракати мавқеиятҷӯйӣ, иҷборӣ ва вокунишгароёнаи эҳсосотӣ ба рӯйдодҳои лаҳзаҳои таконбахши муосир, балки бояд ба унвони тарҳи санҷидашудаи муносиб ба қонунмандиҳои таърихӣ шинохт.

Таваҷҷуҳ ба ин масъалаҳо боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар ҷомеаи мо вобастагӣ ба чашмандозиҳои уммедворкунанда барои фарорасии ҳарчи зудтари ояндаи босуботу бонизом тавассути бознигарию тармими низомҳои барқарорбудаи пештара бояд камтар гардад. Таҷрибаи рушди аксари кишварҳо гувоҳи он аст, ки саноатикунонӣ то андозае замина фароҳам меоварад, ки ангезаҳои васвасабори худро ба оғӯши хурофот андохтани мардум камтар гардида, пайравӣ аз меъёру арзишҳои ҳаёти дунявӣ бештар тақвият ёбад. Бо татбиқи як чунин тарҳи рушди Тоҷикстон ва андешидани як қатор иқдомҳо дар ин самт солҳои охир мо шоҳиди онем, ки батадриҷ, бо вуҷуди душвориҳо тамоюлоти эътиқоди мазҳабии сокинон, хусусияти таҳаммулпазиронаю ғайрихасмона пайдо карда истодааст. Зеро ҷомеа дарк менамояд, ки дунявиятмеҳварӣ зарфияти таъмини як силсила шароити муносибро барои зиндагии мардум дорад, ки аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо ба вуҷуд овардани муҳити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ, вуруди густурдаи занон ба бозори кор ва ҳузури онҳо дар дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, тамаркуз ба иқтисоди навоварона ва ғайра мебошанд. Заминаҳо барои барқарор кардани истеҳсолоти пешрафта дар Тоҷикистон, вобаста ба афзоиши солонаи истеҳсоли барқ, вуҷуд доранд. Агар барномаи саноатикунонии босуръат ба таври муваффақ татбиқ шавад, ин барои боз ҳам боло бурдани сатҳи зиндагии мардум мусоидат хоҳад кард. Коршиносон чунин мешуморанд, ки содироти барқ ба хориҷ баъд аз бунёди Неругоҳи барқи обии “Роғун” ҳамчунин, ба боло бурдани ҳаҷми саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, ҷомеаҳо ҳамеша барои бақои таърихияшон натанҳо машғули фароҳам овардани афзори таъмини пешрафти истеҳсолоти моддӣ, рӯзгори рӯзмарраи одамон, инчунин, берун кашидани зермаъноҳои таҳти

қабати падидаҳои гуногунранги ҳаёти ҷамъиятии худ ва муҳити фаротар аз он мебошанд. Инчунин, таваҷҷуҳи муҳити худро барои фарогирии мундариҷаи ин маъниҳо тарғиб менамояду муттасалияти чунин амалро нигоҳ доштаю ба ворисият медиҳад. Ҷомеае, ки тавони бардоштани бори вазнини чунин масъулиятро таҳаммул намекунад, беихтиёр дастнигари истеъмоли маъниофаринии дигарон мешавад.

Ҳамин тавр, мусаллам аст, ки инсоният маҳз ба воситаи такя кардан ба донишҳои илмӣ воқеияти табии атрофашро ба таври дақиқ дарк намуда, онро аз рӯйи арзишҳои илмию мантиқӣ маънидод мекунад. Аммо доираҳои хурофотӣ бо парокандани тасаввуроти ғайривоқеӣ аз воқеият ҷилавгирӣ аз густариши огоҳию донишҳои дунявӣ менамоянд. Ҳамин аст, ки ҷомеаи мо ақидаҳои бегонаро бидуни таҳлилу тафаккур қабул мекунанд ва дар натиҷа рафтору боварҳояшон на ба асолати динӣ на ба асолати мазҳабии мо мутобиқат намекунад. Дар сатҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мушкилро на бо он роҳҳои таҷрибашудаю собитшудаи илмӣ, балки аз диди танги хурофотӣ баррасӣ менамоянд. Мушкилоти шуури баъзе аз шаҳрвандон дар он аст, ки аз бунёд дидгоҳи онҳо фаталистӣ, мифологӣ, ғайриилмӣ ва ҳатто ғайримиллӣ аст. Маҳз чунин ҳолат яке аз омилҳои бордорандаи рушди миллист. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои асосии рушди устувори кишварҳои мусалмоннишин истифода аз дастовардҳои илм ва технологияҳои муосир мебошанд. Дар шароити рақобатҳои бемайлон ва дар ҷаҳони зудтағйирёбанда, новобаста аз захираҳои моддӣ, кишварҳои мусалмоннишин кӯшиш мекунанд, бештар ба рушди инноватсионии илммеҳвар такя намоянд. Аз ин рӯ, дар ҷаҳони муосир сармоягузорӣ ба илму техника, бунёди инфрасохтори замонавӣ, дастгирии маориф ва тадқиқот афзалияти бештар пайдо намудааст. Ҳатто кишварҳои дорои захираҳои бузурги нафту газ, ба рушди технологияҳои иттилоотӣ, технологияи сабз, биотиббӣ ва аэрокосмосӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷаро равона намудаанд. Омили асосии чунин равиш ба афзоиши нақши илм дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ асоснок мегардад.

Қобили зикр аст, ки Аморати Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ, Индонезия, Малайзия ва Покистон дар радабандии ҷаҳонӣ доир ба илм ва технология ҷойгоҳи баланд доранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар яке аз ин кишварҳои мусалмоннишин барои рушди соҳаҳои илму технология талош ва кӯшиши бештар менамоянд. Яъне омӯзиши таҷрибаи рушди кишварҳои болозикр гувоҳи он аст, ки муваффақияту пешрафти онҳо, на аз батни донишҳои динӣ, балки аз дастгирии илму маорифи дунявӣ берун омадааст. Баръакс, ҷаҳонбинии диниро ин кишварҳо водор сохтанд, ки барои пешрафти ҷомеаашон нисбати навовариҳо ва рушди илмҳои дунявӣ таҳаммулпазир бошанд. Онҳо модернизатсияро аз дунёи пешрафта, хусусан

Ғарб, ба орият гирифта, дар фазои ҷомеа дар заминаҳои гуногун муваффаққона шабеҳсозӣ карданд, мисли артиш, омӯзишу парвариш, иқтисод, сиёсат ва ғайра.

АДАБИЁТ

1. Mathew Burrows, Josef Braml. U.S.–China economic competition is headed down a dangerous path. [манбаи электронӣ] https://nationalinterest.org/feature/us–china–economic–competition–headed–down–dangerous–path–211154 (санаи истифодабарӣ: 14.10.2024).

2. Mitter R. Chinas good war. – Cambridge. Massachusetts. London. 2020.

3. Nibett R. The new Cold War. – Atlantic books. – London, 2024.

4. Schweizer P. Blood money. – Harper,2024; Mazzucato M. Mission economy. A moonshot guide to changing Capitalism – Penguin Books, 2021.

5. А. Мец. Мусульманский Ренессанс. – М., 1997, Бекзода К.

6. Бартольд В. В. Избранное произведение. – Астана, 2023.

7. Досым Сатпаев: Вокруг Центральной Азии началась новая "большая игра" [манбаи электронӣ] https://centrasia.org/newsA.php?st=1714207020 (санаи истифодабарӣ: 14.10.2024).

8. Запад формирует «правительства в изгнании» для захвата власти в странах СНГ–ФСБ [манбаи электронӣ] https://eadaily.com/ru/news/2024/05/24/zapad–formiruet–pravitelstva–v–izgnanii–dlya–zahvata–vlasti–v–stranah–sng–fsb (санаи истифодабарӣ: 14.10.2024).

9. Лариус М. A new recruiting ground for ISIS/ Why Jihadism is thriving in Tajikistan. (Пойгоҳи нави сарбозгирии ДОИШ). [манбаи электронӣ] https://www.foreignaffairs.com/tajikistan/new–recruiting–ground–isis. (санаи истифодабарӣ: 14.10.2024).

10. Михаил Стрелец. Кто строит школьный "халифат" в Германии. [манбаи электронӣ] https://centrasia.org/newsA.php?st=1715808480, (санаи истифодабарӣ: 14.10.2024).

11. Никофоров О. Исламисты свили гнездо в Северном Рейне – Вестфалии. – Независимая газет [манбаи электронӣ] https://nvo.ng.ru/world/

12. 2024–05–15/6_9008_germany.html (санаи истифодабарӣ: 15.05.2024).

13. Раҳмон Э. Дин ва давлат. – Душанбе: Шарқи озод, 2006. – 553 с.

14. Усмонзода Х. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият.–Душанбе: Дониш, 2021.

15. Усмонзода Х. Центральноазиатский регион в представлениях и социальных практиках. – Душанбе, 2024.

16. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо. – Душанбе: Дониш, 2009.

17. Шарифзода И. Дунявият ва ҷомеаи илммеҳвар[манбаи электронӣ] http://www.jomea.tj/tj/node/113 (санаи истифодабарӣ: 04.10.2019).

18. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор.–Душанбе: ЭР–граф, 2016. – 364 саҳ.

РОЛЬ СВЕТСКИХ ЦЕННОСТЕЙ В УРАВНОВЕШЕВАНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ ПЕРЕД ЛИЦОМ НОВЫХ ВЫЗОВОВ

УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН,
доктор философских наук, директор Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: (+992) 93-453-10-08; e-mail: khidiev@mail.ru

РАХМАТОВ УБАЙДУЛЛО НЕМАТОВИЧ,
кандидат философских наук, доцент, заведующий кафедрой философии и политологии Аграрного университета Таджикистана имени Шириншоха Шотемура
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 146;
тел: (+992) 904-56-75-95; e-mail:rahmatov.ubaydullo@bk

В современных условиях сложившаяся система международных отношений претерпевает масштабные и интересные изменения. Адаптироваться к таким новым условиям для большинства стран очень сложно и непривычно, но разные государства вынуждены постепенно адаптировать свое мировоззрение к их ценностям и вызовам. Хотя Республика Таджикистан не является ключевой стороной и участником современных геополитических соревнований за доминирование, учитывая , что регион находится в центре напряженных конфликтов, точке пересечения интересов крупных и средних сверхдержав, она не может не обращать внимание на эти процессы.

Исходя из этого понимания, авторы статьи проанализировали приоритетность укрепления основ светскости в общественной жизни Таджикистана как гаранта его стабильности и развития на столь чувствительном историческом этапе.

Ключевые слова: *секуляризм, теология, столкновение интересов, фундаменталистский подход, устрашающие действия, дестабилизирующее поведение, перспективы социального развития, оппортунизм, непризнанное противоречие, научное общество, секуляристское урегулирование, чрезвычайное положение, суеверные круги.*

THE ROLE OF SECULAR VALUES IN BALANCING SOCIAL RELATIONS IN THE FACE OF NEW CHALLENGES

USMONZODA KHAYRIDDIN USMON,
Doctor of philosophy sciences, Director of the Center for
Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 89;
tell.: (+992) 934-53-10-08; e-mail: khidiev@mail.ru

RAKHMATOV UBAIDULLO NEMATOVICH,
candidate of philosophical sciences, associate professor, head of the
Department of Philosophy and Political science of the
Tajic Agrarian University named after Shirinsho Shotemur
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 146;
tell.: (+992) 904-56-75-95; e-mail: rahmatov.ubaydullo@bk.ru

In modern conditions, the established system of international relations has undergone large–scale and interesting changes. It is very difficult and unusual for most countries to adapt to such new conditions, but different states are forced to gradually adapt their worldview to its values and challenges. Although the Republic of Tajikistan is not a key party and participant of modern geopolitical competitions for dominance, considering that the region is located in the center of tense conflicts, the point of intersection of interests of large and medium superpowers, it cannot ignore these processes.

Based on this understanding, the authors of the article analyzed the priority of strengthening the foundations of secularism in the public life of Tajikistan as a guarantor of its stability and development at such a sensitive historical stage.

Keywords: *secularism, theology, clash of interests, fundamentalist approach, intimidating actions, destabilizing behavior, social development perspectives, opportunism, unrecognized contradiction, scientific society, secularist settlement, state of emergency, superstitious circles.*

УДК: 327(575.3+439)

ТОҶИКИСТОН ВА МАҶОРИСТОН: ҲАМҚАДАМУ ШАРИКОНИ БОЭЪТИМОД ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

ШАРИФЗОДА АБДУФАТТОҲ АБДУВАҲҲОБ,
доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
e–mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

ШАРИФЗОДА ФИРДАВС АБДУФАТТОҲ,
котиби якуми Вазорати корҳои хориҷии
Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих
734001, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз 33;
тел: (+992 37) 221–18–08; e–mail: firdavs.sharifzoda@mfa.tj

Дар мақола таърихи ташаккул ва инкишофи муносибатҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистону Маҷористон дар зарфи 32 соли барқарории робитаҳои дипломатӣ дар руҳияи дӯстӣ ва ҳусни тафоҳум баррасӣ шудааст. Муаллифон хоссатан диққатро ба аҳаммият, мундариҷа ва натиҷаҳои ҳамкориҳои ду кишвар, аз ҷумла тариқи инъикоси боздидҳои расмиву корӣ Президенти Тоҷикистон аз Будапешт ва ташрифҳои намояндагони баландпояи Маҷористон ба Душанбе, инчунин, раванди муҳовараи зудрушдёбандаи сиёсӣ ва дипломатӣ, равобити иқтисодӣ ва заминаи ҳуқуқии муносиботи ду кишвар тамаркуз кардаанд. Дар охири мақола бо изҳори комгории ҳамкориҳои сиёсӣ ва гуманитарӣ дар замони муосир ба зарурати тақвияти равобити иқтисодию тиҷоратӣ ишора шудааст. Ҳангоми эҷоди мақола, китобҳову рӯзномаҳо пиромуни фаъолияти сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои Вазорати корҳои хориҷӣ, адабиёти илмӣ–оммавӣ, инчунин, дигар матолиби электронии дохилию хориҷӣ ва маводи иттилоотию оморӣ истифода шудаанд.

Калидвожаҳо: *Тоҷикистон, Маҷористон, муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, таърих, Президенти Тоҷикистон, муколамаи сиёсӣ, робитаҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ, табодули сафарҳо, заминаи ҳуқуқию қарордодӣ.*

Маҷористон ё Венгрия молики таърихи тулонии саҳмгузориҳои назаррас ба фарҳангу санъат, мусиқӣ, адабиёт, варзиш, илм ва технология мебошад. Маҷориҳо (ё мадярҳо) миллати беназире дар Аврупо марбут ба халқиятҳои финну угор ҳастанд, ки бо забони хосси худ (мутааллиқ ба

забонҳои туркӣ) сухан меронанд. Маҷористон натанҳо бо чашмаҳои термалӣ ва осоишгоҳҳои роҳатбахш, балки бо таъриху фарҳанги барҷаста, шоҳкориҳои меъморӣ (кӯшкҳои Тата ва Вишеград, қасри шоҳӣ дар Буда, бинои Парлумон–Орсагаз, Театри давлатии Опера, калисои Маттиас) ва мавзеъҳои табиӣ (мамнуъгоҳи Тарн Мегиер–хеги, теппаҳои намакии Эгершалок, парки геологии бокситӣ, шаршараи Вейл) ва таомҳои маҳаллӣ машҳур аст. Ин кишвар ватани гусарҳо, кубик Рубик, автобуси "Икарус", ручкаи шарикӣ ва гӯгирд буда, ба олам оҳангсозони барӯманд: Ференц Лист, Бела Барток ва Золтан Кодай, шоиру нависандагони варзида: Шандор Петёфи, Шандор Марайи ва Петер Эстерхази, олимони бузург: Янош Ирини (химия), Игнатс Земелвейс (тиб), Тивадар Пушкаш, Лоранд Этвёш ва Лео Силард (физика), Алберт Сент–Диёрди (биохимия) ва Мария Телкеш (биофизика)–ро эҳдо кардааст. Бо инобати ин фазилатҳояш месазад, ки пеш аз баррасии муносибатҳои Тоҷикистон бо ин кишвари ҷолибу хушманзар, дар бораи вижагиҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷуғрофияш маълумоти бештар диҳем.

Маҷористон (бо аҳолии 9,7 млн. нафар ва масоҳати 93,036 км^2) давлатест дар Аврупои Марказӣ, ки релефи аксаран даштӣ дошта, дар шимоли он шохаҳои кӯҳҳои Карпати Ғарбӣ (бо қуллаи баландтарин дар Матра–кӯҳи Кекеш, 1014 метр) ҷой гирифтаанд. Ҳамаи дарёҳои Маҷористон ба ҳавзаи Дунай (410 км) тааллуқ дошта, Балатон ва Хевиз мутаносибан кӯли калонтарин дар Аврупои Марказӣ ва кӯли бузургтарини термалӣ дар ҷаҳон маҳсуб меёбанд [12].

Маҷористон ҷумҳурии парлумонӣ буда, дар он намояндагии олиро бо ваколатҳои маҳдуд Президент (Тамаш Шуйок аз соли 2024) амалӣ мекунад ва Сарвазир (Виктор Орбан аз соли 2010) Раиси Ҳукумат ба шумор меравад. Аз натиҷаи интихоботи парлумонии соли 2022 эътилофи ду ҳизби ростгаро–Фидес (Иттиҳоди Граждании Маҷорӣ) ва Ҳизби Мардумии Насронӣ–Демократӣ мисли солҳои қаблӣ ҳоким баромада, дар Парлумон ва Ҳукумат аксариятро ташкил доданд [13].

Сиёсати хориҷии Маҷористон ба таъмини амнияту оромии дохилӣ, рушди равобит бо Олмон, Русия ва ҳамсоякишварҳо, наздикшавӣ бо Шарқ (аз ҷумла давлатҳои Осиёи Марказӣ), назорати шадиди мавҷҳои муҳоҷират ва манъи издивоҷи ҳамҷинсон равона шуда, дар доираи Иттиҳоди Аврупо ин кишвар дорои мавқеи худмухторӣ аз дигар кишварҳои узв фарқкунанда мебошад. Маҷористон узви комилҳуқуқи СММ, ХБА, Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Бонки Ҷаҳонӣ, Шурои Аврупо, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд, Бонки Осиёии Сармоягузории Инфрасохторӣ, СААШ (НАТО), Иттиҳоди Аврупо ва Минтақаи Шенген (мутаносибан аз соли 2004 ва 2007) буда, ҳамзамон, пули миллии худ–форинтро ҳифз кардааст. Ин кишвар дар сиғаҳои ҳамгироии минтақавӣ, аз қабили "Гурӯҳи

Вишеград", "Ташаббуси Аврупои Марказӣ", "Ташаббуси се баҳр", иштирок карда, дар Будапешт қароргоҳи Комиссияи Дунай воқеъ аст [14].

Маҷористон соҳиби иқтисодиёти омехтаи сердаромади саноатӣ–аграрӣ (маҷмуи маҳсулоти дохилии номиналӣ 223 млрд. доллари ИМА ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ 23,319 доллари ИМА бино ба арзёбиҳои соли 2024) буда, бахши тиҷорати он ба содирот ва бозораш ба ҷалби ҳаҷми бузурги сармояи мустақими хориҷӣ нигаронида шудааст. Бахшҳои калидии саноаташ саноати кӯҳӣ, металлургия, масолеҳи сохтмонӣ, коркарди хӯрокворӣ, саноати химиявӣ, мошинсозӣ, электроника, технологияҳои иттилоотӣ, дорусозӣ, автомобилсозӣ, бофандагӣ ва сайёҳӣ (25 млн. нафар сайёҳони байналмилалӣ дар соли 2019) ба ҳисоб мераванд. Ширкатҳои маъруфтаринаш "Graphisoft" (истеҳсоли нармафзор), "Magyar Telekom", "MKB Bank", "MOL Group" (нафту газ), "Opus Global" (конгломерати саноатӣ), "OTP Bank", "RÁBA Automotive Group" (саноати автомобилсозӣ), "PannErgy Nyrt" (PANP, иктишофу истифодаи манбаъҳои таҷдидпазири энергия), "Gedeon Richter" (дорусозӣ) мебошанд [11].

Бояд тазаккур дод, ки муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷористон 2 июли соли 1992 барқарор шуда, равобити сиёсии ду кишвар бар пояи усули дӯстӣ, ҳусни тафоҳум, эътимод ва дастгирии мутақобила устуворанд. Аз замони касби Истиқлоли давлатӣ, аниқтараш аз миёнаҳои солҳои 1990–ум, тамосу ҳамкориҳои дуҷониба дар сатҳҳои гуногун ташаккул ва инкишоф ёфта истодаанд. Ба тақвияти ин гуфтаҳо метавон аз сафарҳои кориву расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Маҷористон дар солҳои 1994, 2011 ва 2016 мисол оварда. Илова бар ин, тайи қариб даҳ соли охир муколамаи доманадори сиёсию дипломатӣ миёни вазирони корҳои хориҷии ду кишвар, ки самараҳои воқеиву мушаххас медиҳад, ба таври мунтазам роҳандозӣ шудааст. Қобили зикр аст, ки то ворид гардидан ба Минтақаи Шенген, Маҷористон яке аз он кишварҳои камшуморе буд, ки бо он Созишнома доир ба тартиби сафарҳои бераводиди мутақобилаи шаҳрвандони дорои шиносномаҳои дипломатӣ ва хизматӣ аз соли 1999 амал мекард [2, 142].

Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори нахуст ба Будапешт ҳанӯз 3 декабри соли 1994 ба хотири иштирок дар машварати саронии давлатҳои узви Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо сафари корӣ анҷом дода, бо Президенти Маҷористон Арпад Генс мулоқот карданд. Фурсати дубора барои дидору гуфтугӯ бо Президент Арпад Генс зимни сафари Роҳбари давлати тоҷикон ба Туркия 28–30 октябри соли 1998 даст дод [7, 271].

Дар ин зимн 15 феврали соли 1995 Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Маҷористон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ғайримуқим) Йожеф

Торма зимни супоридани эътимодномаи худ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки аз сафири аввалини кишвари худ дар Тоҷикистон, дар сарзамини бостоние, ки Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва Саъдӣ барин нобиғаҳоро ба дунё додааст, таъйин шуданаш хурсанд мебошад [9]. Таъйин гардидани сафири ин кишвар дар нимаи солҳои 1990–ум дархӯри нияту умедҳои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои Тоҷикистону Маҷористон дар соҳаҳои гуногун ба нафъи халқҳои ду давлат буд.

Дар солҳои оянда низ тамосҳои сиёсии ду кишвар дар сатҳи матлуб қарор доштанд. Ҳамин тавр, дар рафти мулоқоти Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо муовини аввали Вазир, Котиби давлатӣ оид ба масъалаҳои сиёсии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Маҷористон Андраш Баршон дар шаҳри Душанбе 9 феврали соли 2004 матлабу мавзуъҳои марбут ба самтҳои авлавиятноки ҳамкории ду кишвар дар остонаи ворид шудани Маҷористон ба Иттиҳоди Аврупо, татбиқи минбаъдаи созишномаҳои қаблан басташуда ва инчунин, имзо намудани санадҳои нав матраҳ шуданд. Зимни музокирот густариши минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар соҳаҳои гидроэнергетика, дорусозӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ аз бахшҳои афзалиятноки муносиботи ду кишвар номида шуд [3, 90–91]. Дипломати воломақоми маҷорӣ бахусус иброз дошт, ки кишвараш дар бобати ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар бахши коркарди маҳсулоти кишоварзӣ тавассути ташкили корхонаҳои муштараки консервабарорӣ, таъмини кишоварзон бо техникаи ҳозиразамон, рушди парандапарварӣ, инчунин, тайёр кардани мутахассисон омода мебошад.

Дар таърихи муносибатҳои ҳасанаи Тоҷикистону Маҷористон соли 2011 ҳамчун марҳалаи рамзӣ ба қайд расид, зеро дар ин сол дар шаҳри Душанбе нахустин машваратҳои сиёсии байни вазоратҳои корҳои хориҷии ду кишвар (17 январ) ва аввалин сафари расмии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷористон (10 июн) сурат гирифтанд.

Ҳамин тавр, Президенти Тоҷикистон зимни гуфтушунидҳои васеъ бо Президенти Маҷористон Пал Шмитт дар доираи сафари расмӣ ба Будапешт 10 июни соли 2011 бо ёдоварӣ аз мавқеи вижаи Маҷористон дар Аврупои Шарқӣ ва таърихи робитаҳои қаблии ду кишвар чунин изҳор дошта буд: “Мо Маҷористонро дар робитаҳои байналмилалии худ ҳамчун шарики боэътимод медонем ва баҳри таҳкими пояҳои ҳамкории мутақобилан судманд бо он саъю талоши доимӣ дорем”. Пал Шмитт дар навбати худ иброз дошт, ки Маҷористон ба вусъати ҳамкориҳо бо Тоҷикистон бинобар нақши муҳимми он дар минтақаи Осиёи Марказӣ манфиатдор буда, омода аст ба рушди иқтисоди Тоҷикистон ба воситаи татбиқи лоиҳаҳои муштараки судманд ва ҳам таҳкими амну субот ва некуаҳволии мардуми он мусоидати фаъол намояд. Мусоҳибон ба рушди муносибатҳои сиёсӣ ва

густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисод ва тиҷорат, кишоварзӣ, таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсоли масолеҳи сохтмон, коркарди пахта, пашму пӯст, меваю сабзавот, истихроҷи маъдан ва сангҳои гаронбаҳо, инчунин, нисбати тақвияти пайвандҳо дар бахшҳои маориф, тандурустӣ, илму техника, фарҳанг, варзиш ва туризм изҳори ҳавасмандӣ карданд [4, 158].

Дар поёни мулоқоту музокироти расмӣ 5 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид. Нахуст зери Эъломияи муштараки Тоҷикистону Маҷористон оид ба густариши муносибатҳои дуҷониба сарони ду давлат имзо гузоштанд. Сипас чаҳор санади дигар–Созишномаи ҳамкорӣ миёни Вазорати тандурустии Тоҷикистон ва Вазорати манбаҳои миллии Маҷористон, Ёддошти тафоҳум доир ба ҳамкорӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ миёни Вазорати кишоварзии Тоҷикистон ва Вазорати рушди деҳоти Маҷористон, Ёддошти тафоҳум доир ба ҳамкорӣ миёни вазоратҳои корҳои хориҷии Тоҷикистону Маҷористон ва Шартномаи ҳамкорӣ миёни Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон ва Кумитаи олимпии Маҷористон ба имзо расиданд. Боиси зикр аст, ки ҳамчунин, Созишномаи байниҳукуматии Тоҷикистону Маҷористон доир ба ташвиқ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ ба мувофиқа расид [4,158].

Иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кори “Конфронси “Рио+20” дар шаҳри Рио–де–Жанейрои Бразилия 22 июни соли 2012 имкон дод, ки бо Президенти Маҷористон Янош Адер мулоқот доир намоянд. Нахуст Сарвари давлати тоҷикон Янош Адерро ба муносибати оғози иҷрои вазифаи Президенти Маҷористон муборакбод гуфта, натиҷаҳои музокиротеро, ки дар рафти сафари расмӣ ба Маҷористон соли 2011 бо роҳбарияти он доир гардида буданд, самаранок арзёбӣ намуданд ва онро омили муҳимми тавсеаи ҳамшарикии ҳар ду кишвар номиданд. Доир ба матлаби ба сатҳи сифатан нав баровардани ҳамкориҳои ду давлат дар чунин соҳаҳои ҳаётан муҳим, ба монанди тиҷорату иқтисод, фарҳангу маориф ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ тавассути бунёди заминаи мусоиди ҳуқуқию қарордодӣ табодули назар анҷом ёфт. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ, аз сатҳи кунунии равобити гуногунҷанба байни Тоҷикистон ва Маҷористон изҳори қаноатмандӣ карда, хоҳони талошҳои бештар дар рушди минбаъдаи онҳо шуданд [16].

Санаи 28 ноябри соли 2016 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Роҳбари давлати ташаббускори бузург дар масоили байналмилалии марбут ба об дар Саммити оби Будапешт иштирок ва суханронӣ намуданд. Боздиди кории мазкур имконияти хуберо ҷиҳати мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Президенти Маҷористон Янош Адер (29 ноябр)

фароҳам овард. Сарвари давлати тоҷикон дар оғози суҳбат тазаккур доданд, ки “иқдоми навбатии мо оид ба эълон намудани Даҳсолаи байналмилалии нав–“Об барои рушди устувор” ҷиҳати расидан ба Ҳадафи шашуми Рушди Устувор саҳми назаррас хоҳад гузошт” ва изҳори боварӣ намуданд, ки Маҷористон дар руҳияи анъанаҳои неки ҳамёрӣ ва чун узви фаъоли Панели сатҳи баланд доир ба об аз ин ташаббуси навбатии Тоҷикистон ҷонибдорӣ хоҳад кард [8].

Дар рафти мулоқот масъалаҳои тавсеаи муносибатҳои дарозмуддат ва ҳамкории мутақобилан судманди байнидавлатӣ ба таври муфассал баррасӣ шуда, ҳамзамон, аз идомаи судбахш ва густариши фаъоли муносибатҳои дӯстонаи ду давлат дар чаҳорчӯби Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо ва ташкилоту ниҳодҳои иқтисодию молиявии байналмилалӣ изҳори хушнудӣ карда шуд.

Ҷонибҳо доир ба тақвияти муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ, аз ҷумла тавассути иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои хурду бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон ва бунёди зерсохтори энергетикии аҳаммияти минтақавию байналмилалидошта, мубодилаи афкор карда, дар ин ҷода таъсиси сохтори муштараки байниҳукуматӣ доир ба ҳамкории иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Маҷористонро мувофиқи мақсад шумориданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон майлу рағбати худро нисбати рушди бештари ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла дар бахшҳои сармоягузорӣ, ҷалби доираҳои соҳибкорону тоҷирони маҷористонӣ дар амалигардонии лоиҳаҳои коркарди алюминий, пахта, меваю сабзавот, истихроҷи маъдану сангҳои гаронбаҳо, истеҳсоли маводи сохтмон ва саноати кимиёи Ҷумҳурии Тоҷикистон баён доштанд. Дар мулоқот ҳамчунин, масъалаҳои ҳамдастӣ дар мубориза бар зидди терроризму экстремизми байналмилалӣ ва таъмини амнияту суботи минтақа бо дарназардошти вазъи онвақтаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон матраҳ шуд [8].

Бо марому ниятҳои неки ҷонноксозии ҳамкориҳои ояндадор Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28 июни соли 2017 ва 4 майи соли 2018 Вазири корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии берунаи Маҷористон Петер Сийярторо, ки ба Душанбе мутаносибан бо сафарҳои расмӣ ва корӣ ташриф оварда буд, ба ҳузур пазируфтанд.

Зимни мулоқоти соли 2017 Пешвои миллат таъкид доштанд, ки дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо Маҷористон мақоми муҳим дошта, 25 сол боз дар сатҳу зинаҳои барои ҳарду ҷониб судманд идома доранд. Ҷонибҳо хостгори тақвияти ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ, гидроэнергетика, технологияи инноватсионӣ, маориф, тандурустӣ,

фармасевтӣ, фарҳанг ва амният гардида, дар оянда таҳкими ҳамкориҳои байнипарлумонӣ, роҳандозии робитаи мустақими доираҳои соҳибкорону тоҷирон, таъсиси Комиссияи байниҳукуматӣ доир ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию техникӣ, иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои муштараки коркарди нахи пахта, меваю сабзавот, маъданҳои кӯҳӣ, сангҳои гаронбаҳо ва филизот, истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва сохтмонӣ, инчунин, таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳиро муҳим донистанд [6, 135–136].

Зимни музокироти соли 2018 бо дипломати воломақоми мақор П.Сийярто дар ҳошияи кори Конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони “Муқовимат ба терроризм ва ифротгароии хушунатомез”, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақмуи васеи масъалаҳои ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистону Маҷористонро дар фазои дӯстонаву самимӣ баррасӣ карда, ба роҳ мондани ҳамкориҳоро дар бахшҳои саноати металлургӣ, муҳандисӣ, телекоммуникатсия, истеҳсоли алюминий, маҳсулоти бофандагӣ, маводи сохтмонӣ, маъданҳои зеризаминӣ, сангҳои гаронбаҳо ва саноати кимиё аз соҳаҳои ояндадору афзалиятноки равобити дуҷониба номиданд. Ҳар ду ҷониб ҳамфикр буданд, ки барои расидан ба ҳадафҳои муштарак–таъсиси Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию техникӣ ба манфиати кишварҳо хоҳад буд. Мусоҳибон ҳамчунин, доир ба дигар масъалаҳои мубрами ҷомеа, аз ҷумла муборизаи муштарак бар зидди таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир, гуфтугӯйи судманд анҷом доданд [5, 121].

Тавре дар ибтидо ишора рафт, тайи қариб даҳ соли охир миёни дипломатҳои олирутбаи ду кишвар тамосҳои зичи дӯстона ва муҳовараи мунтазами сиёсӣ, хоссатан дар сатҳи вазирони корҳои хориҷӣ барқарор шудаанд. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки дар давраи солҳои 2016–2024 вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистону Маҷористон Сироҷиддин Муҳриддин ва Петер Сийярто чаҳордаҳ (14) маротиба мулоқоту музокирот анҷом додаанд, ки ин аз сатҳи баланди бадастомадаи муносибатҳои неки дӯстию рафоқат ва ҳамкориҳои фаъоли манфиатбахши ду кишвар далолат медиҳад. Бояд зикр кард, ки Вазири корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии берунаи Маҷористон Петер Сийярто панҷ (5) бор бо боздидҳои расмиву корӣ ба Душанбе (июни 2017, майи 2018, апрел ва октябри 2021, апрели 2024) ташриф оварда, боқимонда вохӯриҳои судбахши дипломатҳои аршади ду кишвар дар солҳои гуногун дар шаҳрҳои Будапешт, Брюссел, Ню–Йорк, Женева, Стокҳолм ва Люксембург барпо шудаанд. Мулоқоту музокироти вазирон дар бисёр мавридҳо самараҳои мушаххас дода, аз натиҷаи онҳо санадҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун ба имзо мерасанд. Ҳамин тавр, муносибатҳои ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Маҷористонро ҳамагӣ 21 санади дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, кишоварзӣ,

идоракунии захираҳои об, тандурустӣ, сармоягузорӣ, маориф, илм ва фарҳанг, такмили ихтисос ва рафтуомади бераводиди дипломатҳо, амният ва муқовимат ба ҷиноятқорӣ, истирдод ва супоридани маҳкумшудагон танзим мекунанд [10].

Ба хотири тасаввуроти мушаххас доштан дар мавриди равандҳои сиёсию дипломатӣ ва таҳкими заминаи ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистону Маҷористон, ба таҳлили музокироти сатҳи баланд тайи 10 соли охир мепардозем. Чунончи, санаи 25 феврали соли 2016 дар шаҳри Ню–Йорк мулоқоти кории Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Аслов бо аъзои Кумитаи ҳидояткунандаи Гурӯҳи "Дӯстони об", аз ҷумла бо муовини Котиби давлатии Маҷористон доир ба ҳамкориҳои байналмилалӣ Адам Золтан баргузор гардид, ки зимни он масъалаҳои умдаи рӯзномаи ҷаҳонии об, махсусан, масъалаҳои татбиқи ташаббуси нави Тоҷикистон доир ба роҳандозии Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", муҳокима шуданд [1, 125]. Гузашта аз ин, дар санаи 5 октябри худи ҳамон сол дар шаҳри Брюссел, дар ҳошияи Конфронси байналмилалӣ доир ба Афғонистон вохӯрии Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамтои маҷористониаш П.Сийярто баргузор шуда, дар маркази диққат масъалаи сафари дарпешистодаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷористон бо мақсади иштирок дар Саммити оби Будапешт (28–30 ноябри 2016) буд [18]. Ҳамин тариқ, 28 ноябри соли 2016 дар шаҳри Будапешт дар чаҳорчӯби иштироки Президенти Тоҷикистон дар Саммити оби Будапешт машваратҳои сиёсии байниидоравӣ дар сатҳи вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Маҷористон баргузор шуданд. Муҳокимаронихои масъалаҳои мубрами инкишофи ҳамкориҳои сиёсӣ ва муносибатҳои Тоҷикистону Маҷористон дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ, маориф ва фарҳанг ва дигар самтҳо миёни ҷонибҳо сурат гирифт. Дар анҷоми машваратҳо вазирон Барномаи ҳамкорӣ миёни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии берунаи Ҷумҳурии Маҷористонро барои давраи солҳои 2017–2021 ба имзо расониданд [10].

Дар таърихи 28 июни соли 2017, дар навбати худ Вазири корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии берунаи Маҷористон Петер Сийярто дар ҳошияи нахустин сафари расмӣ ба Душанбе бо Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон музокира намуда, миёни вазирон ба ифтихори 25–солагии барқарории муносибатҳои дипломатӣ (2 июли соли 2017) табодули паёмҳои табрикӣ сурат гирифт. Ҷонибҳо аз сатҳу муҳтавои ҳамкориҳои мутақобилан судманди ду кишвар дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар 25 соли муносибатҳои дипломатӣ изҳори қаноатмандӣ карда, ҷиҳати таҳкими минбаъдаи муколамаи сиёсӣ ва дарёфти роҳҳои нави тавсеаи робитаҳо ибрози омодагӣ намуданд [10]. Дар ҷараёни мулоқоти навбатии

ҳар ду вазир 18 сентябри соли 2017 дар шаҳри Ню–Йорки ИМА, дар ҳошияи Иҷлосияи 72–юми Маҷмаи Умумии СММ пас аз баррасии масъалаҳои мубрами рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон ва Маҷористон, ҳамчунин, Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Маҷористон доир ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ ба имзо расид [10].

Муколама ва сатҳи ҳамгироӣ миёни ду кишвар сол то сол тақвият ёфта, пазироии Сарвазири Маҷористон Виктор Орбан аз роҳбарони ҳайатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ 27 феврали соли 2018 дар шаҳри Будапешт, дар ҳошияи нахустин нишасти вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви “Чаҳоргонаи Вишеград” ва кишварҳои Осиёи Марказӣ гувоҳи ин фарзияҳост. Зимни мулоқот муовини Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ҳусейнзода бо ишора ба муносибатҳои самимӣ ва дӯстона байни роҳбарони ду кишвар ҳавасмандии ҷониби моро ҷиҳати рушду густариши равобити мутақобилан судманд бо Маҷористон дар соҳаҳои гуногун таъкид намуд [20]. Санаи 28 ноябри худи ҳамон сол вазирони корҳои хориҷӣ Сироҷиддин Муҳриддин ва Петер Сийярто дар ҳошияи сафари корӣ ба шаҳри Женева ҷиҳати иштирок дар Конфронси байналмилалӣ доир ба Афғонистон дидору гуфтугӯ карда, ҷиҳати таҳия ва коркарди лоиҳаҳои созишномаҳо доир ба таҳкими ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратӣ ва пешниҳоди онҳо ба ҳукуматҳои ҳар ду кишвар барои баррасӣ ба тавофуқ расиданд. Ҳамин тариқ, соли навбатии 2019 ҳангоми дидори дигарбора дар ҳошияи Иҷлосияи 74–уми Маҷмаи Умумии СММ (26 сентябр) дипломатҳои олимартабаи ду кишвар роҳҳои густариши ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи иқтисод, тиҷорат, сайёҳӣ ва илмро муҳокима намуда, дар фарҷом Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Маҷористон доир ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва Барномаи ҳамкорӣ дар соҳаи маориф байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва тиҷорат, захираҳои инсонӣ ва навоварӣ ва фанноварии Маҷористон барои солҳои 2019–2020–ро ба имзо расониданд [10].

Шоёни зикр аст, ки соли 2021 дар ҷодаи рушду ғанисозии мазмуну мундариҷаи ҳамкориҳо миёни Тоҷикистон ва Маҷористон марҳалаи муҳим ва сермаҳсул буд. Аввалан, санаи 7 апрели соли 2021 сафари расмии Вазири корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии берунаи Ҷумҳурии Маҷористон Петер Сийярто ба Душанбе доир шуда, Барномаи ҳамкорӣ миёни вазоратҳои корҳои хориҷии ду кишвар барои солҳои 2022–2024 ба имзо расид. Дар чаҳорчӯби ин боздид даври сеюми машваратҳои сиёсӣ байни Тоҷикистон ва Маҷористон зери роҳбарии вазирони корҳои хориҷии ду кишвар баргузор гардид, ки зимни он маҷмуи васеи масъалаҳои ҳамкории дуҷониба баррасӣ гардиданд. Худи ҳамон рӯз Форуми

соҳибкорон бо иштироки ширкатҳои ватании Тоҷикистону Маҷористон баргузор шуда, Дафтари консули фахрии Маҷористон дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ ёфт. Дар ин сафар ҳайати Маҷористонро Президенти ширкати ҳавопаймоии "Wizzair" ҳамроҳӣ намуд ва тибқи дархости он ҷониб вохӯриҳои роҳбари "Wizzair" бо директори ҶСП "Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе" ва директори Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуданд.

Сониян, 22 сентябри соли 2021, дар рафти сафари корӣ ба шаҳри Ню–Йорки ИМА вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистону Маҷористон роҷеъ ба роҳу воситаҳои таҳким бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои гуногун, инчунин, вазъи амниятии Афғонистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ дидору гуфтушунидҳои муҳим оростанд.

Сеюм ин ки 15 октябри ҳамон сол нахустин ҷаласаи Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ доир ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ миёни Тоҷикистон ва Маҷористон доир гардида, 20 октябр Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамтои худро дар Душанбе ба ҳузур пазируфт. Дипломатҳои баландпояи ду кишвар нақши афзорҳои мавҷудаи муносибатҳои дуҷониба, аз ҷумла Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ ва машваратҳои сиёсии байниидоравиро дар тавсеаю таҳкими ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи ду кишвар муҳим арзёбӣ карданд. Дар интиҳо вазирон ба Ёддошти тафоҳум доир ба ҳамкорӣ дар соҳаи такмили ихтисоси кормандони хизмати дипломатӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии берунаи Ҷумҳурии Маҷористонро имзо гузоштанд.

Ниҳоятан, санаи 2 декабри 2021 фурсат барои мулоқоти навбатии вазирон дар ҳошияи Нишасти 28–уми Шурои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои ширкаткунандаи САҲА дар Стокҳолми Шветсия даст дода, онҳо муҷаддадан ҳамкориҳои ду ҷониб дар соҳаҳои маориф, варзиш, тандурустӣ, дастгирии иқдомҳои якдигар дар абзорҳои байналмилалию минтақавӣ, мубориза бо терроризму ифротгароӣ, инчунин, вазъ дар Афғонистонро матраҳ намуданд. Дар ин қарина, бояд тазаккур дод, ки ҷониби Маҷористон аз ташаббусҳои кишвари мо дар соҳаҳои обу иқлим ва мубориза бо терроризм фаъолона пуштибонӣ карда, ҳамзамон Тоҷикистон аз пешбарии номзадии Маҷористон ба узвияти ғайридоимии Шурои Амнияти СММ (солҳои 2013–2014 ва 2017–2018), Кумитаҳои марбутаи СММ, Шурои иҷроияи ЮНЕСКО (солҳои 2019–2023), мақоми Президенти Маҷмаи Умумии СММ ва ғайра дастгирӣ намудааст [10]. Ҳамзамон, дар ин давра (6 декабри 2021) Маҷористон ҳамчун кумаки башардӯстона ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 150 000 вояи ваксинаи "AstraZeneca"–ро фиристод.

Иштирок дар Нишасти вазирони корҳои хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо (шаҳри Люксембург, 23 октябри соли 2023)

барои мулоқоти навбатии С.Муҳриддин бо П.Сийярто замина гузошта, дар рафти он миёни ҷонибҳо Ёддошти тафоҳум доир ба ҳамкорӣ дар доираи Барномаи бурсиявии Маҷористон барои солҳои 2023–2025 ба имзо расид. Ин санад барои мубодилаи донишҷӯёни мактабҳои олӣ, инчунин, таҳсили ройгони онҳо дар донишгоҳҳои Маҷористон равона шуда, тибқи он ҷониби маҷористонӣ барои донишҷӯёни мо ҳар сол 20 квотаи таҳсилотӣ ҷудо мекунад [10].

Ахиран, боздиди расмии навбатии Вазири корҳои хориҷӣ ва робитаҳои иқтисодии берунаи Ҷумҳурии Маҷористон Петер Сийярто аз шаҳри Душанбе 30 апрели соли 2024 ва мулоқоти ӯ бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди зудрушдёбандаи муносибатҳо ва вусъати пояи қарордодию ҳуқуқии ҳамкориҳои ду кишвар такони тоза бахшид. Зимни суҳбат мавзуъҳои мубрами дуҷониба, умури минтақавӣ, бахусус амну суботи минтақа ва ҳамкорӣ дар қолабҳои бисёрҷониба, аз ҷумла Иттиҳоди Аврупо бо дарназардошти раёсати даврии Маҷористон дар Иттиҳоди Аврупо шуруъ аз нимаи дуюми соли 2024, баррасӣ намуданд [19]. Аз натиҷаи музокирот вазирони ду кишвар Ёддошти тафоҳум миёни вазоратҳои корҳои дохилии Тоҷикистон ва Маҷористон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният ва муқовимат ба ҷиноятқориро ба имзо расониданд, ки бешубҳа, талошҳои муштараки ҷонибҳоро дар самти мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, ҷудоиандозӣ ва дигар шаклҳои маблағгузории ҷиноятҳо таҳким мебахшад.

Дар мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо ба масъалаҳои рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ бояд гуфт, ки 25 ноябри соли 2022 дар шаҳри Будапешт ҷаласаи 2–юми Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Маҷористон оид ба ҳамкории иқтисодӣ баргузор гардид. Ҳайати Тоҷикистонро муовини Вазири рушди иқтисод ва савдо ва ҳайати Маҷористонро ҳамраиси Комиссия, муовини Котиби давлатии Вазорати корҳои хориҷӣ ва тиҷорат Адам Штифтер роҳбарӣ намуданд. Дар кори нишасти мазкур масъалаҳои васеи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Маҷористон дар соҳаҳои тиҷорат ва иқтисод, хоҷагии деҳот, саноат, нақлиёт ва сохтмон, энергетика, маориф ва тандурустӣ мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар доираи ҷаласаи Комиссия ҷониби Тоҷикистон аз ҷониби Маҷористон дархост кард, ки дар самти татбиқи лоиҳаҳои обёрӣ дар минтақаҳои дурдасти Тоҷикистон, сохтмони неругоҳҳои хурду миёна, зиёд кардани бурсияҳо барои донишҷӯёни Тоҷикистон бо мақсади таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Маҷористон, амалигардонии лоиҳаҳои инфрасохтории кишвар, инчунин, таъсиси корхонаҳои муштараки саноатӣ барои истеҳсоли мошинҳои электрикӣ, коркарди маҳсулоти нассоҷӣ ва кишоварзӣ мусоидат намояд [10].

Гузашта аз ин, 1 марти соли 2023 дар Будапешт Анҷумани соҳибкорони Тоҷикистон ва Маҷористон бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ ва доираҳои тоҷирону ширкатҳои хусусии ду кишвар ҷиҳати баррасии густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, ҷалби сармоя ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои авлавиятнок барпо гашт. Ҳайати Тоҷикистонро муовини Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ намуда, дар нишаст масъалаи таҳкими минбаъдаи робитаҳои созанда миёни намояндагони бахши хусусӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, неруи таҷдидшаванда, иқтисоди сабз, саноат, фанноварихои муосир, дорусозӣ, гардишгарӣ, лоиҳаҳои бузурги зербиноӣ матраҳ шуданд [10].

Новобаста аз чорабиниҳои болозикр дар самти тақвияти равобити иқтисодию тиҷоратӣ, ҳаҷми умумии тиҷорати хориҷӣ миёни Тоҷикистон ва Маҷористон дар соли 2023 ба 1,7 млн. долл. ИМА баробар шуд, ки ин рақам пурра ба воридот рост меояд. Ҳанӯз бист сол қабл аз ин, соли 2004 гардиши молу маҳсулот байни Тоҷикистону Маҷористон аз 30 то 80 млн. доллари ИМА–ро ташкил медод, ки ин омор зимни мулоқоти хайрбодии сафири Ҷумҳурии Маҷористон Миклош Ятскович бо Президенти Тоҷикистон 8 июни соли 2005 садо дода буд [17]. Воридотро солҳои пеш асосан доруворӣ, таҷҳизоти саноатӣ барои тайёр кардани маҳсулоти ғизоӣ, қисмҳои эҳтиётӣ барои автомобилҳо, чароғҳо ташкил дода, содирот аксаран аз алюминий ва нахи пахта иборат буд.

Дар ин зимн, бояд аз таҷрибаи мусбати ҷонибҳо ёдовар шуд, ки ҷиҳати иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №61, аз 9 марти соли 1999, гурӯҳи корӣ иборат аз намояндагони вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ба Ҷумҳурии Маҷористон бо мақсади омодасозии Созишнома байни Ҳукумати шаҳри Душанбе ва Бонки АО БНП–Дрезднер (Маҷористон) дар бораи тахсиси қарз ба Ҳукумати Душанбе барои харидани 100 адад автобуси “Икарус” сафарбар гардида, дар давраи баъдӣ ин воситаҳои нақлиёти ҷамъиятии оламшумул ба Тоҷикистон интиқол дода шуд [10].

Бо дарназардошти зарфияти бузурги истифоданошуда дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод миёни Тоҷикистон ва Маҷористон, инчунин, таҷрибаи пешқадам ва мавҷудияти хатҳои навтарини технологии маҷористонӣ, таъсиси корхонаҳои муштараки коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (зарфиятҳои хурду миёна), парандапарварӣ, истеҳсоли маҳсулоти яхкардашуда ва полуфабрикатҳо (меваю сабзавот, маҳсулоти гӯштӣ), бунёди ширкатҳои муштарак доир ба тавлиди доруворӣ бо истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ (аз ҷумла гиёҳҳои шифобахш), истеҳсоли чарму пойафзор, локу ранг ва эмалҳо ва дигар маснуоти химиявӣ, парки таъмирию

хизматрасонии автобусҳои “Икарус” ба салоҳи кор буда, боиси афзоиши тиҷорат ва робитаҳои соҳибкорию сармоягузории ду кишвар хоҳад гашт.

Дар ин зимн, бояд нақши фаъоли сафирони онвақтаи Тоҷикистон дар Маҷористон (бо иқомат дар шаҳри Вена) Нуриддин Шамсов, Исматулло Насриддин (солҳои 2015–2017) ва Идибек Қаландар (аз соли 2019 то ба ҳол)–ро дар амри пайгирии масоили муҳимми рушди ҳамкориҳои кишварамон бо Маҷористон ва татбиқи муваффақонаи ҳадафу вазифаҳои давлатию дипломатӣ махсус қайд кард. Хотирнишон менамоем, ки Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Австрия ҳамзамон, дар Маҷористон ҳанӯз аз соли 2004 инҷониб аккредитатсия гардида буд.

Соли 2022 дар солномаи муносибатҳои ду кишвар соли таърихӣ буд, чунки ҷонибҳо он сол 30–юмин солгарди равобити дипломатиашонро таҷлил карданд. Бад–ин хотир, 10 феврали соли 2022 бо ташаббуси Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи гирди илмии маҷозӣ таҳти унвони «Тоҷикон дар асарҳои шарқшиноси маҷористонӣ Арминий Вамбери» баргузор гардид. Дар чорабинӣ аз ҷониби Тоҷикистон доктори илмҳои филологӣ Абдунабӣ Сатторзода, докторҳои илмҳои таърих Иброҳим Усмон ва Санавбар Воҳидова ва аз ҷониби Маҷористон доктори илмҳои таърих Агнес Келечени ва доктори илмҳои филологӣ Давид Кара иштирок карданд. Санаи 11 феврал бошад, дар Будапешт бахшида ба ин санаи ҷашнӣ дар Қасри синамои “Урания” асари муштараки таҳиягарон ва коргардонҳои Тоҷикистону Маҷористон, ки соли 1986 ба навор гирифта шудааст, филми ҳунарии “Дарвеши ланг” ба намоиш гузошта шуд. Ин филм дар асоси ёддоштҳои шарқшинос ва муаррихи маҷор Арминий Вамбери ва таассуроти ӯ аз сафараш ба Осиёи Марказӣ дар солҳои 1863–1864, ошноии ӯ аз мардуми тоҷик, таъриху забону фарҳанг ва расму оинҳои он қисса мекунад [10].

Ба муносибати ҷашни фархундаи 30–солагии робитаҳои дипломатии ду кишвар 8 июли соли 2022 миёни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Маҷористон хонум Каталин Ева Верешне–Новак мубодилаи барқияҳои табрикӣ ба амал омад. Бино ба табрикномаи Президенти Тоҷикистон, тайи ин давра талошҳои ду кишвар дар роҳи таҳкиму тавсеаи муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судманд самараи нек ба бор оварда, дар ин раванд силсилаи мулоқоту тамосҳои пайвастаи байнидавлатии сатҳи олӣ ва баланд нақши муассир доштанд. Ҳамзамон, зимни арзёбии мусбат аз ҷараёни кунунии ҳамёрии ду давлат манфиатдории ҷониби Тоҷикистон ба вусъату жарфи бештари он таъкид гардид. Пешвои миллат итминон доданд, ки идомаи муколамаи созандаи сиёсӣ миёни Тоҷикистону Маҷористон ба таҳкиму тавсеаи робитаҳои ҳасана ва ҳамкориҳои дарозмуддату гуногунҷанбаи ду кишвар дар заминаи

манфиатҳои аслии мардумони онҳо такони тоза хоҳад бахшид. Дар навбати худ, Президенти Ҷумҳурии Маҷористон изҳори хушнудӣ кард, ки дар муддати се даҳсолаи ахир муносибатҳои дуҷониба дар руҳияи эҳтиром ва эътимоди ҳамдигарӣ рушд ёфтаанд. Ӯ ба имкониятҳои минбаъд ҳам дар аксари дигар соҳаҳои ҳамкориҳо ба дастовардҳои нав ноил гардидан, ибрози бовар ва эътимод кард. Роҳбари давлати Маҷористон мутмаин кунонид, ки минбаъд низ кишвараш аз таҳкими шарикӣ бо Тоҷикистон ҷонибдорӣ хоҳад кард [15].

Ҳамин тариқ, мадраку маъхазҳо ва далелу рақамҳои дар боло дарҷшуда нишон медиҳанд, ки муколамаи сиёсии сатҳи олӣ байни Тоҷикистону Маҷористон дар солҳои қаблӣ хеле самаранок ба роҳ монда шуда, ҳамзамон, таҳлили таҷрибаи қариб даҳ соли охири тамосу робитаҳои густурдаи дипломатии сатҳи баланд ба тадриҷан сатҳи сифатан нав касб кардани муносибатҳои ду кишвар, бахусус таҳкими пояи ҳуқуқии ҳамкориҳои гуногунҷанба, ишора мекунад. Ба ғайр аз равобити сиёсӣ ва гуманитарӣ, ки дар сатҳи муносиб инкишоф меёбанд, татбиқи пайгиронаи нақшаҳои тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ миёни ду кишвар дар оянда воқеан шарикии мутақобилан судманди онҳоро диверсификатсия ва пурмуҳтаво хоҳад намуд.

АДАБИЁТ

1. 25 қадам дар паҳнои олам / Зери назари С. Аслов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 218 с.

2. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. – Душанбе, 2009. – 296 с.

3. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2011. – 372 с.

4. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва 20–солагии Истиқлол (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011). – Китоби 11. / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 392 с.

5. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018). – Китоби 18. / А. Шарифзода, С. Айниддин. – Душанбе: Дониш, 2020. – 369 с.

6. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва соли ҷавонон (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017). – Китоби 17. / А. Шарифзода, С. Айниддин. – Душанбе: Дониш, 2020. – 311 с.

7. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1996–1999). – Китоби 2. / А. Шарифзода, С. Фаттоев. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.

8. Садои мардум. – 2016. – 1 декабр. – №147.

9. Ҷумҳурият. – 1995. – 18 феврал. – №8(18.954).

10. Маълумотномаи муфассали муносибатҳои Тоҷикистон ва Маҷористон // Бойгонии ҷории Раёсати кишварҳои Аврупо ва Америкаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

11. Мақолаи “Иқтисоди Маҷористон” дар Донишномаи Википедия [Манбаи электронӣ]. URL: https://en.wikipedia.org/wiki/ Economy_of_ Hungary (ба заб. англ.)

12. Мақолаи “Маҷористон” дар Донишномаи Википедия [Манбаи электронӣ]. URL: https://ru.wikipedia.org/ wiki/Венгрия (ба заб. русӣ)

13. Мақолаи “Маҷористон” дар Донишномаи Википедия [Манбаи электронӣ]. URL: https://en.wikipedia.org/ wiki/Hungary (ба заб. англ.)

14. Маълумотномаи кишварии “Маҷористон” [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Русия. URL: https://www.mid.ru/ru/maps/hu/

15. Мубодилаи барқияҳои табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Маҷористон Каталин Ева Верешне–Новак [Манбаи электронӣ] // Сайти Президенти Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/28669

16. Мулоқот бо Президенти Маҷористон Янош Адер [Манбаи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/2169

17. Мулоқот бо Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Маҷористон дар Тоҷикистон Миклош Ятскович [Манбаи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/11309

18. Хабари иттилоотии “Мулоқоти вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Маҷористон” [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/ 1720/muloqoti–vazironi–korhoi–khorijii–tojikiston–va–majoriston

19. Хабари иттилоотии “Мулоқот бо вазири корҳои хориҷӣ ва савдои Маҷористон” [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/14950/ muloqot–bo–vaziri–korhoi–khoriji–va–savdoi–majoriston

20. Хабари иттилоотии “Пазироии роҳбарони ҳайатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷониби Сарвазири Маҷористон” [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/2985/paziroii–rohbaroni–haiathoi–kishvarhoi–osijoi–markazi–az–jonibi–sarvaziri–majoriston

ТАДЖИКИСТАН И ВЕНГРИЯ: НАДЕЖНЫЕ СПУТНИКИ И ПАРТНЕРЫ В СОВРЕМЕННУЮ ЭПОХУ

ШАРИФЗОДА АБДУФАТТОХ АБДУВАХХОБ,
доктор исторических наук, профессор, член–корреспондент
Национальной Академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33;
e–mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

ШАРИФЗОДА ФИРДАВС АБДУФАТТОХ,
первый секретарь Министерства иностранных дел
Республики Таджикистан, кандидат исторических наук
734001, Таджикистан, город Душанбе, ул. Шероз 33;
e–mail: firdavs.sharifzoda@mfa.tj

В статье рассматривается история становления и развития многоплановых отношений между Таджикистаном и Венгрией на протяжении 32 лет дипломатических отношений в духе дружбы и взаимопонимания. Авторы особо акцентировали внимание на значимость, содержательность и результатаы сотрудничества между двумя странами, в том числе путем отражения официальных и рабочих визитов Президента Таджикистана в Будапешт и визитов высокопоставленных представителей Венгрии в Душанбе, а также процесса стремительно развивающегося политического и дипломатического диалога, экономических отношений и правовой базы отношений между двумя странами. В конце статьи, констатируя успешность политического и гуманитарного сотрудничества в современной эпохе, авторы указывают на необходимость укрепления экономических и торговых связей. При написании статьи были использованы книги и газеты относительно внешнеполитической деятельности Президента Республики Таджикистан и издания Министерства иностранных дел, научно–популярная литература, а также другие отечественные и зарубежные электронные публикации и информационно–статистические материалы.

Ключевые слова: *Таджикистан, Венгрия, международные отношения, внешняя политика, история, Президент Таджикистана, политический диалог, экономические и гуманитарные связи, обмен визитами, договорно–правовая база.*

TAJIKISTAN AND HUNGARY: RELIABLE COMPANIONS AND PARTNERS IN THE MODERN EPOCH

SHARIFZODA ABDUFATTOH ABDUVAHHOB,
doctor of historical sciences, professor, corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 33;
e–mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

SHARIFZODA FIRDAVS ABDUFATTOH,
First Secretary of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan, candidate of historical sciences
734001, Tajikistan, Dushanbe city, Sheroz str. 33;
e–mail: firdavs.sharifzoda@mfa.tj

The article examines the history of the formation and development of multidimensional relationships between Tajikistan and Hungary over 32 years of diplomatic relations in the spirit of friendship and mutual understanding. The authors especially emphasized on the significance of the content and results of cooperation between the two countries, including by reflection the official and working visits of the President of Tajikistan to Budapest and visits of high–ranking representatives of Hungary to Dushanbe, as well as the process of rapidly developing political and diplomatic dialogue, economic relations and the legal framework of relations between the two countries. At the end of the article, noting the success of political and humanitarian cooperation in the modern era, the authors point out the need to strengthening economic and trade ties. When writing the article, were used books and newspapers regarding the foreign policy activities of the President of the Republic of Tajikistan and publications of the Ministry of Foreign Affairs, popular science literature, as well as other domestic and foreign electronic publications and information and statistical materials were used.

Keywords: *Tajikistan, Hungary, international relations, foreign policy, history, the President of Tajikistan, political dialogue, economic and humanitarian ties, exchange of visits, contractual and legal framework.*

УДК: 327.8

ТАЪСИРИ ПАЁМАДҲОИ ЭҲТИМОЛИИ БУҲРОНИ ХОВАРИ МИЁНА БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

ШАРИПОВ АМРИДДИН НУРИДИНОВИЧ,
номзади илмҳои таърих, дотсент, мутахасиси пешбари Раёсати таҳлил ва ояндабинии масъалаҳои амнияти минтақавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (+992) 105-50-10-18; e-mail: amrsharif@mail.ru

Дар мақола таъсири паёмадҳои эҳтимолии буҳрони Ховари Миёна ба Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки кишварҳои Ховари Миёна дар заминаи сиёсати истеъморӣ арзи ҳастӣ намуда, таъсиси Исроил омили сар задани низои тулонӣ дар минтақа гардидааст. Мардумони Осиёи Марказӣ аз оғози низоъ таъсири равонӣ ва ҳамбастагии тамаддунии онро эҳсос менамуданд.

Дар мақола таъсири вазъи муосири Ховари Миёна ба амнияти Осиёи Марказӣ, таҳдиди созмонҳои ифротгароӣ ва террористӣ, нақши манфии ДОИШ ба амнияти минтақа инъикос шудааст. Муаллиф таъсири вазъи буҳрони муосири низоъи Фаластину Исроилро бо ҷалби кишварҳои дигар ба он ишора намудааст. Ба ақидаи муаллиф, низоъи Ховари Миёна дар дурнамо ба амнияти ҷаҳонӣ таҳдид менамояд. Инчунин, дар мақола мавқеи расмии кишварҳои минтақа нисбати низоъ, омилҳои таъсиррасони вазъи Ховари Миёна ба Осиёи Марказӣ ва зарурати ҳалли мусолиматомези низоъ нишон дода шудаанд.

Калидвожаҳо: *Ховари Миёна, Осиёи Марказӣ, Баҳори Араб, Сурия, ДОИШ, ИМА, Исроил, Ҳаммос, амният, хатарҳои муосир, дурнамо.*

Таърихан Осиёи Марказӣ ва Ховари Миёна ҷузъи қаламрави исломӣ буда, дар баробари ришташои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, унсурҳои фарҳангӣ як ҳамбастагии тамаддуни минтақаҳоро ба ҳам мепайваст. Агар дини ислом аз Ховари Миёна зуҳур намуда бошад, пас ташаккули фиқҳӣ ва илмии он дар Хуросону Мовароуннаҳр сурат гирифта, дар тули садсолаҳо ҳам Осиёи Марказӣ ва ҳам Ховари Миёна маркази фикрӣ ва сиёсии ҷаҳони мусалмонӣ буданд. Зиёда аз он, Осиёи Марказӣ минтақаест, ки роҳҳои тиҷоратӣ ва фарҳангҳои бузурги Ховари Миёна, Аврупо, Ҳиндустон ва Чин ба ҳам мепайванданд. Ҳеҷ кас барои омӯзиш ва такмили ғояҳо, ихтироъҳо ва технологияҳои пешрафтаи истеҳсолӣ аз мардумоне, ки дар Роҳи Бузурги Абрешим зиндагӣ мекарданд, беҳтар набуд.

Баъди анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон ва тақвияти ҳаракати милливу озодихоҳӣ тибқи тақсимоти истеъморӣ кишварҳо дар Ховари Миёна, асосан бе дарназардошти махсусияти қавмӣ ва ҷуғрофӣ дар заминаи ҳудуди зери сарпарастии Британия ва Фаронса ташкил гардиданд. Дар миёни онҳо таъсиси давлати Исроил (баъд аз Эъломияи Балфур [2]) ҳамчун инъикоси комёбии стратегии ИМА сарчашмаи оғози низоъи тулонӣ дар Ховари Миёна гардид. Дар сатҳи таърихӣ Ҷанги Ғазза бо номаи Вазири корҳои хориҷии Британияи Кабир Артур Балфур ба раҳбари яҳудиён Лионел Уолтер Ротшилд дар соли 1917 оғоз шуда, дар он изҳори пуштибонии ҳукумати Британия дар таъсиси хонаи миллии яҳудиён дар Фаластин ифода меёфт. Ин дар ҳолест, ки ҳатто дар соли 1947 (соли таъсиси режими Исроил) яҳудиён ҳамагӣ 9 дарсади аҳолиро ташкил дода, ҳадди аксар 6 дарсади заминро дар ихтиёр доштанд. Гузашта аз ин, мардуми Фаластин дар охири солҳои 1930, ҳатто пеш аз таъсиси режими Исроил, ба хушунати шадид дучор шуданд, ки аз қатли 5000 фаластинӣ аз ҷониби сарбозони британӣ шаҳодат медиҳад [5].

Аз ҳамон вақт мардуми мусалмон, аз ҷумла сокинони Осиёи Марказӣ, новобаста аз мавҷудият дар ҳайтаи Иттиҳоди Шуравӣ зери таъсири як шиддати равонӣ ва руҳӣ қарор гирифта, ғамшарики мардумони Фаластин дар ин низоъ буданд.

Имрӯз бисёре аз коршиносон ҳар ду минтақаро ба истилоҳ Ховари Миёнаи Бузург тасниф мекунанд, дар ҳоле ки дигарон майл доранд онҳоро ба "камонаки бесуботӣ" ворид созанд. Ҳар ду минтақа низ ҷузъҳои таркибии ҷаҳони ислом ҳастанд [9].

Бо касби Истиқлоли давлатӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ бевосита ба мушкилот ва хатарҳои муосир мувоҷеҳ гаштанд, ки дар он таъсири ифротгароӣ ва терроризм возеҳу равшан буд. Мусаллам аст, ки таъсири бавоситаи кишварҳои Ховари Миёна дар зуҳури ин хатарҳо эҳсос мегардад, ки мавҷудияти унсури терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии динӣ дар ҷанг шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад.

Бо таҳкими ниҳоди давлатдории миллӣ, рафъи буҳрон ва муаррифии худ дар арсаи ҷаҳонӣ кишварҳои минтақа бо давлатҳои Ховари Миёна муносибатҳои мутақобиларо ривоҷ дода, бахшҳои гуногуни ҳамкориро ба роҳ монданд.

Баъди воқеаҳои “Баҳори Араб”, Ховари Миёна ба манбаи хатари ҷаҳонӣ табдил ёфта, таъсироти манфии он ба Осиёи Марказӣ низ мерасид. Агар то ин вақт таъсири вазъи Ховари Миёна ба Осиёи Марказӣ нисбӣ буд, пас аз шиддати сиёсии дохилии Сурия ин таъсирот бештар гардид. Низои Сурия, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ табдил ёфта, ҳоло яке аз мушкилоти асосии амнияти байналмилалии муосир ба шумор меравад, аз як ихтилофи хурди маҳаллӣ ба вуҷуд омада, ба як низои байналмилалӣ табдил ёфт.

Мушкилоти аслӣ дар шароити кунунӣ ин аст, ки низои Сурия натанҳо ба минтақаи Ховари Миёна, балки ба минтақаи Осиёи Марказӣ низ таъсир мерасонад. Баръакси Тунис, Миср, Яман, ки буҳрони иҷтимоӣ аз омилҳои дохилӣ ба вуҷуд омадааст, дар Сурия сабаби аслии буҳрон зуҳури омили хориҷӣ арзёбӣ мегардид.

Табиист, ки яке аз мушкилоти аслии Ховари Миёна ва Осиёи Марказӣ ба озмоишҳое марбут аст, ки давлатдории кишварҳои минтақа ба онҳо дучор мешавад. Дуализм, ки имрӯз барои мусалмонони Ховари Миёна хос аст, дар муборизаи тарафдорони як модели дунявӣ ва намояндагони исломи сиёсӣ ифода ёфтааст. Исломгароён эътиқоди мазҳабиро омили аслии ҳувият медонанд ва тундгаротаринашон дар раванди расидан ба ҳадафҳои худ аз шеваҳои хушунат то дараҷаҳои гуногун истифода мекунанд [9].

Ҳарчанд миллатгароӣ дар давлатҳои минтақа дар заминаи зиддиғарбӣ ташаккул ёфта бошад ҳам, дар баробари рад кардани моделҳои ташкили ҷомеаи ғарбӣ яке аз муҳимтарин вижагиҳои бунёди давлатҳои мустақил дар Шарқи Араб, роҳандози арзишҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ гардид [3,17]. Дар доираи ин раванд амнияти ҷомеа ба маънои васеъ бо амнияти режим иваз карда шуд. Ба ин далел, масалан, таҳким ва зиёд кардани хадамоти махсус барои низом зарур буд, аммо барои ҷомеа ягон суде надошт. Давраи қаблии ташаккул ва рушди давлатдорӣ ба мардуми одӣ бисёр чизҳоро дод, аммо дар баробари ин, боиси ташаккули ниҳодҳое нагардид, ки манфиатҳои онҳоро ифода намуда, дар раванди сиёсӣ садои онҳо диҳанд. Дар баробари ин, ғояи озодӣ, бахусус озодии фард, бар хилофи ғояҳои адолат ва озодии миллӣ дар гуфтори арабҳо дар маркази афкори иҷтимоӣ набуд. Дар натиҷа, элитаи давлатҳои озодшуда асосан аз собиқ афсарони артиш фароҳам шуда, бо ташкили як ҳизб ва парлумони «ром» иктифо карда шуд. Истисно лоиҳаи сохтмони давлати Исроил буд, ки дар зери таъсири қавии миллатчигии услуби ғарбӣ ташаккул ёфтааст.

Дар мавриди давлатҳои Осиёи Марказӣ бошад, барои онҳо ҷустуҷӯйи давлатдорӣ аз бозгашт ба баъзе решаҳои «таърихӣ», кӯшиши муаррифии давлатдории муосир, ҳамчун мероси тамаддунҳои гузашта, иборат буд. Воқеан, далели истиқлоли муосирро дар гузаштаи дур, аз миёни қаҳрамонону фотеҳон пайдо кардан осонтар аст. Ин арзишҳоро идеализатсия кардан мумкин аст, ки онро ҳамчун давраи тиллоии давлатдорӣ муаррифӣ менамоянд, ки анъанаҳои таъихӣ дар давраи мустамликадорӣ ва мавҷудияти ИҶШС маҷбуран қатъ шуда буданд [3, 25].

Вазъ аз он сабаб боз ҳам тезутунд мегардад, ки артиш дар Ховари Миёна аксар вақт барои ба амал баровардани табаддулоти давлатӣ ва баъзан ба муқобили шаҳрвандони худ истифода мегардад. Ин дар пасманзари сиёсати нодурусти режимҳои ҳоким, фасод ва тафовути бузурги даромад ба амал меояд. Масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ бештар ба

чунин омилҳои бунёдӣ, аз қабили маҳдуд будани захираҳои об дар шароите, ки 80%–и минтақаро биёбонҳо ишғол мекунанд, инчунин, афзоиши босуръати аҳолӣ вобастаанд. Заъфи дохилии давлатҳо сабаби асосии ба вуҷуд омадани субъектҳои сершумори ғайридавлатӣ гардид, ки аксар вақт вазифаҳои давлатиро хусусӣ карда, даъвоҳои худро бо неруи аслиҳа дастгирӣ мекунанд. Фақат аз ҳамин сабаб ҳар як шартномаи халъи силоҳ дурнамои шубҳанок дорад.

Низое, ки ба сатҳи байналмилалӣ гузашт, барои ташаккул ва таҳкими як созмони байналмилалии террористӣ, ба мисли ДОИШ дар Ховари Миёна шароити мусоид фароҳам овард.

Дар шароити кунунии Ховари Миёна ДОИШ ҷойгоҳи худро пайдо карда, аз “Ал–Қоида” ва “Толибон” пеш гузашт. Ҷолибияти идеологӣ ва ҳамчунин, ҳузури густурдаи қаламравӣ дар Ироқу Сурия ба ДОИШ имкон додааст, ки бо истифода аз падидаи хушунат барои тағйири ҷомеа аз чаҳорчӯбаи як созмони маъмулии террористӣ берун шавад. Зиёда аз 30 гурӯҳи ифротгарои исломӣ, ки дар сартосари ҷаҳон, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ фаъолият мекунанд, бо ДОИШ муттаҳид шудаанд [11].

Дар ин замина, ҳудуди як даҳсола аст, ки шаҳрвандони кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Ховари Миёна мераванд ва дар он ҷо ба сафи ДОИШ мепайванданд. Сабабҳои ворид шудан ба сафи ифротгароии динӣ миёни пайравони навтаъсис метавонад гуногун бошад. Бо вуҷуди ин, ҳамаи онҳоро фаъолияти собити эътирозӣ алайҳи мақомоти дунявӣ ба нафъи исломи иртиҷоӣ муттаҳид мекунад. Дар ин маврид ДОИШ натанҳо онҳоеро ҷалб мекунад, ки мехоҳанд ҷанг кунанд, балки тарафдорони усулҳои мазҳабӣ ва ғоявии ДОИШ–тарзи идеализатсияи ифротгароён зиндагӣ аз рӯйи шариат, ваъдаи адолат, сулҳу осоиштагӣ ва хушбахтиро, ки аксар вақт дар воқеияти дунявӣ намерасад. Ин омил ба амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳдиди воқеӣ дорад, зеро аксари ин ифротиён дар ниҳоят аз минтақаи ҷанг бармегарданд.

Баъзе муҳаққиқон таъсири ДОИШ ва гурӯҳҳои террористии Ховари Миёнаро (Ҷабҳат–ун–нусра)–ро ба равандҳои ташаккули афкори омма муассир медонанд. Дар марҳалаи аввали зуҳури ин гурӯҳҳо оммаи аҳолӣ, бахусус дар Ховари Миёна, бар он умед бастанд, ки заминаи “ваҳдати умма” бештар гардида, Исроил ҳамчун давлати ғосиб ва золим дар заминҳои муқаддаси мусалмонон бо фишори дастаҷамъӣ мувоҷеҳ хоҳад гардид. Вале раванди воқеаҳо нишон доданд, ки ин гурӯҳҳо маҳсули амали хадамоти истихбории кишварҳои Ғарб, минтақа ва Исроил буда, онҳо ба тарафи соҳибонашон чашм ало намекунанд. Ба ҳамагон возеҳу равшан аст, ки дар фаъолияти худ аз ҷониби ин гурӯҳҳо ҳатто таҳдиди лафзӣ нисбати Исроил садо надода, баръакс, онҳо алайҳои муқобилони он– Сурия, Эрон мубориза мебаранд.

Ҳодисаҳои ноором дар минтақаи Ховари Миёна дар солҳои 2010–ум ба вазъи низои Арабу Исроил низ таъсир расониданд. Дахолати фаъолтари Эрон ба он, ки ба раҳбарии минтақа майл дорад, таассуроти дукарата эҷод мекунад. Ҳоло Исроил ва монархияҳои суннӣ дар симои Эрон як душмани муштарак доранд, ки равобити Арабу Исроилро дар сатҳи нухбагон нарм кардааст. Омили дувум, ки ин тамоюлро идома медиҳад, таҳдиди ифротгароён ба миллатгароёни араб ва Исроил аст.

Дар мавриди Осиёи Марказӣ бошад, ба далели ривоҷ наёфтани равобити мутақобилаи давлатҳои он дар арсаи иқтисодӣ, ин робитаҳо на дар дохили минтақа, балки ба хориҷ нигаронида шудаанд. Дар ҳеч яке аз созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла созмонҳои бо иштироки Русия, кишварҳои минтақа “пурра” ҳузур надоранд. Раванди мураккаби пештараи демаркатсияи ҳудудӣ масъалаи гурӯҳҳои қавмии аз ҳам ҷудошударо ба вуҷуд овард, ки дар сурати ба таври номусоид инкишоф ёфтани вазъият он метавонад бадтар шавад.

Таъсири созандаи неруҳои хориҷӣ низ метавонад боиси гардиш ба нафъи ҳалли осоишта дар афкори ҷамъиятии кишваре гардад, ки ба ҷанҷол гирифтор шудааст. Раванди Остона ҳамчун намунаи чунин ширкати мусбати фаъолони хориҷӣ дар ҳалли низоъи Сурия зикр шудааст. Мантиқи ҳаллу фасли ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 90–уми қарни гузашта қобили таваҷҷуҳ аст, ки аз тақсими ҳокимият миёни ҳукумат ва мухолифин иборат буда, намояндагони онҳо дар сохторҳои қудратии иҷроия, судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба вазифаҳо расидаанд [3,192].

Ба ақидаи муҳаққиқ И.Д.Звягелская, дар муқоиса бо бозингарони ҷаҳонӣ, давлатҳои Ховари Миёна ва Осиёи Марказӣ барои таъмини амнияти худ захираҳои камтар доранд, дар ҳоле, ки ба зарурати таъҷилии таъмини амният дар шароити низоъ ба ноустуворӣ ва номуайянӣ дучор меоянд.

Ховари Миёна манбаи созмонҳои иртиҷоӣ ва террористӣ бо истифода аз парчами ислом маҳсуб мешавад. Аҳаммияти Макка, Мадина, Қоҳира ва Байтулмуқаддас ҳамчун макони муқаддаси мусалмонон ҳамеша далели он буд, ки дар ин минтақа мубориза барои ба даст овардани ақл ва қалби муъминон ба арзишҳои исломӣ дар сартосари ҷаҳон сурат гирифтааст.

Дар маҷмуъ, таҳдидҳо ба амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ ҳам аз таъсири омилҳои хориҷӣ ва ҳам мушкилоти дохилӣ ба миён меоянд. Хавфи авлавиятнок ба амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ тезутунд шудани вазъ дар Афғонистон мебошад. Мавҷудияти лонаҳои терроризму ифротгароӣ дар қаламрави он ба Осиёи Марказӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, амалҳои созмонҳои террористӣ ба ташаккули ҳудуди бесуботӣ дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунанд. Мақомоти кишварҳои

минтақаи Осиёи Марказӣ ба хотири рафъи эҳтимоли вазъи буҳронӣ тадбирҳои пешгирикунанда меандешанд.

Агар дар бораи афзоиши иртиҷоъгароӣ, ҳамчун омили тавлидкунандаи низоъ сухан ронем, пас ба Ховари Миёна зарба зада, он ба Осиёи Марказӣ бештар таъсир мерасонад. Ба шарофати ҳамлаи бисёрҷонибаи низомӣ, гурӯҳҳои террористӣ дар Сурия ва Ироқ, ҳоло имкони мунтазам пур кардани "буҷет"–и худро тақрибан комилан аз даст додаанд.

Бо вуҷуди набудани фармондеҳии муттаҳид, ДОИШ ҳамчунон хатари воқеӣ дорад. Гурӯҳҳои ҷудогонае, ки дар Сурия, Ироқ ва дигар кишварҳо амал мекунанд, бар пояи ғоявӣ ба ДОИШ «пайваст» шуда, ба сафи ДОИШ ҷалб намудани ҷавонон, аз ҷумла бо истифода аз интернет идома ёфта, ба минтақаҳои гуногун бахусус, кишварҳои Осиёи Марказӣ эмиссарҳои худро мефиристанд. Аз ҷониби дигар, Исроил бо шоҳигариҳои халиҷи Форс наздик шуда, буҳрони Фаластин тадриҷан ба гӯшаи фаромӯшӣ мерафт. Ҳарчанд Исроил ғасби заминҳои Фаластин ва нақзи ҳуқуқи мардуми онро бештар менамуд, сару садо аз ҷаҳони араб камтар садо медод.

Марҳалаи нави шиддати низоъ таъсири буҳрони Ховари Миёнаро ҷаҳонӣ намуд. Санаи 7 октябри соли 2023 дастаҳои мусаллаҳона Ҳаммос дар посух ба хушунат ва фишори ҳамешагии яҳудиён ба Исроил ҳуҷум намуданд. Дар натиҷаи амалиёти "Тӯфон–ул–Ақсо" 1200 нафар дар Исроил кушта шуда, ҳудуди 912 километри мураббаъ заминҳои истилошуда озод гардиданд, ки тақрибан се баробари масоҳати қаламрави Ғазза. Дар заминаи ҳангомаи зиёд дар расонаҳои иттилоотии ҷаҳон мақомоти қудратии Исроил ба бомбаборонкунии шадиди маҳаллаҳои аҳолинишини қаламрави Ғазза шуруъ карданд. Ҳамзамон, амалиёти ҳарбии неруҳои Исроил ба ҳудуди Ғазза даромада, ба вайрон намудани биноҳои истиқоматӣ, иҷтимоӣ ва маъмурӣ пардохтанд.

Аз ҷониби дигар, ИМА қатъиян мавқеи Исроилро дастгирӣ намуда, аз 7 октябр ба баҳри Миёназамин киштиҳои тайёрабари «Ҷералд Форд» ва «Дуайт Эйзенхауэр»–ро бо гурӯҳи киштиҳои дигар фиристод [6]. Аз замони эъломи давлати яҳудӣ дар моҳи майи соли 1948 то ҳамлаи Ҳаммос дар 7 октябри соли 2023, Иёлоти Муттаҳида тахминан 158 миллиард доллар кумаки низомӣ ба Исроил интиқол дода, ин кишварро дар байни муттаҳидони хеш ба бузургтарин дарёфткунандаи кумакҳои ҳарбӣ табдил додааст [12].

Амалиёти бесобиқаи "Тӯфон–ул–Ақсо" нишон дод, ки низоъ байни Исроил ва Фаластин анҷом намеёбад, зеро таъсиси ду давлат дар ҳудуди Фаластинро на режими Исроил ва на ҳаракати Ҳаммос пуштибонӣ намекунанд.

Бидуни баррасии ҷангҳои Арабу Исроил, танҳо дар 18 соли охир режими Исроил чаҳор бор бо Ҳаммос ҷанг кардааст: дар солҳои 2008, 2012 ва 2014 ва ҳамчунин, дар ҷанги феълӣ аз 7 октябри соли 2023. Аз ин низоъҳо ду ҳамлаи маҳдуди заминӣ буда, нақшаи нобудсозии пурраи Ҳаммосро надоштанд. Дар се даргирии аввал тақрибан 4000 фаластинӣ ва камтар аз 100 исроилӣ кушта шуданд, вале дар низои муосир мардуми Фаластин тақрибан 250 нафар ҳамарӯза мемиранд [5].

Рӯзи 19 октябри соли 2023, дар авҷи ҷанги миёни Исроил ва Ҳаммос, ҳусиҳо, ки қаблан қудрати сиёсиро дар Яман ба даст оварда буданд, аз ҷониби Ҳаммос вориди ҷанг шуданд [8].

Задани зарбаҳои мушакии Эрон ба қаламрави Сурия, Ироқ ва Покистон, зарбаҳои ҷавобии Покистон ба Эрон шиддати низоъро дар минтақа хеле зиёд намуданд.

Нисбати қазияи Ховари Миёна кишварҳои Осиёи Марказӣ низ бетараф набуданд. Шиддати низоъ дар Шарқи Наздикро вазоратҳои корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ маҳкум намуда, аз шиддати вазъ дар минтақа изҳори нигаронии ҷиддӣ карданд.

Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон шоми 8 октябр дар бораи авзоъ дар Ховари Миёна изҳорот пахш кард. Дар изҳороти вазорат гуфта мешавад, ки «шиддати якбораи ташаннуҷ дар Ховари Миёна, ки боиси талафоти зиёди мардуми осоишта ва тахриби инфрасохтори манзилӣ ва иҷтимоӣ гардид, дар Тоҷикистон бо нигаронии зиёд пазируфта шуд».

Кишварҳои минтақаи мо дар изҳороти расмии худ аз ҷонибҳои даргир даъват мекунанд, ки тамоми чораҳоро биандешанд, то ба муқовимати мусаллаҳона зуд хотима бахшанд ва буҳронро бо роҳҳои сиёсӣ ва дипломатӣ ҳал кунанд. Аммо дарки он дар сатҳи ҷомеа дигар аст, ки баҳси тунд дар атрофи ин мавзуъ дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз он гувоҳӣ медиҳад.

Ҳатто Дабири кулли СММ нисбати низоъ изҳорот дод: «Ман амалҳои даҳшатовар ва бесобиқаи террористиро, ки рӯзи 7 октябр Ҳаммос дар Исроил анҷом додааст, маҳкум кардам. Ҳеч чиз қасдан куштан, мачруҳ кардан ва рабуда шудани шаҳрвандони осоишта ё партоби мушакҳоро ба ҳадафҳои ғайринизомӣ асоснок карда наметавонад. Инчунин, эътироф кардан муҳим аст, ки ҳамлаҳои Ҳаммос дар фазои холӣ сурат нагирифтаанд. Фаластиниён 56 сол боз дар зери истилои нафасгиранда умр ба сар мебаранд» [10].

Барои фаҳмидани он, ки ҷанг чӣ гуна метавонад хотима ёбад, шумо бояд омилҳои оғози онро донед. Ба ибораи дигар, барои анҷоми ҷанг, шумо бояд дар бораи сабабҳои он коре кунед. Маҳз ба ҳамин хотир ҷаласаи изтирории Созмони Ҳамкории Исломӣ (СҲИ) дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ 11 ноябри соли 2023 баргузор гардид, ки дар он аз ҷумла Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин

таъкид карда буд: “Кишвари мо ҳанӯз аз оғози даргириҳои охир аз ҷонибҳо даъват ба амал оварда, ки ба амалҳои зӯроварӣ ва хушунатомез хотима дода, барои ба эътидол овардани вазъ сари мизи музокира нишинанд.

Аз нигоҳи мо, ҳалли воқеии қазияи Фаластин, таъмини сулҳи одилона, пойдор ва дарозмуддат танҳо аз роҳи иҷрои қарорҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ташкили давлати мустақили Фаластин имконпазир мебошад. Тоҷикистон аз таъсиси Давлати Фаластин бо пойтахти он шаҳри Байтулмуқаддаси Шарқӣ дар асоси марзҳои соли 1967 ҷонибдорӣ мекунад.

Ин роҳест, ки тавассути он мардуми Фаластин метавонанд ҳаққи аслии миллии худро ҳамчун субъекти мустақили ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асоси усулҳои эътирофшудаи муносибатҳои байнидавлатӣ амалӣ намоянд” [6].

Бар асоси усули ҳамбастагии тамаддунӣ ва мазҳабӣ, бисёре аз корбарони интернет аз минтақаи мо аз муқовимати Фаластин ҳимоят мекунанд ва вазъи кунунии ин мардумро зуҳури рӯшани беадолатӣ медонанд. Чунин ҳиссиёти тамаддунию мазҳабӣ дар баробари авҷ гирифтани низоъ афзоиш хоҳад ёфт, ки метавонад боиси афзоиши интизориҳои ҷомеаи Осиёи Марказӣ гардад, ки бо зарурати мавқеъгирии фаъолонаи ҳукуматҳои худ дар робита ба ранҷу азобҳои мардуми Фаластин алоқаманд аст.

Дар маҷмуъ, низоъи Фаластин ва шиддати авзоъ дар Ховари Миёна метавонад чунин таъсирҳоро ба Осиёи Марказӣ дошта бошад:

–таъсири манфии ин низоъ барои минтақаи мо ин аст, ки буҳрони Ховари Миёна метавонад таваҷҷуҳи ифротгароён ва гурӯҳҳои ҷиҳодиро ҷалб кунад, ки дар сафҳои онҳо муҳоҷирон аз Осиёи Марказӣ зиёданд. "Ҳузури онҳо дар ҷабҳаи нав дар ҷиҳоди ҷаҳонӣ метавонад барои минтақаи мо таъсири ҷиддии амниятӣ дошта бошад, бахусус, дар ҳоле, ки вазъ дар Афғонистон номуайян боқӣ мемонад." Аз ҷумла ҷанги тулонӣ метавонад боиси фаъол шудани гурӯҳҳои ҷиҳодӣ ва ифротгаро дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ шавад»;

–ҷанги тулонӣ метавонад дар оянда таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ, аксари муассисаҳои молиявӣ ва кишварҳои донорро ҷалб кунад. Дар ин сурат, Ғарб маҷбур хоҳад шуд, ки авлавиятҳои худро аз нав дида барояд, ки ба ҳаҷми кумакҳои низомӣ ва иқтисодӣ ба Украина ва мутаносибан ба ҷараёни ҷанги Русияву Украина таъсир мерасонад. Ин ба вазъи амнияти умумӣ ва иқтисодии тамоми кишварҳои пасошуравӣ низ таъсир мерасонад. Ҳамзамон, кумакҳои иқтисодӣ ва грантҳо ҷиҳати дастгирии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дастгирии соҳибкорӣ низ коҳиш ёфта, вазъи иҷтимоиро мураккаб хоҳад намуд. Тамоюли мазкур метавонад ба коҳиши ҳаҷми сармоягузорӣ низ замина гашта, ба тавсеаи ҳаҷми ММД–и кишварҳои минтақа таъсири манфӣ расонад;

–дар сурати идомаи низоъ оқибатҳои ҷиддии иқтисодӣ барои минтақа ва ҷаҳонро интизор шудан мумкин аст. "Ҳамаи ҷангҳо дар Ховари Миёна тамоюли боло рафтани нархи ҷаҳонии нафтро доштанд, ки иқтисоди ҷаҳонро хароб карданд ва бахусус ба кишварҳои рӯ ба инкишоф таъсири манфӣ расониданд" [4];

–ворид шудани Яман бо дастгирии Фаластин ба низоъ ва эҷоди монеаҳо дар ҳамлу нақли баҳрии ҷаҳонӣ (тавассути баҳри Сурх) ба баланд шудани нархи маҳсулоти зарурии аввалия замина гардад. Дар ҳоле, ки як қисми аҳолии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҳисоби ҳаҷми пасти даромад осебпазир мебошанд, болоравии арзиши маҳсулоти аввалия метавонад як зарбаи ҷиддии иқтисодию равонӣ гашта, дар оянда мояи афзоиши танишҳои иҷтимоӣ мешавад;

–шиддати низоъ ба рушди муҳоҷирати кории кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Ховари Миёна, бахусус Исроил, монеа гардад. Мусаллам аст, ки кишварҳои минтақа ҷиҳати диверсификатсияи самтҳои муҳоҷирати корӣ талош намуда, бо кишварҳои гуногуни ҷомеаи ҷаҳонӣ шартнома ба тасвиб мерасонанд. Бозори ояндадори Исроил дар самти ҷалби муҳоҷирон барои шаҳрвандони минтақа бинобар шиддати низоъ баста мешавад. Шиддати низоъ ва даъватҳои даст кашидан аз харидории молҳои гуногуни истеҳсоли исроилӣ метавонад омили коҳиши иқтидори кишвар ва буҳронҳои иқтисодӣ гардад;

–ИМА ва Аврупо ҳама чизеро, ки дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва арзишҳои демократӣ ба даст оварда шудаанд, нобуд мекунанд. Қисми бузурги аҳолии ҷаҳон, ки ба рафтори Ғарб дар буҳрони кунунии Ховари Миёна нигоҳ карда, ба таҳаввулоти бепоёни элитаҳои сиёсӣ, ки аз ҷониби низоми пурифтихори демократӣ ба зинанизоми қудрат оварда шудааст, мутмаин шуданд. Раҳбарони кунунии кишварҳои Ғарб аз фазои кунунии интихоботӣ ва орзуҳои касбии худ изҳори нигаронӣ карда, дастовардҳои бузурги солҳои гузаштаро дар эҷоди эътимод дар муносибатҳои байналмилалӣ ва тавозуни манфиатҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ аз даст медиҳанд [1];

–дар оянда имкони иштироки бевоситаи Ғарб ба задухӯрди ҳарбӣ дар Ховари Миёна ба миён меояд, ки ин хавфи хеле хунин шудани онро барои ҳамаи иштироккунандагон дорад. Сиёсати қатъии дастгирӣ кардани Исроил аз ҷониби ИМА ва Аврупо натанҳо ба сулҳу суботи Ховари Миёна таҳдид мекунад, балки манбаи эҳтимолии шиддати шумораи зиёди кишварҳо мебошад;

–нигаронии дигари кишварҳои аксари ҷаҳон дар заминаи буҳрони Ховари Миёна ба он марбут аст, ки вазъи кунунии муташанниҷ дар ҷаҳон дигар имкон намедиҳад, ки неруи низомиро дар як ҳад нигоҳ дошта, қудратҳои ҷаҳонӣ «хатҳои сурх»–и якдигарро эътироф намоянд ва нисбат

ба мухолифон муносибати эҳтиромона дошта бошанд [1]. Ҳалли зӯрии масъала ва бекурб гаштани арзишҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ниҳодҳои ҳамкорӣ ва амнияти ҷаҳонӣ–СММ, боиси оғози мавҷи нави мусаллаҳшавии бошитоб гашта, дурнамои ҳалли мусолиматомези низоъҳоро норӯшан ва ҳалли муноқишаҳоро дар заминаи хушунат фароҳам меорад. Илова бар ин, имконияти ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо гаштани ҷаҳон ва "бархӯрди тамаддунҳо" эҳтимолияти бештар касб менамояд.

Дар маҷмуъ, шиддати нави низоъ дар Ховари Миёна метавонад натанҳо ба Осиёи Марказӣ, балки ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ таъсири манфӣ расонад, зеро раванди ҷаҳонишавӣ ва вобастагии мутақобила ҳадди миёни равобити мутақобила ва бархӯрдро хеле нозук намудааст. Ҳалли мусолиматомези масъала ва бартараф кардани омилҳои он заминаи мустаҳками истиқрори сулҳ ва фаъолияти ду кишвар дар ҳудуди Фаластин хоҳад буд.

АДАБИЁТ

1) Бордачёв Т. Как мировое большинство видит последствия кризиса на Ближнем Востоке. [электронный ресурс]. URL: https://ru.valdaiclub.com/a/highlights/kak–mirovoe–bolshinstvo–vidit–posledstviya–krizisa. (дата обращение: 18.11.2024)

2) Декларация Бальфура (1917). [электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/ Декларация Бальфура (1917). (дата обращение: 25.11.2024)

3) Звягельская И.Д. Ближний Восток и Центральная Азия. Глобальные тренды в региональном исполнении. – М: Аспект пресс, 2018. 219 с.

4) Как конфликт на Ближнем Востоке может отразиться на Центральной Азии. [электронный ресурс]. URL:https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/politics/20231012/kak–konflikt–na–blizhnem–vostoke–mozhet–otrazitsya–na–tsentralnoi–azii. (дата обращение: 18.11.2024)

5) Мохаммад Реза Дешири. Почему битва в Газе не имеет конца? [электронный ресурс]. URL: https://ru.valdaiclub.com/ a/highlights/pochemu–bitva–v–gaze–ne–imeet–kontsa/ (дата обращение: 18.11.2024)

6) Минобороны США направит к берегам Израиля второй авианосец за неделю. [электронный ресурс]. URL: https://www.forbes.ru/society /498181–minoborony–ssa–napravit –k–beregam–izraila–vtoroj–avianosec–za–nedelu. (дата обращение: 25.11.2024)

7) Суханронӣ дар Саммити муштараки изтирории арабию исломӣ. 11.11.2023. [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/31874. (санаи мурочиат: 18.11.2024)

8) Участие хуситов в войне между Израилем и ХАМАС. u.wikipedia.org/wiki/Участие_хуситов_в _войне_между _Израилем_и_ ХАМАС.

9) Фролов А. Ближний Восток и Центральная Азия: анатомия конфликтности. [электронный ресурс]. URL: https://www.imemo.ru/files/ File/magazines/puty_miru/ 2019/ 02/10–Frolov.pdf. (дата обращение: 15.11.2024)

10) ХАМАС против Израиля и операция «Буря Аль–Акса»: так что там на самом деле. [электронный ресурс]. URL: https://topwar.ru/229601–hamas–protiv–izrailja–i–operacija–burja–al–aksa–tak–chto–tam–na–samom–dele.html. (дата обращение: 25.11.2024)

11) Ханалиев Н.У. Региональная безопасность сквозь призму исторических связей Центральной Азии и Ближнего Востока. [электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/ article/n/regionalnaya–bezopasnost–skvoz–prizmu–istoricheskih–svyazey–tsentralnoy–azii–i–blizhnego–vostoka. (дата обращение: 18.11.2024)

12) Якимова Е. Посильное содействие: влияние американской военной помощи Израилю на развитие экономики и ВПК. [электронный ресурс]. URL: https://ru.valdaiclub.com/a/highlights/posilnoe–sodeystvie/ (дата обращение: 18.11.2024)

ВЛИЯНИЕ ВОЗМОЖНЫХ ПОСЛЕДСТВИЙ БЛИЖНЕВОСТОЧНОГО КРИЗИСА НА ЦЕНТРАЛЬНУЮ АЗИЮ

ШАРИПОВ АМРИДДИН НУРИДИНОВИЧ,
кандидат исторических наук, доцент, ведущий специалист
Управления прогнозирования вопросов региональной безопасности Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел: (+992) 105-50-10-18; e-mail: amrsharif@mail.ru

В статье рассматривается влияние возможных последствий ближневосточного кризиса на Центральную Азию. Автор отмечает, что города Ближнего Востока были разрушены на основе политики эксплуатации земель, а установки Израиля стали основным фактором долговременного режима в регионе. С самого начала конфликта народы Центральной Азии чувствовали его психологическое и культурное воздействие.

В статье отражены влияние современной ситуации на Ближнем Востоке на безопасность Центральной Азии, угроза со стороны экстремистских и террористических организаций, негативная роль ИГИЛ на безопасность региона. Автор указал на влияние нынешнего кризиса

палестино–израильского конфликта с вовлечением других стран. По мнению автора, конфликт на Ближнем Востоке представляет угрозу глобальной безопасности. В статье также показаны официальная позиция стран региона, факторы, влияющие на влияние Ближнего Востока на Центральную Азию и необходимость мирного решения конфликта.

Ключевые слова: *Ближний Восток, Центральная Азия, Арабская весна, Сирия, ИГИЛ, США, Израиль, Хамас, безопасность, современные тенденции, перспектива.*

THE IMPACT OF THE POSSIBLE CONSEQUENCES OF THE MIDDLE EAST CRISIS ON CENTRAL ASIA

SHARIPOV AMRIDDIN NURIDINOVICH,
Candidate of historical sciences, docent, leading specialist of the Department of Forecasting Regional Security Issues of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 89;
tel: (+992) 105-50-10-18; e-mail: amrsharif@mail.ru

The article discusses the impact of the possible consequences of the Middle East crisis on Central Asia. The author notes that Middle Eastern settlements destroyed based on the policy of land exploitation, and Israel's installions became the main factor in the long-term regime in the region. From the very beginning of the conflict, the peoples of Central Asia have felt its psychological and cultural impact.

The article reflects the impact of the current situation in the Middle East on the security of Central Asia, the threat from extremist and terrorist organizations, the negative role of ISIS on the security of the region. The author pointed out the impact of the current crisis of the Palestinian–Israeli conflict with the involvement of other countries. According to the author, the conflict in the Middle East poses a threat to global security. The article also shows the official position of the countries of the region, the factors influencing the influence of the Middle East on Central Asia, and the need for a peaceful resolution of the conflict.

Keywords: *Middle East, Central Asia, Arab Spring, Syria, ISIL, USA, Israel, Hamas, security, current trends, perspective.*

УДК: 327:556(575.3)

МАҚОМИ ДИПЛОМАТИЯИ ОБИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

УМАРЗОДА АМРИДДИН САИДАҲМАД,
унвонҷӯйи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
тел: (+992) 938-38-38-39; e-mail: amriddin0101@mail.ru

Дар шароити муосир об натанҳо сарчашмаи асосии ҳаёт, балки захираи муҳими стратегӣ ва омили асосии амнияти ҷаҳонӣ гардидааст. Бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ва ниёз ба оби тоза, масъалаҳои норасоии об ва обёрии устувор аҳаммияти муҳим пайдо намудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари дороии захираҳои зиёди обӣ буда, дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеи калидӣ дорад. Дар мақолаи мазкур муаллиф нақши Тоҷикистонро дар пешбурди дипломатияи обӣ ва саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар баррасии масъалаҳои глобалии об ва иқлим мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додаанд.

Калидвожаҳо: *Эмомалӣ Размон, Тоҷикистон, Созмони Милали Муттаҳид, дипломатия, об, иқлим ва ғайра.*

Бино ба афзоиши аҳолӣ, тавсеаи масоҳати заминҳои кишоварзӣ, истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои обӣ, тағйирёбии иқлим ва мушкилоти муҳити зист, масъалаи норасоии оби тоза, баҳрабардорӣ аз рӯдхои хурду бузурги фаромарзӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба об ба омилҳои таъсиргузор ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтаанд.

Пайомадҳои мушкилоти об дар минтақаҳои алоҳида нишон медиҳанд, ки он аз мушкилтарин масъалаҳоест, ки инсоният бо ҳама дастовардҳои илмию технологӣ ва тавонмандии худ қудрати ҳалли комили онро надорад. Мушкилоти об печида ва ҳамбаста бо ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон ва ҳаёти ӯ буда, андешидани маҷмуи тадбирҳоеро тақозо менамояд, ки он танҳо дар заминаи даст кашидан аз бисёр манфиатҳои иқтисодӣ ва геосиёсию фаромиллӣ имконпазир аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мушкилоти об дар пайи ду омили асосӣ, ки то ҳанӯз муҳаққиқону коршиносон ва олимон доир ба онҳо хулосаи яксон надоранд, ба вуҷуд омадааст.

– омили якум, антропогенӣ буда, мушкилоти об дар пайи фаъолияти хоҷагидории инсон, алалхусус, рушди босуръати демографӣ ва дар заминаи

он рушди кишоварзию саноатӣ ба вуҷуд омада, инсоният дар тули тамоми таърихи мавҷудияти худ маҳз дар қарнҳои XX ва XXI дағалтарин муносибатро бо табиат раво дидааст, ки худ низ ҳамчун ҷузъи он ба фалокати азим мувоҷеҳ гардидааст. Фаъолияти ҳамарӯзаи инсон ва муносибати ӯ ба табиат, ҳам аз рӯйи ниёзмандӣ ва ҳам бо иродаи бевосита, нишон медиҳад, ки аз ҷониби ҷомеа қонунҳои табиат риоя нагардида, ниёзҳои иқтисодию иҷтимоӣ аз манфиати табиат ва муҳити зист боло гузошта шуда, ҳаққи табиат ҳар лаҳза поймол мегардад. Ин равиш ва тарзи муносибати инсон бо табиат омили аслии пайдоиш ва ташаккули мушкилоти об ва торафт мураккаб гардидани он дар ҷаҳон мебошад;

– омили дуюм, табиист ва як гурӯҳи олимону коршиносон сабаби дигари мушкилоти обро ба он рабт медиҳанд. Аз ин нуқтаи назар даври гидрологӣ дар сайёраи Замин дар марҳалаи муайяни таърихӣ тағйир ёфта, чунин мушкилотро ба вуҷуд меоварад ва он муваққатӣ буда, табиат баъди фосилаи муайян ба ҳолати муътадили худ бармегардад. Аммо гармшавии босуръати иқлим, обшавии пиряхҳо, коҳишёбии бамаротиби захираҳои оби тозаи нӯшокӣ, обхезӣ ва дигар ҳодисаҳои фавқулодаи табиӣ, ки пайомадҳои пешгӯйинашавандаро ба вуҷуд оварда истодаанд, далели возеҳу равшани он аст, ки инсон дар пайи саҳву хатоҳои таърихии худ дар муносибат бо табиат заминаро барои чунин мушкилот фароҳам овардааст ва мушкилоти об асосан дар пайи фаъолияти ғайриоқилонаи худи башарият ба вуҷуд омадааст [4].

Дар шароити муосир яке аз навъҳои дипломатия, ки хусусияти умуиҷаҳониро дар худ касб намудааст, дипломатияи об мебошад. Дипломатияи мазкур солҳои охир аҳаммияти муҳимро касб карда, таваҷҷуҳи давлатҳои ҷаҳон ва ҳои байналмилалиро ба худ ҷалб намудааст. Чуноне маълум аст, солҳои охир дар зовияҳои гуногуни олам чолишҳои мухталифи марбут ба об ба миён омадаанд, ки ҳалли фаврии онҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ тақозо карда мешавад.

Мушкилоти об зарурати ҳалли фаврӣ дорад, ки механизми муҳимтарини он дипломатияи об дар сатҳи байналмилалӣ маҳсуб меёбад. Мафҳуми дипломатияи об дар шароити муосир яке аз навъҳои дипломатияи сиёсати хориҷии кишвар ба шумор меравад, ки падидаи нав набуда, дорои таърихи ташаккул ва рушди худ мебошад. Тибқи арзёбии илмии ватанӣ, мафҳуми «дипломатияи об» шаклан падидаи нав, вале мазмунан раванди таърихӣ буда, он дар ҳамаи даврaҳои таърихӣ дар муносибатҳои ҷонибҳои гуногунарсаи дорои вобастагиҳо ва умумиятҳои обӣ ба таври васеъ истифода гардидааст. Бо дарназардошти воқеиятҳои таърихӣ ва вазъи кунунии муносибатҳо дар соҳаи об дипломатияи обро ба ду қисм ҷудо намудаанд: шакли классикӣ ва муосири дипломатияи об.

Шакли классики дипломатияи об давраи тулонии таърихиро дарбар гирифта, ибтидои он ба фаъолияти дастаҷамъонаи сокинони маскуни ҳудуди ягонаи ҷуғрофӣ барои муштаракан бунёд намудани инфрасохтори гуногуни обрасонӣ рост меояд ва он ҷараёни наҳрсозӣ, бунёди ҷӯю заҳбурҳо ва хатҳои обрасонӣ, ҳавзу дарғот, обёрии заминҳои кишт ва маҳаллаҳои иқомат, идоракунӣ ва тағйир додани маҷрои дарёҳо ва дигар амалкардҳои муштаракро дар соҳаи об дар бар мегирад.

Шакли муосири дипломатияи об бо ҷалби тарафҳо ва ҷонибҳои мухталиф ва гуногунарса аз шакли классикии дипломатияи об тафовут дошта, он аз сатҳи ҳамбастагии ҷуғрофии давлатҳои алоҳида дар соҳаи об ба сатҳи умумият ва ягонагии ҷаҳон дар соҳаи мазкур мегузарад ва фароҷаҳонӣ будани масъалаҳои вобаста ба об, ҳамшарикӣ, вобастагии мутақобилаи кулли ҷомеаи ҷаҳонӣ дар соҳаи об ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи обро фаро мегирад [3].

Чунин вазъият ҳалли мушкилоти обро беш аз пеш мураккаб гардонида, он мушкилоти иқтисодию иҷтимоиро дар ҷомеа ба миён меорад ва густариш мебахшид, дар паҳнои он авзои сиёсӣ низ халалдор шуда, таҳдид ба амнияти давлатӣ ва суботи миллӣ ба маротиб меафзояд. Аз ин рӯ, таъмини амнияти обӣ шарти асосии таъмини амнияти давлатӣ ва суботи комил дар ҷомеа маҳсуб ёфта, он ба қисми таркибии аминяти миллӣ табдил ёфтааст. Бинобар ин, дипломатияи об василаи муҳимтарини баратараф намудани зиддияти байни давлатҳо вобаста ба об мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳоест, ки дар рушди дипломатияи об саҳми калон мегузорад. Махсусан, мақом ва нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар густариши дипломатияи об бузург буда, борҳо аз минбарҳои баланди байналмилалӣ нисбат ба мушкилоти мавҷуда дар соҳаи об суханронӣ ва вобаста ба ҳамкорӣ дар ин самт пешниҳодҳои дахлдор манзур намудаанд**.**

Бо ташабусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои тулонӣ ҳамчун кишвари пешсаф дар ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ оид ба об шинохта шудааст. Аз замони шомил шудан ба Созмони Милали Муттаҳид Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ташаббусҳои муҳимро барои ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои об, аз ҷумла оби ошомиданӣ пешниҳод кардааст. Зимни суханрониҳои худ дар ҷаласаву ҳамоишҳои Созмони Милали Муттаҳид Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аҳаммияти захираҳои об ва хатари гармшавии иқлим таъкид намуда, ҷомеаи ҷаҳониро барои ҳамкории устувор дар ҳалли мушкилоти об даъват карданд. *«Ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад танҳо тавассути муколама ва ҳамкории созанда дар пайдо*

кардани роҳҳои рафъи хатарҳои муосир комёб гардад», – чунин иброз доштанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23 сентябр зимни суханронӣ дар Ҳамоиши Оянда дар Ню-Йорк [7].

Дар доираи ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи об, батадриҷ мафҳуми дипломатияи об ба сатҳи амалӣ баромад. Ин нукта ба ҷаҳониён собит шуд, ки ғояи дипломатияи об аз фаҳмиши анъанавӣ ё классикии он фарқ дошта, роҳандозии технологияҳои нави гуфтушунидеро тақозо мекунад, ки ба анҷоми муваффақонаи ихтилофу муноқишаҳо доир ба идора ва истифодаи захираҳои оби дарёҳои фаромиллӣ мусоидат намоянд. Дар ин раванд ба таҳкими ҳамкорию танзими муносибатҳо таваҷҷуҳ зоҳир мегардад, дар навъи нигариш ва истифодаи обҳои фаромарзӣ миёни кишварҳои минтақа раванди муколама дохил гашта, аз таҷрибаи пешрафтаи якдигар ва ҷаҳон дар ҳалли масъалаҳои баҳсноку низоъангез, аз ҷумла идоракунии захираҳои оби дарёҳои сарҳадгузар, истифода мешавад. Ин иқдом метавонад ба ҳамкории ҷиддии васеъ ва таҳияи созишномаҳои одилона ва оқилона дар робита ба ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ дар минтақаҳои гуногуни дунё оварда расонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ташаббускори фаъол ва пешбари ҳалли масъалаҳои марбут ба об аст, минбаъд низ ҷонибдори истифодаи самараноки захираҳои об хоҳад буд [1].

Дар замони муосир, бо афзоиши талабот ба об ва тағйирёбии иқлим, зарур аст, ки дипломатияи обӣ фаъолона рушд ёбад. Тоҷикистон бо пешниҳод ва амалисозии Ҳадафҳои Рушди Устувор, бахусус ҳадафи 6-уми Созмони Милали Муттаҳид (об ва санитария барои ҳама), кӯшиш мекунад, ки натанҳо дар минтақаи худ, балки дар миқёси глобалӣ саҳми назаррас гузорад. Илова бар ин, Тоҷикистон тавассути ташкили конфронсҳои байналмилалӣ ва форумҳои обӣ кишварҳои дигарро барои ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба дар масъалаҳои об ташвиқ месозад ва таҳрик медиҳад. Ин ташаббусҳо ба эътирофи нақши Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти вобаста ба об ва ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ мусоидат мекунанд.

Дипломатияи обии Тоҷикистон, ки таҳти роҳбарӣ ва ташаббусҳои бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шакл гирифтааст, намунаи барҷастаест аз сиёсати фаъол ва созандаи марбут ба об. Тавассути кӯшишҳои пайваста дар ҳалли мушкилоти об, Тоҷикистон тавонист нақши муҳимми худро дар арсаи байналмилалӣ пайдо кунад ва ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳалли ин масъалаҳои глобалӣ даъват намояд. Дурнамои минбаъдаи дипломатияи обии Тоҷикистон, бо дарназардошти тағйироти глобалӣ, ки ба иқлим ва об таъсир мерасонанд, бо ҳамкории устувор ва иштироки васеи кишварҳои минтақа ба сӯйи рушди устувор равона шудааст.

Ба шарофати сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон кишвари ташаббускор, пешоҳанг ва таъсиргузор дар пешбурди рӯзномаи чаҳонии марбут ба обу иқлим эътироф гардидааст. Дар робита ба пешниҳоди Тоҷикистон қабул гардидани қарори Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи эълон кардани соли 2025 “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” ва 21 март ҳамчун “Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо” бори дигар ин нуктаро тасдиқ намуд.

Ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар соҳаи об пайваста мавриди дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор мегиранд, ки ин ба болоравӣ ва вусъати обрӯву эътибори Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Ин аст, ки имрӯз баррасии тамоми масъалаҳои марбут ба мудирияти захираҳои об, тарҳрезии талошҳои байналмилалӣ барои ҳалли мушкилоти таъмини дастрасии ҳамагонӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва роҳандозии ҳамкорӣ дар ҳама сатҳҳо бо иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Зимнан, бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 декабри соли 2022 қабул гардидани Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи эълони соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», басо муҳим ва боиси ифтихори ҳар як ҳамватани мост. Тавассути ин Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид ҳам “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” ва ҳам “Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо”-ро эълон кард, ки он аз муҳимтарин дастоварди сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад Ҳамчунин, соли 2025 дар шаҳри Душанбе баргузории Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо ба нақша гирифта шуд, ки бозгӯйи мавқеи хос ва пешсафии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим ба шумор меравад.

Мусаллам аст, ки обрӯю нуфуз ва мавқеи устувори кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ дар натиҷаи татбиқи сиёсати хирадмандонаву ҳусни ҳамҷавории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардидааст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз эътироф кардааст, ки Пешвои миллати тоҷик ташаббускори шаш иқдоми бузург: «Соли байналмилалии оби тоза» (2003), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005–2015), «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» (2013), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018–2028), «Соли ҳифзи пиряхҳо” (2025) ва эълони 21 март ҳамчун “Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо» мебошанд, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ амалӣ мегарданд ва ҳар яки он барои аҳли башар ҳаётан муҳим ба шумор меравад.

Мавриди ба зикр аст, ки соли 2021 Панели сатҳи олию баланд доир ба масъалаҳои об ва иқлим зери унвони «Пешвоёни обу иқлим» аз ҷониби Созмони ҷаҳонии обуҳавошиносӣ ва механизми «Созмони Милали Муттаҳид–Об» таъсис дода шуд. Мақсад аз таъсиси Панел, пешбарии

ҳамгироишудаи масъалаҳои обу иқлим дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд аст. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти саҳми арзанда дар пешбурди масъалаҳои обу иқлим дар рӯзномаи ҷаҳонӣ, аз аввалин даъватшуда барои узвият дар ин Панел буданд [5].

Мавриди зикр аст, ки тибқи қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид шуруъ аз соли 2025 ҷаҳон се рӯз пайи ҳам аз 21 то 23 март ҷашнҳои марбут ба об, яъне Рӯзи пиряхҳо, Рӯзи захираҳои об ва Рӯзи обуҳавошиносиро таҷлил хоҳад кард. Зиёда аз ин, конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид, ки аз 22 то 24 марти соли 2023 таҳти раёсати Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд гузаронида шуд, дуюмин конфронс дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад. Хотиррасон бояд кард, ки Конфронси Созмон оид ба мавзуи об охирин бор дар шаҳри Мар де Платаи Аргентина соли 1977 доир гардида буд. Яъне баъд аз 46 сол Конфронси об дар Созмони Милали Муттаҳид дубора баргузор гардид, ки дар саҳифаҳои таърихи он Тоҷикистон мавқеи меҳвариро касб намуд. Инчунин, дар доираи Рӯзномаи амалиёти об кишвари мо аз уҳдадориҳои дар он муқарраргардида истиқбол карда, пайгирии татбиқи васеи онҳоро зарур мешуморад.

Рӯзномаи Амал оид ба об дар се ҳамоиши калидии дарпешистодаи Созмони Милали Муттаҳид, яъне Саммити Ҳадафҳои Рушди Устувор–2023, Саммити Оянда–2024 ва Саммити ҷаҳонӣ оид ба масоили иҷтимоӣ–2025 ва тавассути Форумҳои солонаи сиёсии сатҳи баланд оид ба Ҳадафҳои Рушди Устувор, конфронсҳои ҷонибҳои манфиатдор доир ба масоили иқлим, гуногунии биологӣ, инчунин, дигар равандҳои Созмони Милали Муттаҳид ва албатта, «Раванди оби Душанбе» ба таври мушаххас пайгирӣ карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки Осиёи Марказӣ дорои захираҳои бузурги обӣ мебошад ва Тоҷикистон чун кишвари дорои захираҳои фаровони обии ин минтақа, ки 60% захираи обиро дар бар мегирад, ҷонибдори истифодаи одилона ва оқилонаи ин захираҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад ва татбиқи пайгиронаи дипломатия дар соҳаи обро ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт медонад. Маҳз ба ин хотир дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бунёдгузори он Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, «дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об» дар бахши авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтааст. Дар ин замина, таъкид намудан бамаврид аст, ки дар Консепсияи сиёсати хориҷии ҳеч як кишвари дунё мисли Тоҷикистон ба таври мушаххас масъалаи дипломатияи об баррасӣ нагардидааст. Аз ин рӯ, Тоҷикистон ягона кишвари пешбарандаи дипломатияи об мебошад.

Дарвоқеъ, Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ барои истифодаи сарватҳои табиии худ, аз ҷумла захираҳои обии қаламраваш ҷиҳати рушди устувори кишвар ва таъмини зиндагии шоистаи мардум, ҳуқуқи комил дорад. Аммо ин ҳуқуқи худро дар мавриди истифодаи захираҳои обӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти манфиатҳои муштараки минтақавӣ ва бар пояи усулҳои ҳамҷаворӣ, эҳтиром ва дарки воқеии манфиатҳои мутақобила, муколама ва ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти мавҷуда амалӣ менамояд ва чун кишвари болооб ва манбаи асосии ташаккули захираҳои обии Осиёи Марказӣ ҳеҷ гоҳ барои таъмини минтақа бо об монеа эҷод намекунад [8].

Бо дарназардошти ин мавқеи усулӣ, яке аз вазифаҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат ба таъмини истиқлоли энергетикии кишвар ва саъю талош ҷиҳати ҳалли мушкилот дар ин самт дар руҳияи ҳамкориву мушорикати баробарнафъи минтақавӣ маҳсуб мешавад.

Ҳадаф аз ин ташаббусҳо таъкиди зарурати ҳамкории созанда дар ҳалли масъалаҳои марбут ба об ҷиҳати бақои ҳаёт ва рушди устувори инсоният аст. Вобаста ба ин, яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини нақши созандаи кишвар дар масъалаҳои марбут ба об дар минтақа ва дар арсаи байналмилалӣ мебошад, ки ҳам ба манфиатҳои миллӣ ва ҳам ба нафъи ҷомеаи ҷаҳонӣ созгор аст [2].

Бинобар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрони худ дар Иҷлосияи умумии Конфронси 29-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим нуқтаҳои муҳимми мушкилоти муосирро чунин зикр намудаанд: «Тайи панҷ соли охир мо пайваста шоҳиди солу моҳҳои гармтарин дар тамоми даврaҳои мушоҳидаҳо гашта истодаем: тибқи гузориши коршиносон соли 2024 низ ҳамчун соли гармтарин сабт шуд. Вобаста ба ин, моро зарур аст, ки талошу амалҳои худро ҷиҳати ҳалли мушкилоти иқлимӣ бамаротиб зиёд кунем...

Бо дарназардошти аҳаммияти хосси масъалаҳои зикршуда ва ба мақсади омӯзиши дақиқи таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳои минтақа, Тоҷикистон пешниҳод менамояд, ки бо сарпарастии Созмони ҷаҳонии обуҳавошиносӣ ва дар ҳамкорӣ бо дигар шарикони рушд, дар шаҳри Душанбе Маркази ҳамоҳангсозии минтақавӣ оид ба яхшиносӣ таъсис дода шавад» [6].

Бо дарназардошти муҳиммият ва нақши хос доштани дипломатияи обӣ дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба об дар сатҳи байналмилалӣ чунин аҳаммият ва зарфиятҳои онро муайян намудан мумкин аст:

– дипломатияи обӣ дар шароити муосир яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳимми сиёсати хориҷии давлат мебошад;

– дипломатия обӣ навъи ҳамкории байналмилалӣ миёни давлатҳо, минтақа ва тамоми сайёра ба ҳисоб меравад ва зарурати эҷоди заминаҳои ҳуқуқии барасмиятдарории он ба миён омадааст;

– дипломатияи обӣ тадбири муҳимтарини ҳимоя ва амалисозии манфиатҳои миллии кишварҳо мебошад, ки дар заминаи он ҳар як давлати муосир аз захираҳои обии ҷойдошта метавонанд ба манфиати худ дар сатҳи дахлдор истифода намояд;

– дипломатия обӣ василаи самараноки ҳалли баҳсҳои байнидавлатӣ вобаста ба масъалаҳои истифодабарии захираҳои обӣ мебошад. Таҷрибаи истифодабарии захираҳои обӣ аз ҷониби давлатҳои минтақаҳои гуногун, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, нишон медиҳад, ки сари масъалаи мазкур баҳсҳо то ҳанӯз идома доранд ва давлатҳо ба хулоса омадаанд, ки роҳи ягонаи ҳалли қазияи мазкур дипломатияи обӣ мебошад ва ба роҳ мондани он ба манфиати давлатҳо равона мегардад;

– дипломатия обӣ давлатҳоро водор менамояд, ки нисбат ба мушкилоти ҷойдошта дар соҳаи об, аз қабили кам гардидани оби дарёҳо ва баҳрҳо, кам гардидани пиряхҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба об тадбирҳои самаранок ва муассир андешанд;

– дипломатияи обӣ тадбири асосии иҷрои вазифаҳо ва рушди соҳаҳои дахлдори давлатҳо мебошад. Дар заминаи ташкили дурусти дипломатияи обӣ миёни давлатҳо вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди соҳаҳое чун кишоварзӣ, энергетика ва ғайра амалӣ ва таъмин мегарданд.

Ҳамин тариқ, дипломатия обӣ дар шароити муосир ҷузъи таркибии сиёсати хориҷии давлатҳоро ташкил дода, ҳамкориҳои давлатҳоро дар соҳаи об ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба онро иникос намуда, фишанги муҳимтарини ташкили истифодабарии самараноки захираҳои обӣ аз ҷониби давлатҳо ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ

1. Каримов Р. Дипломатияи об ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [манбаи электронӣ] URL: www.khovar.tj (санаи истифодабарӣ: 5.02.2024)

2. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ] URL: https://www.mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston. (санаи истифодабарӣ: 20.11.2023)

3. Қувватзода С.З. Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи марказӣ: дис. ... докт. илм. сиёсӣ. – Душанбе, 2023. – С. 244-245)

4. Қувватзода С. З. Масоили об дар сиёсати ҷаҳонӣ ва роҳҳои таъмини амнияти обӣ / С. З. Қувватзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. – №4(80).–P. 26-35.–EDN RQRITT.)

5. Сироҷиддин М. Пешвои миллат ва иқдомоти сатҳи ҷаҳонӣ. Эътибори байналмилалии Тоҷикистон қавитар мегардад/М.Сироҷиддин//Международные отношения и безопасность. – 2023.–№ 1(5). – P. 9-16.–EDN MEHIST.)

6. Суханронӣ дар Иҷлосияи умумии Конфронси 29-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим [манбаи электронӣ] URL: https://prezident.tj/event/speeches/48897 (санаи истифодабарӣ: 19.11.2024)

7. Суханронӣ дар Саммити Оянда [манбаи электронӣ] URL: https://president.tj/event/speeches/47729 (санаи истифодабарӣ: 01.11.2024)

8. Шарифзода, С. С. Моҳияти ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим / С. С. Шарифзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. – № 2 (82). – P. 63-73.–EDN EDQQYN.)

РОЛЬ ВОДНОЙ ДИПЛОМАТИИ ТАДЖИКИСТАНА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

УМАРЗОДА АМРИДДИН САИДАХМАД,
соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, ассистент кафедры политологии и связей с общественностью Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Таджикистан, город Душанбе, улица Саида Насира 33;
тел: (+992) 938-38-38-39; e-mail: amriddin0101@mail.ru

В современных условиях вода является не только одним из основных источником жизни, но и важным стратегическим ресурсом, а также ключевым фактором глобальной безопасности. Учитывая рост численности населения и потребность в чистой воде, вопросы нехватки воды и устойчивого водоснабжения приобрели особую значимость. Республика Таджикистан, обладая значительными водными ресурсами, занимает ключевое положение в регионе Центральной Азии. В данной статье автор анализируют роль Таджикистана в продвижении водной дипломатии и вклад Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в рассмотрение глобальных вопросов, связанных с водой и климатом.

Ключевые слова: *Эмомали Рахмон, Таджикистан, Организация Объединённых Наций, дипломатия, вода, климат и др.*

THE ROLE OF TAJIKISTAN'S WATER DIPLOMACY IN MODERN CONDITIONS

UMARZODA AMRIDDIN SAIDAHMAD,
Applicant of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Assistant of the Department of Political Science and Public Relations of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir str. 33;
tell: (+992) 938-38-38-39; e-mail: amriddin0101@mail.ru

In modern conditions, water is not only one of the main source of life but also an important strategic resource, as well as a key factor in global security. Considering the growing population and the need for clean water, issues of water scarcity and sustainable water supply have gained special importance. The Republic of Tajikistan, possessing significant water resources, holds a key position in the Central Asian region. In this article, the author analyze Tajikistan's role in advancing water diplomacy and the contribution of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, in addressing global issues related to water and climate.

Keywords: *Emomali Rahmon, Tajikistan, United Nations, diplomacy, water, climate, etc.*

УДК: 32: 329.7 (575.3)

НИҲОДИГАРДОНӢ–ОМИЛИ МУҲИММИ ТАЪМИНИ ФАЪОЛНОКИИ СИЁСИИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

АСОМАДИНОВ МИРЗОМУҲИДДИН АСЛИДИНОВИЧ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146;
тел: (+992) 935-084-009

АБДУЕВ ХУРШЕД НАРЗАЛИЕВИЧ,
унвонҷӯйи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146;
тел: (+992) 93-555-44-49; email: abduev90@list.ru

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар доираи ниҳодҳо ва ҳолати воридшавии онҳо ба ҳайёти сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Омӯзиш ва ба раванди сиёсӣ ворид шудани ҷавонон, яке аз мавзуҳҳои муҳим барои ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар мақолаи мазкур назари донишмандон доир ба масъалаи ниҳодишавии ҷавонон низ пешниҳод карда шудааст. Ташкилотҳои ҷавонон вобаста ба шакли фаъолияташон ба гурӯҳҳо тақсим шуда, доир ба имкониятҳои фаъолияти ҷавонон дар доираи ниҳодҳо, дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳо пешниҳод шудаанд. Муаллиф ҳангоми таҳияи мақола аз сарчашмаҳои муҳимми илмӣ истифода бурдаасӣ.

Калидвожаҳо: *ниҳодишавии ҷавонон, ҷавонон, фаъолнокии сиёсӣ, маданияти сиёсӣ, ҳаёти сиёсӣ, равандӣ сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ*

Дар шароити муосири аксарияти мамлакатҳо ба масоили фаъолнокии сиёсии ҷавонон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда мешавад. Афзоиши чунин таваҷҷуҳ сабабҳои гуногун дорад ва он дар кишварҳои олам аз ҳамдигар комилан фарқ мекунад. Вобаста ба чунин шаклгирии масъалаҳои фаъолнокии сиёсии ҷавонон, ки боиси таъмини иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва равандҳои сиёсӣ дониста мешавад, мубрамият пайдо мекунад. Аз ҷониби дигар афзоиши таваҷҷуҳ ба фаъолнокии сиёсии ҷавонон ба авҷгирии иштироки онҳо дар солҳои охир дар чорабинию намоишҳои эътирозӣ алайҳи низомҳои сиёсӣ, ҷалби онҳо ба созмону ташкилотҳои мамнуъи тахрибкор ва монанди инҳо алоқаманд аст.

Ниҳодигардонии иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ дар шароити муосир яке аз масоили асосӣ ва муҳим барои ҷалби ҷавонон ба фаъолнокии сиёсӣ ба шумор меравад. Он воситае мебошад, ки тавассути он ҷавонон имкон пайдо менамоянд, ки дар равандҳои сиёсӣ бо шакли дастаҷамъона ва ё инфиродӣ амал намоянд. Он асосан имконияти муттаҳид гардидан ва фаъолият намудани ҷавононро дар доираи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, парлумонҳо ва амсоли инҳо ба вуҷуд меорад. Хусусияти асосии ниҳодишавии ҷавононро дар доираи ниҳодҳо, пеш аз ҳама, мақсаднок ва дастаҷамъона амал кардан, арзишҳои ягона, идеологияи иштирокчиён, зиддиятҳои сиёсӣ, психологӣ ва монанди инҳо ташкил менамояд.

Хусусияти асосии ниҳодҳои ҷавонон дар он мебошад, ки онҳо метавонанд ҳам ҳамчун субъекти сиёсати давлатии ҷавонон (муассисаҳои кор бо ҷавонон) ва ҳам ҳамчун объекти он, (муттаҳид кардани ҷавонон ва дар амал татбиқ намудани ҳолати иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ) баромад намоянд. Ин исботи он аст, ки ниҳодҳо барои амалӣ сохтани ҳадафҳои сиёсӣ, афзоиши ҳавасмандӣ барои иштирок дар равандҳои сиёсӣ, ҳамгироӣ дар доираи манфиатҳои умумӣ мусоидати бевосита менамоянд.

Ниҳодигардонӣ–ҷараёни ба ниҳодҳо табдил додани ҳама гуна муносибатҳо, яъне шакли ташкили муносибатҳо бо қоида, меъёрҳои муқарраршуда ва ҳолати худтанзимкунандагии онҳо мебошад.

Ниҳодҳои ҷавонон асосан дар заминаи омилҳои зерин бунёд карда мешаванд:

1. Ниҳодҳое, ки дар заминаи сохтори ниҳодҳои қаблӣ бунёд карда мешаванд.

2. Ташкилотҳое, ки дар заминаи созмонҳои байналмилалӣ бунёд карда мешаванд.

3. Созмонҳои нави ҷавонон, ки аъзои худро дар асоси манфиатҳои умумӣ муттаҳид менамоянд.

Ба андешаи муҳаққиқ И.М. Илинский, ташкилотҳои ҷавонон системаи иҷтимоиест, ки мувофиқи мафкураи муайян, мақсади умумӣ ва вазифаҳои мушаххас дар асоси манфиатҳо ва талаботҳои одамоне, ки онҳо муттаҳид мешаванд, ташаккул меёбанд [4.46]. Ҳолати амалишавии фаъолнокии сиёсии ҷавонон аз низоми сиёсӣ, муносибати фаъоли ниҳодҳои ҷавонон ба низоми сиёсӣ, вазъи иқтисодию сиёсии кишвар ва шавқу рағбати онҳо вобаста мебошад. Низоми сиёсӣ низ ба фаъолнокии сиёсии ҷавонон ва вазъи ниҳодишавии онҳо таъсири бузурге мерасонад. Зеро бидуни мавҷудияти заминаҳои ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби низоми сиёсӣ муқарар карда мешавад, бунёди ниҳодҳои сиёсӣ ва ниҳодишавии қишрҳои гуногуни ҷомеа, махсусан ҷавонон ғайриимкон мебошад. Ҳолатҳои иқтисодӣ ва

иҷтимоӣ дар рафти ниҳодишавии ҷавонон таъсиргузор аст. Соҳаҳои зикршуда дар сатҳи қаноатбахш ташаккул ёбанд, ин ҳолати ниҳодишавии ҷавононро дар шакли самаранок ба вуҷуд меорад. Дар сатҳи хуб қарор гирифтани соҳаҳои мазкур имкони дар доираи манфиатҳои миллӣ амал кардани ҷавононро бештар менамояд. Дар ҳоли худкома будани низоми сиёсӣ, ғайриқаноатбахш будани соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҷавонон бештар фаъолияти махфиёнаи дастаҷамъонаро роҳандозӣ мекунанд, ки бар зарари аҳли ҷомеа мебошад.

Дар ҷомеаҳои суннатӣ таъсири оила, арзишҳои анъанавӣ ба фаъолнокии сиёсӣ таъсири зиёд дошта, дар ниҳодишавии он низ нақш доранд. Пажуҳишҳое густариш ёфтаанд, ки дар онҳо таъсири ниҳодҳои ибтидоии ҷомеапазирӣ, амсоли оила ё мактаб ба сатҳи фаъолнокии сиёсии ҷавонон омӯхта мешаванд. Интихоби ин мавзуъ аз таъсири зиёд расондани оила ба фаъолнокии сиёсии ҷавонон бармеояд ва ин дар пажуҳиши муҳаққиқон С.Швасер ва Д.Коннор [10. 253–272] нишон дода шудааст. Онҳо ошкор кардаанд, ки ба сатҳи иштироки сиёсӣ мактаб ва оила таъсири бештар мерасонанд. Таъсири арзишҳои анъанавӣ ва оила дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ниҳодигардонии ҷавонон дар сиёст баръало мушоҳида мешаванд. Ҷавонон ҳангоми иштирок дар доираи ниҳодҳои муайяни сиёсӣ ва ё фаъолияти худ дар равандҳои сиёсӣ арзишҳои анъанавӣ ва диниро бештари ҳолат ба инобат мегиранд. Дар баъзе мавридҳо ин омилҳо боиси он мегарданд, ки ҷавонон аз иштирок дар ниҳодҳо ва равандҳо даст кашанд. Муҳити оила ва махсусан падару модар, дар шаклгирии рафтори сиёсии ҷавонон бетаъсир нестанд. Ҳолати вобастагии ҷавонон аз волидайн ҳангоми ниҳодишавии онҳо ба назар мерасад. Ҳолати зикршуда аз як тараф ҷанбаи мусбат дошта, дар пешгирии баъзе амалҳои манфӣ мусодат менамояд, аммо суръати ниҳодишавии ҷавононро то андозае суст мегардонад. Бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи ниҳодишавии ҷавонон дар шароити кишвари мо, бояд омилҳои зерин ба инобат гирифта шавад:

а) таълими ибтидоӣ дар сатҳи баланд ва бо дар назардошти ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба роҳ монда шавад.

б) ҷавонон дар руҳияи худшиносӣ, ватандустӣ ва ифтихори миллӣ тарбия карда шаванд.

в) барои тамоми қишрҳои ҷомеа имкониятҳои баробар фароҳам оварда шавад.

Ба проблемаи таъсири даромадҳо ва маълумот ба сатҳи фаъолнокии сиёсӣ таҳқиқоти дастаҷамъонаи муаллифон А. Барбоз, Ф. Портилло, Ҷ. Уилкинсон ва В. Дубеукс бахшида шудааст. Онҳо робитаи байни даромади моддӣ, синнусол, дараҷаи маълумот ва сатҳи иштироки сиёсиро ошкор

кардаанд. Маълум шудааст, ки ба дараҷаи иштироки сиёсӣ сатҳи даромадҳои моддӣ, синнусол ва маълумот таъсиргузор аст. [9, 59] Дар шаклгирии фаъолнокиии сиёсии ҷавонон ва ниҳодишавии онҳо нақши даромадҳои моддӣ низ арзиши бузурге доранд. Ҷавононе, ки даромадҳои моддии хуб доранд, асосан ба ду қисм, вобаста ба дараҷаи фаъолияташон, ҷудо мешаванд:

а) ҷавононе, ки сатҳи баланди ниҳодишавии сиёсиро доро мебошанд;

б) ҷавононе, ки ба ниҳодишавии сиёсӣ бетаваҷҷуҳанд ва онҳо бештар ба омилҳои дигар, ба монанди даромади бештари молиявӣ, вақтхушӣ ва монанди инҳо машғуланд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар шароити муосир баҳри ниҳодишавии ҷавонон дар шароити аксари кишварҳо мусоидат мекунанд. Дар зери мафҳуми иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ташкилотҳое дар назар дошта мешавад, ки дар он асосан ҷавонони синну соли аз 14 то 35 сола бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои худ, манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва фаъолияти сиёсӣ муттаҳид мешаванд. Ин ташкилотҳо дар асоси оиннома таъсис дода мешаванд ва дар асоси принсипҳои муайян фаъолият намуда, вазифаҳои худро анҷом медиҳанд [3,15–17]. Ниҳодигардонии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ҳамзамон, барои рушди минбаъдаи онҳо, фаъолияти сиёсӣ, эҷодӣ ва баланд бардоштани ҷаҳонбинии онҳо мусоидат менамояд, зеро ин ташкилотҳо дар асоси мақсадҳои муайян ташкил карда шудаанд ва ҳамзамон, ҳадафҳои муайяни худро доранд.

Ташкилотҳои иҷтимоие, ки дар байни ҷавонон таъсис дода мешаванд, вобаста ба хусусияти фаъолият ва фарогирии масъалаҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд ва ҳар кадоми онҳо вазифаҳои худро доро мебошанд, аммо, новобаста аз ин ҳолат, дар байни онҳо робитаи доимӣ ҷой дорад. Ҳамзамон, ин иттиҳодияҳо метавонанд боиси рушди ҷавонон гарданд, агар дар ҳоле ки манфиатҳои онҳоро ба пуррагӣ фаро гирифта тавонанд. Натиҷаи фаъолияти итиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, шакли татбиқи ҳадафҳои гузошташуда ва роҳҳои ҳалли масъалаҳо вобаста мебошад. [7, 11–16]

Ба андешаи донишмандон Бутрим Н.А., ва Хотемова Л.В. иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. Ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсии ҷавонон;
2. Ташкилотҳои иттифоқҳои касабаи донишҷӯён;
3. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ғайрисиёсӣ. [2, 19]

Ҳамзамон, вобаста ба типологияи ташкилотҳои ҷавонон, назарияҳои дигари илмӣ низ ҷой доранд. Тақсимоти мазкур ташкилотҳои ҷавононро, вобаста ба имконият, шаклҳои қонунгузорӣ ва шароитҳои минтақаҳои

гуногун, аз ҳамдигар фарқ мекунонад. Вобаста ба ин, шаклҳои зерини ташкилотҳои иҷтимоии ҷавонон ҷой доранд:

– ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ғайритиҷоратии ҷавонон, ба монанди созмонҳои сиёсӣ, динӣ, донишҷӯён ва дигарон мебошанд, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиат ба даст оварда наметавонанд, зеро худи ташкилотҳо чунин ҳадафро фарогир нестанд;

– ташкилотҳои тиҷоратии ҷавонон, ки ҳадафашон, пеш аз ҳама, дар доираи фаъолияти оинномавиашон ба даст овардани манфиатҳои иқтисодӣ мебошад;

– корхонаҳои ҷавонон, ки созмони ғайритиҷоратии ҷавонон буда, танҳо дар он аксари коргаронро ҷавонони қобили меҳнат ташкил медиҳанд.

Вобаста ба тарзи фаъолияти худ, ташкилотҳои ҷавононро ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим намудан мумкин аст, ки ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ вобаста ба манфиатҳояшон фаъолият менамоянд. Гурӯҳи аввали ташкилотҳои ҷавононро созмонҳои тиҷоратӣ ва гурӯҳи дуюмро бошад, созмонҳои ғайритиҷоратӣ ташкил медиҳад. Тафовути асосӣ дар байни ташкилотҳои мазкур, пеш аз ҳама, шакли фаъолият ва дастрасӣ ба манфиатҳо мебошад. Агар мақсади узвият пайдо кардан ба ташкилотҳои хусусияти иқтисодидоштаро гирифтани манфиатҳои иқтисодӣ ташкил намояд, пас мақсади узвият ба иттиҳодияҳои иҷтимоиро ҳалли мушкилоти иҷтимоии худи шахс, созмон ва аҳли ҷомеа ташкил менамояд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон нисбат ба дигар шакли иттиҳодияҳо таъсири бештарро ба ҳаёти сиёсӣ ва шаклгирии равандҳои сиёсӣ мерасонанд. Онҳо иштирокчии бевоситаи равандҳои ҳассоси ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошанд. Дар айни замон онҳо ҳам ба сифати объект ва ҳам ба сифати субъект дар ҳаёти сиёсии ҷомеа баромад менамоянд.

Ба андешаи муҳаққиқ Д.Накашидзе, сиёсати давлатии ҷавонон дар асоси фаъолияти ташкилотҳои ҷавонон ба роҳ монда мешавад. Ҳамзамон, онҳо ба рушди минбаъдаи ҳаёти сиёсӣ ва равандҳои сиёсӣ таъсир мерасонанд. [5, 200]

Ибтидои солҳои 90–уми асри гузашта барои Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи нави инкишофу тараққиёт оғоз гардид, ки махсусиятҳои хосси худро доро буд. Дар ин марҳала ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ комилан тағйир ёфта, дар шаклҳои нав зоҳир мегардид. Ҳамзамон, он марҳалаи нав барои рушди ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва ниҳодҳои дигари сиёсӣ дониста мешуд. Солҳои 90–ум барои бунёди ташкилоту иттиҳодияҳои ҷавонон раванди хеле пурҷӯшу хурӯш дониста мешавад. Дар ин марҳала созмонҳои зиёде ташаккул ёфтанд, ки дар асоси манфиатҳои муайяни гурӯҳӣ ҷавононро ба сафи худ ҷалб менамуданд. Мақсади асосии ташкилотҳои номбурда қонеъ сохтани талаботу манфиатҳои онҳо ба ҳисоб мерафт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди расман соҳибистиқлол гардидан ба масъалаҳои гуногуни ҷавонон таваҷҷуҳи бевосита равона намуда, онҳоро яке аз пойдеворҳои асоси барои ташаккули давлати миллии тозаистиқлол мешуморид. Махсусан, ниҳодигардонӣ ва дар доираи ниҳодҳои муайян фаъолияти самаранок намудани ҷавонон, ба даст овардани натиҷаҳои самарабахш барои рушди оянда, ҳадафҳои асосии давлату ҳукумати кишварро ташкил медоданд. Масъалаи ниҳодигардонии иштироки ҷавонон дар сиёсат, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои рӯзмарра барои кишвари мо ба шумор меравад, зеро баъди соҳибистиқлолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар доираи ниҳодҳои муайян амал намудани ҷавонон масъалаи муҳим дониста мешуд. Бунёди шароити арзанда барои фаъолияти ҷавонон дар доираи ниҳодҳо ба рушди минбаъдаи давлат мусоидат менамояд, зеро асоси фаъолияти ҷавонон бештар дар доираи ниҳодҳо ба роҳ монда мешавад. Ҳамзамон, фаъолияти сиёсии ҷавонон дар доираи ниҳодҳо натиҷаи хуб медиҳад. Натиҷаи фаъолияти ҷавонон дар аксари кишварҳо нишон медиҳад, ки фаъолияти сиёсии дастаҷамъона ва ниҳодишуда самаранок ва барои ҳалли мушкилоти асосии аҳли ҷомеа ва ҷавонон мусоидат менамояд. Ҳолати мазкур дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бараъло ба мушоҳида мерасад. Тайи солҳои охир ҷавонон як қисми фаъоли аҳли ҷомеаи Тоҷикистонро ташкил менамоянд ва иштирокчии фаъолу бевосита дар равандҳои сиёсӣ мебошанд. Онҳо бештар дар чорабиниҳои сатҳи баланди давлатӣ фаъолият менамоянд. Ҳамзамон, дар доираи ниҳодҳои муайян, махсусан ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷавонон, бештар амал мекунанд. Ин ҳолат, аз як тараф, ба рушди маърифати сиёсии ҷавонон мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, имкони иштирок дар раванди сиёсӣ барои ҷавононро муҳайё месозад. Самти дигари манфиатноки дар доираи ниҳодҳо амал намудани ҷавонон дар он аст, ки дар чунин ҳолат онҳо дар доираи манфиатҳои миллӣ амал намуда, эҳсоси баланди худшиносии миллӣ дар онҳо ташаккул меёбад.

Хусусиятҳои зоҳиршавии ниҳодишавии фаъолнокии ҷавононро дар чорчӯбаи фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ хубтар мушоҳида кардан мумкин аст. Дар марҳалаи муосир ҷомеаи ҷаҳониро равандҳои нав фаро гирифта, марҳала ба марҳала афзоиш ёфта истодаанд, ки ба фаъолияти минбаъдаи ҷавонон ва рушди давлатҳо таъсири амиқ мегузорад. Яке аз чунин равандҳои муосир афзоиш ёфтани фаъолияти сиёсии ҷавонон дар доираи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Имрӯзҳо насли ҷавон ба тамоми масъалаҳои давлатию ҷаъиятӣ, аз ҷумла сиёсати дохилию хориҷии кишварашон, таваҷҷуҳи ҷиддӣ доранд. Ҷавонони муосир танҳо муҳокимакунандаи мушкилоти даври худ набуда, ҳамзамон,

кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки тавассути фаъолият дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ баҳри ҳал намудани мушкилоти ҷойдоштаи ҷомеа саҳмгузорӣ намоянд ва ҳолати мазкур дар амалияи ҷамъиятӣ ба хубӣ намудор мебошад. Ҳолати мазкур нишонаи боло рафтани маданияти сиёсии онҳо мебошад, зеро фаъолнокии сиёсӣ ва муҳокимарониҳо бидуни донишҳои кофии сиёсӣ ҷой дошта наметавонанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди ҳаёти ҷомеа нақш ва мавқеи асосиро ишғол намуда, баҳри фаъолияти сиёсӣ имкониятҳои васеъро фароҳам меоваранд. Онҳо дар равандҳои сиёсии ҷомеа яке аз иштирокчиёни асосӣ ба шумор рафта, бо фаъолияти худ ба равандҳои сиёсӣ таъсиргузор мебошанд. Махсусан, дар шароити бунёди ҷомеаи демократӣ мавҷудият ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ амри зарурӣ мебошад, зеро яке аз нишонаҳои асосии ҷомеаи демократӣ низ мавҷудияти ҳизбҳои сиёсӣ аст.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бисёрҳизбӣ амал менамояд, ки ин барои боз ҳам вусъат ёфтани гуногунандешӣ, ки яке аз принсипҳои асосии ҷомеаи демократӣ мебошад, заминаи асосиро мегузорад. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳафт ҳизби сиёсӣ расман амал менамояд ва дар равандҳои интихоботӣ бо барномаҳои мушаххаси худ иштирок менамоянд. Барномаҳои пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсӣ бештар ба масоили рушди соҳаҳои асосии кишвар нигаронида шудаанд.

Ҷавонон қисми чудонашаванда, неруи пешбаранда ва иштирокчии бевосита дар рафти интихоботҳо мбошанд. Аз ин хотир, ҳизбҳои сиёсии амалкунанда дар шароити мо низ ба масъалаи ҷавонон дар барномаҳои пешазинтихоботии худ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Яке аз ҳизбҳои фаъол дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон–Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад, ки дар рафти фаъолияти худ ба масъалаи ҷавонон ва фаъолияти онҳо дар ҳаёти сиёсӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. «ҲХДТ ба ҷавонон ҳамчун неруи созанда, боэътимод ва сармояи пойдори инсонӣ такя карда, онҳоро дар ташаккул ва амалисозии иқдомҳои созгор ва ташаббусҳои навовар дар самти рушди илму техника ва технологияҳои муосир ва ободиву пешрафти босуботи кишвар дастгирӣ менамояд». [1,8]

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози давлатдории худ ба масъалаҳои ҷалби ҷавонон дар доираи ниҳодҳо, ниҳодишавии онҳо, бо қабули як қатор барномаю қонунҳо ва таъсиси ниҳодҳои марбут ба ҷавонон, барои самаранокии фаъолнокии сиёсии ҷавонон шароити арзандаро ба миён овардааст. Боиси қаноатмандист, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди ҷавонон ва фаъолияти онҳо иқдомҳои лозимаро анҷом медиҳад ва пайваста дастгирии ҳамаҷониба менамояд.

– Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварест, ки ҷавонони он фарҳанги сиёсии хос доранд ва дар равандҳо фаъолият мекунанд. Имрӯзҳо дар кишвар

шаклҳои гуногуни ниҳодҳо амал менамоянд, ки аъзои фаъоли онҳо ҷавонон мебошанд.

– Ниҳодҳои мазкур, аз ҷумла ҳизбҳо, созмонҳои ҷавонон, ташкилотҳои ҷавонон, дар ниҳодигардонӣ ва шакли иштироки ҷавонон таъсиргузоранд.

– Дар қатори ниҳодҳо ба шакли фаъолияти сиёсии ҷавонон дар Тоҷикистон омилҳои дигар низ таъсир мерасонанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҷавонон солҳои охир дар равандҳои сиёсӣ фаъолияти хуб ва назарррас доранд.

АДАБИЁТ

1. Барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025.

2. Бутрим, Н.А. Общественные и добровольческие объединения: сущность и практика деятельности [Текст] / Н.А. Бутрим, Л.В. Хотемова. – Сыктывкар, 2014. – 19 с.

3. Донская, И.Н. Правовое регулирование молодежных общественных организаций [Текст] / И.Н. Донская // Актуальные проблемы борьбы с преступлениями и иными правонарушениями. – 2013. – № 11. – С.15–17

4. Ильинский, И.М. Молодежь и молодежная политика. Философия. История. Теория [Текст] / И.М. Ильинский. – М.: Голос, 2001. – С.46.

5. Накашидзе, Д.Д. Молодежные общественные организации как принципиально новое явление для российского общества [Текст] / Д.Д. Накашидзе // Проблемы общественного развития. – 2016. – №7 (7). – С.202–205.

6. Сайидзода, З. Ш. Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба пайомадҳои манфии ҷаҳонишавӣ. [Матн]/ З. Ш. Сайидзода. –Душанбе: Контраст, 2014. С. 66.

7. Чуйков, О.Е. Молодежная общественная организация как институт гражданского общества [Текст] / О.Е. Чуйков // Известия Юго–Западного государственного университета. Серия: История и право.–2015, №1.–С.11–16.

8. Эмомалӣ Раҳмон. Ҷавонон–созандагони фардои ҷомеа. Душанбе: Деваштич, 2008.

9. Barbosa, L. Trust, participation and political consumerism among Brazilian youth / L. Barbosa, F. Portilho, J. Wilkinson, V. Dubeux // Journal of Cleaner Production. 15 January 2014. – Vol. 63. – P.59.

10. Schwarzer, S. Political Engagement Among the Youth: Effects of Political Socialization Across Europe // Democracy in Transition. Political

Participation in the European Union. – Springer–Verlag Berlin Heidelberg. – 2013. – P.253–272.

ИНСТИТУЦИОНАЛИЗАЦИЯ – ГЛАВНЫМ ФАКТОРОМ ПОЛИТИЧЕСКИЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МОЛОДЕЖИ В УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКИСТАНА

АСОМАДДИНОВ МИРЗОМУХИДИН АСЛИДИНОВИЧ,
кандидат политических наук, доцент кафедры философии и политологии Таджикского аграрного университета имени Шириншо Шотемура
734003, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 146;
тел: (+992) 935-084-009

АБДУЕВ ХУРШЕД НАРЗАЛИЕВИЧ,
соискатель кафедры философии и политологии Таджикского аграрного университета имени Шириншо Шотемура
734003 Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 146;
тел: (+992) 93-555-44-49; email: abduev90@list.ru

В данной статье исследуются вопросы политической деятельности молодёжь внутри институтов и состояние их вхождения в политическую жизнь. Исследование вовлечения молодежи в политический процесс является одной из важнейших тем для современного Таджикистана. В данной статье также представлены взгляды ученых на проблему институционализации молодежи. Молодежные организации разделены на группы в зависимости от формы их деятельности и представлены мнения о возможностях молодежной активности в рамках учреждений в современных условиях Республики Таджикистан. При подготовке статьи автор использовал важные научные источники.

Ключевые слова: *молодежная организация, молодежь, политическая активность, политическая культура, политическая жизнь, политический процесс, общественные объединения.*

INSTITUTIONALIZATION IS AN IMPORTANT FACTOR IN ENSURING THE POLITICAL ACTIVITY OF YOUNG PEOPLE IN THE MODERN CONDITIONS OF TAJIKISTAN

ASOMADINOV MIRZOMUHIDDIN ASLIDINOVICH,
candidate of political sciences, associate professor of the Department of Philosophy and Political science of the Tajik agrarian University named Shirinsho Shotemur
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 146;

tel: (+992) 935-084-009

ABDUEV KHURSHED NARZALIEVICH,
candidate of the Department of Philosophy and Political science of the
Tajik agrarian University named Shirinsho Shotemur
734003 Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 146;
tel: (+992) 93-555-44-49; e-mail: abduev90@list.ru

This article examines the issues of political activity of youth within institutions and the state of their entry into political life. The study of youth involvement in the political process is one of the most important topics for modern Tajikistan. This article also presents the views of scientists on the problem of institutionalization of youth. Youth organizations are divided into groups depending on the form of their activities and opinions are presented on the possibilities of youth activity within institutions, in the modern conditions of the Republic of Tajikistan. During the preparation of the article, the author used important scientific sources.

***Keywords**: youth organization, youth, political activity, political culture, political life, political process, public associations.*

УДК: 327(575.3)

АРЗЁБИИ РАВАНД ВА ТАҶРИБАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН АЗ НАЗАРИ ОЛИМОНИ ҒАРБ

МАДИМАРОВА ГУЛҲАЁ МАДИМАРОВНА,
ходими пешбари илмии шуъбаи Аврупоии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел: (+992) 905-12-35-35, e-mail: gulhayom9@gmail.com

Дар мақола раванди барқарорсозии ва таҷрибаи сулҳи тоҷикон, бо тамаркуз ба назарҳо ва таҳқиқоти олимони Ғарб, баррасӣ гардидааст. Сабабҳои бесуботӣ дар кишвар, ки солҳои 1992 то 1997 идома дошт, омӯхта шуда, роҳҳои муассир барои ҳаллу фасли он ва барқарор намудани сулҳи устувор мусоидат карданд, таҳлил ва арзёбӣ мешаванд. Эҷоди хусусиятҳои таҷрибаи тоҷикон дар қаринаи сулҳсозии байналмилалӣ дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Дар мақола омилҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ, ки ба раванди сулҳ таъсир расониданд, баррасӣ гардидааст. Паҳлуҳои фарҳангӣ ва таърихиро, ки метавонанд барои минтақаҳои дигаре, ки аз ихтилофот осеб дидаанд, муфид бошанд, равшан месозад. Дар асоси таҳлил тавсияҳо барои иқдомҳои ояндаи сулҳсозӣ пешниҳод мешаванд, ки аҳаммияти инъикоси таҷрибаҳои маҳаллӣ ва равишҳои байналмилалиро барои ба даст овардани сулҳи устувор таъкид мекунанд.

Калидвожаҳо: *барқарорсозии сулҳ, раванди сулҳи тоҷикон, нуқтаи назар, ҳалли низоъҳо, олимони ғарбӣ, қаринаи фарҳангӣ, равобити байналмилалӣ.*

Раванди ноил гардидан ба истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон, таҳкими истиқлоли давлатӣ, хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва бунёди шароитҳои мусоид баҳри муътадил гардонидани авзои сиёсии ҷомеъа аз ҷумлаи масъалаҳое буданд, ки таваҷҷуҳи олимони ҷабҳаҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ ва соири муаллифонеро, ки дар таҳқиқи масоили ризояти миллӣ ва сулҳ–ҳамчун падидаи демократикунонии ҷомеа саҳм гирифтаанд, ба худ ҷалб мекунад. Дар даҳсолаҳои пеш дар Тоҷикистон тағйироти ҷиддии марбут ба равандҳои мусолиҳа ва ризояти миллӣ ба амал омад. Марҳалаҳои муҳимтарини ин раванд талошҳои дохилӣ ва берунӣ буданд, ки ба эътидол ва рушди кишвар пас аз ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 нигаронда шудаанд. Тоҷикистон низ мисли бисёре аз кишварҳои пасошуравӣ дар вазъи мусолиҳаи миллӣ, ки ҷанбаҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад, қарор дошт. Унсурҳои

асосии ин раванд иборат буданд аз муколамаи сиёсӣ ва роҳбарии фарогир, механизми асосии мусолиҳа, ташкили муколамаи миллӣ, иштироки гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ ва ҷомеаҳои этникиро таъмин мекард. Барқарор кардани иқтисод ва барномаҳои иҷтимоӣ низ аз унсурҳои муҳимми раванди сулҳ дар кишвар буд. Маҳз дар ҳамин давра мардуми Тоҷикистон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ барои бо роҳи осоишта, бо созиш ва ҳаллу фасли муноқишаи фоҷиабор қувва ва имкон пайдо карда, Консепсияи густурдаи мусолиҳаи миллиро таҳия намуданд, ки пояи он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст. Ҳукумати кишвар аз рӯзҳои аввали давлатдории худ Консепсияи оштии миллиро ҳамчун ғояи ба тартиб даровардани ихтилофот пешниҳод кард, ки тибқи он баҳсҳо набояд бо истифода аз зӯроварӣ ҳал шаванд. Аз ин рӯ, барои тоҷикон таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ ва таҳкими истиқлоли комил муҳимтарин ҳадаф буд, ки тамоми саъю кӯшиш бо роҳи ҳал ва расидан ба он равона карда шуд. Тасодуфӣ нест, ки тамоми сокинони кишвар сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати ҷумҳуриро гарму ҷӯшон ва самимона дастгирӣ карданд.

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон, дар соҳаи омӯзиши бунёди сулҳ ва низоъҳо, арзёбии таҷрибаи бунёди сулҳ ва инчунин, дар бораи он, ки ҷомеа чӣ гуна аз низоъ ба субот мегузаранд, фаҳмиши нави методологӣ медиҳад. Тоҷикистон бо азнавсозии баъдиҷангии худ мисоли равшане аст, ки таваҷҷуҳи олимон ва муҳаққиқони сулҳомӯзи дунёро мудаввом ва торафт бештар ба худ ҷалб мекунад. Бинобар ин, мо низ кӯшиш намудем, ки андешаҳои илмӣ, дурнамо ва таҳлилҳои коршиносони Ғарб, аз ҷумла кишварҳои Аврупоро, ки талошҳои сулҳи Тоҷикистонро аз дидгоҳҳои гуногун бодиққат баррасӣ ва шарҳ додаанд, арзёбӣ мекунем. Муҳаққиқони аврупоӣ барои омӯзиши амалияи ҷаҳонии сулҳпарварӣ аз дониши фаровон ва ҷиддии методологӣ бархӯрдоранд. Арзёбии онҳо дар бораи таҷрибаи бунёди сулҳ дар Тоҷикистон андешаҳоеро пешниҳод мекунад, ки аз чаҳорчӯби назариявӣ ва таҳқиқоти таҷрибавӣ шакл гирифтааст. Ҳадафи ин мақола низ ҷамъбасти ин дурнамоҳо тавассути пешниҳоди арзёбии ҳамаҷониба дар бораи он, ки олимони аврупоӣ равандҳо ва натиҷаҳои ташаббусҳои сулҳҷӯёнаи Тоҷикистонро чӣ гуна дарк ва интиқод кардаанд, мебошад.

Тавре дар боло зикр гардид, ба даст овардани ризояти миллӣ, истиқлол ва соҳибихтиёрии давлатдории Тоҷикистон дар натиҷаи бомуваффақият рафъ намудани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва ҳалли ҳама гуна низоъҳои дохилӣ мавриди таваҷҷуҳи бештари олимони ҷомеашиноси кишварҳои гуногун, махсусан, олимон ва муҳақиқони Аврупоро қарор гирифтааст. Аҳаммияти раванди сулҳи тоҷикон аз таъсири бевоситаи он ба

суботи миллӣ фаротар аст. Олимон аҳаммияти муколамаи фарогир ва нақши ҷонибҳои мухталифи манфиатдорро дар мусоидат ба сулҳ таъкид кардаанд. Ҳадаф омӯхтани дурнамои пажуҳишгарони ғарбӣ дар бораи раванди сулҳи тоҷикон бо таъкид ба мавзуъҳои калидӣ, аз қабили зарурати иштирок дар музокирот, нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва чолишҳои татбиқи сулҳи пойдор дар ҷомеаи пас аз низоъ мебошад. Ин ҷанбаҳои пажуҳиш равшан месозанд, ки чӣ гуна заминаи беназири таърихӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо чаҳорчӯбҳои назариявӣ дар таҳқиқоти сулҳ ҳамкорӣ мекунад ва дар ниҳоят мубоҳисаро дар бораи стратегияҳои муассири бунёди сулҳ ғанӣ мегардонад. Чунонки зикраш рафт, таҷрибаи сулҳ дар Тоҷикистон дар айни замон объекти таваҷҷуҳи махсуси сиёсатшиносон, ҷамъиятшиносон ва таърихшиносони кишварҳои дунё, бахусус дунёи Ғарб, мебошад. Раванди барқарорсозии сулҳи тоҷикон нишон медиҳад, ки сиёсатшиносони хориҷӣ бояд ин муваффақиятҳои бозгашти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиро дар пажуҳишҳои худ обективона инъикос намоянд. Омӯхтани он дар бисьёр мамлакатҳо ва минтақаҳои ба низоъ дучоршуда, муборизаи онҳоро хеле осон карда, ҳалли осоиштаи мушкилот ва ихтилофоти ҷомеаро таъмин мекунад.

Дар соҳаи омӯзиши сулҳ ва низоъҳо арзёбии таҷрибаи бунёди сулҳ ва чӣ гуна ҷомеаҳо аз низоъ ба субот мегузаранд, сулҳи тоҷикон фаҳмиши интиқодӣ ва заминавӣ медиҳад. Фаъолияти таҳқиқотии онҳо натанҳо фаҳмиши моро дар бораи таҷрибаи беназири бунёди сулҳи тоҷикон васеъ мекунад, балки ба муколамаи глобалӣ доир ба стратегияҳои самараноки ҳалли низоъҳо ва сулҳи пойдор мусоидат менамояд.

Тоҷикистон бо шароити хосси таърихӣ ва иҷтимоию сиёсии худ намунаи боварибахши чунин гузаришро пешкаш намуда, барои таҳлил ва фаҳмиши муқоисавӣ имкон фароҳам меорад. Пажуҳишҳо доир ба раванди сулҳ дар Тоҷикистон натанҳо ба мубоҳисаҳои илмӣ мусоидат мекунанд, балки фаҳмиши моро дар бораи он, ки фарҳангҳо ва системаҳои сиёсӣ чӣ гуна бо мушкилоти барқарорсозии пас аз низоъ мубориза мебаранд, васеъ месозанд. Бо ҳамгироии арзёбии олимони аврупоӣ, назарияҳо ва амалияҳои ҷаҳонии бунёди сулҳ дар заминаҳои мушаххаси минтақавӣ татбиқ мешаванд ва чӣ гуна ин равишҳо метавонанд ба воқеиятҳои маҳаллӣ мутобиқ ё тафсир карда шаванд. Ҷараёни ба даст овардани ризояти миллӣ, истиқлол ва соҳибихтиёрии давлатдории Тоҷикистон пештар ҳам зикраш рафт, дар натиҷаи бомуваффақияти рафъи ҷанги шаҳрвандӣ ва ҳалли ҳама гуна низоъҳои дохилию хориҷӣ мавриди таваҷҷуҳи бештари олимони ҷомеашиносии кишварҳои гуногун, махсусан, олимон ва муҳақиқони Аврупо гардидааст. Бисёр олимон таҳқиқоту пажуҳишҳои худро ба раванди гуфтушунид, ҷиҳатҳои сиёсӣ, ахлоқӣ ва инсондӯстӣ бахшидаанд. Диққати

баъзе олимон ва сиёсатшиносон ба масъалаҳои таҷрибаи ба даст овардани созиши тоҷикон равона гардидааст. Бинобар ин, ба андешаи аксари ин пажуҳишгарон, чунин таҷрибаҳо ба муайян кардани роҳи муваффақ аз нокомиҳо ва муайян кардани равишҳое, ки метавонанд дар минтақаҳои дигар татбиқ шаванд, кумак мерасонанд. Аз таҳлилҳо ва омӯзиши сарчашмаҳо маълум гардид, ки самтҳои асосии пажуҳишҳои муҳаққиқони Ғарб баштар омилҳои сулҳҷӯёнаро дар бар гирифтаанд.

Пажуҳиши ғарбиён, инчунин, ба таҳлили таҷрибаи мусолиҳаи муваффақ, ки дар Тоҷикистон татбиқ шудааст, тамаркуз мекунад. Диққати махсус ба он дода мешавад, ки тадбирҳои андешидашуда ба дигар минтақаҳои баъдиҷангӣ чӣ тавр мувофиқ карда шаванд. Нақши созмонҳои байналмилалӣ дар дастгирии равандҳои мусолиҳа низ мавқеи худро дар ин таҳлилҳо пайдо кардааст. Таҳлилҳои муқоисавии раванди мусолиҳаро дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳоро аз назар мегузаронанд, ки барои муайян кардани тамоюлҳои умумӣ ва хусусиятҳои беназир мусоидат мекунад.

Онҳо таҷрибаи бунёди сулҳи Тоҷикистонро тавассути арзёбии таъсир, мутобиқсозии усулҳои ҷамъоварии маълумот, таъсиси далелҳои муқобил ва ҳалли масъалаҳои ахлоқӣ ва амалӣ дар муҳити низоъ арзёбӣ карданд. Муҳаққиқон ба таҷрибаи сулҳпарварии Тоҷикистон баҳои мусбат дода, аҳаммияти онро барои ҷамъбасти таҷриба ва нигоҳ доштани қобилияти хуби иттиҳодсозӣ қайд кардаанд. Баъзе аз муҳаққиқон, ба монанди Ҷон Дэвид Ҳезершоу, бунёди сулҳи тоҷиконро ҳамчун як раванди мушкил марбут ба мусолиҳаи расмӣ, ташаннуҷ, демократикунонӣ, ҳукмронӣ, рушди иқтисодӣ, ки дар натиҷаи бархӯрдҳои байни дахолаткунандагони байналмилалӣ ва элитаи маҳаллӣ ташаккул ёфтаанд, ишора мекунанд.

Дар маҷаллаи академӣ ва бонуфузи ҷаҳонӣ “Бунёди сулҳ ва рушд” ки аз ҷониби нашриёти “Тейлор ва Франсис” (Taylor & Francis) ба табъ мерасад, теъдоди зиёди мақолаҳои муҳаққиқони Ғарб ба барқароршавии сулҳ ва омилҳои асосии он ба нашр расидаанд, ки ихтилофи назарҳо дар арзёбии бунёди сулҳ дар Тоҷикистон, ҳамчунин, муқобилати қувваҳои беруна нисбати ин раванд, назари зид дар байни созмонҳои донорӣ, донишмандон ва олимон, ки боиси бунбаст дар ҷараёни барқарорсозии сулҳ дар Тоҷикистон гардидаанд, баррасӣ мешавад. Муҳаққиқ Грент Смит дар мақолааш *“Тоҷикистон: Роҳи санглох ба сӯйи сулҳ дар Осиёи Марказӣ”* таҷрибаи сулҳи Тоҷикистонро тавассути таъкид ба равандҳои арзёбии осоишта, эҷоди муносибатҳо, мубодилаи қудрат, ҷалби ҷомеа, маълумоти сифатӣ ва фарогирӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ ва таъсири барнома арзёбӣ карда, гуфтааст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба барқарор кардани оштӣ миёни ҷиноҳҳои гуногун дар дохили Тоҷикистон иқдом кард. Равиши маъмурияти ӯ ба таҳкими

муколама ва ҳамкорӣ байни гурӯҳҳои этникӣ ва сиёсии мухталиф, ки барои сулҳу субот дар минтақа муҳим буд, равона шудааст. [4, 238]

Раванди сулҳи тоҷикон, ки ба Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон дар соли 1997 оварда расонид, як мисоли нисбатан пурташаннуҷ, вале қобили таваҷҷуҳи сулҳи бомуваффақияти байналмилалиро дар даврони пас аз ҷанги сард муаррифӣ мекунад. Донишмандон, аз ҷумла Луис Друк, қайд кардааст, ки Тоҷикистон бо як мушкили хеле сахте мувоҷеҳ буд, ки эҳтимоли зиёди аз байн рафтани кишварро дар пай дошт. Ин масъала, ки аз низоъҳои дохилӣ бармеомад, ба сохтори иҷтимоию сиёсии кишвар таъсири амиқ гузошт. Тоҷикистон дар посух ба раванди мусолиҳаи ҳамаҷониба шуруъ кард, ки ҳадафи он ҳалли мушкилоти таърихӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ буд. Раванди оштӣ стратегияҳои гуногунро дар бар мегирад, аз ҷумла, ташаббусҳои муколама ва барномаҳои ҷомеа, ки барои бартараф кардани ихтилофот ва мусоидат ба ҳамгироӣ пешбинӣ шудаанд. Бо вуҷуди ин кӯшишҳо, олимон эътироф мекунанд, ки ноил шудан ба сулҳу суботи пойдор вазифаи душвор боқӣ монда буд, ки уҳдадориҳои устувор ва равишҳои навоваронаро талаб мекунад. Муборизаи давомдор хислати мураккаби оштии баъдиҷангӣ ва зарурати дастгирии доимии чи аз тарафи фаъолони миллӣ ва чи байналмилалиро нишон медиҳад. Муҳаққиқ Дов Лянч бошад, дар таҳқиқоти худ доир ба сулҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон овардааст: *“Эҳтимол, бар хилофи воқеият тайи солҳо ва ҳатто даҳсолаҳои эҳёи сулҳ дар Тоҷикистон ҳеч гоҳ имкон надошт, агар як низоми фаъоли ҳизбӣ, интихоботи одилона, ҳукумати мутамарказ ё бахши ислоҳоти амниятӣ эҷод намешуд. Чунин дигаргуниҳо, вақте ки ба вуқуъ мепайванданд, бештар равандҳои тағйироти васеътари сиёсӣ ва иқтисодиро, ки дар мубоҳисаҳои маҳаллӣ консептуалӣ шудаанд, инъикос мекунанд”* [1, 58].

Пажуҳишгарони соҳа бар он назаранд, ки ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон омилҳои хосси худро дошт, ки яке аз онҳо хостори ба сари қудрат омадани силоҳбадастон ва тундравони исломӣ буд. Онҳо аз воситаҳои гуногун, хусусан, эътиқоди мардум истифода карда, мехостанд, Тоҷикистонро ба вартаи динзадагӣ бикашанд ва бо суистифода аз ин восита Ҳукумати кишварро ба даст бигиранд. Чунин омилҳо ба он оварда расониданд, ки байни тарафҳои ҷанги шаҳрвандӣ барои тақсими қудрат заминаҳои умумӣ пайдо шаванд. Ҷон Ҳезершоу, ҳамчун муҳаққиқи омӯзиши сулҳи ҷаҳонӣ, ки аксари мақолаҳо ва китобҳояш ба барқароршавии сулҳ дар Тоҷикистон бахшида шудаанд, дар мақолаи худ *“Намояндагии амалии бунёди сулҳ”* (2012) хусусиятҳои хосси раванди сулҳи Тоҷикистонро қайд мекунад. Ӯ таъкид мекунад, ки барқароршавии

пас аз низоъ дар кишвар ба моделҳои муқаррарии ғарбии бунёди сулҳ комилан мувофиқат намекунад. Ҳезершоу бар ин назар аст, ки таҷрибаи Тоҷикистон ҳамкориҳо байни талошҳои байналмилалии эҳёи сулҳ ва динамикаи қудрати маҳаллиро нишон медиҳад, ки дар он ҷо элитаи (нухбагони) маҳаллӣ аксаран ба ин раванд таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Ба андешаи Ҳезершоу, мафҳумҳои содакардашудаи муваффақияти бунёди сулҳро, ки аксаран фаъолони байналмилалӣ пешбарӣ мекунанд, ба чолиш меорад ва қазияи Тоҷикистонро як таҳқиқоти муҳим барои дарки натиҷаҳои алтернативии бунёди сулҳ мебошад, ин равандро равшантар ва возеҳтар месозад. Таҷрибаи бунёди сулҳи Тоҷикистонро ин олими ғарбӣ бо нишон додани мураккабӣ ва хусусияти печидагиии равандҳои сулҳ дар шароити пас аз низоъ таъсири назаррас расонидааст. Муҳаққиқ овардааст*: "Пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки бунёди сулҳ дар Тоҷикистон мубоҳисаи фаъолони байналмилалӣ ва элитаи маҳаллиро дар бар гирифта, боиси фаҳмиши нозуки муваффақияти раванди сулҳ гардидааст"* [7, 162].

Муҳаққиқи дигари ғарбӣ С.Фрейзер сулҳи тоҷиконро равиши гибридӣ гуфта, онро ба идоракунии муноқишаҳо, ки ба ҷойи таваҷҷуҳи бештар ба масъалаҳои сиёсӣ афзалияти шароити иҷтимоию иқтисодии маҳаллӣ медонад. Ба ибораи дигар, изҳор мекунад, ки фаҳмидани ҳаёти ҳаррӯза ва вазъи иқтисодии ҷомеаҳо барои ҳалли низоъҳо муҳим буд. Ин дурнамо тамаркузро аз роҳҳои ҳалли анъанавии сиёсӣ ба фаҳмиши бештари оммавии динамикаи низоъ равона мекунад. Равиши гибридии барқарршавии сулҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти шароити иҷтимоию иқтисодии маҳаллиро нисбат ба масъалаҳои сиёсӣ таъкид месозад ва пешниҳод мекунад, ки идоракунии самараноки муноқишаҳо бояд амалияҳои ҳаррӯзаи сулҳро баррасӣ шаванд. [2, 19]

Тавре аз пажуҳишҳо бармеояд ва бо мисолҳо оварда шудааст, ки бунёди сулҳи байналмилалӣ дар Тоҷикистон зарбаи камбизоатиро барои бисёриҳо коҳиш дод, ҳазорон тоҷиконро малакаҳои нав омӯхт, миллионҳо доллари ИМА таҷҳизот ва инфрасохторро ба ҷомеаҳои маҳаллӣ интиқол дод. Мубодилаи оммавии байналмилалӣ нисбат ба Тоҷикистон ҷанбаи мусбати бунёди сулҳро бошуурона инъикос мекунад. Дафтари бунёди сулҳи СММ дар Тоҷикистон (UNTOP) ин ишораҳоро дар ахбораш ҷо додааст. [12]

Барқароршавии сулҳ дар кишвар, чунонки омӯзиш нишон медиҳад, намунаи нодири пайдоиши суботи баъдиҷангӣ аст. Қариб аксари муҳаққиқони Ғарб онро ба гунаи таҷрибаи сулҳи муассир бозтоб додаанд. Онҳо бар он назаранд, ки дар Тоҷикистон иштирокчиёни муколамаи устувор ба музокироти ҳалли ҷанги шаҳрвандӣ таъсири ҳалкунанда расониданд, аммо худи созишнома танҳо мутамарказии бештари қудрат ва

ниҳодҳои сиёсиро ба вуҷуд овард, ки иштироки сиёсии ҷомеаро низ истисно намекард. Бинобар ин, иштирок дар муколама аъзо ва ҳатто баъзе нозиронро ба таҷрибаомӯзони муассир табдил дод, ки шумораи зиёди иттиҳодияҳои ҷамъиятиро, ки ба ҳалли низоъҳо нигаронида шудаанд, инкишоф доданд. “Муколамаи байни тоҷикон дар Тоҷикистон як стратегияи муваффақи рафъи динамикаи истисноро, ки боиси созиши сиёсӣ байни раҳбаронро нишон медиҳад. Муҳимтар аз ҳама, муколамаи устувор стратегияҳои имконпазири бунёди сулҳро тавассути ҳавасмандгардонии рушди фарҳанги сулҳпазирӣ фарогиртари шаҳрвандӣ ташкил медиҳад”, овардааст муҳаққиқ Ҷонатан Зертмен [9, 55]

Ҷон Ҳезершоу дар асари дигараш бо номи *"Сиёсати воқеии сулҳи Тоҷикистон"* ***(Journal of Europe–Asia Studies)*** нақши марказии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи бунёди сулҳи кишвар таъкид мекунад. Ҳезершоу Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун меъмори калидии таърихии сулҳ муайян мекунад ва раванди бомуваффақияти мусолиҳаро ба роҳбарии ӯ марбут медонад. Вай аз ҷумла тасмими муҳимми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мусоидат ба бозгашти гурезаҳои тоҷик аз Афғонистон ҳамчун як иқдоми қобили мулоҳиза ва далерона таъкид мекунад, ки дар таъмини суботи кишвар дар давраи осебпазири пас аз низоъ нақши ҳалкунанда дошт. Ин амал, ба гуфтаи Ҳезершоу, натанҳо нақши Эмомалӣ Раҳмонро дар бунёди сулҳ мустаҳкам кард, балки чеҳраи ӯро, ки дар як лаҳзаи хеле муҳим ва ҳассос ба кумаки шаҳрвандони гурезааш иқдом карду дар раҳоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нооромиҳои шаҳрвандӣ пирӯз шуд, ҷовидонӣ кард. Муҳаққиқи номбурда овардааст: *“Президент Раҳмон аз замони анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ дар соли 1997, ки фазои нисбатан муътадилро барои гурезаҳои тоҷик фароҳам оварда, таърихан ба талошҳои бунёди сулҳ тамаркуз кардааст ва барои пойдории сулҳ дар Тоҷикистон қадамҳои устувор ва далерона ниҳодааст. Нақши Раҳмонов дар баргардонидани паноҳандагон аз Афғонистон ва ба даст овардани сулҳ дар Тоҷикистон тавассути Созишномаи умумӣ ва Протокол дар бораи гурезаҳо дар соли 1997 қобили ситоиш аст”.* [9, 7]

Хулоса, арзёбии раванди сулҳи тоҷикон аз нигоҳи донишмандони ғарбӣ ҳам дар бораи вижагиҳои ин низоъ ва ҳам тамоюлҳои густурдаи ҳалли низоъҳо дар фазои пасошуравӣ фаҳмиши арзишманд медиҳад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳамгироии таҷрибаҳои маҳаллӣ ва равишҳои байналмилалӣ натанҳо дарки сабабҳо ва оқибатҳои муноқишаро амиқтар мекунад, балки самаранокии кӯшишҳои сулҳҷӯёнаро ба таври назаррас беҳтар мекунад. Таҷрибаи сулҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳимми ба инобат гирифтани заминаҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва иҷтимоиро,

ки ба раванди бунёди сулҳ таъсир мерасонанд, таъкид мекунад. Илова бар ин, ҳамкории байни ҷомеаҳои маҳаллӣ ва созмонҳои байналмилалӣ метавонад барои дигар минтақаҳои низоъ намуна бошад.

Ҳамин тариқ, пажуҳиши минбаъда дар ин самт метавонад дар ташаккули стратегияҳои ҳамаҷониба ва мутобиқшудаи ҳалли низоъҳо, ҳам дар Осиёи Марказӣ ва ҳам дар берун аз он, саҳми назаррас гузорад, ки дар навбати худ ба истиқрори сулҳу субот дар минтақа мусоидат мекунад.

АДАБИЁТ

1.Dov Lynch. The Tajik civil war and peace process.–.Journal Civil Wars Volume 4, 2001 – Issue 4– 2007– Pages 49–72

2. Karolina Kluczewska, \\Tajikistan's Atomized Peace: Approaching Conflict Management from the Ground Up–Journal of Intervention and State building. 2020 –(Routledge)– Vol. 14, Iss: 4, pp –570

3. Freizer, S. (2004) 'Tajikistan local self–governance: a potential bridge between government and civil society?' in De Martino (ed.) Tajikistan at a Crossroad: the Politics of Decentralization, Geneva: CIMERA: 16–24.

4. Fetherstone, A.B. (2000) 'Peacekeeping, conflict resolution and peacebuilding: a reconsideration of theoretical frameworks', International Peacekeeping 17(20): 190–217pp.

5. John Heathershaw. Peacebuilding as Practice: Discourses from Post–Conflict Tajikistan.– International Peacekeeping, vol.14, no.2, June 2008

6. John Heathershaw. Post–Conflict Tajikistan The politics of peacebuilding and the emergence of legitimate order.– London, Routladg–2009–240pp

7. John Heathershaw The Practical Representation of Peacebuilding– 2012 Palgrave Macmillan, London – pp –187

8. UN Security Council, Press Release SC/6860 4141st Meeting (Night) 12 May 2000. (www.un.org/News/Press/docs/2000/20000512.sc6860.doc.html) Accessed: 22 May 2004

9. Jonathan Zartman. Negotiation, Exclusion and Durable Peace: Dialogue and Peacebuilding in Tajikistan– International Negotiation, Volume 13: Issue 1 Brill | Nijhoff– 55–72

10. John Heathershaw. Tajikistan's Virtual Politics of Peace,– Journal of Europe–Asia Studies. – Vol. 61,–: 7, pp

11. Luise Druke. Housing and property restitution for returnees in Tajikistan in the 1990s. 2000– Refugee Survey Quarterly (Oxford University Press) – Vol. 19, Iss: 3, pp 113–129

12. Harry Mika. Evaluation as peacebuilding: Transformative values, processes, and outcomes.– 2002 – Contemporary Justice Review (Taylor & Francis Group) – Vol. 5, Iss: 4, pp 339–349

13. Sabine Frazier. London School of Economics and Political Science (United Kingdom) ProQuest Dissertations & Theses, 2004. U615252.

14. Tetsuro Iji. Cooperation, coordination and complementarity in international peacemaking: the Tajikistan experience – International Peacekeeping 2005– Vol. 12, Iss: 2, pp 189–204

15. Grant Smith. Tajikistan: The rocky road to peace Central Asian Surve, Oxford 1999 – Vol. 18, Iss: 2, pp 243–251.

ОЦЕНКА ПРОЦЕССА И ОПЫТА ТАДЖИКСКОГО МИРА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ЗАПАДНЫХ УЧЕНЫХ

МАДИМАРОВА ГУЛХАЁ МАДИМАРОВНА,
ведущий научный сотрудник Европейского отдела Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 33;
тел: (+992) 905-12-35-35; e-mail: gulhayom9@gmail.com

В данной статье исследуется восстановление мира в Таджикистане через призму оценки таджикского мирного процесса с точки зрения западных ученых. Анализируются динамика конфликта, продолжавшегося с 1992 по 1997 год, а также механизмы, способствовавшие его разрешению и установлению устойчивого мира. Особое внимание уделяется взглядам западных исследователей, которые подчеркивают уникальность таджикского опыта в контексте международного миростроительства. В статье рассматривается как местные, так и международные факторы, оказавшие влияние на процесс, и выделяется культурные и исторические аспекты, которые могут быть полезными для других конфликтных регионов. На основе проведенного анализа предлагаются рекомендации для будущих миротворческих инициатив, акцентирующие важность интеграции местных практик и международных подходов в достижении устойчивого мира.

Ключевые слова: *восстановление мира, таджикский мирный процесс, точку зернение, разрешение конфликтов, западные ученые, культурный контекст, международные отношения.*

ASSESSMENT OF THE PROCESS AND TAJIK PEACE EXPIRENCE FROM THE POINT OF VIEW OF WESTERN SCIENTISTS

MADIMAROVA GULHAYO MADIMAROVNA,
Leading researcher of the European Department Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan

734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 33;
tel: (+992) 905-12-35-35; e-mail:gulhayom9@gmail.com

This article examines the restoration of peace in Tajikistan through the lens of an assessment of the Tajik peace process from the point of view of Western scientists. It analyzes the dynamics of the conflict that lasted from 1992 to 1997, as well as the mechanisms that contributed its resolution and the establishment of sustainable peace. Special attention is given to the viewpoints of Western researchers who emphasize the uniqueness of the Tajik experience within the context of international peacebuilding. The article considers both local and international factors that influenced the process and highlights cultural and historical aspects that may be beneficial for other conflict regions. Based on the analysis, recommendations for future peacekeeping initiatives are proposed, emphasizing the importance of integrating local practices and international approaches in achieving sustainable peace.

***Keywords**: peace restoration, Tajik peace process, viewpoint, conflict resolution, Western scientists, cultural context, international relations.*

УДК: 327.8

БАРРАСИИ ТАНОСУБИ МАФҲУМИ “МАНФИАТИ МИЛЛӢ” ВА “МАНФИАТИ ГЕОПОЛИТИКӢ” ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

САЪДУЛОЕВ АБДУЛВОСИТ,
доктор (PhD)–и илмҳои сиёсӣ, и.в. дотсенти кафедраи
сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
тел: (+992) 918-78-12-12; e-mail: prof.asrt@mail.ru

МУМИНОВ МУСТАҚИМ АБДУВАКИЛОВИЧ,
унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
тел: (+992) 926-16-09-18; e-mail: muminovmustaqim@gmail.com

Дар мақола сухан атрофи манфиатҳои миллиию геополитикӣ меравад. Муаллиф дар заминаи таҳлили назарияҳои олимони машҳури геополитика мафҳумҳои “манфиати миллӣ” ва “манфиати геополитикӣ”, ҳамчунин, хусусияти ташаккул ва инкишофи манфиатҳои геополиикӣ ва нақши онҳоро дар инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ аз нигоҳи қонуниятҳои илмии геополитикӣ таҳлил намудааст. Зимнан, мафҳуми “манфиатҳои миллӣ” ва “манфиатҳои геополитикӣ” дар мактабҳои гуногуни илми сиёсӣ ба таври гуногун баррасӣ гардида, вобаста ба дидгоҳҳо таърифи гуногуни мафҳумҳои мазкур дода мешавад. Дар мақола ҳамчунин, пиромуни ташаккули илми геополитика ва зарурати донишҳои геополитикӣ барои шинохти манфиатҳои миллию геополитикӣ дар мисоли таҷрибаи таърихии давлатҳои ҷаҳон андешаҳо иброз гардидааст.

Калидвожаҳо: *манфиат, геополитика, манфиати миллӣ, манфиати геополитикӣ, ҳимояи манфиатҳо.*

Мавзуи манфиат аз қадим миёни ҷомеа – ҳам пажуҳишгарони илмиву ҳам афроди одии иҷтимоӣ, яке аз масъалаҳои ошно, мубрам ва баҳснок маҳсуб меёбад. Вале таҳлили илмии он аз мубрамияти хосса бархӯрдор буда, имкон медиҳад, то моҳияти он ба таври объективӣ ошкор гардида, он аз нигоҳи методологӣ таъриф дода шавад.

Манфиат (аз арабии “нафъ”, ва русии “интерес”, англисӣ ва лотинии “interest” гирифта шуда, ба маънои нақш доштан, аҳаммиятнок будан, фоидаовар будани чизе барои субъект мебошад ва ҳамчун категорияи

фалсафӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ фаҳмида мешавад. Ҳамчунин, зери мафҳуми “манфиат” сабаби ҳаракат ва ё беҳаракатии субъект фаҳмида мешавад, ки омили анҷом додани амалҳои муайян мегардад. Яъне дилхоҳ ҳаракат ва беҳаракатии субъектҳо, ки натиҷаи муайянеро ба вуҷуд меоварад, дар заминаи манфиати муайяне ба амал меояд. Аз ин нигоҳ, агар амал бошуурона бошад, пас дилхоҳ ҳаракате, ки мо анҷом медиҳем, дар заминаи манфиати муайяни баамаломада, манфиатҳо муайянкунандаи фаъолият ва амалкарди мо мебошанд. Дар ин ҳолат манфиатҳо аз талаботи субъект вобаста буда, талаботи субъект ин ниёзмандии ӯ ба ҳар чизе мебошад, ки имкони зиндамонӣ ва инкишофи субъектро муайян менамоянд. Дар ин замина, манфиат муносибати бошуурона ва мақсадноки субъект ба объекти талаботи ӯ мебошад. Яъне манфиат воситаи қонеъсозии талаботи мавҷудаи субъект маҳсуб ёфта, ҳимояи манфиат аз ҷониби субъект мақсади қонеъ намудани талаботи ҳаётан муҳимми ӯ ва омили зиндамонӣ ва инкишофи субъект мебошад.

Файласуфи фаронсавӣ К.А.Галветсий ба ин назар буд, ки агар олами табиӣ (физикӣ) ба қонунҳои ҳаракат итоат намояд, пас олами руҳӣ (маънавӣ, нафсонӣ) тобеи қонунҳои манфиат аст. Ӯ таъкид менамояд, ки дар замин манфиат–муъҷизакори қудратмандест, ки метавонад дар чашми тамоми махлуқот шакли дилхоҳ ашёро иваз намояд. [5, 34]

Вобаста ба самти муносибатҳои ҷамъиятӣ, манфиатҳоро ба иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ ҷудо менамоянд. Ҳамчунин, вобаста ба субъект, дилхоҳ манфиатро ба манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятиву давлатӣ ҷудо намудан мумкин аст.

Ҳамчун категорияи сиёсӣ мафҳуми “манфиат” ба таври гуногун фаҳмида мешавад. Дар илмҳои сиёсӣ вақте сухан дар бораи “манфиат” меравад, асосан манфиатҳои давлат дар назар дошта мешавад. Аз он хотир, ки давлатҳои муосир ба гурӯҳи давлатҳои миллӣ дохил мешаванд, аксаран манфиатҳои давлатро бо ибораи “манфиатҳои миллӣ” ифода менамоянд. Дар ҳар сурат, муҳтавои мафҳуми мазкур бояд манфиатҳои воқеӣ ва ҳақиқии худи миллатро ба таври объективӣ ифода кунад. Маҳз аз ин хотир кӯшишҳои бунёдии давлатҳо бояд ба қонеъ намудани талаботи ҳақиқӣ ва воқеии миллат равона карда шаванд. [15, 16]

Мафҳуми “манфиатҳои миллӣ” аз замонҳои қадим сарчашма гирифта, онро Фукидид ҳангоми ифодаи муносибати давлатҳои Афина ва Спартак истифода бурдааст. Яъне ҳатто дар замони қадим, асоси манфиатҳои байнидавлатиро манфиатҳои миллӣ ташкил медоданд. Ба назари муҳаққиқон мафҳуми “манфиати миллӣ” пас аз ворид шудан ба фарҳанги луғати улуми иҷтимоии Оксфорд тобиши илмӣ пайдо кардааст. [12, 53]

Яке аз поягузорони консепсияи манфиатҳои миллӣ, намояндаи реализми сиёсии ИМА Ҳ.Моргентау принсипҳои асосии консепсияи манфиатҳои миллиро чунин муайян намуда буд:

– манфиат котегорияи объективӣ буда, аз қувва иборат аст;

– манфиатҳои миллӣ сиёсатро муайян менамоянд;

– манфиатҳои миллӣ аз ҳолат, замон ва шароит вобаста нестанд.[1,67]

Вале муҳаққиқи дигари амрикоӣ Ф.Фукуяма дар яке аз мақолаҳои худ зери унвони “Номуайян будани манфиатҳои миллӣ” вобаста ба муайнкунии манфиатҳои миллӣ барои Русия, баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравию сохтори сиёсии коммунизм ва истиқлоли Русия андешаи каме мутафовит аз Ҳ.Моргентауро баён карда, консепсияи тағйирёбандагии манфиатҳои миллиро асоснок менамояд. [13, 8] Масалан, Ф.Фукуяма ба ин назар аст, ки маҳз бетағйир мондани вазъияти фазои давлатро иҳотакунанда сабаби доимияти манфиатҳои миллӣ мегардад, на баръакс. Яъне, ба андешаи ӯ, “тағйир ёфтани вазъияти геополитикии ҷаҳон ва тавозуни қувваҳо сабаби тағйир ёфтани манфиатҳои миллӣ мегардад”, ки ин андеша ба принсипи сеюми пешниҳоднамудаи Ҳ.Моргентау: “манфиатҳои миллӣ аз ҳолат, замон ва шароит вобаста нестанд”, комилан муқобил мебошад.

Ҳоло метавон сари ин масъала баҳс кард, ки кадоме аз андешаҳои пешниҳоднамудаи муҳаққиқон дурусттар аст, вале, ба назари мо, ҳолати баёни андеша мақсади баёни муаллиф ва аз ҳама муҳим мухотаби баёнро бояд ба инобат гирифт. Масалан, агар муҳаққиқ Ҳ.Моргентау барои ҳимояи манфиатҳои миллии давлати худ, яъне ИМА ибрози андеша карда, ҳимояи бечунучарои онҳоро асоснок намояд, пас пажуҳишгар Ф.Фукуяма дар мақолаи болозикр атрофи манфиатҳои миллии давлати бегона ва ҳатто рақиби асосии ИМА–Русия андешаронӣ намудааст ва аз гуфтаҳояш метавон пай бурд, ки тағйирёбии манфиатҳои миллии Русияро ҷониби ҷаҳони либерализми Ғарб асоснок намуда, бо ин шояд мехоҳад манфиатҳои геополитикии ИМА–ро ҳимоя намояд. Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, андешаҳои Ф.Фукуяма вобаста ба хусусияти тағйирпазирии манфиатҳои миллии давлатҳо ҷолиб ва омӯзанда мебошад. Зеро муаллиф тавонистааст бо делелҳои таърихӣ исбот намояд, ки вобаста ба тағйирёбии қудратҳо ва ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ роҳҳои ҳимояи манфиатҳои миллии давлатҳо тағйир меёбад. Барои мисол дар Ҷанги дуюми ҷаҳон ИМА душмани асосии Ҷопон маҳсуб меёфт ва ҳамон ду бомбаи атомӣ, ки истифодаи аввалину охирин дар ҳаёти инсоният аст, аз ҷониби ИМА ба Ҷопон партоб шуд ва аз ин нигоҳ душмани қатъии Ҷопон ва манфиатҳои миллии он бояд Амрико бошад. Вале мо шоҳиди он гардидем, ки Ҷопон натанҳо самти рушди ояндаи худро тағйир дод, яъне аз давлати империтории Осиё, ки қудрати бузурги ҳарбӣ дошт, ба давлати технократӣ

табдил ёфт, балки ҳалли масъалаҳои амнияти миллиро ба сарпарастии ИМА *(давлате, ки дар Ҷанги дуюми ҷаҳон сабаби мағлубият ва душмани асосии Ҷопон буд)* супорид, дар сатҳи конститутсионӣ расман аз истифодаи қувваи ҳарбӣ *(ҳатто барои худмудофиа)* даст кашид ва ҳатто ихтиёран нисбати худ як қатор маҳдудиятҳоро вобаста ба мусаллаҳшавӣ, инчунин, истеҳсол, воридот ва содироти аслиҳа ҷорӣ сохт.

Муҳаққиқ Ф.Фукуяма чунин меҳисобад, ки кӯшишҳо барои муайян кардани манфиати миллии "объективӣ" натиҷае намедиҳанд, зеро гарчанде манфиатҳои миллии воқеии "асосӣ" мавҷуданд, онҳо минималӣ буда, дар муайян намудани сиёсати хориҷии давлат ҳалкунанда нестанд. [13, 33] Ба андешаи ӯ, мафҳуми "манфиатҳои миллӣ" то ҳол норавшан боқӣ монда, ҳоло фаҳмише, ки зери ин истилоҳ ба вуҷуд омадааст, дарвоқеъ, маҷмуи нуқтаи назарҳо, ки хусусиятҳои идеологӣ, сиёсӣ, таърихӣ ва фарҳангиро нисбат ба мақсадҳои давлат инъикос мекунанд, пинҳон менамояд. Яъне мақсадҳои гурӯҳҳои алоҳида, манфиатҳои синфи ҳукмрон ва ашхоси дигари манфиатдор, ки аслан субъективианд, метавонанд ба сифати манфиати миллӣ нишон дода шаванд, ки ин барои бақои давлат таҳдиди асосӣ маҳсуб меёбанд.

Чӣ тавре, ки аз гуфтаҳои Фукуяма бармеояд, манфиатҳои миллӣ метавонанд инчунин, аз омилҳои ҷуғрофӣ низ вобастагӣ дошта бошанд. Ба андешаи ӯ, маҳз аз ҷониби намояндагони мактаби реализми сиёсӣ ба инобат нагирифтани асосҳои детерминизми ҷуғрофӣ ва амиқтар ворид нашудан ба мавзуъҳои ҷузъии он, ки дар муайянкунӣ ва амалишавии манфиатҳои миллӣ таъсири назаррас доранд, онҳоро ба хулосае овардааст, ки бояд манфтаҳои миллӣ, новобаста аз ҳолат, замон ва шароит, бетағйир боқӣ монанд.

Ҳамин тавр, ба андешаи Ф.Фукуяма, манфиатҳои миллӣ аз вазъи ҷуғрофӣ ва мавқеи давлат дар низоми ҷаҳонӣ вобаста буда, омилҳои мазкур сабаби тағйирёбӣ ва фарқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳо мегардад: "маҳз фазои тағйирнаёбандаи иҳотакунандаи давлат муайянкунандаи хислати дохилии давлат аст, на баръакс", – таъкид менамояд муҳаққиқ. Масалан, сиёсати хориҷии кишваре, мисли Лаҳистон, ки аз ду тараф бо ҳамсоягони қудратманд иҳота гардида буд, наметавонад аз Ҷопон ва Англия, ки бо баҳрҳо иҳота гардидаанд, фарқ накунад. Барои ҳимояи сарҳади худ ба кишварҳо элитаи ҳарбӣ лозим аст, вақте онҳо наметавонанд мустақилона сарҳади худро ҳимоя созанд, ба иттифоқчиёни қудратманд ва дастрасӣ ба воситаҳои коммуникатсия ба олами беруна ниёз доранд. Ин афзалиятҳо новобаста ба он, ки кишварҳои мазкур аз ҷониби диктатор, демократҳои либерал ва ё коммунистон идора мешаванд, ҷой хоҳанд дошт. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки аксаран барои муайянкунии тақдири кишварҳо омилҳои ҷуғрофӣ нақши бузург доранд.

Чун сухан дар бораи омилҳои ҷуғрофӣ ва таъсири он ба сиёсати давлатӣ меравад, одатан, истифодаи истилоҳи "геополитика" мувофиқи мақсад буда, метавонад ҳолати мазкурро ба таври комил инъикос намояд. Геополитика илмест, ки вобастагии сиёсати давлатиро аз омилҳои ҷуғрофӣ меомӯзад. Истилоҳи "геополитика", дар қатори истилоҳоти дигари илмие, аз қабили "этнополитика", "сотсиополитика", "кратополитика", "демополитика" ва ғайра аввалин маротиба аз ҷониби олими шведӣ Рудолф Челлен дар асари машҳураш "Давлат ҳамчун шакли ҳаёт" истифода гардидааст. [2,124] Ҳарчанд пеш аз Р. Челлен донишу таълимоти хусусияти геополитикидошта мавҷуд буданд (масалан, осори илмии Арасту, Н. Макиавелли, К. Клаузевитс, Ш. Л. Монтескё ва амсоли онҳо, дар худ қисме аз донишҳои геополитикиро гунҷонида бошанд ҳам), вале тавлиди истилоҳи "геополитика" натиҷаи хидмати Р. Челлен мебошад.

Яке аз аввалинҳо шуда (ҳатто пеш аз Р. Челлен), вобастагии давлатро ҳамчун организми зинда аз омилҳои ҷуғрофӣ олими олмонӣ Ф. Ратсел ба таври бо низом ва комплексӣ омӯхта буд. Вале Ф. Ратсел таълимоти худро "географияи сиёсӣ" номида буд ва асарҳои арзишианде, ба мисли "Географияи сиёсӣ" (1896) ва "Антропогеография"–ро эҷод намуд, ки яке аз қадамҳои нахустин ва заминаи аввалин барои баъдан шакл гирифтани илми наве бо номи "геополитика" гардид.

Пажуҳишгар Р.Челлен, ки аввалин шуда истилоҳи "геополитика"–ро истифода намудааст, дар асл ҳуқуқшинос буда, унвони илмии доктори илмҳои ҳуқуқро дошт, вале барои омӯзиши илмии роҳу усулҳои ташкили давлати тавоно рӯй ба илмҳои сиёсӣ меоварад. Чӣ тавре худи Р. Челлен иқрор шудааст, илмҳои ҳуқуқшиносӣ барои омӯзиши ҳамаҷонибаи табиати давлат оҷиз буда, он (яъне давлат) танҳо бояд аз нигоҳи илмҳои ҳуқуқӣ омӯхта нашавад, зеро давлат аз унсурҳои таркибие иборат аст, ки тавассути меъёри ҳуқуқӣ шарҳ додани он ғайриимкон ва ҳато нодуруст мебуд. Мо низ ба ин андешаи Р. Челлен комилан розием, зеро танҳо дар доираи илми ҳуқуқшиносӣ омӯхтани давлатҳои гуногун, чи дар гузашта ва чи имрӯз, фарқу махсусиятҳои як давлатро аз давлати дигар нишон намедиҳад. Масалан, аз нигоҳи ҳуқуқӣ миёни ИМА ва Русия, ва ё Британия ва Олмон ҳеҷ фарқе дида намешавад, зеро ҳар ду (ҳам Русия ва ҳам ИМА) аз нигоҳи сохти давлатӣ (ҳар ду федеративианд) ва шакли идоракунӣ (ҳар ду ҷумҳурии президентӣ мебошанд) яксон буда, аз нигоҳи омӯзиши илмҳои ҳуқуқӣ ҳеҷ тафовуте миёнашон мушоҳида намегардад. Аз ин хотир, ба андешаи пажуҳишгар Р.Челлен, бояд илме бошад, ки ин махсусиятҳоро, бо ба инобат гирифтани фарҳанг ва минталитет, ба самар расонад. Ба ин маъно, ки Русия – аз русҳо, ИМА–аз амрикоиҳо, Британия аз англисҳо, Фаронса аз фаронсавиҳо, Тоҷикистон аз тоҷикон ва Чин аз чиниҳо иборат аст. мавқеи ҷуғрофӣ ва паҳноии сарҳаду ҳудуди онҳоро биомӯзад. Маҳз ба

ҳамин хотир, ӯ ба илмҳои сиёсӣ рӯ овард ва истилоҳи “геополитика”–ро ҳамчун “илм доир ба омӯзиши давлат ҳамчун организми зиндаи дар фазо таҷассумёфта” пешниҳод намуд. Истифодаи мафҳуми “фазо” дар таърифи мазкур маънои амиқеро дар худ дорад.[14, 214]

Бояд тазаккур дод, ки геополитика илмест, ки ба сифати предмети асосии он “фазо” баромад мекунад. Дар асл, дар тафовут аз предмети илмҳои дигар, мисоли ҳуқуқшиносӣ, давлатшиносӣ, таъриху ҷуғрофия, биология ва филология, инсоният, пеш аз ҳама, бо падидаи “фазо” беҳтару бештар ошноӣ дорад. Баъзан мо худ зершуурона ва ҳатто бешуурона маълумот ва донишҳоро доир ба “фазо” дар ихтиёр дорем, вале аз он пай намебарем. Масалан, муҳаққиқи варзидаи фаронсавӣ Моро Дефарж қайд намуда буд, ки “азхудкунии фазо ва вақт (ин мафҳумҳоро ӯ дар алоқамандӣ таҳлил мекунад) аз лаҳзаи кӯдакӣ оғоз мегардад. Кӯдак ашёро гирифта мепартояд, ки он масалан, ба ҷевоне бархӯрда, меафтад. Ҳамин тавр, вай фазоро маърифат менамояд, холигии онро мешиносад” [10, 3]. Ин донишу ҳиссиёт то ба сатҳе инкишоф меёбанд, ки халқу миллатҳо ва ҳатто тамаддунҳо дарки фазоиву ҷуғрофӣ, хулоса, “шуури геополитикӣ” пайдо мекунанд. Ба андешаи Моро Дефарж, фазо “воқеияти объективиест”, ки ҷомеа онро тавассусти “эҳсосоти субъективӣ” дарк менамояд.

Ҳамчунин, Моро Дефарж ба ин назар аст, ки геополитика ҳамчун илм дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомада, натиҷаи афзоиши донишу маърифати инсоният доир ба география мебошад ва ишора намуда буд, “геополитика натиҷаи хиради холис аст.” [10, 3]

Масъалаҳои марказиро дар геополитика фазо, мавқеи ҷуғрофии давлат, манфиатҳои миллию геополитикӣ, инкишофи давлат, низоми геополитикӣ, қудратҳои ҷаҳонӣ, геостратегия, захираҳои табиӣ, фазои иттилоотӣ–кайҳонӣ, геоконфессионалӣ ва амсоли онҳо ташкил медиҳанд.

Яке аз масоили марказӣ дар геополитика ин манфиати геополитикии давлат мебошад. Он дар баробари манфиатҳои миллӣ қарор гирифта, вобаста ба омилҳои гуногун таҳлил карда мешавад. Масалан, аз нигоҳи иқтисодӣ *(аниқтараш, истифодаи захираҳои табиии давлат)* геополитикаи манфиатҳоро чунин метавон шарҳ дод: агар давлат захираҳои мавҷудаи қаламрави худро барои қонеъ сохтани талаботи аҳолии худ истифода намояд, онро метавон манфиати миллӣ номид, зеро захираи мавҷуда ба манфиати сокинони ҳамон кишвар истифода гардида, бо ин функсияи муҳимми давлатӣ, аз қабили таъминнамоии озуқаворӣ, амалӣ мегардад. Вале аз сабаби он ки нуфуспазирии аҳолӣ имкони пурра бо истифодаи захираҳои худӣ таъмин намудани аҳолиро душвор мегардонад, ҳар давлат кӯшиш мекунад, ки барои қонеъ сохтани талаботи худ аз ҳисоби захираҳои мавҷудаи ҳудуди давлати дигар истифода (суистифода) намояд, ки онро метавон ҳамчун манфиати геополитикӣ таъриф дод. Албатта,

ҳимояи манфиати геополитикӣ танҳо бо истифодаи захираи мавҷудаи қаламрави давлати дигар ҷамъбаст намешавад, балки як қатор мақсадҳои дигареро, ба мисли назорати фазои мавҷуда, баромадан ба баҳру уқёнусҳо, инкишофи фазои давлат бо роҳҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ ва ғайраро дар пай дорад. Вале, ба назари мо, ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ аз ҷониби як давлат берун аз ҳудуди он, хоссатан барои давлатҳои абарқудрат, ҳамеша решаи иқтисодӣ дар пай дошта, абарқудратон асосан барои истифодаи захираи табиии давлатҳои дигар ба қаламрави он ворид гардида, дар ин замина барномаву стратегияҳои махсуси худро дар минтақа пиёда менамоянд. Ҳатто таҷрибаи талхи таърихӣ низ собиткунандаи он аст, ки барои ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ давлатҳои абарқудрат қурбониҳои зиёд дода, минтақаҳои гуногуни сайёраро дар ин роҳ қурбони бозиҳои худ кардаанд.

Асосу заминаи тамоми низоъ ва ҷангҳоро дар тули таърихи инсонӣ ба ҳам наомадани манфиатҳо ва падид омадани зиддиятҳо барои ҳимояи манфиатҳои гуногуни субъектҳои алоҳида ташкил додааст. Дар тули таърих мо шоҳиди ҷангу муборизаҳаои беамони халқу миллатҳо барои соҳиб шудан ба захираву сарватҳои гуногуни табиӣ гардидаем, ки вобаста ба объекти худ аз ҳамдигар шаклан ва сифатан фарқ мекарданд. Воқеан, ҳақ ба ҷониби муаррих ва назарияпардози ҳарбии асри XIX генерал Карл фон Клаузевитс аст, ки таърихи инсониятро таърихи ҷангҳо номида буд.[8, 458]

Миллатҳои гуногун гоҳе барои соҳиб шудан ба саргаҳи дарёву рӯдхонаҳои минтақа ва гоҳе барои заминҳои фарохи ҳосилхези соҳили рӯдхонаҳо мубориза бурдаанд. Инсоният шоҳиди он гардидааст, ки низоъҳои мухталиф дар давраҳои гуногуни сохтори таърихии синфии ҷомеа (ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ, сотсиалистӣ ва демократӣ) манфиатҳои муайянеро дар пай доштанд. Агар мақсади асосии муборизаҳои давлатҳоро дар ду сохтори аввали синфӣ (ғуломдорӣ ва феодалӣ) аксаран муборизаҳо барои фатҳ ва ишғол кардану бо ин зери тасарруфи худ қарор додан ва ба худ тобеъ сохтани ҳудудҳои дигар ташкил дода бошад, он бо бавуҷудоии низоми сармоядорӣ, инчунин, баъди инқилоби бузурги саноатӣ дар кишварҳои аврупоӣ сифатан тағйир ёфт. Акнун бо ташкилшавии корхонаҳои бузурги сармоядории саноатӣ мақсади муборизаро на фатҳи қаламрави ҳамсоя, балки имкони бо ҳар роҳ аз минтақаи гуногуни сайёра (аксаран минтақаи ақибмонда) суистифода намуда, соҳиб шудани захираҳои табиии он, аз қабили тиллову нуқра ва дигар сангҳои гаронбаҳо ташкил медод.

Дар асри XX инсоният шоҳиди ду ҷанги ҷаҳонӣ гардид, ки яке аз мақсадҳои асосии онро соҳиб шудан ба манбаъҳои тавлиди нафту газ буд. Аксари низоъҳо ва ҷангҳо дар асри XX ва ибтидои асри XXI дар

минтақаҳои тавлиди нафту газ ба вуҷуд омадаанд, ки ин комилан тасодуфӣ буда наметавонад[11, 14]. Хулоса, тамоми ҷангу низоъҳо барои расидан ба ҳадафе ва ҳимояи манфиате амалӣ карда мешаванд, ки аксаран ин ҳадафҳои геополитикӣ, аз қабили соҳиб шудан ба захираву сарватҳои табиӣ ва расидан ба неъматҳои иқтисодӣ буда, бо ин роҳ кӯшиши ғанигардонии хазинаи давлатӣ ва қонеъсозии талаботи ҷомеа ва ҳатто гурӯҳи алоҳидаи ашхос амалӣ карда мешуд. Масалан, Британия то асри XX барои ҳимояи манфиатҳои иқтисодию молиявии ширкати бузурги “Ост–Индия” дар ҷанубу шарқи Осиё ба азхудкунии захираву сарватҳои минтақа машғул буд. Аз ин хотир, омӯзиш ва дарки дурусти манфиатҳои геополитикии давлатҳо, ки дар ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ нақши асосӣ мебозанд, муҳим ва мубрам буда, ошкорнамоии хусусиятҳои манфиатҳои геополитикӣ ва роҳҳои ҳимояи он аз ҷониби давлатҳо имкон медиҳад, то дурнамои инкишофи низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва тавозуни қувваҳо дар сайёра дуруст муайян карда шавад.

Муҳаққиқони варзидаи амрикоӣ дар мавзуи шинохти манфиатҳои геополитикӣ таҳқиқоти арзишманд анҷом додаанд, ки таълимоти мазкур дар охири асри XX ва ибтидои асри XX1 барои ҳимояи манфиатҳои геополитикии ИМА ва ба давлати абарқудрати ҷаҳонӣ табдил додани он, нақши бориз доранд.

Яке аз муҳаққиқони варзидаи амрикоӣ дар самти геостратегия Збигнев Бжезинский дар асари маъруфи худ **“Тахтаи бузурги шоҳмот”** материки Авруосиёро ба тахтаи бузурги шоҳмот шабоҳат додааст, ки дар он рақобати давлатҳо барои ҳукмрони ҷаҳон гардидан, сурат мегирад. Рақобати номбурдаро Збигнев Бжезинский геостратегия–идоракунии стратегии манфиатҳои геополитикӣ номида, роҳҳои беҳтари ҳимояи манфиатҳои геополитикии ИМА ва императивҳои геостратегии онро нишон додааст [4, 53].

Муаллиф ҳамчунин, тамоюлҳоеро баррасӣ менамояд, ки вобаста ба он “ҳолати географӣ афзалиятҳои сиёсати давлатиро муайян менамоянд: ҳар қадаре иқтидори ҳарбӣ, иқтисодӣ ва сиёсии давлат зиёд бошад, ҳамон андоза радиуси (доираи) манфиатҳои ҳаётии геополитикӣ, таъсиррасонӣ ва иштироки давлат дар низоми ҷаҳонӣ меафзояд” [4, 58]. Албатта, андешаи баённамудаи Збигнев Бжезинский, бешубҳа, дуруст аст ва дар дарозои таърих доираи манфиатҳои геополитикии давлатҳо аз иқтидори ҳарбӣ, иқтисодӣ ва сиёсии онҳо вобаста буд. Вале дар ин замина нуктаи дигарро низ бояд зикр намуд, ки натанҳо иқтидори давлат, балки мавқеи ҷуғрофӣ, ҳудуд, захираи мавҷудаи давлатӣ ва миқдори аҳолии он *(аниқтараш талаботи аҳолӣ, ки бо истифодаи захираҳои мазкур бояд қонеъ карда шавад)* ва муҳимтар аз ҳама, таносуби ин нишондиҳандаҳо барои муайяннамоии доираи манфиатҳои геополитикии давлат нақши муҳим

доранд. Барои мисол, аз ду давлате ки захираҳои баробари иқтисодӣ ва дараҷаи ягонаи рушди технологию инноватсионӣ доранд, ҳамон давлате кӯшиши инкишоф додани доираи манфиатҳои геополитикии худро зиёдтар анҷом медиҳад, ки:

–мавқеи хуби ҷуғрофиро доро бошад, яъне дар соҳили бандарҳои бузурги ҷаҳонӣ ва ё минтақаи тавлиди нафт ва ё мавзеи дигари аз нигоҳи геополитикӣ мусоидтар ҷойгир шуда, тавонад ба рақибони худ фишор оварад;

–дар давлат талаботи рӯзафзуни демографӣ зарурати инкишофдиҳии доираи манфиатҳои геополитикии онро ба вуҷуд меоварад, зеро давлат маҷбур мешавад барои "зинда мондан" аз тамоми роҳу восита истифода намояд. Масалан, яке аз омилҳои асосии рушду инкишофи рӯзафзуни қудрату тавоноӣ ва дар ин замина, тавсеа ёфтани доираи манфиатҳои геополитикии Чин дар ибтидои ҳазорсолаи сеюм маҳз зиёдшавии босуръати аҳолӣ дар ин давлат мебошад.

Збигнев Бжезинский манфиатҳои миллӣ ва геополитикии ИМА–ро дар алоқамандӣ таҳлил намуда, қайд мекунад, ки аз сабабе, ки ИМА давлати сермиллат буда, дар он мухолифати манфиатҳои фарҳангҳои зиёди гуногун мушоҳида мешавад, дар роҳи муайянкунии манфиатҳои миллӣ метавонад ба зиддиятҳои дохилӣ мувоҷеҳ гардад, ки ин омил дар иҷрои нақши лидери ҷаҳонӣ ба ИМА метавонад таъсири манфӣ расонад. Вале, таъкид мекунад ӯ, баъди хотимаи "ҷанги сард" давлати ғолиб (яъне ИМА) доктринаи мувофиқ барои муттаҳиднамоии манфиатҳои миллӣ бо манфиатҳои глобалиро бо номи "ҷаҳонишавӣ" пайдо намуд, ки ин бо тасаввуроти амрикоӣ доир ба ҷаҳонишавӣ: инноватсия, қувваи таҳрикдиҳандаи таърих ва бозори ягона пурра мутобиқат менамуд.

Муҳаққиқ ва дипломати дигари амрикоӣ, патриархи олами дипломатия Ҳенри Киссинҷер дар асари машҳури худ "Дипломатия" асосан, доир ба манфиатҳои миллӣ андешаронӣ намуда, иброз медорад, ки мафҳуми "манфиати миллӣ" қисми таркибии сиёсати давлатии Фаронса дар асри XVII–даврони кардинал Ришеле гардида буд ва аввалин маротиба аз ҷониби кардинали мазкур ин мафҳум истифода гардида буд. Набудани таҳдиди ҳамагири идеологӣ ва стратегӣ барои миллатҳои алоҳида дар амалисозии сиёсати хориҷие, ки дар заминаи манфиатҳои лаҳзаинаи миллӣ ташаккул меёбанд, озодиро кафолат медиҳад. Ба андешаи Ҳ.Киссинҷер, дар низоми ҷаҳонӣ, ки асосан панҷ ё шаш давлати абарқудрат ва миқдори зиёди давлатҳои хурди характернок мавҷуданд, бояд дар заминаи эҷоди тавозуни манфиатҳои миллии бо ҳам рақобаткунанда ҳаракат намуд [7, 633].

Ҳар ду "патриарх"–и дипломатияи амрикоӣ андешаҳои худро асосан доир ба мафҳуми "манфиатҳои миллӣ" баён намуда бошанд ҳам, вале

истиноди Збигнев Бжезинский ба омилҳои ҷуғрофӣ ва истифодаи мафҳумҳои "низоми байналмилалӣ" ва "давлатҳои абарқудрат" аз ҷониби Ҳенри Киссинҷер ба мафҳуми "манфиатҳои миллӣ" тобиши геополитикӣ мебахшанд. Дар баробари ин, Збигнев Бжезинский миёни манфиатҳои миллию геополитикӣ фарқе намегузорад, ки ин шояд аз он хотир аст, ки ӯ мехоҳад тамоми кураи Заминро ба доираи манфиатҳои миллии ИМА баробар намояд ва ё баръакс, доираи манфиатҳои миллии ИМА–ро тамоми кураи Замин ҳисобидан мехоҳад, ки ин айни ҳамон нуктаи аввал буда, масъалаи баҳси геополитикист ва бояд ҳамчун "манфиати геополитикӣ" баҳогузорӣ карда шавад, на "манфиати миллӣ".

Дар асл нақш ва таъсири омилҳои ҷуғрофӣ дар ташаккули манфиатҳои миллии давлатҳо ҳалкунанда буда, маҳз манфиатҳои геополитикии давлат дӯст ва шарикони онро муайян менамоянд. Вобаста ба омилҳои ҷуғрофӣ тасниф намудани давлатҳо ба "Хушкӣ ва Баҳр" – ҳамчун шакли аввалияи фазо дар геополитика, ба муҳаққиқи варзидаи англис Ҳелфорд Маккиндер мансуб аст. Маҳз ӯ баъди хотимаи Ҷанги якуми ҷаҳон, дар доктринаи машҳури геополитикии худ–**"**Меҳвари ҷуғрофии таърих" истилоҳи "Қалби Замин" (Heartland)–ро ҳамчун маркази хушкӣ ва Замини Наздисоҳилӣ (Rimland)–ро ҳамчун фазои пайвасткунандаи хушкӣ ва баҳр тавсиф намуда, бо ин зиддияти объективии (ҷуғрофиву фалсафии) давлатҳои мамолики хушкӣ ва баҳриро аз нигоҳи геополитикӣ исбот намуд. Яъне дар давоми таърих ду қудрати бузурге, ки дар муборизаи доимӣ муқобили ҳамдигар қарор доранд, қудрати баҳрӣ (Sea Power, ё талоссократия) ва қудрати хушкӣ (Land Power ва ё теллурократия) буда, сабаби зиддият омилҳои ҷуғрофӣ ва ҷаҳонбиниву идеология, арзишҳо ва ҳатто ҳаёти гуногун доштани халқҳои маскуни ин ду "фазо"–и мухталиф мебошад. Чӣ тавре яке аз геополитикҳои машҳури муосири рус А.Дугин қайд менамояд, хосси геополитикаи баҳрӣ демократия, либерализм, индивидуализм ва иқтисоди озоди бозорӣ (геоэкономикаи баҳрӣ) ва хосси геополитикаи хушкӣ бошад, баръакс, тоталитаризм, консерватизм, коллективизм ва иқтисоди нақшавӣ (геоэкономикаи хушкӣ) буда, ин ҳолат воқеъгардии қонуни машҳури геополитикӣ–дуализми фундаменталӣ мебошад [6, 11].

Мо дар таърихи ҷаҳонӣ мисолҳои зиёдеро метавонем мушоҳида намоем, ки дуруст нашинохтани манфиатҳои геополитикии давлатҳо ва риоя нагардидани талаботи қонуни геополитикии дуализми фундаменталӣ омили асосии натанҳо ҳимоя карда натавонистани манфиатҳои геополитикии давлат, балки таҳдиди асосӣ ба манфиатҳои миллии онҳо гардида буданд. Масалан, дар Ҷанги якуми ҷаҳон, ки аз нигоҳи геополитикӣ ҷанг миёни ҷаҳони "Баҳр", яъне давлатҳои баҳрӣ–иттифоқи Антанта (Британия, Фаронса ва Русия) ва ҷаҳони "Хушкӣ"–Иттифоқи

Сегона (Олмон, Австро–Венгрия ва Италия) буд, Русияи подшоҳӣ, ки аз нигоҳи ҷуғрофӣ ва арзишиву идеологӣ, хулоса, аз нигоҳи геополитикӣ мансуби мамолики континенталӣ буд, аз ҳисоби блоки давлатҳои баҳрӣ–Антанта ҷангид. Ворид шудан ба ҷанги ҷаҳонӣ шояд ба Русия омилҳои зиёди иқтисодиву сиёсӣ дошт, вале он бояд аз ҳисоби иттифоқи мамолики континенталӣ вориди мубориза мегардид. Ворид шудан ба ҷанги ҷаҳонӣ сабаб шуд, ки дар дохили Русия норозигиҳо авҷ гирифтанд ва Инқилоби Октябр ба амал омад. Аз ин нукта метавон ду хулосаи муҳим баровард: якум, Русия бо баинобатгирии вазъи сиёсии дохилӣ бояд дар Ҷанги ҷаҳонӣ иштирок менамуд ва дуюм, агар зарурати ниҳоии ҳамроҳшавӣ ба ҷанг ногузир бошад, он бояд ҳамчун давлати континенталӣ аз ҳисоби блоки давлатҳои континенталӣ меҷангид. Бубинед, ки гарчанде иттифоқи давлатҳои “баҳрӣ” (яъне иттифоқчиёни Русия) дар ҷанг ғалаба намуда бошанд ҳам, Русияро ба хотири баромадан аз ҷанг (ҳарчанд, ки миқдори сокинони дар ҷанг иштирокнамуда аз ҳисоби Русияи подшоҳӣ аз тамоми давлатҳои иттифоқи Антанта зиёдтар буда, ба 12 млн. нафар мерасид) баъди Инқилоби Октябр ба қатори мамолики мағлуб нисбат дода, ҳамон “иттифоқчиёнаш” баъди ҷанги ҷаҳонӣ дар Конфронси Генуя аз Русияи шуравӣ пардохти қарзҳои дар ҷанги ҷаҳонӣ гирифтаи Русияи подшоҳиро низ талаб намуда буданд, ки онро Русия қатъиян рад намуд. “Душманӣ”– и давлатҳои баҳрӣ бо давлати “континенталӣ”– и Русия танҳо заминаи сиёству идеологӣ надошта, балки омилҳои амиқи геополитикиро дар пай дорад. Имрӯзҳо низ раҷобати Федератсияи Русия бо давлатҳои ғарбӣ ба ҳамин қонуни геополитикии дуализми фундаменталӣ такя менамояд.

Маротибаи дуюм, вақте давлати дар ҷойи Русияи подшоҳӣ ташкилёфта – ИҶШС дар давраи ҳукмронии аввалин ва охирин президенти он–М. С.Горбачёв хост бо мамолики Ғарби атлантӣ “дӯстӣ” бикунад ва зиддиятҳои мавҷударо аз миён барад ва ҳатто дар ин самт чандин иқдомоте, аз қабили демократикунонӣ ва ошкорбаёнӣ, ки ҳама хосси геополитикаи баҳрӣ буд, дар давлати аз нигоҳи принсипҳои континенталӣ инкишофёбандаи худ ҷорӣ намояд, оқибати ҳалокатбор ба бор овард ва билохира, сабаби асосии фурӯпошии ИҶШС гардид. Дар он рӯзҳо (пеш аз фурӯпошии ИҶШС) оппозитсияи сиёсии давлатӣ фаъолияти ҳукуматро танқид намуда, чунин иброз дошта буд: “Аз он ки ИҶШС худро давлати демократӣ меномад, муносибати ҳамсоягон бо мо тағйир нахоҳад ёфт, зеро он на бо ҳиссиёт, балки тавассути геополитика муайян мегардад” [3, 41]. Имрӯз ҳақиқати ин гуфтаҳо, ки чаҳор даҳсола пеш иброз ёфта буданд, барои мо ошкор мегардад ва мо дар таҷрибаи имрӯзаи мавқеи НАТО нисбати Русия онро мушоҳида менамоем.

Дар низоми нави ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ мебояд барои ҳимояи манфиатҳои миллию геополитикии худ кушиши зиёд ба харҷ

диҳад. Баҳси он ки оё Тоҷикистон ба ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ ниёз дорад, баҳси доманадор буда, бо ҳамин иктифо менамоем, ки ҳимоя нагардидани манфиатҳои геополитикии давлат, маънои мавҷуд набудани манфиатҳои геополитикии давлатро надорад. Аҳаммияти манфиатҳои геополитикӣ барои Тоҷикистон ин аст, ки онҳо дар ташаккули сиёсати хориҷӣ нақши муҳим доранд ва стратегия ва афзалиятҳои давлатро дар арсаи байналмилалӣ муайян мекунанд. Бояд ба инобат гирифт, ки манфиатҳои геополитикӣ ҳамчунин, манбаи шиддат ва ихтилофоти байни давлатҳо шуда метавонанд, вале дар баъзе мавридҳо асоси ҳамкорӣ ва инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ низ ба ҳисоб меравад. Чунин ҳолат ва мавқеъ асосноккунии конститутсионӣ дар шароити Тоҷикистон пайдо намудааст. Масалан, дар моддаи 11–и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти «Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, ҳамчунин, аз онҳо барояд, бо кишварҳои хориҷӣ робита барқарор намояд» [9, 11] хосияти расмии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ пайдо намудааст, ки ин аз афзалияти ҳимояи манфиатҳои миллӣ, аз ҷумла ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии субъективии Тоҷикистон, шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, манфиатҳои геополитикӣ ҳамон манфиатҳое мебошанд, ки бо мақсади нуфуз ва ҳукмронии давлат дар тамоми ҷаҳон ва ё дар минтақаҳои бузурги ҷаҳон алоқаманд буда, инчунин, манфиатҳоеро фаро мегиранд, ки бо муқобилат ба кӯшиши нуфузи як давлат аз ҳисоби истисмор ва ё заифсозии тарафи дигар марбутанд.

АДАБИЁТ

1. Morgenthau H.J. Politics among Nations. New York: Alfred, 1948. – P. 67.

2. Rudolf Kjellen. Staten som livsform. Stockholm: 1916. – С. 124.

3. Белашов, И. И. Геополитические интересы в структуре современного политического процесса: специальность 23.00.02 «Политические институты, этнополитическая конфликтология, национальные и политические процессы и технологии»: диссертация на соискание ученой степени кандидата политических наук. Ставропольский государственный университет. Ставрополь, 2004. – С. 41.

4. Бжезинский З. Великая шахматная доска: господство Америки и его геостратегические императивы. М: АСТ, 2014. – С. 53.

5. Гельвеций К.А., Об уме. М: ОГИЗ, 1938. – С. 34.

6. Дугин А.Г. Основы геополитики. Геополитическое будущее России. Мыслить Пространством. М: АРКОГЕЯ – центр, 1999. – С. 11.

7. Киссинджер Г. Дипломатия. М: Ладомир, 1997. – С. 733.

8. Клаузевиц К. О войне. М: Государственное военное издательство Наркомата обороны Союза ССР, 1937. – С. 458.

9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: 2016. – С. 11.

10. Моро Дефарж Ф.Введение в геополитику. М: Конкорд, 1996.–С. 3.

11. Николас Хаггер. Синдикат; История мирового правительства. М: Алгоритм, 2017.–С. 14.

12. Поздняков Э.А. Геополитика. М: Прогресс–Культура, 1995. – С. 53.

13. Фукуяма. Ф. Неясность «национального» интереса // Независимая газета. / [Электронный ресурс] URL: https://www.ng.ru/specfile/2000–10–13/13_interest.html (дата обращения:18.06.2024).

14. Челлен Р. Государство как форма жизни. М: Российская политическая энциклопедия, 2008. – С. 214.

15. Ятимов С. С. Идеология ва манфиатҳои миллӣ. Душанбе: 2015. – С. 16.

ОБЗОР ВЗАИМОСВЯЗИ МЕЖДУ «НАЦИОНАЛЬНЫМ ИНТЕРЕСОМ» И «ГЕОПОЛИТИЧЕСКИМ ИНТЕРЕСОМ» В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

САЪДУЛОЕВ АБДУЛВОСИТ,
доктор политических наук (PhD), доцент кафедры политологии и связи с общественностью Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33;
тел: (+992) 918-78-12-12; e-mail: prof.asrt@mail.ru

МУМИНОВ МУСТАКИМ АБДУВАКИЛОВИЧ,
соискатель кафедры политологии и связи с общественностью Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33;
тел: (+992) 926-16-09-18; e-mail: muminovmustaqim@gmail.com

В статье речь идет о национальных и геополитических интересах. Авторы анализирует понятия «национальный интерес» и «геополитический интерес», а также природу формирования и развития геополитических интересов и их роль в развитии международных отношений с точки зрения научных геополитических законов, основываясь на анализе теории известных геополитиков. Отмечается, что понятия «национальные интересы» и «геополитические интересы» рассматриваются по разному в разных школах политической науки, и в зависимости от взглядов даются разные определения этих понятий. В статье также обозначены идеи о становлении геополитической науки и

необходимости геополитических знаний для признания национальных и геополитических интересов на примере исторического опыта стран мира.

Ключевые слова: *интерес, геополитика, национальный интерес, геополитический интерес, защита интересов.*

CONSIDERATION OF THE RELATIONSHIP BETWEEN THE CONCEPTS OF «NATIONAL INTEREST» AND «GEOPOLITICAL INTEREST» IN THE SYSTEM OF INTERNATIONAL RELATIONS

SA'DULOEV ABDULVOSIT,
Doctor (PhD) of political sciences, Associate professor of the Department of Political Sciences and Public Relations of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Said Nasir str. 33;
tell: (+992) 918-78-12-12; e-mail: prof.asrt@mail.ru

MUMINOV MUSTAQIM ABDUVAKILOVIH,
Applicant of the Department of Political Science and Public Relations of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Said Nasir str. 33;
tell: (+992) 926-16-09-18; e-mail: muminovmustaqim@gmail.com

The article deals with national and geopolitical interests. The authors analyzes the concepts of "national interest" and "geopolitical interest", as well as the nature of the formation and development of geopolitical interests and their role in the development of international relations from the point of view of scientific geopolitical laws, based on the analysis of the theory of famous geopoliticians. It is noted, that the concepts of "national interests" and "geopolitical interests" are viewed differently in different schools of political science, and depending on the views different definitions of these concepts are given. The article also presents ideas about the development of geopolitical science and the need for geopolitical knowledge to recognize national and geopolitical interests in example of the historical experience of the world's states.

Keywords*: interest, geopolitics, national interest, geopolitical interest, protection of interests.*

УДК: 327:316.7(540)

ЗАМИНАҲОИ СИЁСИИ ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГӢ ДАР ҲИНДУСТОН

ХОЛМУРОДОВ ШАРИФХУҶА ГАДОМАДОВИЧ,
докторанти ихтисоси муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
тел: (+992) 985–40–61–63; e–mail: @sharifkhujamail.ru

Дар мақола заминаҳои сиёсии ташаккули дипломатияи фарҳангӣ дар Ҳиндустон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дипломатияи фарҳангӣ яке аз воситаҳои муассири татбиқи сиёсати хориҷии кишварҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Ба ақидаи муаллиф истилоҳи «дипломатияи фарҳангӣ» дар солҳои 30–юми асри гузашта пайдо шуда, аз ҷониби пажуҳишгари амрикоӣ Ф.Баргҳорн ба илм ворид гардид ва дар аввал мазмуни идеологӣ дошт. Вазифаи асосии дипломатияи фарҳангӣ таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ, густариши ҳамкориҳои иҷтимоию фарҳангӣ, пешбурди манфиатҳои миллии давлат, зиёда аз он, таъмини амнияти миллии он мебошад.

Ҳиндустон дорои вижагиҳои хосси таърихию фарҳангӣ мебошад, ки дар ташаккули он мавқеи ҷуғрофӣ ва тамаддуни сокинони он таъсири зиёд расонидаанд. Кишвари мазкур бо касби истиқлоли сиёсӣ дар сиёсати хориҷии худ унсурҳои фарҳанги миллӣ ва усулҳои ғайризӯриро истифода намуда, миёни кишварҳои ҷаҳони сеюм нуфузи хос дорад.

Дар мақола таъсири унсури инсонӣ дар ташаккули дипломатияи фарҳангии ин кишвари бостонӣ арзёбӣ гардидааст. Муаллиф ба нақши роҳбарони Ҳиндустон Ҷавоҳирлаъл Неҳру ва Маҳатма Ганди дар ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон таъкид намудааст.

Инчунин, дар мақола махсусиятҳои ташаккули дипломатияи фарҳангӣ ва омилҳои инъикоскунандаи он нишон дода шудаанд. Дар баробари ин, дурнамои таъсири омили фарҳангӣ дар сиёсати хориҷӣ ба таври возеҳу равшан инъикос гардидааст.

Калидвожаҳо: *Ҳиндустон, дипломатияи фарҳангӣ, неруи нарм, сиёсати хориҷӣ, Ҷавоҳирлаъл Неҳру, Маҳатма Ганди, дипломатияи оммавӣ, диаспораи ҳиндӣ, фарҳанг, мероси таърихию фарҳангӣ.*

Равандҳои мусоири байналмилалӣ баёнгари он аст, мавқеъгирии давлатҳо дар масъалаҳои гуногуни сиёсати ҷаҳонӣ яке аз омилҳои таъсиррасон ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ ба шумор меравад. Дар ин раванд давлатҳо кӯшиш менамоянд, то ҷиҳати мавқеъгириҳо ва

ҳимояи манфиатҳои худ аз тамоми восита ва имкониятҳои мавҷуда истифода намоянд.

Нуфузи давлатро дар арсаи ҷаҳон омилҳои зиёд муайян мекунанд. Ин натанҳо вазни сиёсӣ, нуфуз ва иқтидори иқтисодӣ, балки иқтидори фарҳангӣ мебошад. Паҳн намудани мероси фарҳангии худ дар кишварҳои хориҷӣ, пешбурди забономӯзӣ, густариши табодули фарҳангӣ яке аз авлавиятҳои муҳимми давлат ва ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати хориҷии он ба шумор меравад [7].

Дипломатияи фарҳангӣ яке аз воситаҳои муассир ва муҳимтарини татбиқи стратегияи сиёсати хориҷии ҳар як давлат буда, нақши муҳим дар низоми муносибатҳои муосири байналмилалӣ иҷро мекунад.

Истилоҳи «дипломатияи фарҳангӣ» дар солҳои 30–юми асри гузашта пайдо шуда, аз ҷониби пажуҳишгари амрикоӣ Ф.Баргҳорн ба гардиши илмӣ ворид карда шудааст. Тибқи таърифи ӯ, дипломатияи фарҳангӣ «ҳавасмандсозии маводҳои фарҳангӣ ва кадрҳо бо ҳадафҳои таблиғотӣ» аст. Ҳамин тариқ, дар аввал истилоҳ дорои мазмуни идеологӣ буд, ки онро шароити замон муайян мекард.

Яке аз аввалин таърифҳои мафҳуми «сиёсати фарҳангӣ» дар мизи гирди ЮНЕСКО дар шаҳри Монако соли 1967 ба илм ворид карда шуд. Дар гузориши «Сиёсати фарҳангӣ – баррасиҳои қаблӣ» сиёсати фарҳангӣ ҳамчун *«маҷмуи усулҳои фаъолияти маъмурӣ ва молиявие фаҳмида мешуд, ки асоси амалии давлатиро дар соҳаи фарҳанг таъмин мекунанд».* Дар ин замина татбиқи сиёсати фарҳангӣ *«тамоми амалҳои бошуурона ва мақсаднокест, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои муайяни фарҳангӣ тавассути истифодаи оқилонаи тамоми захираҳои воқеӣ ва маънавӣ, ки ҷомеа айни замон дар ихтиёри худ дорад, равона мешавад»* [2].

Дар асри XXI таҳти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва бо шароити ташаккули низоми нави бисёрмарказии муносибатҳои байналмилалӣ, дар баробари равандҳои сиёсӣ, таъсири ҳарбию сиёсӣ ва захираҳои иқтисодӣ, мафҳуми «неруи нарм»–и давлат ҳамчун воситаи таҳкими таъсири давлатҳо баррасӣ мешавад. Мутобиқи консепсияи «неруи нарм», ки муаллифи он сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷ.Най мебошад, он аз се ҷузъи асосӣ иборат аст: ҷаззобияти низоми арзишҳои давлат, ҷолибияти фарҳанги он, самаранокии механизмҳои сиёсати хориҷии ғайриҳарбӣ [14,17].

Дар мактаби илмии сиёсатшиносии ғарбӣ робитаи мустақими байни дипломатияи фарҳангӣ ва «неруи нарм»–и кишвар қайд мегардад. Донишмандони ғарбӣ дипломатияи фарҳангиро як навъи дипломатияи оммавӣ ва ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати «неруи нарм» муайян мекунанд, ки «мубодилаи ғояҳо, иттилоот, осори санъат ва дигар ҷузъҳои фарҳангиро байни давлатҳо ва халқҳои маскуни онҳоро бо мақсади таҳкими

ҳамдигарфаҳмӣ» дар бар мегирад» [12,136]. Яъне неруи нарм на ба фишор, балки бо истифода аз усули имиҷи дилкаш ва ҷолибияти он асос ёфтааст.

Дипломатияи фарҳангӣ ҳам фарҳанги «баланд» (санъат, адабиёт) ва ҳам хусусиятҳои моддӣ, маънавӣ, зеҳнии ҷомеа (анъанаҳо, расму оинҳо, эътиқодҳо, низоми арзишҳо)–ро дар бар мегирад. Кишварҳо саъй ва кӯшиш мекунанд, ки маҳз ҳамин қисмҳои таркибии фарҳанги худро дар ҷараёни татбиқи дипломатияи фарҳангӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон диҳанд [5].

Бо дарназардошти таърифҳои гуногуни дипломатияи фарҳангӣ ва оммавӣ, бояд қайд кард, ки аксари олимон дипломатияи фарҳангиро ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати «неруи нарм»–и давлат медонанд [1].

Вазифаи асосии дипломатияи фарҳангӣ таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ, густариши ҳамкориҳои иҷтимоию фарҳангӣ, пешбурди манфиатҳои миллии давлат, зиёда аз он, таъмини амнияти миллии он мебошад.

Фарҳанг маҷмуи арзишҳоест, ки барои ҷомеа мундариҷаи маъноӣ эҷод мекунад, ки аз ҷумла фарҳанги «баланд» (адабиёт, санъат, маориф) ва фарҳанги оммавиро дар бар мегирад. Давлатҳо кӯшиш мекунанд, ки дар ҷараёни татбиқи дипломатияи фарҳангии худ маҳз ҳамин самтҳоро ба аудиторияи хориҷӣ нишон диҳанд. Дипломатияи фарҳангӣ ҷузъи асосии дипломатияи оммавӣ буда, дар огоҳонидани ҷомеаи ҷаҳонӣ, нигоҳдорӣ ва рушди робита бо дигар миллатҳо дар соҳаи маориф ва фарҳанг зоҳир гардида, ба ташаккули симои ҷолиби кишвар дар хориҷи кишвар равона шудааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва вобастагии мутақобила, ки дар он густариши технологияҳои иртиботи оммавӣ муошарати мардуми кишварҳои гуногунро осон мекунад, дипломатияи фарҳангӣ нақши ниҳоят муҳимро дар таъмини сулҳу суботи байналмилалӣ иҷро мекунад. Аз ин лиҳоз, айни замон қариб ҳамаи давлатҳои бузург мекӯшанд, ки дипломатияи фарҳангиро дар стратегияҳои сиёсати хориҷии худ ҷой дода, аз он оқилона истифода баранд.

Дар маҷмуъ, дипломатияи фарҳангӣ сиёсати давлатиро дар робита ба самтҳои муайяни фаъолияти фарҳангӣ, фаъолияти сиёсати хориҷӣ, истифодаи воситаҳои фарҳангӣ ва меъёрҳои фарҳангӣ дар амалҳои сиёсати хориҷӣ муттаҳид мекунад; ба истифодаи воситаҳои таъсири фарҳангӣ дар фаъолияти дипломатии кишвар барои ноил шудан ба ҳамдигарфаҳмии байнидавлатӣ, сулҳу субот тавассути бартараф намудани монеаҳои фарҳангӣ мусоидат менамояд; истифодаи омилҳои гуногуни фарҳанг, санъат ва маорифро барои ҳимоя ва пешбурди манфиатҳои миллии худ дар арсаи байналмилалӣ дар бар мегирад [4,25].

Пажуҳишгарони дипломатияи фарҳангӣ бар ин назаранд, ки дар ҷаҳони муосир дар баробари дипломатияи нухбагон (сиёсатмадорон,

сафирон ва ходимони ҷамъиятӣ) дипломатияи оммавӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад, ки мубодилаи густурдаи фарҳангии байни мардуми одиро дар назар дорад. Ҳамин тариқ, дар шароити ҷаҳонишавӣ фарҳанг ба ҷузъи муҳимми сиёсати байналмилалӣ ва «неруи нарм»–и кишвар табдил меёбад [1].

Метавон гуфт, ки дипломатияи фарҳангӣ як навъ меҳвари дипломатияи оммавии давлат аст, зеро маҳз тавассути фарҳанг миллат ҳувияти худро ба ҷаҳониён муаррифӣ пешниҳод намуда, арзишҳо ва ғояҳои худро муаррифӣ мекунад.

Омилҳое, ки ба дипломатияи фарҳангии давлат таъсир мерасонанд, инҳоянд: афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ; кӯшиши фароҳам овардани симои мусбат; таърихи кишвар; захираҳо ва маблағгузории сиёсати фарҳангӣ; паҳн ва маъруфияти забони давлатии кишвар дар ҷаҳон; манфиатҳои тиҷоратии давлат.

Дар чаҳорчӯбаи ташаббусҳои дипломатияи фарҳангӣ ҷанбаҳои зерин истифода мегарданд:

– санъат, аз ҷумла театр, кино, мусиқӣ, рақс, рассомӣ, ҳайкалтарошӣ;

– сайёҳӣ, бо истифода аз имкониятҳои гуногун ва мавриди таваҷҷуҳи хориҷиён;

– намоишгоҳҳо, аз ҷумла намоишгоҳҳои байналмилалии ЭКСПО;

– барномаҳои таълимӣ ва барномаҳои мубодилаи академӣ ва илмӣ, барномаҳои забономӯзӣ дар хориҷа;

– адабиёт: ташкили китобхонаҳо дар хориҷа ва тарҷумаи асарҳои миллӣ ба забонҳои хориҷӣ;

– пахши ахбор ва барномаҳои фарҳангӣ дар хориҷа;

–дипломатияи динӣ, аз ҷумла ташаббусҳои муколамаи байнитамаддунӣ.

Яке аз самтҳои асосии дипломатияи фарҳангӣ эҷоди робитаҳои дарозмуддат бо мардуми одӣ тавассути барномаҳои табодули фарҳангӣ ва академӣ, бурсияҳо ва идрорпулиҳо, тренингҳо, конфронсҳо ва дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотӣ мебошад. Ҳамин тариқ, робитаҳои фарҳангӣ метавонанд як воситаи муассири дипломатияи оммавии давлат гардида, ба ташаккули симои мусоиди кишвар мусоидат намоянд [1].

Муҳимтарин ҳадафҳои дипломатияи фарҳангӣ баланд бардоштани сатҳи огоҳии кишвар; ташаккули андешаҳои мусбат дар бораи кишвар ва арзишҳои он; ҷалби мардум ба кишвар барои сайёҳӣ ва таҳсилот; пешбурди молҳо дар хориҷа; ҷалби сармояи хориҷӣ ва шарикони сиёсӣ ба шумор меравand. Субъектҳои дипломатияи фарҳангӣ ҳам ҳукуматҳо ва ҳам мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон мебошанд. Муассисаҳои асосии дипломатияи фарҳангӣ марказҳои фарҳангӣ дар хориҷа мебошанд, ки дар фаъолияти худ аз воситаҳои зерин истифода

мебаранд: гузаронидани конфронсу намоишгоҳҳо; ташкили сафарҳои хизматии ходимони машхури фарҳанг ва санъат; баргузории «Рӯзҳои фарҳанг»; ташкили курсҳои забономӯзӣ; татбиқи барномаҳои муштараки байнидавлатии таълимӣ, бозпахши намоишҳои телевизионӣ, нашри китобҳо. Ҳадафи асосии ин чорабиниҳо шиносоии ҷомеаи хориҷӣ бо фарҳанги кишвар, фароҳам овардани ҳамдигарфаҳмӣ ва шароити мусоид барои ҳамкории минбаъда мебошад [5].

Ҳамин тариқ, робитаи дипломатияи фарҳангӣ ва сиёсати хориҷии фарҳангии давлатро метавон ҳамчун равобити байни «низоми тадбирҳои таъминкунандаи дастёбӣ ба мақсадҳои сиёсати хориҷӣ ва маҷмуи усулу воситаҳои ба ин мақсад истифодашаванда баррасӣ намуд» [4].

Дар шароити муосир Ҳиндустон яке аз кишварҳое ба шумор меравад, ки дипломатияи фарҳангиро пеша намуда, барои густариши он дар арсаи ҷаҳонӣ аз механизмҳои гуногун истифода менамояд.

Таърихи Ҳиндустон чандин ҳазорсолаҳоро дар бар гирифта, дар ин муддат ҳиндуҳо дар рушди илм, фарҳанг, тиб, иқтисоди ҷаҳонӣ ва ғайра саҳми арзанда гузоштаанд.

Ҳеҷ як кишвари ҷаҳон аз ҷиҳати гуногунрангии фарҳанги ғании худ наметавонад бо Ҳиндустон рақобат кунад, ки аз даврaҳои гуногуни таърих, анъана ва расму оинҳои ҳиндӣ ва мансуб ба фарҳанги халқҳои дигар ташаккул ёфтааст. Ҳиндустон ба 29 иёлат (штат) тақсим шудааст, ки ҳар кадоми онҳо натанҳо бо шароити иқлим ва табиӣ, балки бо хусусиятҳои хосси фарҳангӣ низ фарқ мекунанд. Ҳиндустон дувумин кишвари сераҳолӣ дар ҷаҳон аст. Дар қаламрави нисбатан хурди ин кишвар шумораи зиёди миллатҳо, халқиятҳо ва қабилаҳо зиндагӣ мекунанд. Ҳамаи онҳо дорои забон, дину оин, урфу одат, анъана ва тарзи зиндагии худ мебошанд. Бо вуҷуди ин, Ҳиндустон як худкифогии аҷиберо нигоҳ медорад, ки тамоми ҳиндуҳоро муттаҳид мекунад.

Махсусияти фарҳангӣ, ки ба Ҳиндустон хос аст, асосан бо ҷойгиршавии ҷуғрофии он пешакӣ муайян мегардид. Кишварро аз се тараф баҳр ва аз ҷониби чорум кӯҳҳои баланди касногузар иҳота кардаанд. Махсусияти мавқеи ҷуғрофии кишвар, бешубҳа, дар ташаккули андеша ва ҷаҳонбинии ҷомеаи ҳинду нақши муҳим доранд.

Ҳиндустон аз ҳамаи динҳои ҷаҳонӣ намояндагӣ мекунад. Баъзе аз арзишҳои динӣ аз ҳудуди кишвар хеле берун рафта, ба тамоми ҷаҳон таъсир мерасонад. Дар баъзе кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубу Шарқӣ буддоия ҳамчун дини расмӣ эътироф шудааст, ки ватанаш Ҳиндустон аст.

Дар Ҳиндустон шумораи зиёди ҷараёнҳои гуногуни диниву мазҳабӣ якҷоя зиста, аз низоъҳо канорагирӣ мекунанд. Ҳиндуҳо, мусалмонон, насрониён, буддоиҳо, сикҳҳо, ҷайниҳо ва ғайра паҳлу ба паҳлу зиндагӣ намуда, ба ақида ва расму оини динии ҳамдигар эҳтиром мегузоранд.

Шарти ҳамзистии осоиштаи чунин теъдоди бениҳоят зиёди дину миллатҳо таҳаммулпазирии хосси фарҳанги Ҳинд ва эҳтиром ба дигар миллатҳо ва эътиқодҳо ба шумор меравад. Ҳиндустон дар тули асрҳои зиёд бе вайрон кардани асосҳо ва тартиботи қадимии худ арзишҳои беҳтаринро аз истилогарон қабул намудааст [6].

Симои Ҳиндустонро дар давраи ҳокимияти Британия аҷнабиён аксаран бо симои кишвари метрополия муқоиса мекарданд: кишвари шарқӣ ба назари онҳо нообод, заиф ва ваҳшӣ менамуд.

Ним аср пеш аз эълони истиқлоли Ҳиндустон аз империяи Британия, ғояҳои «неруи нарм» дар баҳси сиёсии Ҳиндустон ба шарофати эҳёи ҳиндуия дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва мавҷи истиқлолихоҳии Ҳиндустон бо роҳбарии Маҳатма Ганди рушди нав пайдо карданд. Масалан, Свами Вивекананда, пешвои руҳонии Ҳиндустон дар нимаи дуюми асри XIX, нақши ояндаи Ҳиндустонро ҳамчун «фиристодаи сулҳ, ангеза барои эҷоди тартиботи одилона ва ахлоқӣ» пешгӯйӣ карда буд. Пешвои муборизаи озодии Ҳиндустон, Маҳатма Ганди (1869–1948), ки ҳамчун бузургтарин тарғибгари арзишҳои бидуни зӯроварӣ (ахимса) ва муқовимати ғайризӯроварӣ (сатяграҳа) маъруф аст, ба «неруи нарм» ҳамчун як фишанги эҳтимолии қонунӣ ва муассири сиёсати хориҷии Ҳиндустон ишора мекард [8, 414].

Ҳиндустон соли 1947 бо озод шудан аз асорати мустамликавӣ дар харитаи сиёсии ҷаҳон ҳамчун кишвари мустақил пайдо шуд. Роҳбарияти Ҳиндустон дар давоми 77 соли минбаъдаи рушди худ воситаҳои татбиқи сиёсати хориҷии кишвар истифодашударо борҳо бозбинӣ намудааст. Қобили зикр аст, ки фишангҳои «неруи нарм» дарҳол пас аз давлати соҳибихтиёр эълон шудани Ҳиндустон ба он ворид гардида, дар нимаи дуюми асри XX – ибтидои асри XXI ғояи «неруи нарм» бо услуби ҳиндӣ инкишоф ёфт.

Кишвар аз оғози истиқлол кушиш мекард, ки сиёсати хориҷии худро дар муносибатҳои байналмилалӣ на ба неруи дурушт, балки дар асоси арзишҳои ғайризӯрӣ ташаккул диҳад. Ин равиши «неруи нарм» аз имконоти маҳдуди моддии Ҳиндустон, заминаи қавии тамаддунӣ, таҷрибаи таърихии кишвар, инчунин, нақши тасмимгирандагони асосии сиёсӣ ва вазъи геополитикӣ сарчашма гирифт.

Ҳиндустон кишвари махсуси иҷтимоию фарҳангӣ мебошад. Бо андеша дар бораи роҳи рушди таърихӣ ва муосири он, ҳатман ба нотакрор будани кишвар бовар ҳосил мегардад. Боиси тааҷҷуб аст, ки новобаста аз махсусиятҳои ҷиддӣ дар равобити дохилӣ, ихтилоф ва зиддиятҳои зиёд кишвар тамомияти арзии худро ҳифз намуда, фаъолона рушд менамояд. Ҳиндустон ин ҷаҳони том бо аҳолиест, ки аз теъдоди нуфуси як қитъа бештар аст.

Сиёсати либералии Ҳиндустон иқтидори иқтисодии онро хеле зиёд кард, рушди энергетикаи атомӣ иқтидори ҳарбии онро мустаҳкам намуд. Ба гуфтаи муҳаққиқ Ҷ.Най, ки Ҳиндро «паланги биҳорӣ» номидааст, дар рақобати ҷаҳонии неруҳои нарми Чин ва Ҳинд, Ҳиндустон аз ҷиҳати ҷолибияти симои сиёсӣ ва иқтисодии худ бартарӣ дорад [10, 59].

Омили инсонӣ дар ташаккули ақидаи Ҳиндустон доир ба сиёсати ҷаҳонӣ нақши истисноӣ бозидааст. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустони озодро асосан Ҷавоҳирлаъл Неҳру, сарвазир (1947–1964) ва аввалин вазири корҳои хориҷӣ таҳия кардааст. Дар ҳақиқат, ӯ масъулияти иштироки Ҳиндустонро дар корҳои байналмилалӣ хеле пештар–дар соли 1927 қисман ба зиммаи худ гирифт, ҳангоме ки Маҳатма Ганди коркарди консепсияи сиёсати хориҷии кишвар ва ба Конгресси миллии Ҳиндустон пешниҳод кардани онро бовар карда буд.

Ҳиндустон бо оғози ҳаёти сиёсии худ ҳамчун давлати мустақил дар аввал саъй дошт, ки яке аз пешсафони ҷаҳони мутараққии мустамликаҳои мазлуми собиқ бошад, роҳи худро пеш гирифта, барои бисёр кишварҳои дигар намуна гардад. Кишвар дар давоми даҳ–понздаҳ соли аввал роҳи худро ҷустуҷӯ кард, аммо дар айни замон кӯшиш кард, ки моҳият ва махсусияти худро аз даст надиҳад [3].

Ҷумҳурии Ҳиндустон тавонист дар назди кишварҳои ҷаҳони сеюм обрӯю эътибор пайдо кунад ва онро бо таъсиси Ҷунбиши адами тааҳуд тақвият диҳад. Дар ҳақиқат, дар солҳои «ҷанги сард» ташкили ин гуна ниҳод ба нуфузи Ҳиндустон таъсири мусбат расонид. Ин амр аз як тараф, имкон дод, ки кишвар ба ягон блок дохил нашуда, ҳам бо давлатҳои лагери сотсиалистӣ ва ҳам сармоядорӣ муносибатҳои байнидавлатӣ барпо намояд. Аз тарафи дигар, Ҳиндустон бо ин амал дар байни кишварҳои мутараққӣ мавкеи пешқадамро ишғол намуд [12, 42].

Имрӯз неруи нарми Ҳиндустон дар кадом ҷанбаҳо ифода меёбад? Ҳама сарчашмаҳои «неруи нарм»–и Ҳиндустонро, ба андешаи мо, метавон ба панҷ гурӯҳ тақсим кард: фарҳанг, арзишҳои сиёсии дохилӣ, сиёсати хориҷӣ, диаспораи Ҳиндустон дар хориҷа ва иқтидори иқтисодӣ.

Диаспора ҳамчун яке аз воситаҳои асосии сиёсати дипломатияи оммавӣ амал карда, ба ҳалли нофаҳмиҳо дар муносибатҳои байнидавлатӣ, ки Ҷумҳурии Ҳиндустон яке аз тарафҳо мебошад, мусоидат мекунад, дар рушди иқтисодии Ҳиндустон ва кишвари истиқомат саҳми назаррас мегузорад ва инчунин, ноқили арзишҳои маънавӣ ба муҳити кишварҳои хориҷӣ ба шумор меравад. Аз сабаби шумораи зиёди диаспораҳои ҳиндӣ ва ҷиҳати самаранок намудани ҳамкорӣ байни диаспора ва Ҳиндустон, ҳама намояндагон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: вобаста ба мавҷудияти шаҳрвандии Ҳиндустон ва давомнокии будубош дар хориҷа. Гирифтани ин мақом ва мутаносибан як қатор имтиёзҳо (масалан, сафарҳои бе раводид ба

Ҳиндустон), инчунин, ҳуқуқи иштирок дар озмунҳое, ки ҳукумати Ҳиндустон бо мақсади ошноии намояндагони диаспора бо дастовардҳои ватани худ ташкил мекунад, мумкин аст, ки агар ба меъёрҳои муайян ҷавобгӯй бошанд ва як қатор санадҳо ба муассисаҳои дахлдор пешниҳод карда шаванд. Аҳаммияти диаспораи ҳиндӣ барои кишвар тавассути призмаи таҳлили лингвистии баъзе таърифҳо, баррасии маъракаҳои ҳукуматӣ, ки барои барқарор ва нигоҳ доштани робита бо диаспора, маҳсулоти синамоӣ, инчунин, асарҳои бадеӣ нигаронида шудаанд, омӯхта мешавад [11].

Аввалин шахсе, ки консепсияи «неруи нарм»–ро барои Ҳиндустон таҳия кардааст, Маҳатма Ганди буд. Стратегияи ӯ бар зидди мустамликадории Британия бар фалсафаи муқовимати ғайрихушунатӣ асос ёфта буд, ки имрӯз асоси ғоявии амсилаи неруи нармии Ҳиндустон маҳсуб мешавад.

Айни замон захираҳои асосии «неруи нарм»–и Ҳиндустон ба ҳисоб мераванд:

1) мероси таърихию фарҳангӣ, фалсафӣ ва динии қадимии Ҳиндустон ва амалияи руҳию ҷисмонӣ (йога, буддоия);

2) санъати мусиқӣ, пластикӣ ва ошхонаи Ҳиндустон;

3) Болливуд (шабеҳи ҳиндии Ҳолливуди Амрико);

4) Бангалор (номи умумии минтақаҳои оффшорӣ барои истеҳсоли технологияҳои навтарини иттилоотӣ, номи рамзии «фабрикаи афкор»;

5) технологияҳои ҳастаии осоишта;

6) нуфузи баланди марказҳои таълимии иқтисодӣ ва технологии Ҳиндустон (Институти менеҷменти Ҳиндустон, Институти технологии Ҳиндустон ва ғ.);

7) The boy next door (тарҷумаи таҳтуллафзӣ–«бачаи ҳамсоя»)–номи ҷомеаи ҳинду–амрикоии беш аз 2 миллион нафар, ки дар бахшҳои бонкдорӣ, идоракунии олӣ, технологияҳои олӣ ва ташкили мактабҳои тиҷоратӣ ҳамкорӣ менамоянд;

8) гуногунрангии афкори сиёсӣ ва сиёсати машваратӣ, ки ҳифзи ҳуқуқҳои ақаллиятҳои қавмӣ ва ҳалли осоиштаи низоъҳои иҷтимоиро таъмин мекунанд [10, 60].

Дар моҳи июни соли 2000, Ҳиндустон яке аз муассисони Ҷомеаи демократӣ ва дар соли 2005 иштирокчии Бунёди демократияи СММ гардид (ҳамзамон, аз ҷиҳати сармоя дар ҷойи дуюм пас аз ИМА саҳмгузор аст) [8, 423].

Новобаста аз он, ки Деҳлии расмӣ то имруз ягон санади стратегиеро нашр накардааст, ки хислати «неруи нарм»–и роҳи сиёсии Ҳиндустонро нишон диҳад, муроҷиат ба «неруи нарм», чи дар як қатор қарорҳои муҳимми сиёсати хориҷӣ ва чи дар коркарди фишангу механизмҳои нав,

дар нутқҳои оммавии роҳбарони Ҳиндустон, ки ба лоиҳакашии «неруи нарм» нигаронида шудаанд, ба таври возеҳу равшан ба назар мерасанд.

Собиқ сарвазири Ҳиндустон Манмоҳан Сингҳ низ борҳо дар бораи аҳаммияти қудрати нарми ин кишвар ҳарф зада, дар баробари ёдоварӣ аз нақши истисноии фарҳанги суннатӣ ва муосири ҳиндӣ ва диаспораи ҳиндӣ дар хориҷа, ҳатто тавсияи табдил додани Ҳиндустонро ба як қудрати минтақавии дорои «неруи ҳушманд» пешниҳод карда буд, ки соли 2006 дар суханронии худ дар назди мақомоти баландпояи низомии кишвар изҳор дошт: *«Имрӯз мо дар вазъияте қарор дорем, ки татбиқи манфиатҳои миллӣ истифодаи бархӯрди ҳамаҷониба дар сиёсати хориҷӣ, ба ҳам пайвастани сатҳҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, низомӣ ва дигар сатҳҳои ҳам «нарм» ва ҳам «неруи дуруштро тақозо мекунад”.* Қобили зикр аст, ки Манмоҳан Сингҳ дарвоқеъ, ғояи «неруи ҳушманд»–ро се сол пеш аз пешниҳоди ин консепсия аз ҷониби президенти ИМА Барак Обама ба миён гузошта буд.

Дар соли 2014, дар арафаи интихоботи парлумонӣ, аз ҷониби ҳизби баъдан пирӯзи Бҳаратия Ҷаната, ки Нарендра Моди сарварӣ мекунад, ба «неруи нарм» ишораи дақиқ карда шуд. Дар изҳороти интихоботӣ гуфта мешуд, ки «Ҳиндустон дар муддати тулонӣ ҳаҷми пурра ва иқтидори неруи нарми худро дуруст баҳогузорӣ карда натавонист» [8, 425].

Варианти ҳиндии «неруи ҳушманд» дар паёми Президенти собиқи Ҳинд Пранаб Мукерҷи ба парлумон 9 июни соли 2014 равшантар ифода ёфтааст, ки дар он роҳнамо ва афзалиятҳои нав дар сиёсати хориҷии кишвар баён гардиданд. Ба қавли Пранаб Мукерҷӣ: *«Сиёсати хориҷии Ҳиндустон ба усулҳои рушди муносибатҳои сулҳҷӯёна ва дӯстона бо тамоми кишварҳо асос ёфтааст ва кишвар дар сиёсати хориҷии худ манфиатҳои равшани миллӣ, пайвастани неруи арзишҳои Ҳиндустон бо воқеъгароиро ҳамчун дастур қарор хоҳад дод»* [8, 425].

Таърихи беш аз ҳафтодсолаи Ҳиндустони соҳибистиқлол нишон дод, ки такя кардан танҳо ба «неруи нарм» ё «дурушт» як даво барои ҳама мушкилот набуда, ба таври худкор кишварро ба як бозингари неруманди геополитикӣ табдил намедиҳад. Имрӯз Ҷумҳурии Ҳиндустон мебояд тавозунро миёни афзалиятҳои ахлоқӣ ва воқеъбинона дарёфта, стратегияи зеҳнии неруи худро таҳия кунад ва сиёсати хориҷиро дар асоси далелҳои равшан ва боварибахш бунёд намояд [9, 322]. Барои муваффақ гардидан дар ин самт, сиёсати санҷида ва татбиқи тадриҷӣ зарур аст, ки дар раванди ташаккули мустақилонаи Ҳиндустон мушоҳида кардан мумкин аст. Дипломатияи фарҳангии кишвар ҳамзамон, бо касби истиқлоли сиёсӣ ташаккул ёфта дар муносибатҳои байналмилалӣ муаррификунандаи таърих, фарҳанг ва тамаддуни Ҳиндустон гаштааст.

Тағйироти бунёдии муносибатҳои байналмилалӣ бо ташаккули навъҳои нави хатарҳои ғайрианъанавӣ, зуҳури пандемияи “COVID–19”,

пайдоиши манбаъҳои нави низоъҳои байналмилалӣ ва шиддати рақобати геополитикии қудратҳо нишон дод, ки маҳз пешбурди дипломатияи фарҳангӣ симои кишварро дар арсаи байналмилалӣ мусбат нишон дода, ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои миллӣ мусоидат хоҳад намуд.

АДАБИЁТ

1. Василенко Е. Культурная дипломатия как инструмент «мягкой силы» государства // https://cyberleninka.ru/article/ n/kulturnaya–diplomatiya–kak–instrument–myagkoy–sily–gosudarstva (санаи мурочиат: 15.03.2024)

2. Востряков Л. Культурная политика: основные концепции и модели / Институт культурной политики // http://www.cpolicy.ru/analytics/80.html (санаи мурочиат: 11.03.2024)

3. Глава 8. Индия модель развития и глобализация. https://www.academia.edu/33920827 (санаи мурочиат: 25.03.2024)

4. Каширина Т.В., Федотова К.Е. Культурная дипломатия как средство внешней культурной политики // Дипломатическая служба, 2017. № 2. С. 22–27. С.25

5. Ковалева Е. Культурная дипломатия как средство внешней политики государств http://e–lib.mslu.by/bitstream/edoc/6754/1/.pdf (санаи мурочиат: 18.04.2024)

6. Культура Индии http://india.spbu.ru/kultura–Indii.html (санаи мурочиат: 23.04.2024)

7. Лебедева О. Культурная дипломатия как инструмент внешней политики России на современном этапе. https://interaffairs.ru/jauthor/material/1734 (санаи мурочиат: 28.05.2024)

8. Наумов А.О., Положевич Р.С. «Мягкая сила» Индии как суверенного государства: идейные истоки и ретроспектива (часть I) //Государственное управление. Выпуск № 69, август 2018 г., с.410–430, с.414

9. Наумов А.О., Положевич Р.С. “Мягкая сила» Индии как суверенного государства: история и современность (часть II). //Государственное управление. Электронный вестник. Выпуск №70, октябрь 2018 г, с.291–328, с.322

10. Русакова О. “Soft power” как стратегический ресурс и институт формирования государственного бренда: опыт стран Азии // Известия Уральского федерального университета. Сер. 3, Общественные науки.– 2013, № 3 (118). –С. 52–61. –С.59

11. Тонян Е. Диаспора как инструмент публичной дипломатии Индии. https://cyberleninka.ru/article/n/diaspora–kak–instrument–publichnoy–diplomatii–indii

12. Тонян. А. Мягкая сила во внешней политике Индии на рубеже XX –XXI вв. Дисс. к.и.н. Ставрополь – 2021. –305 с.

13. Цвык Г. Культурная дипломатия в современных международных отношениях (на примере России и Китая) // Вестник РУДН. Серия: Всеобщая история. 2018 Vol. 10 №2, 135–144. –С.136

14. Nye Joseph Jr. Propaganda Isn't the Way: Soft Power // The International Tribune. January 10, 2003. P.17

15. Понька Т.И., Дхар А.П., Дхар П. Индия–АСЕАН: культурный аспект взаимодействия // Юго–Восточная Азия: актуальные проблемы развития. 2021. Т. 2. № 2 (51). –С. 297–308.

16. Anand P., Bychkova O.I., Gutsalov A.A. Cultural interaction between Russia and India: historical experience and current state // Наследие веков. 2021. № 1 (25). С. 13–32.

ФОРМИРОВАНИЕ КУЛЬТУРНОЙ ДИПЛОМАТИИ В ИНДИИ

ХОЛМУРОДОВ ШАРИФХУЧА ГАДОМАДОВИЧ,
докторант по специальности международных отношений
(6D020200) Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан
734003, Таджикистан, город Душанбе, улица Саида Носира 33;
тел: (+992) 985-40-61-63; e-mail: @sharifkhujamail.ru

В статье рассматривается формирование культурной дипломатии в Индии. Автор отмечает, что культурная дипломатия является одним из наиболее эффективных средств реализации внешней политики стран мира. По мнению автора, термин «культурная дипломатия» появился в тридцатые годы прошлого века, когда был введен в научный оборот американским исследователем Ф. Баргхорном и изначально имел идеологическое значение. Основной задачей культурной дипломатии является укрепление межгосударственных отношений, расширение социально–культурного сотрудничества, продвижение национальных интересов государства, более того, обеспечение его национальной безопасности.

Индия имеет уникальную историко–культурную особенность, на которую большое влияние оказали ее географическое положение и древняя цивилизация, сформировавшаяся здесь. Провозгласив политическую независимость, Индия использует в своей внешней политике элементы индийской культуры и ненасильственные методы, что имеет особое влияние среди стран третьего мира.

В статье отражено влияние человеческого фактора на формирование культурной дипломатии страны. Автор указывает на роль индийских лидеров Джавахарлала Неру и Махатмы Ганди в формировании внешней политики Индии.

Также в статье показаны особенности становления культурной дипломатии и отражающие ее факторы. При этом ярко отражена перспектива влияния культурного фактора на внешнюю политику.

Ключевые слова: *Индия, культурная дипломатия, мягкая сила, внешняя политика, Дж. Неру, М. Ганди, публичная дипломатия, индийская диаспора, культура, историческое и культурное наследие.*

POLITICAL PREREQUISITES FOR THE FORMATION OF CULTURAL DIPLOMACY IN INDIA

HOLMURODOV SHARIFKHUJA GADOMADOVICH,
Doctoral student in international relations (6D020200) at the Academy of Public administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir str. 33;
tel: (+992) 985-40-61-63; e-mail: sharifkhuja@mail.ru

The article examines the political prerequisites for the formation of cultural diplomacy in India. The author notes that cultural diplomacy is one of the most effective means of implementing the foreign policy of countries around the world. According to the author, the term «cultural diplomacy» originated in the 30s of the last century and was introduced into scientific circulation by the American researcher F. Barghorn and initially had an ideological meaning. The main task of cultural diplomacy is to strengthen interstate relations, expand socio–cultural cooperation, promote the national interests of the state, and moreover, ensure its national security.

India has a unique historical and cultural feature, which was greatly influenced by its geographical location and the civilization of its inhabitants. By declaring political independence, India uses elements of national culture and non–violent methods in its foreign policy and has special influence among third world countries.

The article evaluates the influence of the human factor on the formation of cultural diplomacy in this ancient country. The author points out the role of Indian leaders Jawaharlal Nehru and Mahatma Gandhi in shaping the foreign policy of the Republic of India.

The article also shows the features of the formation of cultural diplomacy and the factors hat reflect it. At the same time, the prospect of the influence of the cultural factor on foreign policy is clearly reflected.

Keywords: *India, cultural diplomacy, soft power, foreign policy, J. Nehru, M. Gandhi, public diplomacy, Indian diaspora, culture, historical and cultural heritage.*

УДК: 327.39(470+571)(575)

УМУМИЯТҲО ДАР ТАТБИҚИ “НЕРУИ НАРМ”–И РУСИЯ ДАР КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

САФАРОВ ҲАКИМШО АСЛАМШОЕВИЧ,
ассистенти кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ
735360, Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров16;
тел: (+992) 987-02-74-60; e-mail: hakimsho_1996@mail.ru

Дар мақола масъалаҳои вобаста ба татбиқи “неруи нарм”–и Федератсияи Русия дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври алоҳидагӣ баррасӣ ва таҳлил гардидаанд. Муаллиф аҳаммияти геополитикии минтақаи Осиёи Марказиро муҳим арзёбӣ намуда, қайд мекунад, ки аз замонҳои қадим Осиёи Марказӣ, ки барои муттаҳид кардани Шарқу Ғарб барои рушди муносибатҳои сиёсати хориҷии байни давлатҳо ва халқҳо нақши калидӣ бозидааст. Дар даврaҳои гуногуни таърихӣ аҳаммияти минтақа, ки пули байни Аврупо ва Осиёи Ҷанубиро ташкил медиҳад, вобаста ба тағйирот дар муҳити амнияти байналмилалӣ фарқ мекард. Муаллиф аҳаммияти Осиёи Марказиро барои Русия ба таври возеҳу равшан арзёбӣ намудааст. Барои Федератсияи Русия Осиёи Марказӣ як минтақаи манфиатҳои таърихан муайяншуда, шарики муҳимми ҳамкориҳои имтиёзнок дар бахшҳои низомию сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ, инчунин, дар таъмини амнияти умумии давлатҳои Авруосиё аз Ҷануб мебошад. Русия бо тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ равобити шарикии стратегиро инкишоф додааст ва бо аксари онҳо иттифоқ бастааст, ки дар сурати таҷовуз ё дигар таҳдидҳои ҷиддӣ ба амнияти ҳамдигар кумаки мутақобиларо дар назар дорад.

Калидвожаҳо: *“неруи нарм”, Осиёи Марказӣ, Русия, геополитика, абарқудратҳо, фазои пасошуравӣ, фарҳанг, илм, маориф.*

Аз замонҳои қадим Осиёи Марказӣ, ки барои муттаҳид кардани Шарқу Ғарб ва дар рушди муносибатҳои сиёсати хориҷии байни давлатҳо ва халқҳо нақши калидӣ бозидааст. Дар даврaҳои гуногуни таърихӣ аҳаммияти минтақа, ки пули байни Аврупо ва Осиёи Ҷанубиро ташкил медиҳад, вобаста ба тағйирот дар муҳити амнияти байналмилалӣ фарқ мекард. Ҳам дар асри XIX ва ҳам дар асри XXI омили асосии муайянкунандаи аҳаммияти ин минтақа мавқеи геополитикӣ ва геостратегии он буд, ки аксар вақт сабаби ихтилофҳои миёни қудратҳо мегардид.

Дар асри XXI ҳамкориҳои байналмилалӣ тақвият ёфта, боиси тезутунд гардидани рақобати байналмилалӣ мегардад. Дар ин шароит аз нигоҳи мавқеи геополитикӣ Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи беназири ҷаҳони имрӯза нақши асосиро мебозад, ки дар ҳамбастагии тамаддунҳои гуногун: Русия, Чин ва ҷаҳони пурталотуми мусалмонӣ ҷойгир аст ва онҳо дар навбати худ ифодакунандаи таълимоти гуногуни идеологӣ, системаҳои сиёсӣ ва амалияи ҳаррӯза ба ҳисоб мераванд.

Барои Русия Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи муҳимми транзитӣ ва бозори неруи кории арзон ба шумор меравад. Мавҷудияти марзи кушоди заминии Русияву Қазоқистон, ки яке аз тулонитарин сарҳадҳо дар ҷаҳон аст, Русияро водор мекунад, ки хароҷоти таъмини амният дар ин минтақаро бар зимма гирад [16, 4].

Дар атрофи минтақаи Осиёи Марказӣ равандҳои геоиқтисодӣ ва геополитикӣ фаъолона ҷараён доранд, ки бо бархӯрди манфиатҳои натанҳо абарқудратҳо, балки давлатҳои дигари воқеъ дар ҳамсоягии минтақаи мавриди назар муайян шудаанд. Ин омил рушди тамоюлҳои геополитикиро дар минтақаи Осиёи Марказӣ муайян мекунад. Хусусияти геополитикии минтақа табдил ёфтани он ба майдони мубориза барои қудрат дар миқёси минтақавӣ ва фароминтақавӣ мебошад. Ба ғайр аз панҷ кишвари Осиёи Марказӣ, панҷ қудрати минтақавӣ – Русия, Эрон, Туркия, Ҳиндустон ва Покистон [8] ва се қудрати фароминтақавӣ (ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва Чин) барои қонеъ кардани манфиатҳои худ дар ин минтақа мубориза мебаранд. Дар ҳамин ҳол, Осиёи Марказӣ ягона минтақае дар ҷаҳон аст, ки чаҳор қудрати ҳастаӣ–Русия, Чин, Ҳиндустон ва Покистонро ба ҳам мепайвандад [9].

Имрӯзҳо нақши «неруи нарм» дар сиёсати хориҷии давлатҳои муосир босуръат меафзояд. Дар бисёр мамлакатҳо он ба воситаи асосии неруи сиёсати берунӣ табдил ёфта истодааст. Нақши технологияҳои «неруи нарм» мунтазам меафзояд, зеро он имкон медиҳад, ки «айнан ҳамон гуна афкори ҳукумат ва ҷамъиятро ташаккул диҳад, ки ба татбиқи манфиатҳои миллии бозингарони анъанавӣ ва нави ҷаҳонӣ мусоидат кунад».[11, 161] Ҳама бозингарони бузурги геополитикӣ, аз қабили Русия, Чин, Бразилия, Ҳиндустон, Туркия, инчунин, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ба қадри имкон воситаҳои таъсири “нарм”–и сиёсати хориҷии худро ба минтақаҳои ҳамсоя, созмонҳои байналмилалӣ, кишварҳои ҷаҳон ва умуман, тамоми аҳли ҷомеаи байналмилалӣ густариш медиҳанд.

Масъалаи мафҳуми «неруи нарм»–ро матраҳ карда, бояд гуфт, ки он ҳамчун ҳамкорӣ амал мекунад ва воситаҳои асосии он итминон ва ҷалб намудан мебошад. Муҳаққиқ Ҷ.Най тавзеҳ медиҳад, ки «неруи нарм» натанҳо бовар кунондан ва ё қобилияти водор кардани касеро ба коре тавассути далелҳо ташкил медиҳад, ҳарчанд ҳамаи ин унсури муҳимми ин

қудрат аст. Ба сифати сарчашмаҳои «неруи нарм»–и кишвар Ҷ.Най фарҳанг, арзишҳои сиёсӣ ва сиёсати хориҷиро нишон медиҳад.[13, 56, 152–153]

Ҳамаи ин воситаҳо ва технологияҳои «неруи нарм» дар Консепсияи муосири сиёсати хориҷии Федератсияи Русия таъкид шудааст, ки дар он дар баробари неруи ҳарбӣ чунин омилҳои муҳимми таъсири давлат ба сиёсати байналмилалӣ, ба мисли "иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, технологӣ, иттилоотӣ" ба миён гузошта мешаванд. Ин дар навбати худ, имкон медиҳад, ки неруи иқтисодӣ ва иттилоотӣ, ҳамчун воситаҳои «неруи нарм», истифода шавад [10].

Дар Федератсияи Русия тайи даҳсолаҳои охир раванди муттаҳидсозии баъзе меъёрҳо ва амалияҳои марбут ба татбиқи «неруи нарм» мушоҳида мешавад. Илова бар ин, таъсиси муассисаҳои махсусгардонидашуда барои иҷрои вазифаҳои муайян дар доираи фаъолияти дахлдор вуҷуд дорад.

Раванди ниҳодинашавии «неруи нарм» дар Русияи муосир дар якчанд замина баррасӣ мешавад. Аввалан, ин дар мубоҳисаи иҷтимоию сиёсӣ ташаккули системаи назарҳо доир ба мафҳуми «неруи нарм» мебошад, ки мувофиқи он мавқеъҳо доир ба фаъолият дар ин замина муқаррар карда мешаванд. Ба ибораи дигар, он чизе, ки аз ҷониби ҷомеаи илмӣ ва коршиносӣ ҳамчун «неруи нарм» фаҳмида мешавад, дар фаъолияти воқеии ин самт инъикос меёбад. Дуюм, ин муқаррар намудани меъёрҳо ва қонунҳое мебошад, ки фаъолиятро дар соҳаи татбиқи «неруи нарм» танзим мекунанд. Сеюм, ин таъсиси ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ мебошад, ки ба иҷрои вазифаҳои муайян дар самти татбиқи «неруи нарм» нигаронида шудаанд.

Нухбагони (элитаи) сиёсии Русия дар суханрониҳои оммавӣ мафҳуми «неруи нарм»–ро фаъолона истифода мебаранд ва ба ин васила ин падидаро консептуализатсия мекунанд. Ба ин гуфтаҳои Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин дар нишасти Клуби байналмилалии мубоҳисавии «Валдай», 24 октябри соли 2014, дар Сочи мисол шуда метавонанд: *«Шубҳае нест, ки нақши омилҳои башардӯстона дар рақобати ҷаҳонӣ афзоиш хоҳад ёфт: маориф, илм, тандурустӣ ва фарҳанг. Ин, дар навбати худ, ба муносибатҳои байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад, аз ҷумла, аз он сабаб, ки манбаи ба истилоҳ «неруи нарм» бештар ба дастовардҳои воқеӣ дар ташаккули сармояи инсонӣ вобаста хоҳад буд, на ба такмили усулҳои таблиғот».* Тавре аз ин мисол мебинем, изҳороти Президент фаҳмиши «неруи нарм»–ро ҳамчун манбаи арзишманд ташаккул дода, мафҳумро бо мазмуни муайяне пур мекунад, ки дар шароити кунунии иҷтимоию сиёсӣ муҳим аст.

Ҳангоми баррасии ҷузъи меъёрии раванди ниҳодинашавии "неруи нарм" дар Русияи муосир, бояд як қатор санадҳое, ки сиёсати Федератсияи

Русияро оид ба татбиқи “неруи нарм” консептуализатсия ва роҳнамоӣ мекунанд, ба назар гирифт. Ба онҳо санадҳои зерин дохил мешаванд:

- Конститутсияи Федератсияи Русия;
- Консепсияи сиёсати хориҷии Федератсияи Русия;
- Консепсияи сиёсати давлатии Федератсияи Русия дар соҳаи мусоидат ба рушди байналмилалӣ;
- Доктринаи амнияти иттилоотии Федератсияи Русия;
- Қарори Ҳукумати Федератсияи Русия аз 29 феврали соли 2016, № 326–р «Дар бораи тасдиқи Стратегияи сиёсати давлатии фарҳангӣ барои давраи то соли 2030»;
- Консепсияи «Мактаби русӣ дар хориҷа» (аз ҷониби Президенти Федератсияи Русия аз 4 ноябри соли 2015 тасдиқ шудааст);
- Консепсияи дастгирии давлатӣ ва тарғиби забони русӣ дар хориҷа (бо фармони Президенти Федератсияи Русия аз 3 ноябри соли 201,5 №Пр–2283 тасдиқ шудааст);
- Самтҳои асосии сиёсати Федератсияи Русия дар соҳаи ҳамкориҳои байналмилалии фарҳангӣ ва гуманитарӣ (аз ҷониби Президенти Федератсияи Русия 18 декабри соли 2010 тасдиқ карда шудааст);
- Шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалии Федератсияи Русия дар соҳаи гуманитарӣ, ҳарбӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳифзи ҳуқуқ, тиҷорат, иттилоот ва дигар навъҳои ҳамкорӣ [4, 259–261].

Айни ҳол дар донишгоҳҳои Русия беш аз 355 ҳазор нафар шаҳрванди кишварҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд. Барои муқоиса: дар тирамоҳи соли 2018 шумораи умумии онҳо 290 ҳазор нафарро ташкил медод. Низоми таҳсилоти олии Федератсияи Русия яке аз ҷолибтарин дар ҷаҳон аст. Русия аз рӯйи шумораи донишҷӯён дар ҷаҳон ҷойи шашум қарор дорад ва роҳбарияти мамлакат дар назди худ вазифа гузоштааст, ки Русия дар ояндаи наздик ба панҷгонаи беҳтарин дохил шавад. Дар панҷ соли ахир шумораи донишҷӯёни хориҷӣ дар донишгоҳҳои Русия беш аз 20 дарсад афзоиш ёфтааст. Аксаран довталабон аз Чин, Ветнам, инчунин, кишварҳои ИДМ, Осиё ва Ховари Миёна ба донишгоҳҳои Русия дохил мешаванд [22]. Ба даҳгонаи беҳтарин Қазоқистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон шомиланд: онҳо беш аз нисфи донишҷӯёни донишгоҳҳои дорои шаҳрвандии хориҷиро ташкил медиҳанд. Дар ҳамин ҳол, фармон дар бораи ҳадафҳои миллӣ, ки Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин ба имзо расонид, мувофиқи он теъдоди донишҷӯёни хориҷӣ бояд то соли 2030 то ба 500 ҳазор нафар расонда шавад [2].

Шароити таърихӣ аҳаммияти Ҷумҳурии Қазоқистонро дар заминаи манфиатҳои Федератсияи Русия, ҳам дар сатҳи сиёсӣ ва ҳам иқтисодӣ, таъкид мекунад. Ин натанҳо ба мероси умумӣ, балки ба роҳи мувозинати рушди иқтисодӣ дар асри 21 низ вобаста аст. Илова бар ин, Консепсияи

сиёсати хориҷии Русия ба пурзӯр намудани ҳамкориҳо бо давлатҳои иттифоқчӣ дар заминаи таҳримҳо ва ташаккули низоми мутавозини неруҳо дар Авруосиё нигаронида шудааст.

Дар стратегияи Федератсияи Русия натанҳо Қазоқистон, балки тамоми минтақа мавқеъи калидиро ишғол мекунад, ки як қаламрави васеъро, ки сарҳади Русияро дар ҷануб муҳофизат мекунад ва шарики анъанавии тиҷоративу иқтисодии он аст. Гузашта аз ин, Қазоқистон дорои захираҳои зиёди табиӣ буда, як қисми онҳо захираҳои карбогидридҳо мебошанд, ки тавассути қаламрави Русия содир карда мешаванд [6, 95].

Қазоқистон бахше аз стратегияи Федератсияи Русия барои эҷоди низоми амнияти дастаҷамъӣ дар фазои пасошуравӣ ба шумор меравад. Фаъолияти СААД, ки тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии аъзои онро кафолат медиҳад, барои ҳар ду кишвар муҳим аст. Дар чаҳорчӯби ин муҳимтарин механизми ҳамгироӣ барои мубориза бо терроризми байналмилалӣ, қочоқи маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ҳамлаҳои ҳакерӣ чорабиниҳои муштарак амалӣ карда мешаванд.

Дар асри XXI ҷанбаи муҳимми муколамаи Қазоқистон ва Русия бояд ҳамгироӣ дар «секунҷаи дониш» бошад, ки соҳаҳои маориф, таҳқиқоти илмӣ ва инноватсияро фаро мегирад. Айни замон дар Қазоқистон тақрибан 240 лоиҳаи илмӣ бо иштироки олимони рус фаъолона амалӣ карда мешавад. Аз ин шумора тақрибан 70 лоиҳа ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, тақрибан 60 лоиҳа ба соҳаи иттилоот, телекоммуникатсия ва технологияҳои кайҳонӣ ва беш аз 30 лоиҳа ба соҳаи энергетика ва мошинсозӣ марбутанд.

Тибқи маълумоти Сафорати Ҷумҳурии Қазоқистон дар Федератсияи Русия, дар соли хониши 2022/2023 шумораи донишҷӯёни қазоқистоние, ки дар донишгоҳҳои Русия таҳсили илм мекунанд, ба 67 ҳазор нафар мерасад. Ин нишондод миёни донишҷӯёни хориҷӣ, ки дар Русия таҳсил мекунанд, дар мавқеи аввал қарор дорад [14].

Яке аз воситаҳои муҳимми равобити ҳамкориҳои Русия ва Қирғизистон ҳамкории ду кишвар дар соҳаҳои фарҳангию гуманитарӣ ба ҳисоб меравад. Дар ояндаи наздик ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаи фарҳангу гуманитарӣ, аз ҷумла ҳамкориҳо дар бахшҳои маорифу илм, инчунин, дар соҳаи амалияи забон муҳим арзёбӣ мешавад. Фаъолияти намояндагиҳои Русия дар ин кишвар асосан дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– пешбурд ва дастгирии лоиҳаҳои башардӯстона дар Қирғизистон;

– шинос кардани ҷомеаи Қирғизистон бо таърих ва фарҳанги халқҳои Федератсияи Русия, сиёсати дохилӣ ва хориҷии он, зарфиятҳои илмӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии он, гузаронидани чорабиниҳои дахлдор;

– тавсеа ва таҳкими робита бо созмонҳои ҳамватанон, дастгирии ҳамватанон, ҳамкорӣ бо шарикони қирғизистонӣ, ташкилотҳои ҷумҳуриявии соҳаи фарҳангӣ ва башардӯстона;

– мустаҳкам кардани мавқеи забони русӣ дар ин кишвар;

– рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илм, аз ҷумла мусоидат ба ташаккули шарикии институтсионалӣ байни ҷомеаҳои илмию таълимии Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Қирғизистон, инчунин, рушди ҳаракати академии донишҷӯён ва омӯзгорон;

– ҳифзи ёдгориҳои таърихию муҷассамаҳо ва дафнгоҳҳо.

Созмони “Россотрудничество” дар Ҷумҳурии Қирғизистон бо мақсади мусоидат ба рушди байналмилалӣ тавассути Марказҳои илм ва фарҳанги Русия (RCSC) дар Бишкек (аз соли 2011) ва Ош (аз декабри соли 2016) фаъолият мекунад. Русия ба ҳамкорӣ бо Қирғизистон дар соҳаи маориф аҳаммияти хосса медиҳад. Аз соли 1993 дар ҷумҳурӣ Донишгоҳи славянии Русияву Қирғизистон фаъолият мекунад, ки айни замон як қисми иштирокчиёни лоиҳаҳои Донишгоҳи шабакавии ИДМ ва Донишгоҳи СҲШ мебошад [7, 121–122].

Дар соли таҳсили 2023/2024 барои таҳсили ройгон дар донишгоҳҳои Федератсияи Русия аз ҳисоби буҷаи ин кишвар барои Қирғизистон 1000 ҷойи квота ҷудо шудааст. Дар Бишкек як мактаби миёна бо 950 ҷойи нишаст мавҷуд аст, ки бо сармояи ширкати «Газпром» сохта шудааст. Масъалаи сохтмони муассисаҳои таълимӣ дар Қирғизистон аз ҷониби Русия баррасӣ мешавад.

Китобхонаи миллӣ ва баъзе китобхонаҳои вилоятӣ дорои синфхонаҳои забон ва адабиёти рус мебошанд. Дар намояндагии “Россотрудничество” дар шаҳри Бишкек мунтазам курсҳои омӯзиши забони русӣ баргузор мешаванд. Барномаи Вазорати маориф «Муаллими рус дар хориҷа» дар Қирғизистон бомуваффақият амал мекунад ва дар доираи ин барнома дар соли таҳсили 2023/2024 дар мактабҳои Бишкек ва Ош 120 омӯзгор аз Русия кор мекунанд.[15]

Донишгоҳи славянии Русияву Қирғизистон ба номи Б.Н. Елтсин, ки дар Бишкек таъсис гардидааст, дар соҳаи маориф нақши муҳим дорад. Санаи 6 октябри соли 2023 Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров фармонро дар бораи ифтитоҳи филиали Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов дар шаҳри Қаракӯл ба имзо расонид [3].

Ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳанг ба ду кишвар густариш меёбанд. Моҳи феврали соли 2020 “Соли Русия дар Қирғизистон” ва “Соли Қирғизистон дар Русия” эълон шуд. Дар чаҳорчӯби соли байни Русия ва Қирғизистон 221 чорабинии муштарак баргузор шуд, аммо ба далели пандемия аксари онҳо ба санаи дертар мавқуф гузошта шуданд.

Моҳи сентябри соли 2023 дар Қирғизистон фестивали «Қирғизистон – Русия: мероси фарҳангии муштарак» баргузор гардид. Дар ҷашнвора барномаҳои консертӣ, намоишҳои молу маҳсулот, лексияҳо ва суҳбатҳои оммавӣ баргузор гардиданд [19]. Аз моҳи июни соли 2011 дар Бишкек Маркази илм ва фарҳанги Федератсияи Русия фаъолият мекунад. Моҳи декабри соли 2016 дар шаҳри Ош филиали Маркази илм ва фарҳанги Русия ифтитоҳ ёфт [23].

Ҳукумати Федератсияи Русия ҳамасола барои қабули довталабони қирғиз барои таҳсили буҷавӣ ба муассисаҳои таълимии Федератсияи Русия квота ҷудо мекунад. Курсхои такмили ихтисос барои коргарони кирғиз, инчунин, хизматчиёни давлатии Русия ташкил карда мешаванд.

Дар Қирғизистон 200 мактаб бо забони русӣ, 414 мактаб ба забонҳои русӣ ва қирғизӣ фаъолият мекунанд. Ҳамасола тавассути Барномаи федеролии ҳадафҳои «Забони русӣ» васоити таълимӣ ва методӣ ва адабиёти бадеӣ ба забони русӣ ба мактабу донишгоҳҳои Ҷумҳурии Қирғизистон интиқол дода мешаванд. Ҷамъоварӣ ва фиристодани китобҳои дарсӣ низ дар доираи чорабиниҳое сурат мегирад, ки аз ҷониби субъектҳои Федератсияи Русия ташкил карда мешаванд. Ёдовар мешавем, ки забони русӣ дар ҷумҳурӣ забони муошират байни миллатҳо буда, дар Қирғизистон ҳамчун забони расмӣ истифода мешавад ва мақоми он дар Конститутсияи ин кишвар дарҷ ёфтааст [7, 122].

Тоҷикистону Русияро ҳамкориҳо дар соҳаҳои фарҳангу гуманитарӣ боз ҳам наздиктар менамоянд. Соли 2020 ҳудуди 21 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии Федератсияи Русия таҳсил мекунанд, ки таҳсили 10 ҳазор нафари онҳо тариқи буҷети давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Бо дарназардошти арзиши миёнаи таҳсил барои як донишҷӯ дар донишгоҳҳои Федератсияи Русия , ки аз 3 то 4 ҳазор доллари ИМА–ро ташкил медиҳад, хароҷоти умумии буҷаи Русия дар як сол тақрибан ба 75 миллион доллар мерасад. Ҳукумати Федератсияи Русия ҳамасола барои Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии Русия 600 ҷой квота ҷудо мекунад. Тақрибан 7 ҳазор нафари дигар бевосита дар Тоҷикистон дар филиалҳои донишгоҳҳои Федератсияи Русия ва Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон таҳсил мекунанд. Аз соли 2015 то соли 2019 қариб 16 ҳазор нафар мутахассисони ҷавон донишгоҳҳои Русияро хатм намудаанд, ки беш аз нисфи онҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил кардаанд [12, 110].

Айни ҳол муносибатҳои Тоҷикистону Русия дар самти маориф дар доираи беш аз 200 созишномаи ҳамкорӣ ба роҳ монда шудааст. Танҳо соли 2023 дар Тоҷикистон бахшида ба Соли забони русӣ 50 чорабинӣ ташкил ва баргузор гардид, ки ба татбиқи «неруи нарм»–и Федератсияи Русия дар ин кишвар мусоидат мекунад [5].

Ҳамчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия аз рӯйи 46 ихтисос фаъолият дорад [21].

Санаи 1 сентябри соли 2022 маросими ифтитоҳи 5 муассисаи таълимӣ бо забони русӣ дар Тоҷикистон, дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзода бо иштироки сарони ду кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Владимир Путин тавассути робитаи видеоӣ баргузор гардид.

Тибқи иттилои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар айни замон дар кишвар 48 мактаб бо забони русӣ мавҷудааст, ки дар онҳо 27 ҳазору 63 хонанда таҳсил мекунанд. Ин мактабҳо дар Душанбе, минтақаҳои тобеи ҷумҳурӣ ва дигар шаҳрҳои калони ин кишвар фаъолият мекунанд.

Дар суханронии худ зимни ифтитоҳи мактабҳо Президенти Тоҷикистон зикр карданд: *«Имрӯзҳо дар кишвари мо 39 мактаб бо забони русӣ мавҷуданд, ки дар онҳо тақрибан 27 ҳазор хонандагон таҳсил мекунанд. Зиёда аз 160 мактаби омехтаи тоҷикиву русӣ низ бо фарогирии тақрибан ҳафтод ҳазор хонандагон фаъолият мекунанд. Дар баробари ин, тибқи стандартҳои давлатӣ, таълими забони русӣ унсури ҳатмии барномаҳои таълимӣ мебошад ва аз синфи дуюм оғоз ёфта, онро дар тамоми мактабҳои таҳсилоти умумӣ тақрибан чор ҳазор мактаби кишвар меомӯзанд»* [17].

Муносибатҳои Русия ва Туркманистон дар бахшҳои фарҳангӣ, гуманитарӣ, илму маориф низ мунтазам инкишоф меёбанд. Ҳоло дар Федератсияи Русия беш аз 30 ҳазор донишҷӯйи туркман таҳсил мекунанд. Дар нақшаи қабули шаҳрвандони хориҷӣ ва ҳамватанони муқими бурунмарзӣ солона квота барои таҳсил 500 донишҷӯйи туркман пешбинӣ шудааст.

Донишгоҳҳои шаҳрҳои Маскав, Санкт–Петербург, Воронеж, Қазон, Ростови лаби Дон, Самара ва Твер дар миёни ҷавонони туркман бештар маъмуланд. Ҷонибҳои Русия ва Туркманистон дар мавриди ифтитоҳи Донишгоҳи русӣ–туркманӣ дар шаҳри Ашқобод кор бурда истодаанд.

Аз соли 2002 дар шаҳри Ашқободи Туркманистон мактаби муштараки русию туркмании ба номи А.С.Пушкин бомуваффақият фаъолият бурда истодааст. Мактаб ягона муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Туркманистон мебошад, ки мутобиқи барномаҳои федералии таҳсилоти умумии Федератсияи Русия пурра ба забони русӣ амал мекунад. Баъди хатм ба хатмкунандагон аттестати намунаи давлатии Федератсияи Русия дода мешавад.

Моҳи майи соли 2018 дар деҳаи Фунтовои ноҳияи Приволжски вилояти Астрахани Федератсяи Русия мактаби миёнаи ба номи Махдумқулӣ кушода гардид, ки аз ҷониби Туркманистон бо ташаббуси

Президенти собиқи ин кишвар Г.М. Бердимуҳаммедов сохта шудааст. Аз моҳи сентябри соли 2019 дар мактаби номбурда дарсҳо мунтазам гузаронида мешаванд [20].

Федератсияи Русия ба таври анъанавӣ дар байни шарикони иқтисодии Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавқеи пешсафро ишғол мекунад, ки ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии тиҷорати берунии ҷумҳурӣ 15,5 дарсадро ташкил медиҳад. Аз рӯйи ин нишондод Федератсияи Русия баъд аз Чин ҷойи дуюмро ишғол мекунад [1].

Аз рӯйи шумораи донишҷӯёне, ки дар донишгоҳҳои Федератсияи Русия таҳсил мекунанд, Ӯзбекистон дар байни кишварҳои ИДМ мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Тибқи иттилои ҳукумати Федератсияи Русия, то моҳи сентябри соли 2023 беш аз 63 ҳазор шаҳрванди Ӯзбекистон дар барномаҳои таълимии таҳсилоти олии ҳама шаклҳои таҳсил, аз ҷумла дар филиалҳои хориҷии донишгоҳҳои Русия ва созмонҳои муштараки таълимӣ, таҳсил мекунанд.

Дар охири соли 2020 Вазорати маорифи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Вазорати маорифи Федератсияи Русия ва Фонди хайрияи соҳибкори ӯзбектабори рус Алишер Усмонов «Санъат, илм, варзиш» барои амалӣ намудани лоиҳаи «Класс!» ба хотири баланд бардоштани дониши забони русӣ дар ҷумҳурӣ созишнома ба имзо расонида шуд. Лоиҳа барои даҳ сол пешбинӣ шуда, фиристодани омӯзгорони рус ба мактабҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва бозомӯзии ҳамаҷонибаи омӯзгорони ӯзбекро дар назар дорад.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон зиёда аз 10 филиал ва намояндагии мактабҳои олии Федератсияи Русия фаъолият доранд. Дар шаҳри Тошканд филиалҳои Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, Донишгоҳи иқтисодии Русия ба номи Г.В.Плеханов, Донишгоҳи давлатии нафту гази Русия ба номи Г.Губкин, Донишгоҳи кимиёву технологии Русия ба номи Д.И.Менделеев, Донишкадаи давлатии муносибатҳои байналмилалии Маскав (МГИМО), Донишкадаи давлатии умумирусиягии кинематография ба номи С.А.Герасимов, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Русия ба номи. А.И.Герсен, Донишгоҳи миллии таҳқиқотии «Донишкадаи энергетикии Москва», Донишгоҳи миллии таҳқиқоти ҳастаии «Донишкадаи муҳандисию физикии Москва» фаъолият доранд. Ба ғайр аз ин, дар шаҳри Алмалик филиали Донишгоҳи миллии технологии таҳқиқотии «Донишкадаи пӯлод ва хӯлаҳои Москва», дар шаҳри Ҷиззах филиали Донишгоҳи федералии Қазон, дар вилояти Тошканд филиали Донишгоҳи давлатии технологии Астрахан фаъолият мекунанд. Тирамоҳи соли 2023 дар Тошканд филиали Донишгоҳи давлатии Санкт–Петербург таъсис ёфт.

Ҷонибҳо дар самти дастгирии забони русӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки забони муошарати байни миллатҳо дар ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад, ҳамкорӣ мекунанд. Дар Ӯзбекистон санадҳои қонунгузорӣ, дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ ва воситаҳои ахбори омма ба забони русӣ нашр мешаванд [18].

Ҳамин тариқ, барои асри XXI «неруи нарм» падидаи комилан нав ба назар мерасад, ки сарфи назар аз бори аввал аз ҷониби сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷ.Най дар охири солҳои 90–ум ба илм ворид шудунаш, танҳо соли 2013 ба Федератсияи Русия омадааст. Дар мавриди вазъи кунунии фаъолиятҳо, «неруи нарм»–и Русия ба механизми мураккаб, бисёрҷониба ва бисёрсатҳа табдил ёфтааст, ки дипломатияи анъанавии классикиро пурра мекунад. Диққати асосӣ ба сохторҳои калидии ёрирасон, ки дар шакли дастовардҳои соҳаи илм (кайҳон, технологияҳои баланд), санъат ва фарҳанг (адабиёт, театр, мусиқӣ), маориф ва варзиш, инчунин, арзишҳои маънавию ахлоқӣ пешниҳод карда мешаванд, равона гардидааст.

Дар мавриди самтҳои татбиқи «неруи нарм»–и Федератсияи Русия дар ин ҷо авлавияти асосӣ ва афзалиятнок фазои пасошуравӣ, алалхусус Осиёи Марказӣ, ба ҳисоб меравад, зеро бидуни татбиқи сиёсати муассири фарҳангӣ ва иттилоотӣ дар хориҷи наздик ташаккули иқтидори глобалии «неруи нарм»–и Русия ғайриимкон аст.

Ҳамин тариқ, дар ҷараёни таҳқиқоти худ мо ба хулосае омадем, ки иқтидори «неруи нарм»–и Русия то ҳол ба пуррагӣ кашф нашудааст, балки танҳо дар марҳалаи ибтидоӣ қарор дорад. Тағйир додани муносибати мо ба ин падида, такмил ва васеъ кардани воситаҳо, инчунин, гузаштан аз кор бо шаҳрвандони Русия ба ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар маҷмуъ ва такмил додани барномаҳои мубодилаи донишҷӯён; расонидани кумаки молиявӣ ба олимони Осиёи Марказӣ дар шакли грантҳо ва лоиҳаҳои муштараки илмӣ; бо фаъол намудани ҷалби ҷомеаи коршиносон дар таҳияи стратегияи «неруи нарм»–и Федератсияи Русия, ин кишвар метавонад натанҳо ба суръати рушд дар ин самт расидагӣ кунад, балки дар миёни абарқудратҳои дигар дар минтақа мақоми пешсафӣ ишғол намояд.

АДАБИЁТ

1. Азии нет предела: сотрудничество России и Узбекистана выходит на новый уровень. Известия. №95 (31525). 28.05.2024

2. Быкадорова Н. Грант на талант: систему привлечения иностранных студентов предложили изменить. Повышение престижа российского образования может стать важным инструментом «мягкой силы» [Электронный ресурс]: https://iz.ru/1696277/nataliia–bykadorova/grant–na–talant–sistemu–privlecheniia–inostrannykh–studentov–predlozhili–izmenit (Дата обрашения: 29.05.2024)

3. В Караколе откроется филиал МГУ им. М. Ломоносова — каковы условия работы [Электронный ресурс]: https://ru.sputnik.kg/20231006 /zhaparov–karakol–filial–mgu–1079195492.html (Дата обрашения: 30.05.2024)

4. Ворочков, А. П. "Мягкая сила" современной России: институциональный аспект [Текст]/ А. П. Ворочков // Теории и проблемы политических исследований. – 2016. – Т. 5, № 5А. – С. 258–275.; с.–259–261

5. Вохӯрии Раҳим Саидзода бо Сергей Кравтсов. Омӯзгор, №17, 25.04.2024

6. Гумеров Р.А. Геоэкономические интересы России в Центральной Азии // Р.А. Гумеров // [Текст] РСМ. (Москва ИНИОН) 2008. №4. С. 194 – 201;

7. Зверев, Р. Ю. Российско–киргизские отношения: история и современность [Текст]/ Р. Ю. Зверев, И. С. Савин, В. Ю. Беляев // Русия и новые государства Евразии. – 2018.– № 1(38);

8. Казакова М. Пакистан: геоэкономические интересы в Центральной Азии [Текст] // Центральная Азия и Кавказ. – 2001. – № 5 (17). – С. 144–158. с. 148

9. Казанцев А. Пять сценариев будущих границ Центральной Азии [Текст]// А. Казанцев // Российский совет по международным делам. – 2013. – с. 7;

10. Концепция внешней политики Российской Федерации. Утв. Президентом РФ 12.02.2013. Доступ: http://www.consultant.ru/ document/cons_doc_LAW_207990/ [Санаи муроҷиат: 02.03.2024]

11. Кошель А.С. Мягкая сила как инструмент гуманитарного сотрудничества государств на евразийском пространстве / А.С. Кошель / Вестник МГУ. Сер. 18. Социология и политология. № 2. –С. 160–172;

12. Майтдинова Г., Муҳаммадзода П.А. Ҳамкории Тоҷикистону Русия дар марҳалаи кунунӣ: афзалиятҳои ва вазифаҳои калидӣ [Матн] // Г. Майтлинова, П.А. Муҳаммадзода // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. №1 (1). 2022, с.–110

13. Най Дж. Будущее власти (пер. с англ. В.Н. Верченко). М.: АСТ. 444 с.; –С. 56, 152–153

14. О казахстанском студенчестве в России [Электронный ресурс] URL: https://www.kazembassy.ru/rus/studenty/vuzy (дата обращения: 10.09.2024)

15. О российско–киргизских отношениях [Электронный ресурс]: https://kyrgyz.mid.ru/ru/countries/bilateral–relations/political–relations/ (Дата обрашения: 30.05.2024)

16. Плотников Д. С. Центральная Азия в контексте мировой политики [Электронный ресурс]: учебное пособие / Д. С. Плотников //

Пермский государственный национальный исследовательский университет. – Электронные данные. – Пермь, 2020. – 94 стр.;

17. Русия барои бунёди мактабҳои русизабон дар Тоҷикистон то 5,74 миллиард рубл ҷудо мекунад [Манбаи электронӣ] https://khovar.tj/2022 /12/rossiya–baroi–bunyodi–maktab–oi–rusizabon–dar–to–ikiston–to–5–74–milliard–rubl–udo–mekunad/ (Санаи мурочиат: 03.10.2024)

18. Российско–узбекистанские отношения [Электронный ресурс]: https://tass.ru/info/20906463 (Дата обрашения: 29.05.2024)

19. Сегодня стартует фестиваль "Кыргызстан — Русия : общее культурное наследие" [Электронный ресурс]: https://ru.sputnik.kg/20230908 /kyrgyzstan–rossiya–kultura–festival–nasledie–1078428963.html (Дата обрашения: 30.05.2024)

20. Сотрудничество в гуманитарной сфере [Электронный ресурс]: https://turkmenistan.mid.ru/ru/countries/bilateral–relations/sotrudnichestvo_v_gumanitarnoy_sfere/ (Дата обрашения:03.06.2024)

21. Таъсиси 74 шурои диссертатсионӣ. Омӯзгор, №7, 15.02.2024

22. Фальков заявил, что Русия находится на шестом месте в мире по числу иностранных студентов [Электронный ресурс] https://tass.ru/ obschestvo/19876399 (Дата обрашения: 29.05.2024)

23. Филиал Российского центра науки и культуры открылся на юге Киргизии [Электронный ресурс]: https://vksrs.com/news/filial–rossiyskogo–tsentra–nauki–i–kultury–otkrylsya–na–yuge–kirgizii/ (дата обрашения: 30.05.2024)

ОБЩЕЕ ПРИМЕНЕНИЕ РОССИЙСКОЙ «МЯГКОЙ СИЛЫ» В СТРАНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

САФАРОВ ХАКИМШО АСЛАМШОЕВИЧ,
ассистент кафедры международных отношений Кулябского государственного университета имени Абуабдулло Рудаки
735360, Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафарова16;
тел: (+992) 987-02-74-60; e-mail: hakimsho_1996@mail.ru

В статье анализируются вопросы, связанные с реализацией «мягкой силы» России в странах Центральной Азии. Автор оценивает геополитическое значение Центральноазиатского региона и отмечает, что с древнейших времен Центральная Азия, стремясь к объединению Востока и Запада, играла ключевую роль в развитии внешнеполитических отношений между государствами и народами. В разные исторические периоды значение региона, образующего мост между Европой и Южной Азией, менялось в зависимости от изменений в международной обстановке безопасности. Автор ярко отразил значение Средней Азии для

России. Для России Центральная Азия–регион исторически обусловленных интересов, важный партнёр для преимущественного сотрудничества в военно–политической, торгово–экономической, культурной и гуманитарной сферах, а также в обеспечении общей безопасности евразийских государств с юга. Россия развила отношения стратегического партнерства со странами Центральной Азии, включая и Таджикистан и заключила с большинством из них союз, предполагающий взаимную помощь в случае агрессии или других серьезных угроз безопасности друг друга. Налажен регулярный конструктивный политический диалог на самом высоком и высоком уровне.

Ключевые слова: *«мягкая сила», Центральная Азия, Русия, геополитика, сверхдержавы, постсоветское пространство, культура, наука, образование.*

COMMON FEATURES OF THE IMPLEMENTATION OF RUSSIAN “SOFT POWER” IN CENTRAL ASIAN COUNTRIES

SAFAROV HAKIMSHO ASLAMSHOEVICH,
an assistant of the Department of International Relations of Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki
735360, Tajikistan, Kulob city, S.Safarov str. 16;
тел: 987–02–74–60; e-mail: hakimsho_1996@mail.ru

The article separately analyzes issues related to the implementation of Russia's "soft power" in Central Asian countries. The author highly appreciates the geopolitical significance of the Central Asian region and notes that since ancient times, Central Asia, striving to unite the East and the West, has played a key role in the development of foreign policy relations between states and peoples. In different historical periods, the significance of the region, which forms a bridge between Europe and South Asia, has changed depending on changes in the international security situation. The author vividly reflected the significance of Central Asia for Russia. For Russian Federation, Central Asia is a region of historically conditioned interests, an important partner for preferential cooperation in the military–political, trade–economical, cultural and humanitarian spheres, as well as in ensuring the general security of the Eurasian states from the south. Russia has developed strategic partnership relations with all Central Asian countries and concluded an alliance with most of them, which implies mutual assistance in the event of aggression or other serious threats to each other's security.

Keywords: *“soft power”, Central Asia, Russia, geopolitics, superpowers, post–Soviet space, culture, science, education.*

УДК: 338.45:338.27

АРЗЁБИИ ИМКОНИЯТҲОИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ НИЗОМИ САНОАТӢ ВА ОМИЛҲОИ ОН

МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,муовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.:(+992 37) 221-41-63; e-mail: oraz–2009@mail.ru

Айни замон, ташаккул ва идоракунии рушди инноватсионии низоми миллии саноатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумат ба ҳисоб рафта, ҳадафи он мутобиқ гардонидани соҳаи саноати кишвар ба талабот ва принсипҳои иқтисодиёти нав, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии субъектҳои иқтисодии соҳа, таъмин намудани бозори дохилӣ бо молҳои ватанӣ, тақвият додани иқтидори содиротӣ ва дар ин замина, коҳиш додани сатҳи таъсири омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дар мақола масъалаи арзёбии имкониятҳои рушди инноватсионии низоми саноат ва омилҳои ба он таъсиррасон мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Дар робита ба ин, қайд мегардад, ки вобаста ба имкониятҳои ҷойдошта, арзёбии як қатор зарфиятҳо, аз ҷумла, зарфиятҳои кадрӣ, молиявию иқтисодӣ, инфрасохторӣ, ташкилию идоракунӣ, имкониятҳои илмӣ–техникӣ (истифодаи илм дар истеҳсолот) ва имкониятҳои иттилоотию коммуникатсионӣ зарур дониста мешаванд.

Калидвожаҳо: *стратегия, корхона, рақобат, рушд, имконият, саноат, иқтисодиёти миллӣ, омил, истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ, самаранокӣ, инфрасохтор.*

Арзёбии иқтидори инноватсионӣ барои таъмин намудани рушди саноат, раванди таҳлил ва арзёбии имкониятҳои васеъ ҷорӣ намудани технологияҳо ва истеҳсоли маҳсулоти нав рақобатпазир мебошад, ки ҳалли ҳамаи ин масъалаҳо аз истифодаи васеи технология дар истеҳсолот вобаста мебошад. Бинобар ин, раванди мазкур барои корхонаҳои саноатӣ муҳим буда, дар ин росто, вобаста ба имкониятҳо бо камтарин хароҷот метавонанд ба рушди устувор ноил гардида, рақобатпазир бошанд. Дар ин замина, ҳадафи асосӣ коҳиш додани хавфу хатарҳо ва аз татбиқи равандҳои инноватсионӣ ба даст овардани фоида дониста мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон санаи 28 декабри соли 2023 иброз доштанд, ки: *"...зарур аст, ки дар ин раванд ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ, сармоягузорон, шарикони рушд ва созмонҳои молиявии байналмилалӣ барои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ бо воридоти технологияҳои муосири каммасраф ва дар ин замина, ноил гардидан ба ҳадафҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар диққати аввалиндараҷа дода шавад"*[1].

Бояд қайд намуд, ки барои таъмини рушди босуботи корхонаҳои саноатӣ нақши инноватсия хело калон мебошад, яъне фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва истифода бурдани дастовардҳои илмиро барои истеҳсоли маҳсулоти куллан нав, истифодаи технологияи нав, қабули қарорҳои ташкилӣ, техникӣ ва иҷтимоию иқтисодии дорои хусусияти истеҳсолӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ, идоракунӣ ва дигар хусусиятҳоро инъикос мекунад. Вобаста ба ин, яке аз асосгузорони таҳқиқоти инноватсия, иқтисодчии автриягӣ И.А.Шумпетер қайд менамояд, ки: «…аз нуқтаи назари рушди иқтисодӣ рақобат ин муҳорибаи нав бо куҳна мебошад, яъне моли нав, технологияи нав, сарчашмаҳои нави таъмини талабот ва намуди нави ташкилот» [12]. Дар ин замина, инноватсия барои истеҳсоли маҳсулоти нав нигаронида шуда, дарёфти усулҳои гуногуни муосирро ҷиҳати пайдо кардани бозори фурӯши маҳсулот дар бар мегирад, ки барои корхонаҳои ватанӣ истифодаи имкониятҳои инноватсионӣ ҷиҳати тавсеаи мавқеи рақобатпазирӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки қобилияти истеҳсоли маҳсулоти нав яке аз воситаҳои ба даст овардани бартарии рақобатӣ ба ҳисоб меравад. Бояд таъкид сохт, ки фаъолияти инноватсионӣ бидуни фароҳам овардани инфрасохтори зарурии таълимӣ, ташкилӣ, қабули қарорҳо, ҳавасманд-гардонии молиявию қарзӣ, рақобатпазирӣ, таъмини шаффоф ва бидуни доштани менеҷерони дорои ҷаҳонбинии васеъ ғайриимкон мебошад.

Роҷеъ ба ин масъала, ба ақидаи муҳаққиқони тоҷик Г.Ҷ.Ҷурабоев ва Ф.А.Қаюмова, *«...ҳадафи стратегии таҳияи сиёсати саноатӣ ва рушди босуръати истеҳсолоти саноатӣ мавҷудияти фазои мусоиди сармоягузорӣ бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ мебошад»*[5]. Воқеан ҳам, дар асоси сиёсати инноватсионӣ корхонаҳо фаъолияти инноватсиониро ба роҳ монда, ҳамчун стратегияи корхона таконбахши фаъолият мебошад. Зеро рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад, ки ба ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад.

Алҳол, дар заминаи татбиқи сиёсати саноатӣ дар асоси сенарияи индустриалию инноватсионӣ самти асосии рушди фаъолияти инноватсионӣ ташаккул ва фаъолияти босамари инфрасохтори инноватсионӣ мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дастгирии инфрасохтор омили бунёдии рушди инноватсия ва гузаштани саноат ба зинаи нави технологӣ аст. Дар робита ба ин, асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ доир ба арзёбии имкониятҳои рушди инноватсионии низоми саноатӣ ва омилҳои он таваҷҷуҳи зиёди илмӣ ва амалӣ дорад. Бахусус, истифодаи самараноки донишҳои илмӣ ва технологияҳои нав, ки асоси бунёди ҷомеаи баъдисаноатӣ мебошанд, дар он рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ нақши калидӣ мебозанд.

Оре, имкониятҳои инноватсионӣ барои самаранок истифода бурдани ғояҳо, технологияҳо ва равандҳои навро барои беҳтар кардани фаъолият ва бартарии рақобати корхонаҳои саноатӣ кумак расонида, арзёбӣ кардани онҳо тақозои замон аст. Дар ин росто, олимони ватании соҳа Т.Д. Низомова ва Ҷ.Р. Раҳмонов иброз медоранд, ки "...таъмини пешрафту тараққии инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, (глобализатсия) болоравии фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ нақши муҳимро мебозад. Айни замон бошад, дараҷаи фаъолнокии корхонаҳоро дар самти инноватсионӣ мусбат арзёбӣ кардан, ғайриимкон аст. Таҳлилҳои гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти инноватсионӣ навқадам ҳастанд ва як қатор масъалаю саволҳое дар рӯ ба рӯяшон истодааст, ки ҳалли худро талаб менамоянд" [7].

Дарвоқеъ, саноати ҷумҳурӣ ба таври маҷмуӣ рушд карда истода, яке аз бахшҳои серсоҳаи иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад. Дар ин замина, тайи солҳои охир суръати нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас вусъат ёфта, захираҳои мавҷудбуда ба таври назаррас ва самаранок истифода нагардидаанд. Корхонаҳои бузурги саноатии кишвар иқтидори иноватсионӣ ва азнавсозии техникиву технологиии худро пурқувват намуда, ба шароитҳои бозори рушдкунанда муосидат карда, асоси ташаккулёбии низоми саноати кишварро ташкил карда истодаанд. Масалан, тайи моҳҳои январ–июни соли 2024–ум 253 корхонаи саноатӣ ба фаъолият шуруъ намуданд, ки дар онҳо бештар аз 1814 ҷойи нави корӣ бунёд гардидааст, аз ҷумла:

– дар ВМКБ – 19 корхона бо 53 ҷойи корӣ;

– дар вилояти Суғд – 91 корхона бо 681 ҷойи корӣ;

– дар вилояти Хатлон – 42 корхона бо 344 ҷойи корӣ;

– дар НТМ – 39 корхона бо 117 ҷойи корӣ;

– дар ш. Душанбе – 62 корхона бо 619 ҷой корӣ.

Воқеан ҳам, боиси ифтихор аст, ки тавассути сиёсати созанда ва хирадмандонаи Сарвари давлат дар доираи эълон гардидани солҳои 2022 – 2026 «Солҳои рушди саноат» ва ба ифтихори ҷашни 35–солагии Истиқлоли

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои созандагӣ бомаром идома дошта, давра ба давра иншоотҳо мавриди истифодабарӣ қаррор дода мешаванд. Дар баробари корҳои анҷомдодашуда, зарфияту имкониятҳои дар соҳаи саноати кӯҳкорӣ ва саноати сабук, яъне истеҳсоли маводи ниёзи аввалия имкониятҳо хеле зиёд мебошанд.

Дар ин радиф, пажуҳишгар Т.Р. Ризоқулов иброз медорад, ки *«…ҳанӯз тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонанд даъвои эҷоди заминаи инноватсионии рушди ҳудуди худ дошта бошанд. Зеро дар тамоми манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои муҳимми рушди иқтисоди инноватсионӣ, аз қабили имконоти инфрасохторӣ, сифати баланди сармояи инсонӣ, робитаи зич бо ташкилоти пешрафтаи илмию техникӣ дар марҳалаи аввали рушд қарор доранд. Баръакси ин, якбора коҳиш ёфтани ҳаҷми корҳои илмию таҳқиқотӣ ва конструкторӣ ба амал омад, ки боиси аз даст додани иқтидори илмию техникии рушди иқтисодӣ ва дар натиҷа, паст шудани рақобатпазирии иқтисодиёти ватанӣ гардид»* [8].

Воқеан ҳам, дар марҳалаи муосири рушди инноватсионии низоми саноатии кишвар унсурҳои бунёдии инфрасохтори инноватсионӣ корхонаҳои саноатӣ муҳим арзёбӣ мегардад, ки ба раванди истеҳсоли молу хизматрасониҳои инноватсионӣ метавонад таъсиргузор бошад. Дар ин замина, унсурҳои асосии рушди инноватсионии низоми саноатӣ дар расми 1 нишон дода шудаанд.

Аз расми 1 метавон хулоса бароварда, ки барои ташаккули механизми ташкилию иқтисодии таъмини рушди инноватсионии саноатӣ зарур буда, саноати муосир дар зери таъсири технологияҳои нав, тағирёбии талабот ва шароити бозор босуръат тағйир меёбад. Аз ин лиҳоз, фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ, таҳияи системаҳои ҳавасмандкунӣ ва мукофотпулӣ ва фароҳам овардани имкониятҳо барои афзоиши мансаб кумак расонида, ба рушди фаъолият ва нигоҳ доштани кадрҳои асосӣ мусоидат менамояд.

Дақиқан, саводнокии рақамӣ дар шароити муосир як ҷузъи муҳими захираҳои инсонӣ мегардад, махсусан дар саноат, ки инноватсия аксар вақт бо автоматизатсия, зеҳни сунъӣ ва дигар технологияҳои пешрафта алоқаманд аст. Пас технологияҳои инноватсионӣ кормандони баландихтисосро талаб мекунанд, ки натанҳо аз воситаҳои нав самаранок истифода мебаранд, балки дигаронро низ таълим дода метавонанд, ки ин боиси баланд шудани ҳосилнокии меҳнат мегардад.



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

Расми 1. Унсурҳои асосии рушди инноватсионии низоми саноатӣ

Бо дарназардошти ин, муҳаққиқ С.Х.Ашурзода таъкид менамояд, ки *“...рушди инноватсионии саноати миллӣ дар шароити саноатикунонии босуръат наметавонад бидуни таъмини инфрасохтори инноватсионӣ амалӣ карда шавад”*.[2] Ба андешаи пажуҳишгари номбурда, сиёсати инноватсионӣ бояд, пеш аз ҳама, ба бунёди инфрасохтори инноватсионӣ равона карда шуда, ҷиҳати фароҳам сохтани шароити мусоид барои рушди инноватсионии саноат фаъолияти муътадили он таъмин карда шавад. Дар баробари ин, бояд дастгирии давлатии рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва иштироки фаъолияти ҷузъҳои он дар рушди инноватсионии саноати миллӣ ҳавасманд карда шуда, низоми миллии инноватсионӣ бо таваҷҷуҳ ба назария ва амалияи пешрафта бунёд карда шавад. Аз ин рӯ, таъмини инноватсионии рушди саноати миллӣ ба мавҷудияти инфрасохтор, дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандсозии он шарти асосӣ ва омили калидӣ ба ҳисоб меравад.

Мусаллам аст, ки барои рушди низоми саноатӣ доштани таҷҳизоти муосир ниҳоят муҳим ва яке аз омилҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, ба баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат ва сифати маҳсулоти истеҳсолӣ таъсиргузор мебошад. Имрӯзҳо раванди саноатиро бидуни системаҳои автоматикунонӣ ва робототехника тасаввур намудан ғайриимкон аст, ки метавонанд хароҷотро кам ва самаранокиро баланд бардоранд. Аз ин рӯ, барои таъмини бехатарии раванди истеҳсолот корхонаҳоро зарур аст, ки инфрасохтори пешрафтаи марбут ба ҳифзи меҳнат ва бехатарии саноатӣ дошта бошанд. Ин системаҳои мониторинг, хадамоти оташнишонӣ ва ҳолати фавқулода, назорати дастрасӣ ва системаҳои назорати видеоиро дар бар мегиранд. Ҳамин тариқ, имкониятҳои инфрасохторӣ дар таъмини самаранокӣ, рақобатпазирӣ ва рушди устувори корхонаҳои саноатӣ нақши муҳим мебозанд. Рушди ин қобилиятҳо ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки ба мушкилоти замони муосир мутобиқ шаванд, равандҳои истеҳсолӣ ва навоварио такмил диҳанд.

Лозим ба таъкид аст, ки имкониятҳои илмию техникӣ натанҳо азнавсозии равандҳои мавҷудаи истеҳсолотро таъмин мекунанд, балки боиси ба вуҷуд омадани соҳаҳои тамоман нави саноат низ мегарданд. Дар ин раванд, ҳамгироии илму истеҳсолот асоси пешрафти дарозмуддат ва рушди устувори низоми саноати миллӣ дар маҷмуъ, боиси рушди иқтисодиёт мегардад. Дар ин хусус заминаҳои илмӣ, малакаҳои ташкилӣ ва идоракунӣ воситаи муҳим барои ҳар як роҳбаре мебошанд, ки рақобатпазирӣ ва самаранокии дарозмуддатро меҷӯянд. Сохтори қавии татбиқи илм дар истеҳсолот ва идоракунии сифат омилҳои муҳимми муваффақият ва рушди устувори дилхоҳ корхона мебошанд.

Ҳамин тариқ, захираҳои инсонӣ инфрасохтори саноатӣ инноватсионӣ асоси фаъолият ва рушди бомуваффақияти корхонаҳо дар саноат буда, дар баланд бардоштани самаранокӣ, ҷорӣ намудани инноватсия ва эҷоди афзалиятҳои рақобатӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Ба андешаи олимони ватанӣ М.Қ. Файзулло ва А.М.Наҷмиддинзода *"...амалия нишон медиҳад, ки он корхонаҳое, ки стратегияи инноватсиониро татбиқ намуда, барои ташаккули неруи инноватсионӣ, инкишоф додан ва дар истеҳсолот ҷорӣ кардани пешниҳодҳо маблағгузорӣ мекунанд, бо бартарӣ рақобатпазир ва муваффақ хоҳанд шуд. Дар ин ҳолат, стратегияи инноватсионӣ бояд ба раванди муосири тиҷорат асос ёфта, ба корхона имкон диҳад, ки бо имкониятҳои ҷойдошта бештар рақобатпазир бошад".*[11],

Аҳаммияти стратегии инноватсия бо ҳадафҳои стратегии давлат дар ин самт зич вобаста буда, он дар барномаю ҳуҷҷатҳои стратегӣ дарҷ гардидааст. Мувофиқи "СМР–2030" сенарияи индустриалию инноватсионӣ бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар дар заминаи гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф ва тайёр кардани мутахассисони замонавиро пешбинӣ мекунад [9].

Вобаста ба ин, корхона имкон дорад, ки маблағҳои худро самаранок истифода барад, рушди устуворро таъмин созад, навовариҳоро дар истеҳсолот ҷорӣ намояд ва дар бозор рақобатпазир бошад. Зеро корхонаҳои саноатӣ барои ҷорӣ намудани технологияи муосир вобаста ба равандҳои истеҳсолӣ ба маблағҳои зиёд ниёз дошта, тавсеаи зарфияти истеҳсолӣ, ворид шудан ба бозорҳои нав ва рушди самтҳои нави тиҷоратро муҳим арзёбӣ менамояд. Корхонаҳое, ки метавонанд захираҳои молиявии худро самаранок идора кунанд, сармоягузориро ҷалб намоянд, хароҷотро назорат намояд ва хатарҳоро ба ҳадди ақал расонанд, дар шароити рақобати афзояндаи ҷаҳонӣ ва тағйирёбии доимии муҳити иқтисодӣ имконияти бузурги муваффақият доранд.

Бояд гуфт, ки имкониятҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар нақши калидӣ доранд ва унсурҳои муҳимми идоракунии муваффақ мебошанд. Онҳо равандҳои коркард, интиқол ва истифодаи иттилоот, инчунин, воситаҳо ва усулҳои ҳамкории байни кормандон, шуъбаҳо ва шарикони берунаро дар бар мегиранд. Ин қобилиятҳо ба беҳтар кардани ҳамоҳангсозӣ, баланд бардоштани самаранокии раванд ва таъмини қабули қарорҳои босифат мусоидат мекунанд. Бинобар ин, имкониятҳои болозикр ба татбиқи қарорҳои инноватсионӣ дар равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунӣ алоқаманд мебошанд.

Дар ин раванд, баҳодиҳии имкониятҳои инноватсионии рушди низоми саноатӣ ва омилҳое, ки ба рушди он таъсир мерасонанд, раванди

мураккаб ва бисёрҷанба мебошад. Дар он таҳлили омилҳои гуногуни иқтисодӣ, технологӣ ва ташкилие, ки ба ҷорӣ намудани навоварӣ дар истеҳсолоти саноат мусоидат мекунанд ё халал мерасонанд, дар бар мегирад. Вобаста ба ин, самтҳои асосии арзёбии имкониятҳои инноватсионии рушди низоми саноатиро дар ҷадвали 1 нишон додаем. Фаъолияти илмию инноватсионӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ, метавонад дар доираи моликияти давлатию хусусӣ, секторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ амалӣ карда шавад. Сиёсати инноватсионӣ низоми чорабиниҳое мебошад, ки мақсади асосии он такмили дастовардҳои илмию техникӣ дар соҳаи саноат, истеҳсолот, кору хизматрасонӣ бо мақсади васеъ гардонидани доираи фаъолияти муайяншуда ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти ин, ҷорӣ намудани низоми инноватсионӣ дар корхонаҳо ба рушди инноватсионии низоми саноатӣ такони ҷиддӣ мебахшад. Дар ин замина истифодаи самараноки донишҳои илмӣ ва технологияҳои нав, ки асоси бунёди ҷомеаи баъдисаноатӣ мебошанд, ба рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ вобаста мебошад. Аз ин ҷост, ки раванди истеҳсолот дар худ тақсимоти иқтисодию иҷтимоиро ифода менамояд ва барои истеҳсоли шаклҳои гуногуни молҳо ин нишондиҳандаҳоро мавриди омӯзишу баҳодиҳӣ қарор медиҳанд. Раванди такрористеҳсолоти ҷамъиятӣ бошад, ҷанбаҳои иқтисодию иҷтимоиро дар худ таҷассум менамояд ва вобаста ба даврaҳои таърихӣ шаклҳои гуногунро ба худ мегиранд. Аммо дар ҳама давру замон пайваста гузаронидани таҳлили иқтисодӣ ва баҳодиҳӣ ба ин зиддиятҳо, инчунин, гурӯҳбандӣ намудани омилҳои таъсиррасон ба истеҳсолот ва самаранок истифода гардидани дастовардҳо дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ мегарданд [4].

Ҷадвали 1

Арзёбии имкониятҳои инноватсионии рушди низоми саноатӣ

№	Самтҳо	Имкониятҳои инноватсионӣ	Раванд
1	НАВОВАРИҲОИТЕХНОЛОГӢ	Автоматика ва роботизатсия	Татбиқи системаҳои автоматӣ барои арзёбии қобилияти соҳа баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулот.
		Рақамизатсия ва саноат 4.0	Барои назорати равандҳои истеҳсолот ва самаранок истифода бурдани вақт, маълумоти калон, зеҳни сунъӣ ва технологияҳои ва идоракунии дороиҳо.
		Технологияҳои изофӣ	Имкониятҳои истифодаи дигар технологияҳои изофӣ барои хароҷоти ҳадди ақал.
2	РАВАНДҲОИ ИННОВАТСИОНӢ	Мутобиқи истеҳсолот	Мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи бозор барои зуд мутобиқ кардани истеҳсолот ба навъҳои нави маҳсулот.
		Идоракунии сифат	Арзёбии қобилияти корхонаҳо дар татбиқи системаҳои инноватсионии идоракунии сифат ва мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ.

		Занҷираи арзиш	Арзёбии самаранокии ҳамгироии технологияҳо ва равандҳои нав ба занҷири арзиш – аз таҳияи маҳсулот то таҳвил то истеъмолкунандаи ниҳоӣ.
3	НАВОВАРИҲОИ ЭКОЛОГӢ	Технологияҳои сабз	Арзёбии иқтидори системаи саноатӣ барои татбиқи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва устувор, ки ифлосшавии муҳити зистро ба ҳадди ақал кам мекунанд.
		Самаранокии энергия	Самаранок истифода бурдани захираҳо ва қобилияти татбиқи технологияҳои каммасраф (масалан, манбаъҳои барқароршавандаи энергия, системаҳои идоракунии энергия).
		Идоракунии партовҳо ва коркард	Қобилияти татбиқи қарорҳои инноватсионӣ оид ба партовҳо ва коркарди онҳо.
4	ОМИЛҲОИ ИДОРАКУНӢ ВА ТАШКИЛӢ	Стратегияи инноватсионӣ	Стратегияҳои инноватсия дар соҳа чигуна таҳия ва татбиқ карда мешаванд.
		Инфрасохтор ва ҳамкорӣ	Барои рушди технологияҳои инноватсионӣ арзёбии сатҳи ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо ва марказҳои таҳқиқотӣ.
		Дастгирии давлатӣ	Ҳавасмандгардонӣ (масалан, тавассути грантҳо, имтиёзҳои андоз, барномаҳои дастгирии тадқиқотӣ ва технологӣ)
5	АРЗЁБИИ ИҚТИСОДӢ	Сармоягузории таҳқиқотҳо	Сатҳи сармоягузорӣ ба таҳқиқот ва рушд ҳамчун нишондиҳандаи омодагӣ ба навоварӣ.
		Лоиҳаҳои инноватсионӣ	Арзёбии самаранокии иқтисодии ҷорӣ кардани технологияҳои муосир.
		Суботи молиявӣ	Арзёбии устувории молиявии корхонаҳо ва қобилияти онҳо дар ҷалби маблағ ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ.
6	ОМИЛҲОИ БОЗОР	Рақобати бозорӣ	Дар шароити рақобати шадид, татбиқи технологияҳои муосир барои рақобатпазир боқӣ мондан.
		Талабот ба навоварӣ	Арзёбии ниёзҳои бозор ба маҳсулот ва хидматҳои нав.
		Тамоюлҳои ҷаҳонӣ	Таъсири тамоюлҳои технологии ҷаҳонӣ ба рушди системаи саноатӣ, аз ҷумла рақамисозӣ ва автоматикунонӣ.
7	ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ ВА КАДРӢ	Салоҳият ва омодагӣ	Арзёбии барномаҳои таълимӣ, такмили ихтисос ва ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ.
		Фарҳанги ташкилӣ	Дараҷаи дастгирии ғояҳои инноватсионӣ ва омодагӣ ба сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои инноватсионии дарозмуддат.
		Ҷойҳо ва таъсири иҷтимоӣ	Таъсири инноватсия ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани шароити меҳнат.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа.

Бояд гуфт, ки омилҳои идоракунии рушди низоми саноатӣ гуногун буда, ба афзоиш, навсозӣ ва рақобатпазирии бахши саноат таъсиррасон мебошанд. Маҳз омилҳои мазкур метавонанд ба суръатбахшии равандҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва мутобиқ шудан ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ мусоидат намоянд. Пас арзёбии имкониятҳои инноватсионии системаи саноатӣ таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои гуногунеро, ки ба рушди технологияҳо, равандҳо ва сохторҳои ташкилӣ таъсир мерасонанд, талаб мекунад. Он барои муайян кардани он, ки кадом навоварӣ ба рушди саноат бештар таъсир расонда метавонад ва барои

бомуваффакият ҷорӣ намудани онҳо чӣ гуна захираҳо лозиманд, кумак мерасонад.

Лозим ба таъкид аст, ки дар шароити муосир самтҳои асосии рушди корхонаҳо ба куллӣ тағйир меёбанд. Ин, пеш аз ҳама, ба рушди асосҳои бозори инноватсионӣ, рақобат, шиддат ёфтани фаъолияти инноватсионӣ ва афзоиши талабот ба истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ вобаста аст. Аз ин ҷост, ки омили асосӣ ва рушди иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ба рақобатпазирии онҳо таъсир мерасонад. Нақши асосӣ дар татбиқи пешрафти навоварӣ ва фатҳи мавқеъҳои муайяни бозор ба ташкили фаъолияти сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармоягузорӣ тааллуқ дорад [10].

Рушди низоми саноатӣ бо таъсири мутақобилаи омилҳои зиёд–аз пешрафти технологӣ то сиёсати давлатӣ ва шароити бозор муайян карда мешавад. Ин омилҳо ҳам метавонанд суръат ва бозсозиро суръат бахшанд ва монеаҳо дар роҳи навоварӣ эҷод кунанд. Албатта, ба инобат гирифтани маҷмуи пурраи ин омилҳоро ҳангоми таҳияи стратегияҳои саноатӣ барои боқӣ мондани рақобат дар манзараи зудтағйирёбандаи вазъи сиёсию иқтисодии ҷаҳон муҳим арзёбӣ карда мешавад. Бинобар ин, арзёбии имкониятҳо ва омилҳои инноватсионии рушди низоми саноатӣ як раванди ҳамаҷонибаест, ки ба муайян кардани потенсиали инноватсия, инчунин, омилҳое, ки ба рушди бомуваффақияти онҳо мусоидат мекунанд ё монеъ мешаванд, нигаронида шудааст. Бо дарназардошти ин, арзёбии он ба корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи худро беҳтар дарк кунанд, имкониятҳои нави бозорро муайян созанд ва хатарҳою манфиатҳои эҳтимолии инноватсияро арзёбӣ намоянд. Бахусус, арзёбии инноватсия раванди таҳлил ва андозагирии арзиш, самаранокӣ ва зарфияти ғояҳо, технологияҳо ё равандҳои нав барои созмон ё бозор мебошад, ки барои қабули қарорҳои асоснок дар бораи имконпазирии ҷорӣ намудани инноватсия ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот зарур мебошад.

Имрӯзҳо саноати ватанӣ ҳамчун неруи азими пешбаранда дар рушди иқтисоди миллӣ нақши калидӣ дошта, бо рӯйдоди муҳимми таърихӣ дар ин самт ҳамарӯза дар ҷумҳурӣ корхонаҳои хурду бузург барои рушди низоми инноватсионии саноати миллӣ ва тақвияти зарфияти содиротии кишвар мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд [6]. Бо дарназардошти ин, дар нимсолаи аввали соли 2024 ҳаҷми ММД ба 61712,5 млн. сомонӣ баробар гардида, суръати афзоиши он 8,2 дарсадро ташкил намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ рушди иқтисодиёти мамлакат аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 11,5 дарсад, мусофиркашонӣ 18,1 дарсад, кишоварзӣ 9,6 дарсад, сохтмон 15,7 дарсад, гардиши савдо 11,9 дарсад ва хизматрасонии пулакӣ дар маҷмуъ, 16,6 дарсадро ташкил додааст. Ҳамин тавр, ҳаҷми гардиши

тиҷорати хориҷӣ ба 4,4 млрд. доллари ИМА баробар гардида, дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2023 ба маблағи 1 млрд. доллар ё 29,3 дарсад афзоиш ёфтааст.

Диаграммаи 1

Содирот аз рӯйи гурӯҳи молҳо дар моҳҳои январ–июли соли 2024

(бо фоиз)



Сарчашма: дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон–“Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ–июли 2024, саҳ. 109 омода карда шудааст.

Содироти мол дар давраи ҳисоботӣ 1 млрд. доллари ИМА–ро ташкил намуда, дар қиёс ба моҳҳои январ–июни соли 2023 ба миқдори 344,0 млн. доллар бештар мебошад. Бо дарназардошти ин, ҳиссаи воридот 77,4 дарсад ва содирот 22,6 дарсадро дар сохтори умумии гардиши мол ташкил медиҳад. Соли 2024 аз Тоҷикистон дар ҳаҷми 167,0 млн. доллари ИМА маъданҳо ва консентратҳо, 95,6 млн. доллар нахи пахта, 90,5 млн. доллар алюминийи коркарднашуда, 23,6 млн. доллар меваю сабзавот, 21,9 млн. доллар ресмони пахтагӣ, 12,1 млн. доллар семент ва 2,4 млн. доллар пӯст ба хориҷи кишвар маҳсулот содирот карда шудааст. Илова ба ин, тайи моҳҳои январ–июни соли 2023 содироти мол ба Чин 40,1 млн. доллар, Туркия 26,5 млн. доллар, Ӯзбекистон 8,9 млн. доллар афзоиш ёфта, ба давлатҳои Қазоқистон 33,6 млн. доллар, Русия 25,6 млн. доллар, Беларус 1,8 млн. доллар ва Хорватия 1,0 млн. доллар коҳиш ёфтааст.

Диаграммаи 2

Воридот аз рӯйи гурӯҳи молҳо дар моҳҳои январ–июли соли 2024

(бо фоиз)



Сарчашма: дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон –“Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, январ–июли 2024, саҳ. 109 омода карда шудааст.

Дар ин давра, воридоти мол ба маблағи 3421,2 млн. доллари ИМА–ро ташкил намудааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2023 ба маблағи 709,0 млн. доллар афзудааст. Бинобар ин, ҳиссаи воридот 77,4 дарсадро дар сохтори умумии гардиши мол ташкил медиҳад, ки воридоти воситаҳои нақлиёти сабукрав ба миқдори 22 029 адад, равғани рустанӣ 3 069 тонна ва гази моеъ ба миқдори 12 282 тонна коҳиш ёфта, маҳсулоти нафтӣ беш аз 73 ҳазор тонна, гандум зиёда аз 42 ҳазор тонна, орд 17305 тонна, нуриҳои минералӣ 53 975 тонна ва шакар 33042 тонна зиёд гардидааст.

Илова бар ин, тибқи маълумоти мазкур, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои нақлиёт, мошинҳои барқӣ, маҳсулоти нафтӣ, таҷҳизоти технологӣ, филизоти сиёҳ, маҳсулоти озуқаворӣ барои коркард ва барои истеъмол, гази моеъ ва таҷҳизот бештар ворид карда мешаванд. Ҳамзамон, дар давоми моҳҳои январ–июни соли 2024 ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 9576,8 млн. сомонӣ ташкил намудааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2023–юм 15,7 дарсад зиёд мебошад.

Дар ин замина, таклифу пешниҳодҳои мазкурро барои рушди саноати инноватсионӣ муҳим арзёбӣ намуда, метавонанд таконбахши рушди соҳаи калидии иқтисоди миллӣ бошанд:

1. Мунтазам татбиқи сиёсати саноатӣ ва ҷустуҷӯйи роҳҳои инноватсионӣ, таҷдидсозӣ ва азнавсозии техникии корхонаҳо метавонад

дар рушди саноати ватанӣ ҳиссагузор бошад. Вобаста ба ин, зарурати рушди инноватсионӣ ва ҷустуҷӯйи роҳҳои дурусти расидан ба ҳадафҳо масъалаи муҳим арзёбӣ мегардад.

2. Арзёбии иқтидор ва таҳлили қиёсии минтақавию сохтории соҳаҳои саноати мамлакат масъалаи рӯзмараи ҳалталаб буда, метавонад ба рушди соҳа таккони ҷиддӣ бахшад.

3. Барои истифодаи оқилона ва сарфакоронаи захираҳои мавҷудбудаи кишвар татбиқи муосиртарин технологияҳои инноватсионӣ, ки ба самаранокии фаъолияти онҳо таъсиргузор мебошад.

4. Корхонаҳоро зарур аст, ки аз нишондиҳандаҳои консепсияҳои рушди соҳавӣ ва самаранок истифодабарии технологияҳои муосир ба мақсади рушди тиҷораташон раванди тиҷораташон истифода намоянд.

Ҳамин тариқ, имкониятҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар баробари ҷанбаҳои технологӣ, молиявию иҷтимоӣ ба корхонаҳо имкон медиҳанд, ки захираҳои худро самаранок идора намуда, муносибатҳои мутақобила дар дохили корхона ва шарикони берунаро беҳтар созанд ва дар бозори имрӯза рақобатпазир бошанд. Таҳлили муҳити беруна, вобаста ба тамоюлҳои технологии ба рушди саноат таъсиркунандаро дар доираи рақобатҳо дуруст арзёбӣ намудан, ба манфиати кор мебошад. Яке аз омилҳои ба он таъсиркунанда, арзёбии захираҳои илмию техникӣ, сармояи инсонӣ ва захираҳои мавҷуда барои сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои инноватсионӣ мебошанд, ки дар равандҳои муассир барои муайян ва татбиқи ғояҳои созанда ҳиссагузор мебошанд. Дар баробари ин, таҳлили дақиқи паҳлуҳои соҳа боис мегардад, ки вобаста ба имкониятҳо ва таҳдидҳои марбут ба ҷорӣ намудани омилҳои инноватсионӣ дарҳол муайян карда шаванд. Дар ин росто, барои хулосабардории дуруст кумак намуда, бо имкониятҳои такмили фаъолият стратегияи рушд дар сатҳи зарурӣ муайян карда мешавад. Ин восита барои муфассалтар таҳлил намудани омилҳое, ки ба рушди инноватсия таъсир мерасонанд, кумак мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023, ш.Душанбе, [Захираи электронӣ] http://president.tj/node/32191

2. Ашурзода С.Х. Инфраструктурное обеспечение инновационной деятельности//Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук.–2022. –№1–2(98). – С. 299–304.

3. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон//Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ–июли 2024, саҳ. 109.

4. Бобоев Ҷ.И. Самтҳои такмил додани саноати инноватсионӣ дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон//Сомонаи расмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] URL https://mts.tj/samt %d1%9aoi–takmil–dodani–sanoati–innova tsion%d1%97–dar–sharoiti–i%d1%9ctisodiyoti–%d 1%99um%d1%9aurii–to%d 1%99ikiston/

5. Джурабаев Г.Дж., Каюмова Ф.А. Региональная стратегия инновационно–ориентированного развития промышленных предприятий. – Душанбе: Ирфон. – 2016. – 160 с.

6. Муртазоев О.Қ. Паёми Президент – қадамҳои устувор дар рушди низоми саноати миллӣ ва тақвияти иқтидори содиротии кишвар//Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. –Душанбе: Аржанг, 2024. – № 1(9). –С.83–93.

7. Низомова Т.Д., Раҳмонов Ҷ.Р. Саноатикунонии босуръат ва таъмини рушди инноватсионии саноати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т.Д. Низомова, Ҷ.Р. Раҳмонов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз.–2022. –№ 2(78). – Р.134–149.

8. Ризокулов Т.Р. О создании условий для инновационного развития экономики Республики Таджикистан. Режим доступа: http://www.innovation .tj/documents/ucheni /ru/Rizo.pdf

9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 20 саҳ.

10. Убайдзода Қ.Н. Масъалаҳои асосии амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми Политехникӣ – 2020, –№1(49).–С.46–49.

11. Файзулло М.Қ., Наджмиддинзода А.М. Совершенствование подходов инновационного развития промышленных предприятий Республики Таджикистан// Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан/Таджикистан и современный мир. – Душанбе: Аржанг, 2022. – № 3(79). – С.113–127.

12. Шумпетер Й. Теория экономического развития (Исследование предпринимательской прибыли, капитала, кредита, процента и цикла конъюнктуры): пер. с англ. / Й. Шумпетер. – М.: Прогресс, 1982. – 455 с.

ОЦЕНКА ВОЗМОЖНОСТЕЙ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОЙ СИСТЕМЫ И ЕЕ ФАКТОРОВ

МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ,
кандидат экономических наук, доцент, первый заместитель директора Центра стратегических исследований

при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел.:(+992 37) 221-41-63; e-mail: oraz–2009@mail.ru

В настоящее время формирование и управление инновационным развитием национальной индустриальной системы считается одним из приоритетных направлений политики Правительства, ее цель – адаптация промышленности страны к требованиям и принципам новой экономики, повышение уровня конкурентоспособности хозяйствующих субъектов отрасли, обеспечение внутреннего рынка отечественными товарами, усиление экспортного потенциала и в этом контексте снижение уровня влияния внешних факторов на экономику Республики Таджикистан.

В статье рассматривается вопрос оценки возможностей инновационного развития индустриальной системы и факторов, влияющих на него. В связи с этим отмечается, что в зависимости от имеющихся возможностей проводится оценка ряда возможностей, в том числе кадрового потенциала, финансово–экономического потенциала, инфра-структурного потенциала, организационно–управленческого потенциала, научно–технического потенциала (использования науки в производстве) а также информационный и коммуникационный потенциал считаются необходимыми.

Ключевые слова: *стратегия, компания, соревнование, разработка, возможность промышленность, национальная экономика, фактор, производство инновационной продукции, эффективность, инфраструктура.*

ASSESSMENT OF THE POSSIBILITIES OF INNOVATIVE DEVELOPMENT OF THE INDUSTRIAL SYSTEM AND ITS FACTORS

MURTAZOZODA ORAZ,
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor,
First Deputy Director of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+992 37) 221-41-63; e-mail: oraz–2009@mail.ru

Currently, the formation and management of the innovative development of the national industrial system is considered one of the priority areas of the Government's policy and its goal is to adapt the country's industry to the requirements and principles of the new economy, to increase the level of competitiveness of economic subjects of the industry, to supply the domestic

market with domestic goods, strengthening the export capacity and, in this context, reducing the level of influence of external factors on the economy of the Republic of Tajikistan.

The article examines the issue of assessing the possibilities of innovative development of the industrial system and the factors influencing it. In this regard, it is noted that depending on the available opportunities, an assessment of a number of opportunities, including human resources, financial and economic potential, infrastructure potential, organizational and managerial potential, scientific and technical potential (use of science in production), as well as information and communication potential are considered necessary.

Keywords: *strategy, company, competition, development, opportunity, industry, national economy, factor, production of innovative products, efficiency, infrastructure.*

УДК 338.4(575.3)

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ҶАРАЁНИ РУШДИ ФАЗОИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУҚАДДАСЗОДА ФИРДАВС МУҚАДДАС,
доктор илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
тел.: (+992) 777-080-970; e-mail: 918202020p@gmail.com

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявию амалии рушди бахши хусусӣ таҳлил карда шуда, нақш ва мақоми соҳибкорӣ дар рушди иқтисодиёт мушаххас карда шудаанд. Дар заминаи таҳлили махсусиятҳои таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, марҳалаҳои асосии фароҳамсозии фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шудаанд. Ба андешаи муаллиф, масъалаҳои боз ҳам беҳтарсозии шароити фаъолияти соҳибкорӣ ва таъмини рушди устувори бахши хусусӣ, рақобатпазир намудани онҳо ва фаъолнокии сармоягузорӣ дар иқтисоди миллӣ, аз ҷумлаи самтҳои муҳимми расидан ба ҳадафҳои стратегии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб мераванд.

Калидвожаҳо: *соҳибкорӣ, бахши хусусӣ, такрористеҳсолкунии ҷамъиятӣ стратегия, барномаҳо, ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, мораторияҳо, фазои мусоид соҳибкориву сармоягузорӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, дигаргунсозиҳои иқтисодӣ.*

Таърихи таҳаввулоти ҳаёту зиндагии инсоният нишон медиҳад, ки аз замонҳои қадим то ба имрӯз дар фаъолияти иқтисодии одамон муносибату муомилот ва эҷодкориву фарқи тарзи ҳаёту зиндагӣ вуҷуд дошта, назарияи соҳибкорӣ аз он сарчашма мегирад. Аз ин лиҳоз, соҳибкор барҳақ қувваи пешбарандаи рушди иқтисодӣ ва ҳалли бисёр масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа ва давлат ба шумор меравад.

Нақш ва мақоми соҳибкор дар иқтисодиёт мавриди таҳқиқоти гуногун қарор гирифта, аввалин кӯшишҳои назариявии дарки падидаи мазкур аз асри ҳабдаҳуми милодӣ оғоз ёфтааст ва дар омӯзиши соҳибкорӣ дар асрҳои ҳаждаҳу бисти милодӣ олимони машҳури ғарбӣ: Р.Кантилон, А.Смит, Д.Рикардо, Ҷ.Д. Сей, К. Маркс, Маршал ва дар ибтидои асри XX М.Вебер, В.Зомбарт, Ҷ.Шумпетер, Ф.Хайек ва дигарон саҳми назаррас гузоштаанд (6, 10].

Вобаста ба махсусиятҳои фаъолияти соҳибкорӣ пажуҳишгар Ҷ.Б. Сай зикр намудааст, ки соҳибкор захираҳои иқтисодиро аз минтақаи ҳосилнокии паст ба минтақаи ҳосилнокии баланд ва даромаднокии бештар

интиқол медиҳад. Муҳаққиқ Р.Кантилон хусусияти асосии соҳибкорро қобилияти ба зимма гирифтани таваккал ва хавф, ояндаро пешбинӣ кардан ва қобилияти ба ҳам пайвастани хоҳиш ба даромади мувофиқ ва зарари имконпазир медонист.

Дар баробари ин, пешрафти илму техника ва ҷорисозии технологияҳо дар истеҳсолот ба фаъолияти инноватсионии соҳибкор робитаи мустақимро доро мебошад. Дар ин марҳала, мафҳумҳои соҳибкор ва молики сармоя ҷудо гардида, махсусиятҳои фарқкунандаи соҳибкориро ҳамчун новатор Й.Шумпетер васеъ таҳқиқ кардааст. Ба ақидаи ин пажуҳишгар, соҳибкор шахсест, ки захираҳоро ба тарзи нав ба ҳам оварда, истифода мебарад ва инноватсияро хусусияти асосии соҳибкор медонист. Яъне соҳибкор навоварест, ки мувозинати мавҷудаи иқтисодиро вайрон ва рушдро ҳавасманд месозад [12].

Аз ин нуқтаи назар, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки низоми тадриҷан рушдёбандаи иқтисодиёт бо комбинатсияҳои гуногуни омилҳои истеҳсолӣ тавассути фаъолияти соҳибкорӣ вобаста мебошад. Мувофиқан, неруи эҷодкори соҳибкорӣ дар қатори 3 омили классикии истеҳсолот, яъне замин, меҳнат ва сармоя дар такрористехсолкунии ҷамъиятӣ ҳамчун омили мустақили чорум баромад мекунад.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ таърифҳои зиёди мафҳуми «соҳибкорӣ» мавҷуд буда, нуқтаи назари аз ҳама муваффақиятноктарини онҳо муқаррар намудани омили мушаххаси (нисбат ба замин, сармоя, меҳнат) такрористехсолкунии ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад [13].

Муҳаққиқ Шумпетер ба мафҳуми «амалӣ намудани комбинатсияҳои нав» унсурҳои зеринро мегузорад:

–эҷоди моли нав ё сифатҳои нави онҳо;

–ҷорӣ кардани технологияи нав ё истифодаи технологияи мавчуда, вале ба тарзи нав;

–рушди бозорҳои нав;

–гирифтани манбаъҳои нави ашьёи хом ва масолеҳ. Ин манбаъҳо шояд қаблан вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале дар раванди истеҳсолот ҷалб нашудаанд.

–ба амал баровардани азнавсозии дурусти истехсолот.

Бо дарназардошти нақш ва мавқеи соҳибкорӣ дар рушди иқтисоди бозорӣ дар ҳамаи давлатҳои пасошуравӣ зимни оғози фаъолият дар шароити иқтисоди бозорӣ ба ин самти бисёр муҳим ба таври хос таваҷҷуҳ зоҳир гардида, тадриҷан асосҳои институтсионалӣ ва инфрасохтории рушди соҳибкорӣ фароҳам сохта шуданд.

Фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тавассути таъмини рушди устувори иқтисодӣ,

шуғли аҳолӣ ва истеҳсолоти ватанӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон бо ин, соҳибкорӣ ба навовариҳои илму техника, тағйироти талабот ва вазъи бозори ҷаҳониву минтақавӣ ба зудӣ мутобиқ шуда, дар ин замина, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирро таъмин менамояд. Бо дарки амиқи ҳамаи ин омилҳо, Ҳукумати Тоҷикистон рушди соҳибкорӣ ва сармоягузориро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ эълон намудааст [8].

Таҳлилҳо собит менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии таназзули иқтисодиёт аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлол ба татбиқи “Барномаи ислоҳоти иқтисодӣ барои солҳои 1995–2000” шурӯъ намуд, ки онро барномаи иқтисодии мубориза бо камбизоатӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ иваз кард ва он солҳои 1998 ва 2001–ро дарбар гирифтааст. Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар соли 1997 ба Ҳукумат имконият дод таваҷҷуҳи худро ба ислоҳот мутамарказ намояд, ки ба истиқрори вазъи макроиқтисодӣ ва як қатор дигаргуниҳои сохтории барои таъсиси асосҳои иқтисоди бозаргонӣ таъингардида нигаронида шудааст. Дар марҳалаи аввал дар самти хусусигардонии корхонаҳои хурд пешравии назаррас ба даст омада, дар соли 1999 ҷараёни тақдиди сохтори корхонаҳои бузург оғоз гардидааст ва дар соҳаи кишоварзӣ ислоҳоти нисбатан амиқ сурат гирифта, дар аввали солҳои 2001 ҳуқуқи истифодаи тақрибан 50 дарсади заминҳои кишт ба шахсони алоҳида гузаштааст. Дар ин давра, хусусигардонии заводҳои пахта хотима ёфта, системаи хазинадорӣ ба фаъолият шурӯъ намуд. Натиҷаи татбиқи ин ислоҳот ва фазои нисбатан мусоиди сиёсӣ, ба рушди назарраси маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мусоидат намуд, ки сураъати рушди он дар маҷмуъ аз соли 1997 то соли 2001 32,5 дарсадро ташкил додааст [9].

Тавре ки зикр мегардад, дар солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ татбиқи барномаҳои қаблан қабул гардидаи дастгирии соҳибкорӣ аз сабаби мавҷуд набудани заминаи қонунгузорӣ, камбудии маблағгузорӣ ва набудани назорати зарурии тақсимоти дурусти маблағҳо тул кашид [2].

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар Тоҷикистон бо мақсади ҳимояву дастгирӣ ва фароҳамсозии фазои мусоид соҳибкориву сармоягузорӣ аз соли 2002 инҷониб заминаҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ мукаммал гардида, барномаҳои мушаххас амалӣ карда шудаанд.

Мақсади асосии барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё намудани шароитҳои мусоид (ҳуқуқӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, молиявӣ ва ташкилӣ) ҷиҳати ташаккули бахши хусусии иқтисодиёти кишвар, инфраструктураҳои пешрафтаи соҳибкорӣ, инчунин, муайян намудани фишангҳои асосии макроиқтисодӣ ва ғайраи

дастгирии давлатӣ ва ҷамъиятии соҳибкорӣ дар асоси моликияти хусусӣ ва корпоративӣ мебошад.

Масалан, дар “Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ барои солҳои 2002–2005” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли масъалаҳое, ки рушди соҳибкориро аз рӯи самтҳои зерин боз медоранд, пешбинӣ карда шудааст:

– такмили таъминоти меъёрии ҳуқуқии соҳибкорӣ;

– таъсиси системаи пешрафтаи маблағгузорӣ, қарздиҳӣ ва суғурта кардани фаъолияти соҳибкорӣ;

– таъсиси инфраструктураҳо барои дастгирии соҳибкорӣ ва системаҳои иттилоотии таъмини соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо;

– ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таблиғи фаъолияти соҳибкорӣ;

– таъминоти илмиву методӣ ва кадрии соҳибкорӣ;

– ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи соҳибкорӣ.

Бо дарназардошти нақши созандаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсия, стратегияву барномаҳои давлатӣ ва як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии фароҳамсозандаи фазои мусоиди соҳибкорӣ қабул ва амалӣ гардида истодаанд.

Аз нигоҳи мо, раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккулёбии фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ дар Тоҷикистонро метавон ба се марҳалаи асосӣ ҷудо намуд.

Ҷадвали 1.

Марҳалаи аввали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ

р/т	Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ	Санаи қабул
1.	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба тавсеаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва суръатбахшии гузариш ба муносибатҳои бозорӣ»	аз 3 декабри соли 1994, №8
2.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзим ва назорати асъор»	аз 4 ноябри соли 1995, № 112
3.	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодсозии савдои берунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»	аз 27 июни соли 1995 № 261
4.	Барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон	аз 9 ноябри соли 1995, №673
5.	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодсозии амалиётҳои асъорӣ ва содиротӣ»	аз 24 феврали соли 1996, №424
6.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»	аз 10 майи соли 2002, №46
7.	Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ	аз 19 июни соли 2002, №666
8.	Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ барои солҳои 2002–2005 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	аз 1 октябри соли 2002, №384
9.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият"	аз 17 майи соли 2004, № 37
10.	Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015	аз 3 декабри соли 2004, №469
11.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"	аз 28 июли соли 2006, № 194

Дар марҳалаи аввал, ки давраи гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ ва давраи бунёди асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсоналии фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад, бинобар вазъияти солҳои аввали Истиқлоли давлатии кишвар то андозае тул кашидааст.

Дар ин самт иқдоми стратегии хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон судури Фармон аз 3 декабри соли 1994, №8 «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба тавсеаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва суръатбахшии гузариш ба муносибатҳои бозорӣ» амали бисёр муҳимму саривақтӣ буд.

Дар ин замина, ҳуҷҷати дигари мансуб ба роҳандозии банақшагириҳои стратегӣ – “Барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 1995, №673 тасдиқ шудааст[1].

Муқаррароти асосӣ ва стратегии Барномаи мазкур ба таъсиси асосҳои хоҷагидории бозорӣ: ислоҳоти замин, ташаккули иқтисоди бисёрсохторӣ ва инфрасохтори бозори комплекси агросаноатӣ, рушди соҳибкории озод ва фаъолияти иқтисодии берунаи фаъол нигаронида шудааст.

Дар баробари ин, Паёми Пешвои миллат ба Аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2001, ҳамчун ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ самтҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи иқтисоди миллиро муқаррар намудааст. Аз ҷумла, такмили низоми идоракунӣ умуман ва низоми идораи давлатӣ, фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоягузорӣ бо мақсади рушди бахши хусусӣ ва баланд бардоштани самараи хусусигардонӣ, густариши ислоҳоти бонкӣ ва суръат бахшидан ба ислоҳоти бахши инфраструктура, ҳалли масъалахои солимгардонии низоми молиявӣ мебошанд.

Тавре ки дар Паёми мазкур зикр шудааст, маблағгузории хориҷӣ дар кишварҳое бештар ба назар мерасад, ки дар онҳо барои маблағгузорӣ фазои мусоиде, ки яке аз унсурҳояш мавҷудияти инфраструктураи тараққикардаи иборат аз шабакаи васеи роҳҳо, алоқа, телекоммуникатсия, энергетика, обрасонӣ, сатҳи баланди маориф ва тандурустӣ мебошад, ба вуҷуд оварда шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз соли 2001 дар Паёми Президенти кишвар ҷанбаҳои консептуалии ҳадафҳои стратегии имрӯза матраҳ гардидаанд. Аз ҷумла, таъмини шуғли аҳолӣ бо роҳи ташкили ҷойҳои нави кор, амалисозии ислоҳоти куллии корхонаҳо ва фароҳам овардани шароити мусоидро барои рушди бахши хусусӣ, эҳёи саноат тавассути амалӣ сохтани реструкутризатсияи корхонаҳо, ҳуқуқ ба моликият ва тағйироти дахлдори

тадбирҳои ҳавасмандӣ, инчунин, рушди соҳаи кишоварзӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии соҳа ба ин васила таъмин намудани истиқлолияти озуқаворию мамлакат, рушди соҳаҳои нақлиёту энергетика аст.

Татбиқи иқдомҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати амалисозии ислоҳот дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бахусус дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, дастгирии бахши хусусӣ ва роҳандозӣ намудани тадбирҳои зарурӣ барои рушди соҳаҳои афзалиятнок, дар ин давра самараи хуб дода, дар кишвар барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ фазои мусоид фароҳам овард.

Дар натиҷаи амалисозии ҳуҷҷатҳои барномавии рушд, ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни моликият, ташкили намудҳои мухталифи пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ, ҷорӣ намудани пули миллӣ, озод намудани нархҳо, ташкили корхонаҳои муштарак, ташкили савдои озоди хориҷӣ ва ҳалли масъалаҳои афзалиятноки иҷтимоӣ барои тақвияти иқтисодиёти Тоҷикистон қадамҳои ҷиддӣ мебошанд.

Дар марҳалаи дуюми амалисозии ислоҳот ба масъалаҳои муҳайёсозии фазои мусоиди соҳибкорӣ, рушди истеҳсолот, воридоти техникаву технологияҳои нав маҷмуи тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ карда шудаанд. Аз ҷумла, барои идома додани корҳо доир ба гузаронидани ислоҳоти давра ба давра ва маҷмуии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, навсозии истеҳсолот ва равандҳои технологӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва ватанӣ, тақвияти ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ, мукаммалсозии низоми қарздиҳӣ ва молиявии дастгирии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ ва қарзҳои имтиёзнок ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна, беҳтар кардани сифат, афзун намудани хаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва содирот нигаронида шудааст.

Ҷадвали 2.

Марҳалаи дуюм санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ

р/т	Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ	Санаи қабул
1.	Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015	аз 28 июни соли 2007, №704
2.	Таъсиси Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ	аз 19 декабри соли 2007, №356
3.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон "	аз 26 марти соли 2009, №505
4.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ"	аз 19 майи соли 2009, №508
5.	Барномаи беҳбудии фазои соҳибкорӣ –200 рӯзи ислоҳот	аз 2 июли соли 2009, №386

6.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ»	аз 25.03.2011, №700
7.	“Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012–2020”	аз 30 апрели соли 2012, №201
8.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ»	соли 2012
9.	Кодекси андози Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав	аз 1 январи соли 2013

Дар марҳалаи дуюм, давлат ба масъалаҳои рушди бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, санадҳои банақшагириҳои стратегии дарозмуддат ва миёнамуҳлат қабул ва амалӣ карда шудаанд.

Таъсиси Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва баррасии доимӣ ва чораҷӯйии мушкилоту масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, аз ҷумлаи махсусиятҳои асосии марҳалаи дуюм ба шумор меравад.

Дар ин давра, бо мақсади дастгирӣ ва рушди минбаъдаи соҳибкории хурду миёна ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2008, №496 *«Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои субъектҳои соҳибкории хурду миёна”* ба ҳамаи навъи санҷишҳои субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати ду сол мораторий эълон гардида, минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсис дода, асосҳои ҳуқуқиву институтсионалии шарикии давлат ва бахши хусусӣ фароҳам оварда шуданд.

Ҳамчунин, дар ин давра бо мақсади таъмини рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2011, №1146 *“Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ”* ба ҳама намуди санҷишҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки корхонаҳои нави истеҳсоли молу маҳсулот таъсис медиҳанд ва ё техникаю технологияҳои навинро барои васеъ намудани на кам аз нисфи истеҳсолот ҷалб менамоянд, ба муҳлати се сол мораторий эълон ва ба рушди устувори иқтисодии мамлакат замина гузошта шудааст.

Ҳамзамон бо ин, Ҳукумати Тоҷикистон дар давоми солҳои 2009–2014 ислоҳоти низоми иҷозатдиҳиро гузаронид, ки дар натиҷа, шумораи соҳаҳои иҷозатҳо аз 805 то 86 адад кам карда шуда, низоми электронии пешниҳоди иҷозатҳо то 30 дарсад ба роҳ монда шуд [8].

Марҳалаи сеюм давраи солҳои 2016 то ба имрӯзро фарогир буда, дар баробари таҳия ва қабули “Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030” ва “барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои

солҳои 2016–2020, 2021–2025)", инчунин, "Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2027" қабул гардида, мавриди амал қарор дорад.

Ҷадвали 3.

Марҳалаи сеюм санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ

р/т	Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ	Санаи қабул
1.	Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016–2020	Аз 28 декабри соли 2016
2.	Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.	Соли 2016
3.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ"	Аз 21 феврали соли 2018 №1505
4.	Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025	Аз «30» апрели соли 2021, № 168
5.	Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2027	Аз 1 марти соли 2023, № 50

Дар ин ҷода аз ҷониби Ҳукумати мамлакат бо мақсади саноатикунони босуръати иқтисоди миллӣ як қатор стратегияву барномаҳои миллӣ, аз ҷумла «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025», «Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025» ва дигар барномаҳои соҳавӣ таҳия ва қабул гардида, мавриди амал қарор доранд. Хусусан, бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои корӣ, таҳкими иқтидори саноатию содиротии ҷумҳурӣ, кам кардани санҷишҳо ва фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 январи соли 2018, №990, ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2021, мораторий эълон карда шуда, маҷмуи тадбирҳо доир ба амалисозии саноатикунонии босуръат дар мамлакат андешида шудаанд.

Дар ин самт дар мамлакат ислоҳоти иқтисодӣ бомаром идома ёфта, бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя, ташкили ҷойҳои корӣ ва кам намудани санҷишҳо, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2022, №362, ба ҳама навъҳои санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ то 1 январи соли 2023 мораторий эълон ва дар Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор сабукиҳо ва имтиёзҳо дар самти рушди соҳибкориву сармоягузорӣ пешниҳод карда шудаанд.

Аз ҷумла, тибқи банди 2 зербанди 6 моддаи 189 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон даромади корхонаҳои навтаъсис аз таҳвили молҳои истеҳсолшуда, агар муассисони онҳо дар муҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ҳаҷмҳои дар поён зикргардидаи сармоягузориҳоро ворид намоянд, ба муҳлатҳои зерин андозбандӣ карда намешаванд [5]:

–ба муҳлати 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор долл. ИМА то 500 ҳазор долл. ИМА–ро ташкил кунад;

–ба муҳлати 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор долл. ИМА то 2 млн.долл. ИМА–ро ташкил кунад;

– ба муҳлати 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 млн. долл. ИМА то 5 млн.долл. ИМА бошад;

– ба муҳлати 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 млн. долл. ИМА бошад.

Дар маҷмуъ, Ҳукумати кишвар дар замони Истиқлоли давлатӣ барои соҳибкорону сармоягузорон беш аз 100 навъи имтиёз ва сабукиҳоро ҷорӣ намудааст, ки нисфи онҳо барои дастгирии соҳаҳои истеҳсолӣ пешбинӣ шудаанд [7].

Бо мақсади дастгирии рушди соҳибкорӣ, тибқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯйи зерини молҳои воридотӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз озод мебошанд[11]:

– воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии онҳо, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) барои ташаккул ё пурра кардани сармоя (фонд)–и оиномавии корхонаҳо ё аз нав таҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунда, ба шарте, ки ин молу мулк мустақиман барои истеҳсоли мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисии корхона истифода шуда, ба категорияи молҳои зераксизӣ мансуб набошанд;

– воридоти маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фарматсевтӣ ва афзору дастгоҳҳои тиббӣ, технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти муосири ташхису табобат, дорувории тиббӣ, ба истиснои дорувории тиббии дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда, ки тартиб ва номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

– воридоти молҳо барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои созишномаҳои грантӣ ва қарзӣ;

– воридоти молҳо барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим, ба истиснои молҳои дар ҷумҳурӣ истеҳсолшавандае, ки номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

– воридоти таҷҳизоту техника, масолеҳи сохтмонӣ ва маводи дигар барои таъмини эҳтиёҷоти иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ ва иншооти дигари сайёҳӣ), ба истиснои молҳои дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда;

– воридоти молҳо (ба истиснои молҳои зераксизӣ) бевосита аз ҷониби истеҳсолкунандагон барои истеҳсоли алюминийи аввалия тибқи номгӯй ва ҳаҷми муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва ё воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво;

– воридоти қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии техника ва мошинолоти кишоварзӣ аз ҷониби корхонаҳои васлу насбкунанда (истеҳсолкунанда) барои истеҳсол, инчунин, фурӯши мол (маҳсулот)–и ниҳоии истеҳсолшуда;

– воридоти қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии автомобилҳои сабукрав, боркашу борбардор аз ҷониби корхонаҳои васлу насбкунанда (истеҳсолкунанда) барои истеҳсоли худӣ.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, имтиёзҳое, ки барои дастгирию рушди соҳаи мушаххас пешниҳод мегарданд, то андозае самараи бештар дода истодаанд.

Дар баробари ин, гарчанде ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирии соҳибкории хурду миёна ва ҷалби сармоя имтиёзҳои зиёди андозиву гумрукӣ пешбинӣ шудаанд, вале ин имтиёзҳо дар фаъолияти баъзе соҳаҳо ҳоло ҳам самараи дилхоҳ надода, раванди ташкили ҷойҳои нави корӣ, ба кор андохтани корхона ва коргоҳҳои нави истеҳсолӣ, ҷалби технологияҳои муосир қаноатбахш намебошад [8]. Дар робита ба ин, ба андешаи мо, ҳолатҳои суиистифода аз имтиёзҳои андозии пешбинишуда ба рушди иқтисоди пинҳонӣ мусоидат намуда, боиси зарари буҷети давлатӣ мегардад.

Масалан, тавре зикр мегардад, дар қиёс ба маълумоти расмии пешниҳоднамудаи корхонаҳои ордбарорӣ доир ба ҳаҷми гандуми воридотӣ, агар бо ҷорӣ гардидани меъёри имтиёзноки даҳфоизаи андоз аз арзиши иловашуда танҳо ба корхонаҳои ордбарорӣ, соли 2020 аз ҳаҷми умумии гандуми воридшуда 89,8 дарсадро ба корхонаҳои коркарди гандум ва истеҳсоли орд ташкил дода бошад, пас ин нишондод дар соли 2021 ба 65,5 дарсад баробар шудааст, ки воридоти гандум ба номи корхонаҳои

ордбарорӣ дар соли 2021 назар ба соли 2020–ум 24,3 дарсад кам шудааст. Дар навбати худ, дар ибтидои соли 2022 ин ҳолат боз ҳам ташвишовар гардида, дар моҳи январ–феврали соли 2022 аз 625 қатораи гандуми ба ҳудуди вилояти Суғд воридшуда танҳо 232 қатора ё худ 37 дарсадро ба номи корхонаҳои ордбарорӣ ташкил додааст [4].

Тавре дар "Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2027" зикр гардидааст, ташкили низоми ҳуқуқию иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, муколамаи давлат бо бахши хусусӣ, содагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ, ба танзим даровардани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, низоми иҷозатдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ, ташаккули низоми андозбандӣ ва содагардонии савдои беруна ислоҳоти манфиатноке мебошад, ки ба рушди бахши хусусӣ такони ҷиддӣ бахшид.

Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои давлатии дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар мамлакат ва тадбирҳои андешидашуда шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкории амалкунанда аз 187 ҳазори соли 2012 то 338,8 ҳазор дар соли 2022 расонида шуд, ки ин 82 дарсади афзоиш ёфтани нишондиҳандаи мазкурро нишон медиҳад. Аз ҷумла, шумораи шахсони ҳуқуқӣ аз 26,2 ҳазор то ба 31,8 ҳазор ва шумораи соҳибкорони инфиродӣ аз 161,2 ҳазор то ба 307,2 ҳазор зиёд гардид, ки мутаносибан 21,2 ва 90,6 дарсад афзоишро нишон медиҳад.

Агар дар соли 2012 саҳми бахши хусусӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 49,3 дарсадро ташкил дода бошад, пас дар соли 2022 он ба 70 дарсад расонида шуда, дар пардохти андозҳо 80 дарсадро ташкил додааст ва 70 дарсади аҳолии дар иқтисодиёт фаъолияткунандаро бахши хусусӣ дарбар мегирад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ масъалаҳои фаъолияти соҳибкориро ба танзим медароранд. Дар баробари дастоварду муваффақиятҳо ва мавриди амал қарор гирифтани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, дар ин самт як қатор масъалаҳо то ба ҳол ҳалли худро наёфтаанд. Аз ин нуқтаи назар, масъалаҳои боз ҳам беҳтарсозии шароити фаъолияти соҳибкорӣ ва таъмини рушди устувори бахши хусусӣ, рақобатпазир намудани онҳо ва фаъолнокии сармоягузорӣ дар иқтисоди миллӣ аз ҷумлаи самтҳои муҳимми расидан ба ҳадафҳои стратегии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ҷумла барои расидан ба ҳадафҳои муайянгардида амалисозии вазифаҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд[3]:

– амалисозии ислоҳоти ниҳодӣ (институтсионалӣ) барои беҳсозии фазои соҳибкорӣ, аз ҷумла такмили қонунгузорӣ ва низоми ҳимояи давлатии ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии соҳибкорӣ, бартараф кардани

монеаҳои маъмурии зиёдатӣ дар рушди фаъолияти бахши хусусӣ, рушди низоми иҷрои қарордод ва ҳуқуқҳои молумулкӣ;

– содагардонии минбаъдаи маъмурикунонии андоз ва мунтазам коҳишдиҳии сарбории андоз барои бахши хусусӣ бо дарназардошти вазъи иқтисодии мамлакат;

– ҷорӣ намудани таҷрибаи байналмилалӣ доир ба пурзӯр кардани идоракунии дастаҷамъӣ (корпоративӣ);

– ташкил ва рушди механизмҳои самараноки ҷалби маблағҳо ба бахши воқеии иқтисодиёт ва инфрасохтор;

– таъсиси инфрасохтори муосири дастгирии бахши хусусӣ бо ҷорикунии васеи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ;

– таъмини рақобати солим дар иқтисодиёти миллӣ;

– баланд бардоштани иқтидорҳои содиротӣ ва монанди инҳо.

АДАБИЁТ

1. Барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон//қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 1995, №673. –Душанбе,1995.–www.portal–huquqi.tj

2. Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ барои солҳои 2002–2005 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2002, №384.

3. Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2027//қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2023. –№50.

4. Искандарзода Т. Аз имтиёзҳои андозии пешбинишуда набояд суистифода кард. –Душанбе: 2022.–Нашрияи «Боҷу хироҷ». –№10 (1314) аз 10 марти соли 2022.

5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. –407 с.

5. Маркс К. Капитал. Критика политической экономики / Карл Макс – М. : Политиздат, 1967. – Т.1. – 770 с.

7. Раҳмон Э. Суханронӣ дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар . –Душанбе, 14.10.2019. –https://president.tj/event/speeches/19547

8. Раҳмон Эмомалӣ. Суханронӣ дар Форуми байналмилалии сармоягузорӣ таҳти унвони «Саҳми соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар рушди устувор». – Душанбе. 14.10.2015. – https://president.tj/event/speeches/9322.

9. Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ // бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2002 № 666 тасдиқ шудааст.

10. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. – М. : Эксмо, 2007. – 85 с.

11. Тартиби барасмиятдарорӣ ва пешниҳоди ҳисобот оид ба молҳое, ки нисбати воридоти онҳо тибқи қонунгузории гумрук ва андоз имтиёзҳои тарифӣ ва андозӣ пешбинӣ шудаанд. – Фармоиши Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.07.2023 №109–ф.– https://hukuk.gumruk.tj/ru/document/3673/?goto=3673&doc_lang=tj

12. Шумпетер Й.А. Теория экономического развития / Й.А.Шумпетер – М.: Прогресс, 1992. –336 с.–(исследования предпринимательской прибыли, капитала, кредита, процента и цикла коньюктуры).

13. Яремчук И.Л. Теория предпринимательства и основные аспекты ее развитияТекст научной статьи по специальности «Экономика и бизнес. – Балтийский гуманитарный журнал, 2012. –№1.–С.110–112.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И ПРОЦЕСС РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОГО КЛИМАТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

МУКАДДАСЗОДА ФИРДАВС МУКАДДАС,
доктор экономических наук, доцент Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Таджикистан, город Душанбе, ул. Саид Носира 33;
тел.: (+992) 777-080-970; e-mail: 918202020p@gmail.com

В данной статье проанализированы теоретические и практические аспекты развития частного сектора, а также уточнены роль и статус предпринимательства в развитии экономики.

На основе анализа особенностей разработки и принятия нормативных правовых актов и документов стратегического планирования определены основные этапы создания благоприятной бизнес–среды в Республике Таджикистан. По мнению автора, вопросы дальнейшего улучшения условий предпринимательской деятельности и обеспечения устойчивого развития частного сектора, повышения его конкурентоспособности, а также инвестиционной активности в национальной экономике относятся к числу приоритетных направлений достижения стратегических целей национальной экономики.

Ключевые слова: *предпринимательство, частный сектор, общественное воспроизводство, стратегия, программы, документы стратегического планирования, моратории, благоприятная среда для предпринимательства и инвестиций, экономические реформы.*

THEORETICAL ASPECTS AND PROCESS OF DEVELOPMENT OF ENTREPRENEURSHIP CLIMATE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

MUKADDASZODA FIRDAVS MUKADDAS,
Doctor of Economic Sciences, Associate Professor of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir str. 33;
tel.: (+992) 777–080–970; e–mail: 918202020p@gmail.com

This article analyzes the theoretical and practical aspects of the development of the private sector, and also clarifies the role and status of entrepreneurship in economic development.

Based on an analysis of the features of the development and adoption of regulatory legal acts and strategic planning documents, the main stages of creating a favorable entrepreneurship environment in the Republic of Tajikistan have been identified.

According to the author, issues of further improving the conditions for entrepreneurship activity and ensuring sustainable development of the private sector, increasing its competitiveness and investment activity in the national economy are among the main areas for achieving the strategic goals of the national economy.

Keywords: *entrepreneurship, private sector, social reproduction, strategy, programs, strategic planning documents, moratoriums, favorable environment for entrepreneurship and investment, economic reforms, economic transformations.*

УДК: 338.45:633(577.1)

ТАШКИЛИИ НИЗОМИ ТАЪМИНИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

МИРСАИДОВ САИДАКМАЛ АВРОРОВИЧ,
д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
734067, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14;
тел: +992 92 780 29 94; e–mail: surush–sa@mail.ru.

ИБРОҲИМОВ ДАВЛАТ НОДИРХОНОВИЧ,
муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
734067, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14;
тел: +992 985–90–74–74; e–mail: ibrokhimov–d@mail.ru.

Дарёфти роҳҳои нави равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва идоракунии он дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи таъминкунандаи рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, дар сатҳи зарурӣ аз ҳисоби татбиқи низоми мукаммали инноватсионӣ даромади корхонаҳои агросаноатӣ таъмин карда мешавад.

Бинобар он, мақола ба масъалаҳои омӯзиши татбиқи равишҳои инноватсионӣ дар фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бахшида шудааст. Муаллифон дар асоси таҳқиқи адабиёти иқтисодӣ ва осори олимони ватанию хориҷӣ тавонистаанд, ки нақши раввандҳои инноватсиониро дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ пурра таҳлил намуда, заминаҳои ташаккули онро дида бароянд. Дар мақола вазъи истифодаи заминҳои таъйиноти кишоварзии вилояти Хатлон ҳамчун заминаи таъминкунандаи ашёи хоми корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои агросаноатӣ таҳлил гардида, зарурати татбиқи равишҳои инноватсионӣ асоснок шудаанд.

Дар хулосаи мақола муаллифон сохтори модели низоми татбиқи инноватсиониро пешниҳод намудаанд, ки боиси таъмини рушди фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ мегардад.

Калидвожаҳо: *инноватсия, соҳаи кишоварзӣ, комплекси агросаноатӣ, рушди иқтисодӣ, сармоягузорӣ, истифобарии замин, идоракунии истеҳсолот, низоми инноватсионӣ, саноат, хӯрокворӣ.*

Масъалаи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар шароити ҳозира воқеӣ арзёбӣ мегардад. Тоҷикистон дорои иқтидори захиравии табие мебошад, ки дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи муносибро ишғол намояд. Дар ин маврид зарур аст, ки коркард ва истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои ватанӣ бо истифода аз равишҳои инноватсионӣ амаль гардад. Аз ин лиҳоз, афзалиятҳои татбиқи равишҳои инноватсиониро дар бахши воқеии иқтисодиёт аз нигоҳи илмӣ дида мебароем.

Тағйироти индустриаливу инноватсионии соҳаи кишоварзӣ боиси ташаккул ва рушди заминаи муосири моддию техникии истеҳсолоти кишоварзӣ мегардад, ба монанди *(омилҳои техникӣ, технологӣ ва истеҳсолӣ, аз ҷумла таъҳизоти нав, ҳалли масъалаҳои муосири инноватсионии соҳаи зироаткорӣ ва чорводорӣ, технологияҳои сарфакунандаи захираҳо), истифода бурдани навъхои пешқадами нуриҳои маъданӣ ва органикӣ ва ғайра)*. Ҳамин тавр, тадриҷан суст шудани вобастагии истеҳсолоти кишоварзӣ аз таъсири шароити табиию иқлимӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии бахшҳои зироаткорӣ ва чорводорӣ (омилҳои селексионӣ ва генетикӣ), баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои ватании соҳаи кишоварзӣ ва бахши коркарди он дар бозорҳои хориҷӣ [4, 205].

Аз ҷониби олимони ватанӣ: С.Д.Комилов, М.Қ.Файзуллоев, В.Д. Раҳмонов, ки ба омӯзиши идоракунии инноватсия машғуланд, дар баробари имкониятҳои функсионалии мавҷуда барои ташаккули инноватсия дар корхона, инчунин, равишҳои ҷорӣ намудани дониш дар истеҳсолот ва зиёд кардани самараи тақсимоти онҳоро зарур донистаанд. Онҳо иқтидори инноватсиониро ҳамчун қобилияти интегратсионии дараҷаи олӣ, яъне қобилияти ташаккул ва идоракунии имкониятҳои гуногун мешуморанд. Корхонаҳое, ки ин иқтидори навоварона доранд, метавонанд имконияту захираҳои асосии худро ба раванди бомуваффақият ҳавасманд гардондани навоварӣ дар истеҳсолот муттаҳид намоянд [2, 44]. Ба андешаи муҳаққиқ А.Н.Василев, фаъолияти инноватсионӣ ин шиддатнокии ҷалби маҳсулоти беназир ё такмилёфтаи корхонаҳо дар муомилоти иқтисодӣ, истифодаи технологияҳои нав дар фаъолияти хоҷигидорӣ мебошад [1].

Ҳамин тавр, аз андешаҳои олимон ба ақидае омадан мумкин аст, татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои КАС таҳияи навовариҳо, тақсимот ва азхудкунии онҳо аз ҷониби истеҳсолкунандагони молу маҳсулот мебошанд. Вобаста ба ин, пажуҳишгар С.Д. Шеглюк амали механизми ташкилию иқтисодии равандҳои инноватсиониро ҳамчун маҷмуи унсурҳои бо ҳам алоқаманди низоми инноватсионӣ медонад [6, 87]. Бинобар ин, муҳимтарин ва тулонитарин марҳалаи раванди инноватсионӣ эҷоди навоварӣ мебошад. Дар ин марҳала, дар ибтидои он, пайдоиши ақида (тавлиди навоварии оянда) ба вуҷуд меояд, ки он амалан дар таҳлили амиқи

омӯзиши масъала натанҳо дар шароити кишвар, балки берун аз он, махсусан дар доираи кишварҳои бештар рушдёфта ифода меёбад. Зермарҳалаи гузаронидани таҳқиқоти бунёдии амалӣ ва коркардҳо, сарфи назар аз он, ки он бо хавфи муайяни ба даст овардани натиҷаҳои ғайриқаноатбахш алоқаманд аст, дар раванди эҷоди маҳсулоти илмӣ–техникӣ ва татбиқи амалии ақидаи пешбинишуда, муҳим ва зарур аст. Коркард он вақт тамомшуда ҳисобида мешавад, ки нақшаи гузаронидани таҳқиқот пурра иҷро шуда, натиҷаи муайяне ба даст оварда шавад. Дар баробари ин, он ҳатман бояд аз санҷиши истеҳсолӣ гузарад. Нисбат ба навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ ин марҳала–озмоиши давлатии навъҳо, нисбат ба техникаи нав – озмоиши он дар стансияҳои мошинсанҷӣ ва барои технологияҳои нав ё усулҳои алоҳидаи технологӣ – санҷиш дар марказҳои махсуси технологӣ ва хоҷагиҳои таҷрибавию истеҳсолӣ ҳисобида мешавад.

Дар баробари санҷиши истеҳсолӣ, марҳалаи бақайдгирии коркардҳои анҷомдодашуда, ҳамчун объектҳои моликияти зеҳнӣ бо додани патентҳо ва иҷозатномаҳо, гузаронида мешавад, ки бо мубаддалшавии дастовардҳои номбаршуда ба навовариҳои мушаххас мувофиқат мекунад. Илова бар ин, коркарди илмӣ он вақт ба навоварӣ мубаддал мегардад, ки он барои оммавӣ ҷорӣ намудан дар истеҳсолот тавсия карда шавад. Ва дар ин ҳолат, он бояд аз марҳалаи омодагӣ ба азхудкуниро гузарад, ки аз он аксар вақт самаранокии истифодаи он вобастагӣ дорад. Чун қоида, муассисаи илмӣ барои марҳалаи эҷоди инноватсия комилан масъул аст ва ба самаранокии фаъолияти он одатан аз рӯйи миқдор, сифати навоварӣ ва азхудкунии он дар истеҳсолот, баҳо дода мешавад. Ин маҷмуи сохторҳои ташкилӣ ва шаклу усулҳои мушаххаси идоракунӣ, инчунин, шаклҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки бо ёрии онҳо қонунҳои амалишавандаи иқтисодӣ дар шароити мушаххас ва раванди такрористеҳсолкунӣ ба амал бароварда мешаванд [5, 512].

Дар муқоиса бо эҷоди инноватсия, марҳалаи тақсимоти (диффузияи) онҳо соҳаҳои гуногун ва сарчашмаҳои мушаххаси воридшавӣ ба истеҳсолоти агросаноатиро дар бар мегирад, ки дар байни онҳо мавқеи муҳимро ишғол мекунанд: фаъолияти мақомоти идоракунии комплекси агросаноатӣ, омодагӣ ва такмил додани ихтисоси роҳбарон, мутахассисон ва коргарони касбҳои оммавӣ, инчунин, вусъат додани фаъолияти ахборӣ–таблиғотӣ. Мутаассифона, дар шароити муосир ба ин марҳала эътибори зарурӣ дода намешавад. Дар оянда, дар баробари рушд ва такмил додани технологияҳои иттилоотӣ, бояд шароитҳо фароҳам оварда шаванд, то ки истеҳсолкунандагони молу маҳсулот доир ба навовариҳо натанҳо аз рӯйи таҷрибаи истеҳсолии корхонаҳои пешқадам, балки бевосита аз илм ҳанӯз дар марҳалаи бунёди онҳо, тасаввурот пайдо кунанд. Дар ҳамаи кишварҳои тараққикарда ҳамин гуна муносибат ҷой дорад. Маълумоти мукаммалтар натанҳо дар бораи навовариҳое, ки барои кор карда баромадан тавсия карда

шудаанд, балки инчунин, дар бораи имкониятҳои офариниши онҳо, чунонки амалия нишон медиҳад, имкониятҳои интихобро хеле васеъ намуда, барои баланд бардоштани фаъолияти инноватсионии истеҳсолкунандагони молу маҳсулот мусоидат мекунад.

Тавре маълум аст, зиёдгардии ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъмини корхонаҳои коркард бо ашёи хом аз оқилона истифодабарии заминҳои кишт вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, динамика ва сохтори заминҳои кишоварзии вилояти Хатлонро мавриди таҳлил қарор додем (ниг. ба ҷадвали 1). Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 дида мешавад, ки дар соли 2022 дар вилояти Хатлон майдонҳои умумии кишт 433,8 ҳазор гектарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2016 ҳамагӣ 5,2% зиёд буд. Аз ҷумла, ғалладонагиҳо 192,04 ҳазор гектарро соли 2022 ташкил дода, дар марҳалаи таҳлилӣ 4,5% коҳиш ёфтаанд. Майдони зироатҳои техникӣ 5,7%, пахта 5,3%, картошка 5,1%, сабзавот 21,9%, полезиҳо 19,5, зироатҳои хӯроки чорво 43,5% зиёд гаштанд.

Ҷадвали 1.

Динамика ва сохтори истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон, ҳаз. (га)

Нишондиҳандаҳо	Солҳо							2022 бо % нисбат ба 2016
	2016	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	
Майдони умумии кишт, гектар, га	412417	413916	40353	421837	426319	430514	433804	105,2
аз ҷумла:								
Ғалладонагӣ (бо ҷуворимакка)	201095	199886	180799	188263	189464	190179	192044	–4,5
Зироатҳои техникӣ	125676	129009	131370	132944	135322	132617	132788	105,7
Пахта	115535	119550	122404	122097	124175	121236	121694	105,3
Картошка	11212	9693	12 269	12475	9415	12058	11784	105,1
Сабзавот	29870	30497	34 499	34884	36525	36899	36414	121,9
Полезиҳо	13210	13381	14 177	15393	15456	15687	15784	119,5
Кишти зироатҳои хӯроки чорво	31354	31450	30239	37879	40137	43074	44990	143,5
Боғҳо	46096	47073	47395	48784	48855	46353	45228	–1,9
Токзор	13624	13459	12936	12726	12904	12321	12617	–7,4

Сарчашма: *ҳисоби муаллиф дар асоси Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991–2022. Маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2023. – С. 116–125.*

Коҳишёбии майдони ғалладонагиҳо, дар баробари дигар омилҳои таъсиррасон, ба андешаи мо, ба таври кифоя истифода набурдани дастовардҳои илмию техникӣ вобастагӣ дорад. Зеро маҳз истифодаи равиши илмию инноватсионӣ боиси зиёд гардидани ҳосилнокӣ ва гирифтани даромади субъектҳои хоҷагидор мегардад.

Дар маҷмуъ, аз сохтори кишти зироатҳои кишварзии вилояти Хатлон ба ақидае омадан мумкин аст, ки барои рушди соҳаҳои алоҳидаи корхо-

наҳои комплекси агросаноатӣ ва татбиқи равишҳои инноватсионӣ замина мавҷуд аст.

Дар ҳоли имрӯз корхонаҳои хӯрокворӣ ва коркарди КАС–и вилояти Хатлон ба истеҳсоли чунин маҳсулот: ширӣ, консервабарорӣ, машрубот, коркарди ғалла, сабзавот, меваю гӯшт, истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ, нонпазӣ, ва ғайра машғуланд. Имрӯз корхонаҳои соҳаи саноати хӯроквории вилояти Хатлон тақрибан 30 навъи маҳсулот истеҳсол мекунанд.

Дар ин маврид ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории вилояти Хатлонро арзёбӣ намудем. (ниг. ба ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.

Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дар вилояти Хатлон (млн сомонӣ)

Корхонаҳо	Солҳо							2022 нисбати 2016, бо %
	2016	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	
Корхонаҳои саноати коркард	3227,9	3854,3	4605,1	4952,8	4789,1	5430,1	6525,2	2,02 маротиба
Аз он ҷумла:								
Дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ	1001,5	2061,9	1533,3	1642,4	1198,0	1205,6	1598,8	159,6
Бо %	31,0	53,5	33,3	33,2	25,0	22,2	24,5	–6,5 б/ф

Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991–2022. Маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2023. –С. 96.*

Тавре аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд, давоми солҳои 2016–2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноати коркард аз 3327,9 то 6525,2 ва ё зиёда аз 2,02 маротиба афзудааст. Истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои хӯроквории вилоят аз 1001,5 ба 1598,8 млн сомонӣ ва 59,6% зиёд гардида, вазни қиёсии он дар маҳсулоти умумии саноат беш аз 6,5% банди фоиз кам шуд.

Дар шароити имрӯза зиёдгардии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории вилоят ҳанӯз қонеъкунанда нест, зеро ҳиссаи маҳсулоти воридотии хӯрокворӣ ба таври назаррас дар бозори ватанӣ дида мешавад. Аз ин лиҳоз, мо бар он ақидаем, ки корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлонро зарур аст, ки дар низоми истеҳсолӣ равишҳои инноватсиониро истифода баранд. Маҳз он таъминкунандаи сатҳи рақобатпазирии маҳсулот, чи дар бозори ватанӣ ва чи бозори хориҷӣ, мусоидат хоҳад кард.

Рушди равандҳои инноватсионӣ дар марҳалаи паҳнкунии инноватсияҳо бештар аз таъминоти иттилоотии соҳа вобаста аст. Масъулиятро бояд корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва ташкилотҳои илмӣ–таҳиягарони навовариҳо ба зимма гиранд. Онҳо мустақим ва

бевосита манфиатдоранд, ки истеҳсолкунандагони маҳсулотро дар бораи навовариҳои ба вуҷуд омада ва дар оянда ба вуҷуд овардашаванда зудтар хабар диҳанд. Дар марҳалаи хотимавии азхуд намудани инноватсияҳо муваффақияти ин раванд ба андозае ва пеш аз ҳама, аз худи истеҳсолкунандагони маҳсулот вобаста аст. Мутаносибан механизми амиқ ва кофии ташкилию иқтисодии азхудкунии навоварӣ дар истеҳсолот хеле муҳим ба ҳисоб рафта, дар он бояд ба муносибатҳои шартномавии худи истеҳсолкунандагони молу маҳсулот, ҳам бо эҷодкунандагони навоварӣ ва ҳам бо ташаббусҳои навоварона аҳаммияти махсус дода шавад, ки ба онҳо дар ҳоли имрӯз хадамоти иттилоотӣ ва машваратиро (ХИМ) дохил кардан мумкин аст. Воқеан, байни хадамоти иттилоотию машваратӣ ва худи истеҳсолкунандагони молу маҳсулот робитаи зич вуҷуд дорад, зеро фаъолияти он асосан ба хизматрасонӣ нигаронида шудааст. Азхудкунии навовариҳо аз ҷониби истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ тадриҷан барои тезонидани пешрафти илму техника дар соҳаи мазкур шароит фароҳам меоварад. Бояд қайд кард, ки дар истеҳсолот дар натиҷаи азхудкунии навоварӣ самараи муайяне ба вуҷуд меояд, ки он дар истеҳсоли иловагии маҳсулот аз як воҳид, кам кардани хароҷот ба як адади маҳсулот ва ба даст овардани даромади иловагӣ ифода меёбад. Дар ҳақиқат, ин даромади умумии иловагӣ бояд аз хароҷот ба эҷоду азхудкунии инноватсия зиёдтар бошад.

Ба унсурҳои низоми таъмини инноватсионӣ сохторҳои инноватсионию истеҳсолӣ, механизмҳои ташкилию иқтисодии воридкунӣ, усулҳои техникӣ ва воситаҳо дохил мешаванд. Дар навбати худ, низоми таъмини инноватсионӣ маҳсулоти соҳаи илмро истифода бурда, аз низомҳои илмию истеҳсолӣ, кадрӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва татбиқ иборат аст. Ба ташаккул, рушд ва самаранокии низоми таъмини инноватсионии соҳаи кишоварзӣ чунин омилҳо, аз қабили омили ташкилӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва табиӣ, таъсир мерасонанд.

Модели ташкилии низоми таъмини инноватсияҳо, ки барои такмили фаъолияти истеҳсолӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон боис мегарданд, дар расми 1 оварда шудааст.



Расми 1. Модели ташкилии низоми таъмини инноватсионии комплекси агросаноатӣ

Дар маҷмуъ, низоми таъмини инноватсионии истеҳсолоти кишоварзӣ зерсистемаҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

1. Зернизоми идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳо доир ба ташаккул ва таъмини фаъолияти низоми таъмини инноватсионӣ**.** Ба вазифаҳои асосӣ –ташкил, ҳамоҳангсозӣ, ҳавасмандкунӣ ва мониторинги фаъолияти тамоми зернизомҳои ба низоми таъмини инноватсионии кишоварзӣ тааллуқдошта дохил мешаванд. Зернизом, инчунин, вазифаҳои таъмини меъёрии ҳуқуқӣ, молиявию сармоягузории раванди ташаккули низоми таъмини инноватсионии кишоварзиро иҷро мекунад.

2. Зернизоми таъминоти кадрӣ. Вазифаҳои асосӣ ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим–тайёр кардани мутахассисон, такмили ихтисоси онҳо нигаронида шудааст. Ба зернизом донишгоҳҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, коллеҷҳо, марказҳои тайёрии кадрҳо, китобхонаҳо, дигар муассисаҳои омодагӣ ва такмили ихтисоси кадрҳоро дар бар мегирад.

3. Зернизоми илмию истеҳсолӣ. Ба вазифаҳои асосӣ татбиқи таҳқиқоти бунёдиву амалӣ, коркард ва тиҷоратикунонии технологияҳо, бо дарназардошти марказҳои таъминоти илмии истеҳсолоти агросаноатӣ, донишкадаҳои олӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, марказҳои илмӣ, корхонаю ташкилотҳои истеҳсолӣ дохил мешаванд.

4. Зернизоми маблағгузорӣ – вазифаҳои ташаккули механизми ҷалби молия ва сармоягузориҳоро барои фаъолияти инноватсионии корхонаҳо иҷро менамояд. Аз ҷумла давлат, фондҳои минтақавии рушди инноватсионӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, бонкҳо, ширкатҳои сармоягузорӣ, фондҳои венчурӣ.

5. Зернизоми таъминоти инфрасохторӣ. Вазифаҳои асосӣ ба санҷиш ва ворид намудани навовариҳо ба истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудаанд. Он инчунин, хидматҳои консалтингӣ, маркетингӣ, иттилоотӣ ва таъминотиро иҷро мекунад. Бо дарназардошти ташкилоту корхонаҳои дахлдор–хадамоти машваратӣ, ширкатҳои юридикӣ ва аудиторӣ, ширкатҳои лизингӣ, ВАО, китобхонаҳо. Барои ворид намудан ва санҷиши инноватсияҳо ба ин низом шомил намудани марказҳои рушди инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар низоми соҳаи кишоварзӣ ба сифати зерсистемаҳо низомҳои заминдорӣ ва зироаткорӣ, чорводорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорво, механикунонӣ ва электрификатсия ва ғайра ҷудо карда мешаванд. Низоми таъмини инноватсионӣ ҳам аз ҷиҳати аҳаммият ва самти мақсаднок, ҳам аз ҷиҳати сохти ташкилию функсионалии дигар унсурҳо ва хусусиятҳо, махсус ба ҳисоб гирифта шавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи мунтазам мукамалнамои ва азнав кардани таҷҳизоти технологии истеҳсолоти моддӣ ва афзоиши рақобатпазирӣ таъмин карда мешавад. Низоми мазкур имкон медиҳад, ки раванди

такмилёфтаи истеҳсолот дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ҳукмфармо бошад ва ниҳоятан, сиёсати воридотивазкунӣ байни минтақаҳои мамлакат амалӣ гардад.

АДАБИЁТ

1. Васильев А.Н. Анализ динамики инновационной активности экономики Российской Федерации за 2003–2016 годы // Вестник Волжского университета имени В.Н. Татищева. –2018. –№1.– т.2. [Электронный ресурс] URL: https://cyberleninka.ru/article/n/analiz–dinamiki–innovatsionnoy–ktivnostiekonomiki–rossiyskoy–federatsii–za–2003–2016–gody.

2. Комилов, С. Д., Файзуллоев М.К., Рахмонов В.Д. Управление развитием инновационных процессов на промышленных предприятиях: монография. – Душанбе: Типография ТНУ, 2020. – с. 44.

3. Мочерный С.В., Некрасов В.Н., Овчинников В.Н., Секретарюк В.В. Экономическая теория [Електронний ресурс]. Режим доступу: http:// library.tuit.uz/skanir_knigi/book/econ_teoriya/econ_teoriya.htm. –411 с.

4. Назаров, Д. Т. Свободные экономические зоны и индустриально–инновационная трансформация аграрного сектора экономики Таджикистана / Д. Т. Назаров // Экономика Таджикистана. – 2022.– №3 – С.205 – EDN JHCBVU.

5. Рейзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современый экономический словарь. –6–е изд. –М.: ИНФРА–М, 2017–512с.

6. Щеглюк С. Д. Механизмы стимулирования инновационной деятельности и концентрации ресурсов экономики региона / С. Д. Щеглюк // Вестник Хмельницкого национального университета: Экономические науки. – 2009. – №5. – Т. 1. – С. 87–93.

ОРГАНИЗАЦИЯ СИСТЕМЫ ИННОВАЦИОННОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРЕДПРИЯТИЙ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

МИРСАИДОВ САЙДАКМАЛ АВРОРОВИЧ,
д.э.н., профессор кафедры фондовой деятельности Таджикского государственного финансово–экономического университета
734067, Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14;
тел: (+992) 92-780-29-94; e-mail: surush–sa@mail.ru.

ИБРОХИМОВ ДАВЛАТ НОДИРХОНОВИЧ,
старшей преподаватель кафедры фынансы Таджикского государственного финансово–экономического университета
734067, Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14;
тел: (+992) 985-90-74-74; e-mail: ibrokhimov–d@mail.ru.

Поиск новых путей инновационных процессов в сфере сельского хозяйства и управления ими в условиях рыночной экономики является одним из первоочередных вопросов, обеспечивающих развитие предприятий агропромышленного комплекса. Благодаря этому доходы агропромыш-ленных предприятий обеспечиваются на необходимом уровне за счет внедрения комплексной инновационной системы.

Поэтому статья посвящена вопросам изучения применения инновационных подходов в деятельности предприятий агропромыш-ленного комплекса. На основе исследований экономической литературы и работ отечественных и зарубежных ученых авторы смогли всесторонне проанализировать роль инновационных процессов на предприятиях АПК и рассмотреть основы их формирования. В статье анализируется состояние использования сельскохозяйственных земель Хатлонской области как основы обеспечения сырьем предприятий АПК и динамика объемов производства агропромышленных предприятий, а также обоснована необходимость применения инновационных подходов.

В заключении статьи авторы представили модельную структуру системы внедрения инноваций, которая способствует развитию деятельности предприятий агропромышленного комплекса.

Ключевые слова: *инновации, аграрный сектор, агропромышленный комплекс, экономическое развитие, инвестиции, землепользование, управ-ление производством, инновационная система, промышленность, продовольствие.*

ORGANIZATION OF A SYSTEM OF INNOVATION SUPPORT FOR ENTERPRISES OF THE AGRICULTURAL COMPLEX OF KHATLON REGION

MIRSAIDOV SAIDAKMAL AVROROVICH,
Doctor of Economics., professor of the Department of Stock
Activity activity of the Tajik State University of Finance and Economics
734067, Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov str. 64/14;
tell: (+992) 92-780-29-94; e-mail: surush–sa@mail.ru.

IBROHIMOV DAVLAT NODIRKHONOVICH,
Senior Lecturer at the Finance Department of the Tajik
State University of Finance and Economics
734067, Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov str. 64/14;
tell: (+992) 985-90-74-74; e-mail: ibrokhimov–d@mail.ru.

The search for new ways of innovative processes in the field of agriculture and its management in a market economy is one of the primary issues that

ensures the development of enterprises in the agro–industrial complex. In this regard, the income of agro–industrial enterprises is ensured at the required level through the introduction of a comprehensive innovation system.

Therefore, the article is devoted to the study of the application of innovative approaches in the activities of enterprises in the agro–industrial complex. Based on studies of economic literature and the works of domestic and foreign scientists, the authors were able to comprehensively analyze the role of innovative processes in agricultural enterprises and consider the basis of their formation. The article analyzes the state of use of agricultural lands in the Khatlon region as the basis for providing raw materials to agricultural enterprises and the dynamics of production volumes of agro–industrial enterprises, and also substantiates the need to use innovative approaches.

At the conclusion of the article, the authors presented the modular structure of the innovation system, which contributes to ensuring the development of the activities of enterprises of the agro-industrial complex.

Keywords: *innovation, agricultural sector, agro–industrial complex, economic development, investment, land use, production management, innovation system, industry, food.*

УДК 331.52 (575.3)

ФОРМИРОВАНИЯ НОВОЙ СТРУКТУРЫ СОЦИАЛЬНО–ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ НА РЫНКЕ ТРУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

АЗИМОВА МАДИНА ТУРДЫЕВНА,
кандидат экономических наук, доцент, начальник отдела рынка труда и экологического просвещения Научно–исследовательского института устойчивого развития и зеленой экономики при Международном университете туризма и предпринимательства Таджикистана
734055, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Борбад 48/5;
тел: (+992) 909-90-50-62; e-mail: madina.azim@mail.ru;

В статье рассматривается вопросов формирования новой структуры на рынке труда и в социально–трудовых отношениях, которые сформировались на основе специфических особенностей развития Республики Таджикистан. Очевидно, что формирование новой структуры социально–трудовых отношений, адекватная современным вызовам, требует разработки механизмов их адаптации к этим трансформациям и кардинального изменения системы ценностей, сложившейся в социально–трудовой сфере.

Ключевые слова: *рынок труда, безработица, социально–трудовые отношения.*

Современная эволюция мировой экономики по пути технического прогресса сопровождается производительностью факторов производства, расширяет границы производительных возможностей экономики, которые выходят за рамки существующих моделей социально–трудовых отношений. Соответственно, они ставят перед обществом новые задачи, связанные с формированием новой структуры социально–трудовых отношений, которые связаны с изменениями, происходящими на рынке труда.

В научной литературе существуют много различных теоретических подходов к определению сущности формирования и структуры механизмов действия социально–трудовых отношений. Большинство авторов, говоря о социально–трудовых отношениях, рассматривают их как «объективно существующие взаимозависимости и взаимодействия субъектов этих отношений в трудовом процессе, направленные на регулирование качества трудовой жизни» [12], тем самым практически ограничивая их сферой трудовых действий. Следует отметить, что Меликьян Г.Г. и Колосова Р.П. не делают различий между определением «трудовые отношения» и

«социально–трудовые отношения»[8], придерживаясь мнения, что эти отношения охватывают как социальные, так и экономические аспекты [13].

По мнению Джурахонзода С.Дж. “при формировании механизма, включающего в себя социально трудовые отношения, регулирующие взаимодействие между государством, работодателями и работниками, определяют рынок труда как социально экономическую категорию”,[2] таким образом на рынке труда Таджикистана при трех стехроннем взаимодействии формируются регулируемые отношения приносящие положительный эффект всем сторонам и востребовано ее расмотрение в новых реалях.

За последние годы социально–трудовые отношения исследуются исключительно с точки зрения социального партнерства между работодателем и работниками, а также, прямо или косвенно, правительство, взаимодействуют для установления основных правил управления отношениями в трудовом процессе. По мнению Каменецкого В.А. социально–трудовые отношения являются категорий более широкой и объемной: формирования работника, функционирования рынка труда, создания и функционирования соответствующей материально–технической базы для осуществления трудовой деятельности, отношения по поводу первичного и последующего распределения созданного продукта и конечного потребления созданного продукта в обществе [3].

В условиях быстро меняющихся экономических и технологических реалий социально–трудовые отношения претерпели значительные изменения, сформировав новую структуру на рынке труда. Эти изменения способствуют сокращению традиционных рабочих мест в некоторых отраслях экономики, но при этом создаются новые профессии, связанные с информационными технологиями. Можно сказать, что формируется новый сегмент на рынке труда — «виртуальные воротнички», то есть специалисты, обеспечивающие разработку, внедрение и функционирование информационных продуктов. Такая форма занятости является более доступной и выгодной для работодателя поскольку она позволяет существенно снизить затраты на аренду офисных помещений, оборудование и другие ресурсы, связанные с физическим присутствием сотрудников. Это также выгодно и для государства, поскольку оно снимает с себя значительную нагрузку, связанную с социальными последствиями дальнейшего распространения виртуальной занятости. Что касается работника, для него такая форма отношений дает право свободно распоряжаться своими трудовыми способностями, но утрата стабильности материального положения и социальных гарантий может нарушить его адаптивное равновесие, что приводит к стрессам и различным социально–

психологическим проблемам. В этом случае помимо изменений в социальном статусе работника, происходит также перестройка его личной и жизненной сферы. Следовательно, чтобы переход значительной части населения к новым формам занятости прошел без серьезных проблем, необходимо поддерживать сотрудничество, как с государственными структурами, так и с частными компаниями. В противном случае существует риск углубления нынешней деформации социально–трудовых отношений на рынке труда.

Формирование системы защиты интересов работников, занятых на виртуальном рынке труда, является актуальной задачей в условиях быстро развивающейся цифровой экономики. В Республике Таджикистан принята Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан [5], которая реализуется в рамках Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года и представляет собой общее видение использования современных цифровых технологий в целях достижения высшей цели долгосрочного развития Таджикистана.

Следовательно, рынок труда под влиянием цифровизации экономики, с одной стороны требует новых инструментов, преимущественно цифровых, для повышения качества регулирования, а, с другой, соответствующие правовые институты. Появление все новых профессий вызывает необходимость корректировки требований к квалификации кадров, стимулирует спрос на новые компетенции, развивает дистанционные и цифровые способы обучения и первоначально в данной концепции предусматривается подготовка высококвалифицированных кадров и управленческого состава для ведения цифровых проектов, а также создание системы для подготовки квалифицированных кадров как в университетах, так и на предприятиях, и для развития цифровых навыков среди населения в целом. Концепция предусматривает разработку многоэтапного плана постоянного повышения квалификации сотрудников госорганов и цифровой экосистемы, которым предстоит заниматься цифровыми преобразованиями [5].

В Республике Таджикистан в последние десятилетия параметры рынка труда формировались под непосредственным влиянием внутреннего экономического развития и глобализации экономики. Анализ показывает, что в целом по стране его основные показатели имеют положительную динамику. Устойчивый экономический рост составил 8,3% в 2023 году и 8,2% в начале 2024 года [1].

Но на рынке труда Республики Таджикистан имеет свои особенности и проблемы, которые проявляются в наличии диспропорции между спросом и предложением рабочей силы, но и, что очень важно,

существование диспропорции между темпами роста трудоспособного населения и количеством создаваемых новых рабочих мест, хотя уровень безработицы показывает положительную динамику. Это свидетельствует о формировании неформальной занятости и трудовой миграции.

Наряду с этим в значительной степени существует нерегистрируемый фронт рабочих, неформально занятых и особенно трудовых мигрантов, по месту трудоустройства, возникают проблемы социальной защиты лиц, вступающих в трудовые отношения в неформальном секторе экономики, и прежде всего – трудовых мигрантов.

За 2023 год почти половина (47,8%) вернувшихся трудовых мигрантов в республике Таджикистан работают в секторе строительства, за которыми следуют общественные, социальные, частные услуги (22,1%) и сектор транспортировки, хранения и коммуникации (связи 9,2%). Женщины чаще работали в сфере общественных, социальных и частных услуг (73%), в то время как мужчины чаще работают в сфере строительства (54%) [7].

Большинство трудовых мигрантов не имеют навыков работы для виртуального рынка труда. Здесь необходимы базовые навыки работы с компьютерами, интернетом и специализированными программами. Трудоустройство мигрантов в сфере цифровизации в Таджикистане может стать ключевым фактором для улучшения их жизни, повышения уровня занятости и интеграции в глобальную цифровую экономику. Однако для этого необходимо развивать инфраструктуру образования, правовую базу и цифровую грамотность населения. Создание гибких законодательных норм и поддержку местных и международных платформ для фрилансеров поможет значительно улучшить положение таджикских мигрантов, работающих в цифровой сфере, и обеспечит более широкий доступ к международным возможностям.

Для создания возможностей трудоустройства трудовых мигрантов, особенно в сфере цифровизации, необходимо принимать комплексные меры на уровне политики, образования, инфраструктуры и социальных программ. Рассмотрим ключевые рекомендации, которые помогут интегрировать трудовых мигрантов в экономику и предоставить им возможности для трудоустройства, особенно в контексте быстро развивающейся цифровой экономики.

Один из основных факторов трудоустройства мигрантов в цифровой сфере — это наличие соответствующих навыков и знаний. Для того чтобы мигранты могли успешно конкурировать на рынке труда, особенно в высокотехнологичных областях, им нужно предоставить доступ к качественному обучению:

– мигранты, работающие в цифровой сфере, сталкиваются с рядом юридических барьеров, таких как отсутствие возможности официально трудоустроиться, налогообложение и недостаточная защита трудовых прав. Чтобы стимулировать трудоустройство мигрантов, необходимо создать условия для их работы, включая юридическую поддержку.

– мигранты, обладающие предпринимательским духом, могут внести значительный вклад в развитие цифровой экономики, создавая стартапы или малые предприятия. Для этого важно создать подходящие условия, чтобы мигранты могли развивать собственные проекты и бизнесы.

– языковой и культурный барьер может быть значительным препятствием для успешной интеграции мигрантов в цифровую экономику. Важно предоставить мигрантам возможность адаптироваться и улучшить свои коммуникативные навыки.

Таким образом, социально–трудовые отношения трудовых мигрантов в цифровой экономике требуют комплексного подхода, который учитывает как новые возможности, так и вызовы, связанные с изменениями на рынке труда. Эффективная интеграция мигрантов в цифровую экономику возможна при условии улучшения правовой защиты, социальных гарантий и создания инфраструктуры, поддерживающей их трудовую деятельность в условиях глобализированного и технологически продвинутого рынка труда.

ЛИТЕРАТУРА

1. Доклад об экономике Таджикистана–лето 2024. https://www.vsemirnyjbank.org/ru/

2. Джурахонзода, С. Д. Работодатель и службы занятости населения – пути взаимодействия на рынке труда Таджикистана / С. Д. Джурахонзода // Таджикистан и современный мир.–2024. – № 1(85).–С. 90–101.–EDN QHLSAQ.

3. Каменецкий В.А. Социальное партнерство в Европе и России (проблемы реформирования и развития): Дис. ... канд. экон. наук. – М., 2016. – 344 с.

4. Конституция Республики Таджикистан//URL: http://mmk.tj/search /node

5. Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан от 30 декабря 2019 года, №642. Душанбе

6. Концепция развития продуктивной занятости населения в Республике Таджикистан на период до 2040 года. https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=142278

7. Международная Организация по Миграции. Базовая оценка исследование: возвращающиеся трудящиеся мигранты в Таджикистане декабрь 2022г. – февраль 2023 г.

8. Меликьян Г.Г., Колосова Р.П. Экономика труда и социально–трудовые отношения. / Учеб. для экон. специальностей вузов / Р. П. Колосова, В. Г. Костаков, А. А. Ткаченко и др. – М. : ЧеРо : Изд–во Моск. ун–та, 1996. – 623 с.

9. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года // Утверждено Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года, № 636. –Душанбе: Контраст, 2016

10. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан, от 26 декабря 2019 года // URL: www.president.tj

11. Трудовой кодекс Республики Таджикистан. Утвержден Постановлением Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 15 мая 1997 года, № 417.

12. Bernheim, D., & Whinston, M. (2008). Association Incomplete Contracts and Strategic Ambiguity. The American Economic Review, 4(88), 22–32

13. Kolesnikov, N.E. (2003). The development of social and labor relations in the transition to a market economy. St Petersbourg University

ТАШКИЛ КАРДАНИ СОХТОРИ НАВ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ДАР МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИИ МЕҲНАТӢ

АЗИМОВА МАДИНА ТУРДИЕВНА,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи бозори меҳнат ва маорифи экологии Пажуҳишгоҳи рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734055, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5;
тел: (+992) 909-90-50-62; e-mail: madina.azim@mail.ru;

Дар мақола ташаккули сохтори нав дар бозори меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, ки дар асоси хусусиятҳои хосси рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфтаанд, баррасӣ ва арзёбӣ гардидааст. Равшан аст, ки ташаккули сохтори нави муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, ки ба мушкилоти муосир мувофиқ аст, таҳияи механизмҳои мутобиқсозии онҳо ба ин дигаргуниҳо ва тағйироти куллии низоми арзишҳоеро, ки дар шароити иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст, тақозо мекунад.

Калидвожаҳо: *бозори меҳнат, бекорӣ, муносибатхои ичтимоию меҳнатӣ, афзоиши устувори иқтисодиёт, музди меҳнат.*

FORMATION OF A NEW STRUCTURE OF SOCIAL AND LABOR RELATIONS IN THE LABOR MARKET OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

AZIMOVA MADINA TURDYEVNA,
PhD in Economics, Associate Professor, Head of the Department of Labor Market and Environmental Education of the Scientific Research Institute for Sustainable Development and Green Economy at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
734055, Tajikistan, Dushanbe city, Borbad ave. 48/5;
tel.: (+992) 909-90-50-62; e-mail: madina.azim@mail.ru;

The article examines the formation of a new structure in the labor market and in social and labor relations, which were formed on the basis of specific features of the development of the Republic of Tajikistan. It is obvious that the formation of a new structure of social and labor relations, adequate to modern challenges, requires the development of mechanisms for their adaptation to these transformations and a fundamental change in the value system that has developed in the social and labor sphere.

Keywords: *labor market, unemployment, social and labor relations.*

УДК: 388:330.342:338.45(575.3)

КОММУНИКАТСИЯИ НАҚЛИЁТӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

РАҶАБОВ АБДУҲАЛИМ АБДУРАҲИМОВИЧ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734055, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5;
тел.: (+992) 988-72-92-72; e-mail: raa_16.12.78@mail.ru

ЮНУСОВ ФАРИДУН МАЪРУФОВИЧ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734055, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5;
тел: (+992) 935-27-21-41; e-mail: faridun.yunusov1978@gmail.com.

Заминаи асоси барои рушди соҳаи нақлиёт ва ҳамлу нақл дар Тоҷикистон–вазъи рушдкунандаи иқтисоди кишвар, рушди тиҷорат бо кишварҳои дуру наздик, ҳамчунин, имкониятҳои транзитии кишвар барои селаҳои тиҷоратии кишварҳои Осиёи Марказӣ, дигар кишварҳои Осиё ва Аврупо ба ҳисоб мераванд. Рушди инфрасохтор ва хизматрасонии нақлиётӣ барои кишварҳои рушдкунанда, аз ҷумла Тоҷикистон, яке аз омилҳои муҳимми пешрафт мебошад. Аз ин рӯ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдид додани Тоҷикистон, яке аз вазифаҳои стратегии рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон интихоб шуда буд.

Дар навбати худ, роҳбарият ва Ҳукумати кишвар аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ берун овардани Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ ва эҷоди долонҳои транзитӣ тавассути кишвари мо вазифаи асосиро ба миён гузоштанд. Стратегияи аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон дар Паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 зикр шудааст.

Стратегия ду самти асосиро дар бар мегирад: якум, ташкили шабакаи ягонаи нақлиётӣ дар кишвар ва пайвастани он бо долонҳои нақлиётии байналмилалӣ; дуюм, ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи нақлиёт.

Ин ҳадафи дуюми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро натанҳо дорои шабакаи доимоамалкунандаи нақлиётии дохилӣ гардонид, балки ба кишварҳои ҳамсарҳад низ робитаи пайвастаи нақлиётиро барқарор намуд.

Калидвожаҳо: *нақлиёт, истиқлол, ҳаҷми бор ва мусофирбарӣ, роҳҳои мошингард ва оҳан, созишнома, хатсайр, бунбасти коммуникатсионӣ ва ғайра.*

Пас аз пошхӯрии давлати абарқудрати Шуравӣ ва мустақилияти ҷумҳуриҳои он, ҳар як давлати ҷавони соҳибистиқлол бо мушкилоти гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мувоҷеҳ гардиданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар гирдоби чунин мушкилот қарор гирифт ва хушбахтона, бо талошу кӯшишҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми ин мушкилот зина ба зина роҳи ҳалли худро пайдо намуданд. Яке аз проблемаҳое, ки системаи хоҷагии халқ ва мардуми кишвар аз он бештар азият мекашиданд, канда шудани алоқаи коммуникатсионии байни минтақаҳои ҷумҳурӣ дар мавсими зимистон ва ҳамчун яке аз ҷумҳуриҳои канории собиқ ИҶШС ба минтақаи ғайритранзитӣ мубаддал гардидани Тоҷикистон буд. Ҳамин тариқ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон назди худ яке аз ҳадафҳои стратегӣ–раҳонидани кишвар аз бунбасти коммуникатсиониро омили рушди ояндаи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ эълон намуд [5, 3].

Барои ҳама гуна давлати аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафта рушди соҳаи нақлиёт, бешубҳа, асоси иқтисодиёт ҳисобида мешавад. Имрӯз ҳеҷ гуна истеҳсолот наметавонад бидуни ҳаракати мунтазами ашёи хом, компонентҳо, афзори меҳнат ва ғайра рушд кунад. Аз ин хотир, системаи нақлиёт имкон медиҳад, ки интиқоли саривақтии молу маҳсулот дар муҳлатҳои муайянгардида беталаф таъмин карда шавад [7, 32] .

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инфрасохтори нақлиётӣ, бахусус самтҳое, ки ба иқтисодиёти кишвар аз ҷиҳати мусбат таъсиркунанда ҳисобида мешуданд, марҳала ба марҳала такмил ёфта, ба тиҷорати ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ, ки яке аз ҳадафҳои асосии рушди муносибатҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва транзитии байналмилалӣ мебошад, замина гузошт.

Чун ҳамеша таҳлили саҳеҳу ҳамаҷонибаи вазъи соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат, шароити мураккаби сиёсию иқтисодии минтақа ва ҷаҳон, дарки амиқи самтҳои имконпазири рушди устувори ҷумҳуриамон боз як мисоли такмилу инкишофи сиёсати созандаю сафарбаркунанда ва талошҳои арзандаи Пешвои муаззами миллатамон дар самти беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум ва боло бардоштани мақоми байналмилалии ҷумҳуриамон мебошад.

Дар натиҷаи заҳмату талошҳои Пешвои миллат, Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тайи солҳои истиқлолӣ тамоми рукнҳои давлатдорӣ барқарор шуда, сулҳ ва ваҳдати миллӣ пойдор, рушди

устувори иқтисодиву иҷтимоӣ таъмин, худшиносиву худогоҳӣ таҳким, ҳисси ватандӯстии тамоми табақаҳои ҷомеа афзуд ва ин, бешубҳа, аз ободиву осудагии кишвари худ, ки тайи се даҳсолаи охир ба он шарафёб гардидем, собит менамояд. Махсусан, дастовардҳои соҳаи нақлиёту коммуникатсия, ки тавассути заҳмату дастгирии бевоситаи Сарвари давлат дар тамоми Истиқлоли давлатӣ бадастомада хеле зиёданд, ки ҳар бор аз онҳо ном мебарем, вале муҳим он аст, ки маҳз ташаббус ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, ки Тоҷикистони мо тавассути роҳ ва пулҳои навсохташудаву эҳёгардида аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфта, ба кишварҳои ҷаҳон пайваст гардид.

Бо ташаббуси Президенти маҳбубамон Тоҷикистон аъзои СММ, узви комилҳуқуқи ҷомеаи башар, ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ гашт. Аз ин лиҳоз, заҳматҳои Роҳбари давлат аз ҷониби тамоми халқу миллатҳои кишвар ва ҷомеаи ҷаҳонӣ барҳақ пазируфта шуда, оламиён тавассути суханрониву пешниҳодоти Президенти Тоҷикистон дар ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ бо халқи тоҷик ва ин кишвари биҳиштосо шиносоӣ пайдо карданд.

Корҳои ба тозагӣ анҷомдодашудаи соҳаи нақлиёту коммуникатсия, аз ҷумла шоҳроҳи Кӯлоб–Шамсиддин Шоҳин. Ин қитъаи роҳ дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ буда, пойтахти кишварамонро ба шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Муъминобод ва Шамсиддини Шоҳин васл мекунад ва яке аз дарвозаҳои асосӣ барои пайваст намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин тавассути Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Қитъаи роҳи мошингарди Кӯлоб–Шамсиддин Шоҳин дар идомаи роҳи мошингарди Кӯлоб–Қалъаихум дар асоси ҳидоятҳои созандаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади баровардани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ бунёд гардида, дар доираи татбиқи марҳалаи навбатии лоиҳавӣ навсозӣ шуд. Ҳадафи асосии сохтмони иншооти мазкур таъмин намудани бехатарӣ ва ҳаракати мунтазами воситаҳои нақлиёт, аз ҷумла ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани ҳолат ва андозаҳои геометрии роҳ, инчунин, сарфа намудани вақт ва сӯзишворӣ барои кашондани молҳои мавриди ниёзи мардум дар ҳама фасли сол ва таъмини ҷойҳои корӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Дарозии умумии роҳи мазкур 32 километрро ташкил медиҳад. Дар натиҷа, беш аз 170 километр роҳи мошингард дар ин самти ҳаракат ба стандартҳои ҷаҳонии роҳсозӣ мутобиқ гардонида шуданд.

Қисмати роҳи Кӯлоб–Хоруғ–Қулма–Чин идомаи бунёди шоҳроҳи мошингард ба самти шарқии мамлакат буда, дорои аҳаммияти бузурги иқтисодию иҷтимоӣ ва стратегӣ мебошад. Масофаи роҳи мошингарди ба

истифодадодашудаи шоҳроҳи Кӯлоб–Хоруғ–Қулма–Чин 26 километр мебошад. Ҳамчунин, дар ин самт ба бунёдсозии қитъаи роҳи Дарвоз то дарвозаи Рӯшон оғози расмӣ бахшида шуд.

Ин қитъаи роҳ 109 километрро ташкил дода, бо пурра таҷдиду навсозӣ гардидани он 16 километр кӯтоҳ мегардад ва дар маҷмуъ, 92,3 километрро ташкил медиҳад. Ин қитъаи роҳ, ки ҷузъи асосии роҳи мошингарди Қалъаи Хумб–Ванҷ–Рӯшон–Хоруғ ба ҳисоб меравад, бо таҷдиду навсозии он рафтуомади доимии сокинон дар тамоми фасли сол таъмин гардида, интиқоли молу маҳсулот афзоиш хоҳад ёфт. Мавриди зикр аст, ки давоми аз 30–соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо ҷалби сармояи хориҷӣ 217 миллион сомонӣ 66,5 километр роҳ ва 40 километри дигар бо ҷалби маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмиру азнавсозӣ гардидааст. Дар маҷмуъ, аз тамоми манбаъҳо дар соҳаи нигоҳдории роҳҳо зиёда аз 26 миллион сомонӣ равона гардидааст, ки дар партави амалӣ намудани яке аз ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ – аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, мусоидат хоҳад кард.

Талошу заҳмати шабонарӯзии роҳсозон ва ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки дар арзёбии Форуми иқтисодии ҷаҳон Тоҷикистон дар радабандии сифати роҳҳо 20 зина боло баромад, ки ин дастоварди басо муҳим аст [2,12] .

Ҷадвали 1.

Маълумот доир ба дарозии роҳҳои истифодаи умумӣ дар мувозинаи Вазорати нақлиёт қарордошта, соли 2022

№ р/т	Қитъаҳои минтақавӣ доир ба нигоҳдории роҳҳои мошингард	Тӯли роҳҳо, км			
		Байнал–милалӣ	Ҷумҳу–риявӣ	Маҳаллӣ	Ҳамагӣ
1.	МД “ИХРА минтақаи Ҳисор”	274,83	374,54	1198,73	**1848,1**
2.	МД “ИХРА минтақаи Кӯлоб”	318,1	429,4	1705,3	**2452,8**
3.	МД “ИХРА минтақаи Бохтар”	435,2	334,5	1983,7	**2753,4**
4.	МД “ИХРА вилояти Суғд”	735,3	413,3	2422,3	**3570,9**
5.	МД “ИХРА ВМКБ”	1276,3	383,5	1078,55	**2738,4**
6.	МД “ИХРА минтақаи Рашт”	294,1	174,64	469,43	**938,17**
Ҳамагӣ		**3340,5**	**2109,9**	**8858,14**	**14308,5**

Сарчашма: дар асоси маълумотҳои расмӣ аз ҷониби муаллифон омода шудааст.

Рушди авиатсияи граждани, муҳайё намудани шароити муосири инфрасохторӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ яке аз омилҳои асоситарини рушди сайёҳӣ мебошад, ки дар навбати худ шарти муҳимми рушди иқтисодиёти кишвар, афзоиши даромади ширкатҳо ва фароҳам гардидани ҷойҳои нави корӣ мебошад. Боиси ифтихору сарбаландии ин ниҳод аст, ки Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи авиатсияи

граждании кишвар таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, барои мустаҳкам намудани инфрасохтори ин соҳа дастгириҳои ҳамаҷониба амалӣ менамоянд. Ҳамин аст, ки дар даврони Истиқлоли давлатӣ соҳаи авиатсияи граждании кишвар рӯ ба пешрафт ниҳода, ҷуғрофияи парвозҳо васеъ шудан гирифт. Бояд гуфт, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ кишвари азизамон бо зиёда аз 20 кишвари дуру наздик бо алоқаи ҳавоӣ пайваст шуда, бо бештар аз 27 кишвари хориҷи дуру наздик созишномаҳо доир ба робитаи ҳавоиро ба имзо расонида, заминаи мусоид барои амалӣ намудани парвозҳои байналмилалӣ муҳайё шудааст [2,10].

Дар солҳои охир якчанд омилҳо ба ташаккул ва рушди раванди боркашонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири беандоза расониданд. Яке аз ин омилҳои ин буҳрони иқтисодӣ ва пандемия ба ҳисоб рафта, ба тамоми соҳаҳои ҷомеа, аз он ҷумла ба соҳаи нақлиёт низ таъсири худро расонид [3,13].

Ҷадвали 2.

Ҳаҷми боркашонӣ тавассути ҳамаи навъҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои 2016–2023, ҳазор тонна.

Солҳо	Ҳама намудҳои нақлиёт	аз он љумла:		
		роҳи оҳан	автомобилӣ	ҳавоӣ
2016	84066,6	5454,2	78610,5	1,9
2017	84130,8	4646,5	79482,5	1,8
2018	89607,2	5348,1	84257,6	1,5
2019	85394,6	5798,8	79594,7	1,1
2020	85381,9	6305,3	79075,8	0,7
2021	94611,8	5709,9	88900,9	0,9
2022	113941,4	6104,2	107836,3	0,8
2023	120576,1	6451,0	114124,1	0,8

Сарчашма: дар асоси маълумотҳои расмӣ аз ҷониби муаллифон омода шудааст.

Чӣ тавре аз ҷадвали 2 бармеояд, ҳаҷми боркашонӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ нисбат ба нақлиёти роҳи оҳан зиёд аст. Барои баланд бардоштани боркашонӣ тавассути нақлиёти автмобилӣ ва роҳи оҳан лозим аст, ки санади ягонаи боркашонӣ (мултимодалӣ) муайян кардан даркор аст, то раванди боркашонӣ рӯ ба афзоиш ниҳад.

Айни ҳол роҳи оҳани Тоҷикистон аз се хатти ба ҳамдигар новобаста иборат аст: марказӣ, шимолӣ ва ҷанубӣ, ки ин хатҳо ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон пайваст мебошанд. Беш аз 65 дарсади боркашонии роҳи оҳани Тоҷикистон ба хатти шимолӣ (Бекобод–Конибодом) рост меояд, ки қариб 52 дарсади он транзитӣ мебошад. Шабакаи роҳҳои оҳани ҷумҳурӣ зиёда аз 1000 км роҳро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 3.

Фиристонидани баъзе навъҳои бор тавассути нақлиёти роҳи оҳан, ҳазор тонна

№	Номгӯйи нишондиҳанда	Солҳо					
		2016	2017	2018	2019	2020	2021
1.	Ангиштсанг	0,1	–	–	–	–	2,4
2.	Маҳсулоти нафтӣ	–	–	0,3	–	–	–
3.	Семент	43,5	225,4	737,9	558,2	615,9	331,2
4.	Чӯбу тахта	0,2	2,1	0,4	1,1	0,4	–
5.	Ғалла ва орду ярма	0,1	0,1	0,3	1,0	3,8	6,2
6.	Пахта	10,0	2,4	6,5	2,3	4,7	15,6
7.	Борҳои дигар	789,8	636,6	643,2	725,9	640,2	623,6
	ҲАМАГӢ	**843,7**	**866,6**	**1388,6**	**1288,5**	**1265,0**	**981,0**

Сарчашма: дар асоси маълумотҳои расмӣ аз ҷониби муаллифон омода шудааст.

Ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки тавассути ин навъи нақлиёт бештар семент ва борҳои дигар (аксаран маҳсулоти кишоварзӣ) фиристода шудааст[3, 13].

Ҳаҷми боркашонӣ ва гардиши бор тавассути ин намуди нақлиёт дар солҳои охир нисбати солҳои қаблӣ назаррас мебошад. Дар расми дар поён овардашуда интиқоли ҳаҷми бори кашонидашуда дар 6 соли охир мебошад (диаграммаи 2).

Диаграммаи 2.

Ҳаҷми боркашонӣ тавассути нақлиёти роҳи оҳан тайи солҳои 2016 – 2023, ҳаз. тонна.



Сарчашма: дар асоси маълумотҳои расмӣ аз ҷониби муаллифон омода шудааст.

Гардиши бор яке аз нишондиҳандаҳои кори нақлиётӣ буда, аз ҳаҷми боркашонӣ вобастагии зич дорад. Ҳар қадаре, ки ҳаҷми боркашонӣ зиёд шуд, ҳамон қадар гардиши бор меафзояд, ба ибораи математикӣ таносуби роста ба ҳисоб меравад (нигаред ба диаграммаи 3).

Диаграммаи 3.

Гардиши бор тавассути нақлиёти роҳи оҳан 2016–2023, млн.тонна.км



Сарчашма: дар асоси маълумотҳои расмӣ аз ҷониби муаллифон омода шудааст.

Дар тули 30 соли охир дар соҳаи нақлиёт ба маблағи зиёда аз 1,8млрд. доллари ИМА, 53 лоиҳаи гуногунҷабҳаи сармоягузории давлатӣ, аз ҷумла сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингард ва роҳи оҳан, бунёди иншооти онҳо ва лоиҳаҳои таҳкимбахшии иқтидорҳои техникии соҳа амалӣ гардида, дар доираи ин лоиҳаҳо сохтмон, таҷдид ва таъмири 2138 км роҳ, 237 пул, 2 чорроҳаи сесатҳа ва 2 дусатҳа, 5 нақби мошингузар, 3,4 км долонҳои зиддитармавӣ, инчунин, 218,95 км хатти роҳи оҳан, 5 пулу 3 нақби қаторагузар бунёду таҷдид ва 601 техника ва таҷҳизоти роҳнигаҳдорӣ харид гардидаанд. Имрӯз бо дастгирӣ ва роҳнамоии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи нақлиёт 10 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 623млн. 246 ҳазор доллари ИМА мавриди татбиқшавӣ қарор доранд.

Ҳоло дар бозори хизматрасониҳои нақлиёти автомобилӣ 1933 субъекти хоҷагидор, аз ҷумла 228 корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ (99 мусофирбар, 79 боркаш ва 50 омехта), 44 терминали мусофирбарӣ, 8 терминали боркашонӣ, 1574 нуқтаи таъмир ва хизматрасонии таъмири нақлиёт ва 79 қароргоҳи нақлиёти автомобилӣ, инчунин, 917 хатсайри мусофирбарӣ (182 шаҳрӣ, 585 наздишаҳрӣ, 123 байнишаҳрӣ ва 27 байналмилалӣ) ба қайд гирифта шудаанд.

Санадҳои байналмилалии амалкунанда дар соҳаи нақлиёт зиёда аз 54 ададро ташкил медиҳад, аз ҷумла 27–созишномаи дуҷонибаи баимзорасида бо 15 давлат: Афғонистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Латвия, Озарбойҷон, Русия, Туркманистон, Туркия, Украина, Ӯзбекистон, Чин, Эрон, Гурҷистон, Покистон [2, 8].

Ҷадвали 4.

Санадҳои байналмилалии амалкунанда дар соҳаи нақлиёт

1.	Ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии бору мусофирон	18
2.	Доир ба тиҷорати транзитӣ	1
3.	Роҳи оҳан	4
4.	Созишномаҳои умумии сохтмон ва гузаргоҳҳо дар соҳаи нақлиёт	2
5.	Дар бораи сохтмони ду пул ва қитъаи роҳи мошингард	1
6.	Ҳамлу нақли транзитии борҳои хатарнок тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон	1
ҲАМАГӢ:		**27**

Ҷадвали 5.

27 созишномаи бисёрҷониба ва конвенсияҳои байналмилалӣ.

1.	ЭСКАТО ООН (Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ барои кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором)	3
2.	СҲИ (ЭКО) (Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ)	1
3.	ТРАСЕКА (Долони Нақлиётии Аврупо–Қафқоз–Осиё)	5
4.	ҲИМОМ (ЦАРЭС) (Ҳамкориҳои Иқтисодии Минтақавии Осиёи Марказӣ)	1
5.	ОСЖД (Созмони Ҳамкории Роҳҳои Оҳан)	1
6.	КБН Шимол Ҷануб (МТК Шимол – Ҷануб)	1
7.	Созмони Ҳамкории Шанхай (ШОС)	1
8.	Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ)	5
9.	Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо	9
ҲАМАГӢ:		**27**

Сарчашма: дар асоси маълумотҳои расмӣ аз ҷониби муаллифон омода шудааст.

Баҳри пешрафти кор ва дурусти дақиқ таҳлил намудани нишондиҳандаҳои соҳа, масъалаи рақамикунонии соҳаи роҳу нақлиёт ба роҳ монда шудааст, ки аз 26 модули рақамикунонӣ 11 модул дар самти нақлиёти автомобилӣ татбиқ мегардад, ки имкони фарогирии пурраи нишондиҳандаҳои омории соҳа, назорати фаъолияти воситаҳои нақлиёти боркаш ва мусофирбари истифодаи умумро таъмин намуда, низоми рухсатномадиҳии байналмилалиро ба танзим медарорад [8].

Соҳаи нақлиёт яке аз бахшҳои муҳимми иқтисод барои дилхоҳ давлат ба шумор меравад. Рушди соҳаи нақлиёт ва транзит метавонад кишвари моро ҳамчун кишвари устувор ва пешрафта, аз ҷумла барои ҷалби сармои хориҷӣ ва халқи моро ҳамчун мардуми меҳмондӯст, муаррифӣ намояд. Бояд қайд кард, ки рушди соҳаи нақлиёт, аз ҷумла афзоиши миқдори ширкатҳои нақлиётӣ ва хизматрасонии босифати онҳо, ҳамчунин, ба паст шудани арзиши молу маҳсулоти содиротию воридотии кишвар ва то андозаи муайян ба рақобатпазирии моду маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ ва берунӣ мусоидат мекунад. Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, хароҷоти нақлиётӣ барои молу маҳсулоти ватанӣ 10–14 дарсадро ташкил медиҳад[7,3]. Одатан, интиқолдиҳандагон бештар аз роҳҳои кишварҳое истифода менамоянд, ки шабакаи рушдкардаи нақлиётӣ ва транзитӣ доранд, хизматрасониҳои наздироҳӣ дастрас ва муносибати неки сохторҳои интизомиро ҳис менамоянд.

Дастовардҳои дар замони Истиқлоли давлатӣ ба дастомадаи соҳаро агар ном барем, хеле зиёданд, вале мо иктифо мекунем, бар он ки ҳамаи ин муваффақиятҳо бо дастгириву ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат ва заҳмати шабонарӯзии роҳсозону нақлиётчиён бо даст омадаанд.

АДАБИЁТ

1. Бобоев О.Б. Масъалаҳои ташкил ва идораи корхона. –Душанбе, 2012, саҳ.183.

2. Маълумот оид ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорию истеҳсолӣ дар солҳои 2021–2022, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 2022

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”.

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №165 аз 01.04.2010 “Барномаи давлатии мақсадноки «Рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2025».

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, шаҳри Душанбе, 24.04.2010.

7. Кочинов Ю.А., Кочинова Т.В. “Транспортное обеспечение коммерче–ской деятельности: Учебное пособие. Часть 2. Виды транспорта и перевозок грузов. – Пермский институт (филиал) ФГБОУ ВПО «Российский экономический университет имени Г.В.Плеханова».–Пермь: Изд–во «ОТ и ДО», 2014 – 116 с.

8. Раҷабов А.А. Рушди системаҳои нақлиёт дар раванди рақамикунонии соҳа. Паёми Политехникӣ, №1(65). Бахши: Интеллект. Инноватсия. Инвеститсия. – Душанбе: ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ, 2024. – с.98–102.

ТРАНСПОРТНАЯ КОММУНИКАЦИЯ В ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ СТРАНЫ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

РАДЖАБОВ АБДУХАЛИМ АБДУРАХИМОВИЧ,
кандидат экономических наук, доцент кафедры таможенной деятельности Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
734055, Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбада 48/5;
тел: (+992) 988-72-92-72; e-mail: raa_16.12.78@mail.ru

ЮНУСОВ ФАРИДУН МАРУФОВИЧ,
кандидат экономических наук, доцент кафедры таможенной деятельности Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
734055, Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбада 48/5;
тел: (+992) 935-27-21-41; e-mail: faridun.yunusov1978@gmail.com.

Главной основой развитиятранспортно–коммуникационной отрасли Таджикистана являются развивающееся состояние экономики страны, развитие торговли со странами дальнего и ближнего зарубежья, а также транзитные возможности страны для торговых групп стран Центральной Азии, других. стран Азии и Европы.

Развитие инфраструктуры и транспортных услуг для развивающихся стран, в том числе Таджикистана, является одним из важных факторов прогресса. Поэтому выход из коммуникационного тупика и превращение Таджикистана в транзитную страну был выбран в качестве одной из стратегических задач экономического и социального развития Таджикистана.

В свою очередь, руководство и Правительство страны начиная с первых лет независимости, основной задачей обозначили вывод Таджикистана из коммуникационного тупика и создание транзитных коридоров через нашу страну. Стратегия вывода Таджикистана из коммуникационного тупика содержалась в ежегодном послании Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли – Парламенту Республик в 2010 году.

Стратегия включает в себя два основных направления:

Первое – создание единой транспортной сети в стране и соединение её с международными транспортными коридорами.

Второе–присоединение Республики Таджикистан к международным конвенциям и соглашениям в области транспорта.

Это вторая цель Правительства Таджикистана, не только имеет постоянно функционирующую внутреннюю транспортную сеть, но и налаживает непрерывное транспортное сообщение с приграничными странами.

Ключевые слова: *транспорт, независимость, объём перевозок грузов и пассажиров, автомобильная и железная дорога, соглашение, маршрут, коммуникационный тупик и др.*

TRANSPORT COMMUNICATION IN THE ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE COUNTRY DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE

RADZHABOV ABDUHALIM ABDURAHIMOVICH,
Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Customs Activities of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
tell: (+992) 988-72-92-72; e-mail: raa_16.12.78@mail.ru

YUNUSOV FARIDUN MARUFOVICH,
Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Customs Activities of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
tell: (+992) 935-27-21-41; e-mail: faridun.yunusov1978@gmail.com.

The main basis for the development of the transport and freight transportation industry in Tajikistan is the developing state of the country's economy, the development of trade with countries near and far abroad, as well as the country's transit opportunities for trade groups of Central Asian countries, other Asian and European countries. The development of infrastructure and transport services for developing countries, including Tajikistan, is one of the important factors of progress. Therefore, the way out of the communication impasse and the transformation of Tajikistan into a transit country was chosen as one of the strategic tasks of the economic and social development of Tajikistan.

In turn, the leadership and government of the country, starting from the first years of independence, set the main task of bringing Tajikistan out of the communication impasse and creating transit corridors through our country. The strategy for bringing Tajikistan out of the communication impasse was contained in the annual message of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan in 2010.

The strategy includes two main areas: the first is the creation of a single transport network in the country and its connection with international transport corridors; the second is the accession of the Republic of Tajikistan to international conventions and agreements in the field of transport.

This is the second goal of the Government of Tajikistan, not only to have a constantly functioning internal transport network, but also to establish continuous transport links with border countries.

Keywords: *transport, independence, volume of cargo and passenger traffic, roasd and rails, agreement, route, communication dead end, etc.*

УДК: 338.45:502.8(575.3)

МЕХАНИЗМҲОИ ТАТБИҚИ ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОИР БА ОБУ ИҚЛИМ

МАҲМАДОВ ҶОМӢ АБДУРАҲМОНОВИЧ,
муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатииАкадемияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Носир 33;
тел.: (+992) 989-16-89-89; e-mail; mj_an@bk.ru

Муаллиф дар мақолаи мазкур масъалаи мукаммалгардонии механизмҳои татбиқи ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро доир ба обу иқлим мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода, фикру андешаҳои ҷолиб ва муҳимро оид ба ин масъала ироа намудааст. Аз ҷумла қайд намудааст, ки барои татбиқи Даҳсолаи байналмилалии "Об барои ҳаёт, солҳои 2005–2015" чанд ниҳоду механизмҳои муассир таъсис ёфта буданд, ки ҷиҳати татбиқи босамари он нақши муҳим бозиданд.

Муаллиф ҷиҳати татбиқи саривақтӣ ва ҳадафмандона, ташаббуси Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор», солҳои 2018–2028"–ро мавриди омӯзиш қарор дода, механизмҳои татбиқи он ва роҳҳои расидан ба ҳадафҳои ташаббуси мазкурро арзёбӣ намудааст.

Муаллиф барои татбиқи ҳадафҳои ташаббусҳои байналмиллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд, ки дар шаҳри Душанбе "Маркази татбиқи ҳадафҳои ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон оид ба обу иқлим таъсис дода шавад".

Калидвожаҳо: *Тоҷикистон, СММ, ташаббусҳои байналмилалӣ, даҳсолаи байналмилалӣ, механизми татбиқ, оби тоза, об барои ҳаёт, рушди устувор, Гурӯҳи дӯстони об, Конфронси оби СММ, Форуми байналмилалии об ва Раванди Душанбе.*

Дарвоқеъ, ҳама кишварҳои ҷаҳон аз мушкилоти об вобастагӣ доранд. Ин мушкилот дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти одамон ба назар мерасад. Умуман, мушкилоти об ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббусҳои байналмилалии он дар ҳалли мушкилоти обу иқлим рӯз то рӯз меафзояд. Ҳадаф аз роҳандозии ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти обу иқлим–ироаи махсусуси мушкилоти соҳаи мазкур ва дарёфти роҳи ҳалли онҳо мебошад.

Доир ба масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар "Конфронси оби СММ–2023" қайд намуданд, ки

«Дар ин давра бо ташаббуси Тоҷикистон Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид доир ба ин мавзуъ нуҳ қатънома қабул кард, ки ҳадафи онҳо ба муттаҳидсозии ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷудаи вобаста ба об ва суръат бахшидан ба амалҳо дар ин ҷода нигаронида шудааст» [1].

Таҳлили ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қатъномаҳои СММ вобаста ба онҳо нишон медиҳад, ки дарвоқеъ, Тоҷикистон аввалин ташаббусро дар самти обу иқлим соли 1999 аз минбари Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод намуд буд, ки дар натиҷа қатъномаи махсуси СММ оид ба эълон кардани соли 2003 ҳамчун “Соли байналмилалии оби тоза” қабул гардид.

Вобаста ба ин, як марҳалаи муҳимми таърихӣ доир ба ташаббусҳои кишварҳои ҷаҳонро дар доираи СММ, аз ҷумла Тоҷикистон ва қатъномаҳои махсусуси СММ марбут ба ин ташаббусҳоро бароятон чунин шарҳ медиҳем. Аз пешниҳоди аввалин ташаббуси байналмилалии Тоҷикистон то ҳол СММ вобаста ба ташаббусҳои кишварҳои ҷаҳон дар соҳаҳои гуногун қатъномаҳои махсус доир ба эълони солҳоро дар ин ё он мавзуи муайян қабул намудааст. Аксари ин қатъномаҳо ҳоло вобаста ба моҳияташон амал намекунанд ё муҳлати татбиқашон ба итмом расидааст, ки пайгирии мавзуъ ва идомаи ёфтани чунин ташаббус имкон надорад ё мувофиқи мақсад шуморида намешавад. Вале, дар баробари ин ҳама, қатъномаҳои СММ вобаста ба ташаббусҳои кишварҳо ҷаҳон аз соли соли 1999 то соли 2024 қабулшуда, бояд махсус қайд намоем, ки ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи об, ки тамоми мавҷудоти олам аз он вобастагӣ дорад, ягоне қатънома ва ташаббуси амалкунанда ё зиндае мебошад, тайи беш аз ду даҳсола амал намуда истодаанд. Баъд аз гузашти солҳо, имрӯз низ пайгирии минбаъдаи мавзуи мазкур дар доираи дипломатияи об дар низоми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дошта, вобаста ба ташаббусҳои навбатии кишвари мо қатъномаҳои махсуси СММ пай дар пай қабул гашта истодаанд. Метавон гуфт, ки мавзуи интихобнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳодҳои ташаббусҳои байналмилалии кишвар дар сатҳи ҷаҳонӣ–нишонаи сиёсати оқилона ва муваффақонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар доираи СММ ниҳодҳои гуногуни сохторӣ амал мекунанд, ки вобаста ба ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи ташаббусҳо дар соҳаҳои гуногун амал мекунанд, ки яке аз онҳо ин ниҳоди “СММ–Об” мебошад.

Ниҳоди “СММ–Об” механизми байниидоравии ҳамоҳангсозии СММ барои тамоми масъалаҳои марбут ба оби тоза, аз ҷумла беҳдошт мебошад.

Ин платформа хусусияти меҳварӣ ва системаи васеи фаъолияти ҳадди аксар мутобиқшуда ва мувофиқшудаи обро таъмин менамояд. Ниҳоди "СММ – Об" барои амали гардонидани мувофиқасозӣ ва ҳамоҳангсозии низоми СММ равона карда шудааст, чунки татбиқи ин матолиб дар доираи рӯзномаи Эъломияи Ҳазорсола ва Саммити ҷаҳонӣ оид ба рушди устувор муайян шудаанд. Тавассути ниҳоди "СММ–Об" Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун "СММ–и воҳид" амал мекунад [8].

Доираи кори ниҳоди "СММ–Об" тамоми ҷанбаҳои оби тозаро, аз ҷумла обҳои рӯйи заминӣ ва захираҳои зеризаминии онро ҳамчунон сарҳади байни оби ошомиданӣ ва баҳрҳоро дар бар мегирад. Ба доираи кори ин ниҳод шомиланд:

– захираҳои оби тоза, ҳам аз нигоҳи сифат ва миқдор, рушд, арзёбӣ, идора, мониторинг ва истифода (аз ҷумла, барои истифодаи дохилӣ, кишоварзӣ ва талаботи экосистемаҳо);

– канализатсия, ҳамчунон, дастрасӣ ва истифодаи санитарӣ аз тарафи аҳолӣ ва ҳамкории байни ниҳодҳои санитария ва оби тоза;

– офатҳои марбут ба об, ҳолатҳои фавқулода ва дигар падидаҳои шадид ва таъсири онҳо ба амнияти инсон.

Мақсади асосии ниҳоди "СММ–Об" иборат аз арзиши ҳамаҷониба додан ба барномаҳо ва лоиҳаҳои мавҷуда тавассути раҳнамоӣ ва кӯшишҳои муштарак, ба хотири ба ҳадди аксар расонидани системаи васеи фаъолияти мутобиқшуда ва мувофиқашуда, инчунин, баланд бардоштани самаранокии кумак ба кишварҳои узв, таъмин намудани кӯшишҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафҳо, вазифаҳо ва амалҳои марбут ба доираи он аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ, аз ҷумла онҳое, ки дар Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва Нақшаи иҷрои қарорҳои Йоханнесбург (Саммити ҷаҳонӣ оид ба рушди устувор, 26 август–4 сентябри с.2002) дарҷ ёфтаанд [7].

Ниҳоди "СММ–Об" дорои барномаҳои худ доир ба захираҳои об мебошад. Барои мисол, як барномаи фаръӣ, ки дорои нақшаи корӣ, буҷет ва агентии ҳамоҳангсозии татбиқ аст, ин Барномаи Мониторинги Муштарак оид ба таъминоти обтаъминкунӣ ва канализатсия (БММ) мебошад, ки таҳти сарпарастии ниҳоди "СММ – Об" фаъолият мекунад ва аз ҷониби Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ (СҶТ) ва Хазинаи Кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) идора карда мешавад. БММ соли 1990 таъсис ёфта, идомаи фаъолияти мониторингие, ки СҶТ аз соли 1960 то ба ҳол анҷом медиҳад, дар худ таҷассум мекунад. БММ механизми расмии низоми СММ буда, вазифадор аст, ки мониторинги пешрафтаи глобалӣ дар самти Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола оид ба оби ошомиданӣ ва беҳдоштро анҷом диҳад [11].

Дар айни замон об, махсусан оби тоза, захираи ҳаётан муҳимми стратегӣ ба ҳисоб меравад. Дар солҳои охир, истеъмоли об дар ҷаҳон

афзоиш ёфтааст ва таҳдиде вуҷуд дорад, ки об барои ҳама кофӣ нахоҳад буд. Тибқи маълумоти Комиссияи Ҷаҳонӣ доир ба об, имрӯз ҳар як шахс барои нӯшидан, пухтупаз ва гигиенаи шахсӣ рӯзона аз 20 то 50 литр об ниёз дорад. Аммо тақрибан як миллиард нафар дар 28 кишвари ҷаҳон ба ин миқдор об ҳамчун захираи ҳаётан муҳим дастрасӣ надоранд [13].

Илова бар ин мехостем як чанд омори ҷолибро вобаста ба обу тағйирёбии иқлим пешниҳод намоем:

1) Оберо, ки шӯрнокии он ҳатто дар шакли буғ ё ях аз 0,1% зиёд нест, оби ширин ё оби тоза меноманд.

2) Аз рӯйи ҳисобҳои гуногун вазни қиёсии оби тоза дар миқдори умумии оби кураи Замин 2,5—3 дарсадро ташкил медиҳад.

3) Тақрибан 85–90 дарсади оби тоза дар шакли ях мавҷуд аст [14].

4) Ҳоло дар ҷаҳон 3,6 миллиард нафар бо мушкили дастрасии нокифоя ба об тайи ҳадди ақал як моҳи сол мувоҷеҳанд. Интизор меравад, ки ин рақам то соли 2050 беш аз 5 миллиард расида, сокинони Замин дар ин ё он сатҳ ба норасоии об дучор хоҳанд шуд [4].

5) Сӯзишвории истихроҷшуда, аз қабили ангишт, нафт ва газ, то ба ҳол бузургтарин омилҳое ҳастанд, ки таъсирашон ба тағйирёбии иқлим бештар буда, беш аз 75 дарсади партовҳои ҷаҳонии газҳои гулхонавӣ ва тақрибан 90 дарсади партовҳои гази карбонро ташкил медиҳанд [5].

6) Далелҳои илмӣ ба таври возеҳу равшан нишон медиҳанд, ки барои пешгирӣ кардани оқибатҳои бадтарини тағйирёбии иқлим, бояд то соли 2030 тақрибан ду маротиба коҳиш додани партовҳо ва то соли 2050 ба сифри партовҳо ноил шудан лозим аст [12].

7) Ба таъкиди коршиносон 70 дарсади ҳолатҳои фавқулода ва 80 дарсади талафоти иқтисодӣ ба омилҳои монанд ба офатҳои табиии марбут ба об иртибот дорад. Дар солҳои гуногун зарар аз офатҳои табиии марбут ба об 8–9 дарсади ММД–ро ташкил медиҳад, ки чунин ҳолат натанҳо хосси Тоҷикистон, балки хосси дигар давлатҳо, хусусан давлатҳои рӯ ба инкишоф, мебошад.

8) Дар Тоҷикистон 98 дарсади неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад ва ин дар ҳолест, ки мо ҳамагӣ 5 дарсади зарфиятҳои гидроэнергетикии кишварамонро азхуд кардаем.

9) То соли 2050 иқтидори неругоҳҳои барқи обии Тоҷикистон 2 баробар афзоиш дода мешавад, ки ба ин васила дар рушди “иқтисоди сабз” саҳми муносиб мегузорем.

10) Тоҷикистон аз рӯйи ҳиссаи истеҳсоли неруи барқ аз захираҳои барқароршавандаи обӣ, яъне тавлиди “энергияи сабз”, дар ҷаҳон дар ҷойи шашум қарор дорад [2].

Маълум аст, ки баъзе барнома ва лоиҳаҳое, ки аз тарафи СММ қабул гардиданд, бо сабабҳои гуногун ҳангоми амалӣ шудан ба мушкилоти ғайричашмдошт дучор меоянд. Аз ин рӯ, барои иҷрои муваффақонаи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028”, ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шудааст ва Маҷмаи Умумии СММ онро 21 декабри соли 2016 бо қатъномаи A/RES/71/222 қабул намудааст, бояд механизмҳои амалишавии он ва расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, таъсис дода шавад.

Бояд тазаккур дод, ки барои татбиқи Даҳсолаи байналмилалии “Об барои ҳаёт, солҳои 2005–2015” чанд ниҳоду механизмҳои муассир таъсис ёфта буданд, ки ҷиҳати татбиқи бо самари он нақши муҳим бозиданд. Яке аз механизмҳое, ки дар татбиқи даҳсолаи сипаришуда нақши калидӣ бозид, ниҳоди “СММ–Об” (UN–Water) мебошад, ки соли 2003 таъсис ёфтааст. «СММ–Об» аз 31 узв ва 38 шарикони ҳамкорӣ иборат буда, фаъолияти ниҳодҳои гунргуни сохтори СММ ва дигар созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, инчунин, ташкилотҳои ғайридавлативу ҷомеаи шаҳрвандиро дар самти мудирияти захираҳои об ҳамоҳанг месозад [6].

Ҳисоботҳои глобалии мунтазами БММ доир ба оби ошомиданӣ ва беҳдошт ба фарогирии банақшагирии матолиби соҳа ва идоракунии он мусоидат менамоянд. Мутобиқи маълумоти БММ тараққиёт дар соҳаи беҳдошт ва оби ошомиданӣ дар ҷаҳон қарори зайл аст: 147 кишвар ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола оид ба оби ошомиданӣ расиданд; 95 кишвар ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола оид ба беҳдошт расиданд; 2.4 млрд. нафар санитарияи беҳтаршавӣ доранд; 700 млн. нафар ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола нарасидаанд; 4.2 млрд. нафар алҳол аз лӯлаҳои об дар хонаҳо (биноҳо) истифода мебаранд; 2.1 млрд. нафар аз соли 1990 ба ин тараф ба беҳдошти беҳтаршуда дастрасӣ доранд; 4.9 млрд. нафар, яъне 68% аҳолии ҷаҳон ба беҳдошти беҳтаршуда дастрасӣ доранд; 638 млн. нафар аз имкониятҳои санитарияи ҷамъиятӣ ё муштарак истифода мебаранд; 2.6 млрд.нафар ва манбаъҳои беҳтаршудаи оби ошомиданӣ аз соли 1990 ба ин ҷониб дастрасӣ пайдо намудаанд [7].

Илова бар ин, зикр кардан бамаврид аст, ки аз соли 2009 дар Созмони Милали Муттаҳид бо ташаббуси Тоҷикистон як ниҳоди хеле муосир ва муҳим бо номи гурӯҳи “Дӯстони об” таъсис дода шудааст, ки айни ҳол зиёда аз 100 кишвари узви созмонро фаро мегирад. Ниҳоди мазкур дар муҳокима ва баррасии тамоми масалаҳои марбут ба оби рӯзномаи СММ нақши фаъол дорад. Ниҳодҳоди болозикр дар татбиқи Даҳсолаи байналмилалии “Об барои ҳаёт, солҳои 2005–2015” нақши муҳим дошт.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои иҷрои муваффақонаи даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушду устувор, солҳои 2018–2028” моҳи

январи соли 2016 механизми нав–панели сатҳи баланд доир ба масъалаҳои об таъсис ёфт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси поягузори ҳама ташаббусу иқдомҳои байналмилалӣ дар соҳаи об ба узвияти он пазируфта шудаанд [9].

Панели сатҳи баланд доир ба масъалаҳои об бо ташаббуси Муншии умумии СММ ва президенти Бонки Ҷаҳонӣ таъсис ёфта, танҳо 11 нафар сарони кишварҳо узви он мебошанд. Дар доираи ин панел тамоми масъалаҳои марбут ба об дар сатҳи байналмилалӣ мавриди баррасӣ ва пайгирӣ қарор гирифтанд. Яке аз механизмҳои муосири амалигардонии даҳсолаҳо дар соҳаи об–Форумҳои ҷаҳонии об мебошанд, ки мутобиқи қарори Шурои ҷаҳонии об дар ҳар се сол як маротиба дар яке аз давлатҳои узви СММ баргузор мегардад [5]. То имрӯз 10 Форуми ҷаҳонии об гузаронида шудааст. Илова бар ин, метавон гуфт, ки аз ҷониби СММ ду маротиба конфронси байналмилалӣ доир ба об доир гашт, ки хушбахтона, Конфронси дуюми он соли 2023 бо ташаббус ва ҳаммуаллифии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ доир гардид.

Қобили зикр аст, ки суханрониҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минбарҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамеша бо пешниҳоду ташаббусҳои асосноку созанда, пеш аз ҳама, ба рушди муштараки устувор, таҳкими ҳамкорӣ ва робитаи байни давлатҳо ва муттаҳидсозии ҷомеаи ҷаҳонӣ равона гардидаанд.

Таҳлили фарогири суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи Конфронси оби СММ–2023 ва чорабиниҳои ҳошиявии он ба мо маълум гардид, ки Пешвои миллат аз ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти мушкилоти обу иқлим даъват ба амал оварда, пешниҳодҳои зеринро ироа намуданд:

– вақти он расидааст, ки дар низоми Созмони Милали Муттаҳид як воҳиди махсус доир ба об таъсис дода шуда, фиристодаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба об таъйин карда шавад;

– мавқеи мавзуи об дар рӯзномаи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ бояд тақвият дода шавад;

– бо дарназардошти алоқамандии зичи об бо дигар Ҳадафҳои Рушди Устувор, об бояд дар дигар рӯзномаҳои ҷаҳонӣ ва ҷамъомадҳои сатҳи баланд ҳамгиро карда шавад;

– сарфи назар аз баъзе пешрафҳо, барои ноилшавӣ ба Ҳадафҳои Рушди Устувор, аз ҷумла ҳадафи шашум ва дигар ҳадафҳои марбут ба об, зарур аст, ки талошу амалҳои худро ба маротиб афзоиш диҳем;

– бо мақсади назорати пайвастаи раванди татбиқи уҳдадориҳо, аз ҷумла Рӯзномаи амали об, зарур аст, ки конфронсҳо ва дигар ҳамоишҳои

Созмони Милали Муттаҳид минбаъд мунтазам, шояд ҳар ду–се сол як маротиба, баргузор карда шавад;

– кишварҳои ҷаҳон ба Конфронси навбатӣ доир ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии об, ки соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор мешавад, даъват гардиданд;

– дар ҳамдастӣ бо кишварҳо ва ҷонибҳои манфиатдор, Харитаи роҳро барои соли 2025 таҳия намуда, раванди омодагӣ ба соли 2025 ҷиҳати мизбонии Конфронси байналмилалӣ дар мавзуи ҳифзи пиряхҳоро фарогиру натиҷаовар ба роҳ монем. Вобаста ба ин масъала, аз кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ҷиҳати ҳамкорӣ дар ин самт даъват ба амал оварданд;

– пешниҳод намуданд, ки Конфронси навбатии СММ доир ба масъалаҳои об соли 2028 дар шаҳри Душанбе дар фарҷоми Даҳсолаи амал “Об барои рушди устувор” баргузор гардад;

– зимни татбиқи амалу уҳдадориҳо ва умуман, Рӯзномаи амал оид ба об пешниҳод намуданд, ки “Раванди оби Душанбе”, ҳамчун платформаи пайгирӣ васеъ истифода карда шавад;

– натиҷаю паёмҳои Конфронс бояд ба дигар чорабиниҳои калидии вобаста ба об, тағйирёбии иқлим, пешгирии офатҳои табиӣ ва умуман ҳамаи масъалаҳои марбут ба татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор, ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангӣ дошта бошанд;

– ноил гардидан ба натиҷае, ки хусусан ба кишварҳои осебпазир дар ҳалли мушкилоти об мусоидат намояд;

– ҷиҳати рафъи мушкилоти марбут ба об барои дастгирӣ аз кишварҳои камтараққӣ ва рӯ ба инкишоф бояд ҳаҷми сармоя ва маблағгузорӣ афзоиш дода шавад;

– кӯшишҳои муштарак бояд ба натиҷагириҳои мушаххас ва пайгирии минбаъдаи созишҳои бадастомада равона карда шаванд, то интизориҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин раванд ба таври шоиста амалӣ гарданд;

– барои ҳифз ва самаранок истифода бурдани ҳамаи сарчашмаҳои оби ошомиданӣ барномаҳои мушаххаси миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд;

– механизмҳои боэътимоди муосир барои таъмини об ва мудирияти самараноки масъалаҳои марбут ба об таҳия ва роҳандозӣ гарданд [3].

Бояд қайд намуд, ки таҳлили пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳиматарин натиҷагирии Конфронси оби СММ– 2023 ҳамчун ҳамоиши таърихӣ барои Тоҷикистон нишон медиҳад, ки кишвари мо баргузории се конфронси байнамилалии навбатиро доир ба масъалаҳои марбут ба обу иқлим дар шаҳри Душанбе ҳамчун макони баргузории чорабиниҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар

солҳои 2024, 2025 ва 2028 ба нақша гирифт ва конфронси соли 2024 бо муваффақият доир гардид. Ташаббусҳои дар боло зикршудаи ҷаҳонии Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти воқеии башарият пешниҳодҳои воқеӣ ва муассир буда, ҳадафу вазифаҳои онҳо вобаста ба авлавияташон хеле оқилона гузошта шуда буданд.

Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон бо доштани платформаи “Раванди Душанбе” доир ба масъалаҳои обӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ гашта, дар доираи он баргузории чорабиниҳои сатҳи ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои обу иқлим баргузор мегарданд.

Ҳайатҳои баландпояи кишвари мо таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама ҳамоишҳои байналмилалии марбут ба об, аз ҷумла дар тамоми форумҳои ҷаҳонии об, ширкати фаъолона варзиданд.

Ҳамин тавр, бояд зикр намуд, ки барои тақвият бахшидан ба ин раванд ва нигоҳ доштани сатҳи эътибори кишвар дар арсаи байналмилалӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои об, намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ҳамчунин, дипломатҳои кишварро мебояд бо ҳисси ифтихор ва масъулият ҷиҳати ҷалби бештар ва фарогири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба зарурати татбиқи ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон саъю талоши бештар варзанд.

Маълум аст, ки кишвари мо тайи даҳсолаҳои гузашта якчанд ҳамоиши байналмилалиро бо иштироки кишварҳои узви СММ, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, ниҳодҳои ҷаҳонии молиявӣ, доираи васеи коршиносону таҳлилгарон ва аҳли илму адаб аз тамоми гӯшаҳои олам мизбонӣ кардааст. Дар сатҳи миллӣ низ барои татбиқи Даҳсолаи нави об шояд садҳо чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ баргузор гардиданд ва минбаъд низ доир мегарданд.

Бо назардошти он, ки Ҷумҳури Тоҷикистон соҳиби Рӯзномаи оби СММ гаштааст ва бо ташабуссҳои обии худ ҷомеаи ҷаҳониро дар доираи платформаҳои гуногуни байналмилалӣ оид ба об, аз ҷумла дар доираи платформаи “Раванди Душанбе доир ба об” муттаҳид намудааст, пешниҳод мегардад, ки ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои ташаббуси “Даҳсолаи байналмилалии амал барои рушди устувор, солҳои 2018–2028” ва ташаббусҳо минбаъдаву ояндаи Тоҷикистон оид ба обу иқлим, “Маркази татбиқи ҳадафҳои ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон оид ба обу иқлим” дар шаҳри Душанбе таъсис дода шавад.

Метавон бо итминони комил изҳор дошт, ки дар ин раванд Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори даҳсолаи нав дар ҳалли масъалаҳои

марбут ба об саҳмгузорӣ ва пешсафии худро нишон хоҳад дод ва тарҳҳои обӣ ва гидроэнергетикии худро бо истифода аз механизмҳои пурнуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ амалӣ мегардонад. Инчунин, тавассути мукаммалгардонии механизмҳои татбиқи ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масоили ҷаҳонии об минбаъд низ саҳми калидӣ хоҳад гузошт.

АДАБИЁТ

1. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар чорабинии канории корӣ “Об моро муттаҳид месозад” [манбаи электронӣ] http://www.president.tj/node/30255 (санаи истифодабарӣ: 11.10.2024)

2. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028” [манбаи электронӣ] URL http://www.president.tj/node/30273 (санаи истифодабарӣ: 11.10.2024)

3. Эмомалӣ Раҳмон. Суханрониҳо дар доираи Конфронси оби СММ–2023//http://www.president.tj

4. ВМО: с дефицитом воды в будущем столкнутся более пяти млрд жителей Земли [манбаи электронӣ] https://news.un.org/ru/story/2022/11/1435287 (санаи истифодабарӣ: 12.10.2024)

5. Причины и последствия изменения климата [манбаи электронӣ] https://www.un.org/ru/climatechange/science/causes–effects–climate–change (санаи истифодабарӣ: 12.10.2024)

6. Водному сотрудничеству стран Центральной Азии–20 лет: опыт прошлого и задачи будущего//Материалы Межд. науч.–практ. конф. (Алматы, 20–21 сентября 2013 г.)–Алматы, 2013.

7. Доклад ООН о состоянии водных ресурсов мира, «Вода для людей, вода для жизни».– М.: «Весь мир».–2003; Доклад ООН о состоянии водных ресурсов мира. «Вода для людей, вода для жизни». – М.: «Весь мир».–2003.

8. Доклад о развитии человека 2006. Что кроется за нехваткой воды: Власть, бедность и глобальный кризис// Опубликовано для Программы развития ООН. – М.: “Весь мир”,2006.

9. Исайнов Х.Р., Кудратов Р.Р. Обеспечение водно–энергетической безопасности Центральной Азии: социально–экономические и экологические аспекты / Х.Р. Исайнов, Р. Р. Кудратов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – 2014. –№2/10 (152). –С.58–67.

10. Мухаббатов Х.М. Водные ресурсы– основа сотрудничества стран Центральной Азии// Экономика Таджикистана: стратегия развития,– Душанбе, 2008.–№1.

11. Саддофф К., Грайберг Т. и др. Вместе: управление трансграничними водами.–Гланд, Швейцария, 2011.

12. Меры по борьбе с изменением климата [манбаи электронӣ] https://www.un.org/ru/climatechange/what–is–climate–change (санаи истифодабарӣ: 12.10.2024).

13. Топ–10 стран с самыми большими запасами пресной воды [манбаи электронӣ] https://kz.kursiv.media/2016–05–03/top–10–stran–s–samymi–bolshimi–zapasami–presnoy–vody/ (санаи истифодабарӣ: 12.10.2024)

14. Пресная вода [манбаи электронӣ] https://dic.academic.ru/dic.nsf/ruwiki/46155 (санаи истифодабарӣ: 12.10.2024).

МЕХАНИЗМЫ РЕАЛИЗАЦИИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ИНИЦИАТИВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ПО ВОДЕ И КЛИМАТУ

МАХМАДОВ ДЖОМИ АБДУРАХМОНОВИЧ,
старший преподаватель кафедры управления государственными финансами Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Насира 33;
тел.: (+992) 989-16-89-89; e-mail; mj_an@bk.ru

В данной статье автор проанализировал вопрос механизмов реализации международных инициатив Республики Таджикистан по воде и климату и представил интересные и важные мысли по этому вопросу. В частности, он отметил, что для реализации Международного десятилетия «Вода для жизни, 2005–2015» было создано несколько эффективных институтов и механизмов, которые сыграли важную роль в его эффективной реализации.

Автор проанализировал Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития», 2018–2028 годы, с точки зрения своевременной и целенаправленной реализации, обсудил механизмы его проведения и достижения поставленных целей. Для реализации целей международных инициатив Республики Таджикистан автор также предлагает создать в Душанбе «Центр по реализации целей международных инициатив Таджикистана по воде и климату».

Ключевые слова: *Таджикистан, ООН, международные инициативы, международное десятилетие, механизм реализации, чистая вода, вода для*

жизни, устойчивое развитие, Группа друзей воды, Водная конференция ООН, Международный водный форум и Душанбинский процесс.

IMPLEMENTATION MECHANISMS OF THE INTERNATIONAL INITIATIVES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON WATER AND CLIMATE

MAHMADOV JOMI ABDURAHMONOVICH,
senior lecturer of the Department of State Finance Management of Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Said Nasir str. 33;
tel.: (+992) 989-16-89-89; e-mail; mj_an@bk.ru

In this article, the author discussed and evaluated the issue of the improving the mechanisms for implementing international initiatives of the Republic of Tajikistan on water and climate, and presented interesting and important thoughts on this issue. In particular, he noted that for the implementation of the International Decade "Water for Life, 2005–2015", several effective institutions and mechanisms were established, which played an important role in effective implementation of it.

The author analyzed the International Decade for Action "Water for Sustainable Development", 2018–2028, in terms of timely and targeted implementation, discussed the mechanisms of its implementation and ways to achieve its goals. In order to implement the goals of the international initiatives of the Republic of Tajikistan, the author also proposes to establish a "Center for the implementation of the goals of the international initiatives of Tajikistan on water and climate" in Dushanbe.

Keywords: *Tajikistan, UN, international initiatives, international decade, implementation mechanism, clean water, water for life, sustainable development, Friends of Water Group, UN Water Conference, International Water Forum and Dushanbe Process.*

УДК: 338.5(575.3)

РУШДИ БОЗОРИ ХӮРОКИ УМУМӢ ОМИЛИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ ВА ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

ИБРОҲИМЗОДА ИБРОҲИМ ШОҲ,
мутахассиси пешбари Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (+992) 900-22-22-51; e-mail: iibroimzoda@mail.ru

Дар мақолаи мазкур қайд карда шудааст, ки соҳаи хӯроки умумӣ яке аз бахшҳои асосӣ дар рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, барои расидан ба яке аз ҳадафҳои асосии мамлакат – таъмини амнияти озуқаворӣ заминаи хубе фароҳам меоварад. Тазаккур бояд дод, ки рушди хӯроки умумӣ барои таъмини аҳолӣ бо молу маҳсулоти истеъмолӣ, баланд гардидани сатҳи некуаҳолии мардум, инчунин, ба ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ имкон фароҳам оварда, барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ саҳм гузошта метавонад. Рушди иқтисоди миллии кишварро бе соҳаи хӯроки умумӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Калидвожаҳо: *хӯрокворӣ, хӯроки умумӣ, саноати хӯрокворӣ, корхона, иқтисод, рушд, иқтисоди миллӣ, амнияти озуқаворӣ, маҳсулот, истеъмолот, истеҳсолот, аҳолӣ.*

Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат яке аз ҳадафҳои муҳимми “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” маҳсуб меёбад. Соҳаи саноати хӯрокворӣ яке аз бахшҳои асосии пешбарандаи иқтисодиёти кишвар ба шумор рафта, рушди он барои таъмини аҳолӣ бо молу маҳсулоти истеъмолӣ, баланд гардидани сатҳи зиндагӣ ва бо ҷойҳои корӣ таъмин кардани аҳолӣ мусоидат менамояд. Зимни ироаи Паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ санаи 28 декабри соли 2023, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: “Дар шарои имрӯза, вобаста ба таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳони муосир бавуҷудомада ва канда шудани занҷираи анъанавии таҳвили молу маҳсулот, афзоиши аҳолӣ, инчунин, бар асари тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои манфии он хушксолии пайиҳам ва камобӣ, аз ҷумла дар минтақаи мо, талабот ба об ва маҳсулоти кишоварзӣ торафт зиёд гардида истодааст” [9].

Мавқеи корхонаи саноати хӯрокворӣ дар маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар назаррас буда, мувофиқи маълумоти оморӣ ҳаҷми истеҳсоли

маҳсулоти соҳа аз 48,3 млн сомонии соли 1996 ба 11,6 млрд сомонӣ дар соли 2023 расонида шудааст, ки 6770 млн сомонӣ ё ин, ки дар қиёс ба соли 1996-ум 2,4 баробар зиёд мебошад. Баробари пешрафти дигар соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ низ рушд намуда, сол то сол ҳиссаи онҳо дар ММД афзоиш меёбанд ва дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ–саноатикунонии босуръати кишвар саҳми арзанда мегузоранд. Шумораи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар соли 2023 ба 815 адад баробар гардид, ки нисбати соли 1991-ум 8,6 баробар зиёд мебошад [1].

Мунтазам афзоиш ёфтани шумораи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба зиёдшавии ҳаҷми истеҳсол ва таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат хоҳад кард. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ бо ҷалби сармояи соҳибкорони ватанӣ ҳамасола афзоиш ёфта, дар таъмини амнияти озуқаворӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ саҳми арзанда доранд.

Корхонаҳои хӯроки умумӣ аз ҷумлаи корхонаҳое ба ҳисоб мераванд, ки дар шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ ба фаъолият оғоз менамоянд ва дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ, истеҳсол, фурӯш ва ташкили истеъмоли маҳсулоти хӯроки умумии ҷамъият ҳиссагузор мебошанд.

Лозим ба таъкид аст, ки корхонахои хӯроки умумӣ ба муассисаҳои савдои давлатӣ ё кооператсияҳои матлубот дохил мешаванд. Солҳои Ҳокимияти Шуравӣ хӯроки умумӣ ба соҳаи муҳимми хоҷагии халқ табдил ёфт. Қарорҳои дар солҳои 50–ум қабулкардаи Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳукумати Иттиҳоди Шуравӣ «Доир ба тадбирҳои беҳтар кардани кори корхонаҳои хӯроки умумӣ» (аз 1 марта 1956) ва «Оид ба минбаъд инкишоф додан ва беҳтар намудани хӯроки умумӣ» (аз 20 феврали соли 1959) дар инкишоф ва пешрафти соҳаи хӯроки умумӣ аҳаммият ва саҳми махсус доштанд, ки он дар соли 1980-ум 302,9 ҳаз. (1940-ум 87,6 ҳаз.) корхонаи хӯроки умумӣ буд. Соли 1980 қисми умумии муомилоти моли хӯроки умумӣ ба 24003 млн сӯм расид. Соли 1980 бошад, корхонаҳои хӯроки умумӣ 2617 ҳазор (1940–уми 788 ҳазор) коргар доштанд. Муассисаҳои хӯроки умумӣ дар ҶШС Тоҷикистон (дар корхонаҳои саноатӣ, деҳот, муассисаҳои илмӣ ва ғайра) бо суръат меафзуданд. Ҳоло бисёр корхонахои хӯроки умумӣ бо маҳсулоти нимтайёри истеҳсоли саноатӣ кор мекунанд[2].

Имрӯз соҳаи хӯроки умумӣ аз ҷониби шумораи зиёди муассисаҳо бо сатҳҳои гуногуни хизматрасонӣ, сифати маҳсулот, гуногунии технологияи омода кардани маҳсулот истифода мешавад. Муассисаҳои хӯрокворӣ ба маҷмуи васеи ниёзҳои инсон хизмат намуда, баҳри зуд қонеъ гардонидани талаботи аввалиндараҷа нигаронида шудаанд. Аз ин рӯ, як хусусияти олии вазъи кунунии бозор фарогирии гуногун ва гуногунҷанбаи он ба ҳама қишрҳои асосии истеъмолкунандагон, вобаста ба сатҳи даромад, вазъи

иҷтимоӣ ва синну сол мебошад. Ҳоло соҳаи хӯроки умумӣ яке аз самтҳои ояндадор ва босуръат рушдёбандаи соҳаи озуқаворӣ ва маъмултарин ҷойгоҳи оғози тиҷорат мебошад, ки дар мисоли рушди худ сатҳи вазъи иҷтимоию иқтисодии кишварро нишон медиҳад.

Мусаллам аст, ки то охири солҳои навадуми асри гузашта низоми хӯроки умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корхонаҳои якхела буд, ки одатан, хизматҳои иҷтимоиро пешниҳод мекарданд. Инҳо, пеш аз ҳама, ошхонаҳои корхонаҳо, инчунин, мактабҳо, муассисаҳои табобатӣ, шифохонаҳои истироҳатӣ ва ғайраро дар бар мегирифтанд. Дар хоҷагии нақшавии давраи Шуравӣ корхонаҳои кушод (қаҳвахонаҳо, тарабхонаҳо, ошхонаҳо ва ғайра) низ аз бисёр ҷиҳати иҷтимоӣ пӯшида мешуданд. Ҳамзамон, дар қисми ками онҳо муассисаҳои фарҳангиву фароғатӣ дида мешуд. Дар айни замон, низоми хӯроки умумӣ маҷмуи корхонаҳои шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мебошад, ки бо истеҳсол, фурӯш ва ташкили истеъмоли маҳсулоти хӯроки умумӣ машғуланд. Корхонаи хӯроки умумӣ ҷойи хизматрасонӣ барои истеҳсоли маҳсулоти хӯроки умумӣ, қаннодӣ ва маҳсулоти нонпазӣ, инчунин, фурӯши онҳо ва ё ташкилу истеъмолро дар назар дорад. Вобаста аз омилҳои гуногун, ҳамаи корхонаҳои хӯрокворӣ аз рӯйи навъ фарқ мекунанд. Навъи корхонаи хӯроки умумӣ бо хусусиятҳои хосси хизматрасонӣ, хелҳои маҳсулоти фурӯхташуда, номгӯйи хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон ва дигар хусусиятҳо муайян карда мешавад. Навъи корхонаи хӯрокворрии умумӣ аз маҷмуи аломатҳои фарқкунандаи муайяни корхона вобаста аст, ки сифати хизматрасонӣ, сатҳ ва шароити хизматрасониро тавсиф мекунад[6].

Бояд қайд намуд, ки сатҳи рушди фаъолияти корхонаҳои хӯрокворӣ аз дараҷаи даромаднокии аҳолӣ ва пешрафти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа вобастагии калон дорад. Ҳамзамон, рушди корхонаҳои саноати хӯрокворӣ сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии давлатро инъикос менамояд. Дар кишварҳои тараққикарда тиҷорати хӯроки умумӣ ва хизматрасонии он дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст. Истеъмолкунандагон барои истеъмоли хӯрок назар ба хариди номгӯйи маҳсулоти хӯрокворӣ ва омодакунии онҳо дар шароити хона пули бештар сарф мекунанд. Аммо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон тиҷорати хӯроки тайёр берун аз шароити хона тақрибан 20 маротиба камтар аз гардиши фурӯши маҳсулоти хӯрокворирро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони имрӯза соҳаи хизматрасонии хӯроки омма яке аз самтҳои серталабтарини бахши тиҷорат ва дараҷаи даромаднокии баланддошта мебошад. Ба замми ин, метавон гуфт, ки яке аз самтҳои хавфноктарин дар ҷаҳони пуртазод ва буҳрони иқтисодӣ (ҳолатҳои пандемияи “Covid –19”,

таҳримҳо ба муқобили Русия, ноамнӣ ва низоъ дар Ховари Миёна, ба сари қудрат омадани Толибон дар Афғонистон) мебошад.

Боиси тазаккур аст, ки то ҳол ягон модели ягона баҳри пешбурди тиҷорати хизматрасонии хӯроки умумӣ вуҷуд надорад. Он бо тарзҳои гуногун аз ҷониби шахсони дар ин самт фаъолияткунанда бо роҳҳои мухталиф ва вобаста ба талаботи мардум пеш бурда мешавад. Бо вуҷуди оне, ки ин раванд аз қадим мавҷуд аст, вале ин фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Дигаргуниҳои сатҳи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ метавонад ҳамчун омили дохилӣ таъсири худро ба ин соҳа расонад.

Гуфтан бамаврид аст, ки тиҷорати номбурда хусусиятҳои худро дошта, малакаю дониш ва қобилиятро талаб менамояд. Бозори хизматрасониҳои хӯроки умумиро дар самти рушди иқтисодиёти тағйирёбандаи муосир самти наве номидан мумкин аст, зеро дар заминаи рушди устувори он имконият фароҳам меояд, ки иқтисодиёти миллӣ бо роҳи мутамарказонии хизматрасониҳои хӯроки умумӣ ба роҳ монда шавад. Барои асоснок гардидани гуфтаҳои боло, рӯй меоварем ба мафҳумҳои иқтисодии бозор, хизматрасониҳо, соҳаи хизматрасониҳо, навъи фаъолияти соҳибкории дар бозори хизматрасонии хӯроки умумӣ фаъолияткунанда, инчунин, нақши он дар ташаккули низомҳои иқтисодиёти бозорӣ. Таҷрибаи хориҷии пешрафта ва рушдкардаи ташаккули бозори хӯроки умумӣ нишон медиҳад, ки барои ба роҳ мондани фаъолияти самараноки соҳа бояд соҳибкории истеъмолӣ ба роҳ монда шавад, зеро беҳбудии ҳаёти маишии аҳолӣ аз бисёр ҷиҳат бо системаи мунтазам рушдкунандаи фаъолияти соҳибкории истеъмолӣ вобаста аст.

Ҳамзамон, нақши муҳимро дар ташкили ғизои аҳолӣ хӯроки умумӣ мебозад, ки аз ҷониби муассисаҳои хӯроки умумӣ созмон дода мешавад. Мувофиқи таҳқиқот, дар замонҳои гуногун шаклҳои хӯрокворӣ тағйир ёфта, доираи хизматрасониҳо васеъ гардиданд. Рушди хӯрокворӣ натанҳо воситаи ивазшавандаи ҳаёти маишӣ, балки боиси ҳалли мушкилот ва тағйирёбии муносибатҳои иқтисодие, ки дорои хусусияти иҷтимоиву иқтисодианд, ба назар мерасад. Дар натиҷаи рушди ҳаматарафаи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ, инчунин, ба шакли мусбат амалишавии равандҳои он, дигар шудани мақсад ва вазифаҳои субъектҳои хоҷагидории бозори хӯроки умумӣ ба куллӣ тағйир ёфт, ки дар навбати худ ба арзёбии фаъолияти маҳсулоти хӯроки умумӣ, болоравии нишондиҳандаҳо ва усулҳои методологию таҳлили таъсири аниқ мерасонанд [5].

Яке аз омилҳои асосие, ки ба рушди бозори хизматрасонии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ таъсир мерасонад, беҳтар гардонидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути болоравии сатҳу сифати зиндагии мардум дараҷаи даромаднокии ин корхонаҳо афзоиш меёбад. Айни замон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар

гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва сифати зиндагии мардум аз тамоми имкониятҳо самаранок истифода мебарад.

Бинобар ин, ғизои солим натанҳо кори шахсии инсонро, балки кори ҷамъиятиро низ инкишоф медиҳад. Рушди соҳаи хӯроки умумӣ яке аз соҳаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодии мамлакат, минтақа ва умуман рушди иқтисодиёти кишвар ба шумор меравад. Имрӯзҳо дар саросари ҷаҳон мардуми сайёраи Замин аз норасоиҳои ғизои хушсифат танқисӣ кашида, миллионҳо нафар, аз ҷумла занону кӯдакон, ба ғизои солим дастрасӣ пайдо намекунанд ва ин норасоиҳо боис мегарданд, ки ҳамарӯза садҳо нафар, аз ҷумла занону кӯдакон, ҷони худро аз даст диҳанд.

Тазаккур бояд дод, ки имрӯзҳо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ барои ҳарчи зудтар ҳаллу фасл кардани ин мушкилот талошҳо варзида истодаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати ташаббускор мешиносанд ва ташаббусҳое, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешавад, барои ҳалли мушкилоти ҷомеа зарурӣ мебошад. Ҳамзамон, барои ҳалли дигари мушкилоти ҷомеа, яъне таъмини ғизои солим кӯшиш ба харҷ медиҳад. Вобаста ба ин мушкилоти ҷомеа, дар қаламрави мамлакат барномаю стратегияҳоро қабул намуда, баҳри расидан ба ҳадафи стратегии мамлакат – таъмини амнияти озуқаворӣ талошҳои зиёд коркад мешавад.

Чӣ тавре дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” қайд карда шудааст, беҳтар намудани вазъи истеъмоли ғизо дар байни аҳолӣ ҳамчун мушкилии то ба охир ҳалношуда боқӣ мемонад. Норасоии ғизо ҳанӯз дар байни 26 дарсади аҳолӣ ба назар расида, гипотрофия дар байни даҳ дарсади кӯдакони то синни 5-сола мушоҳида мешавад. Аксари занҳо ва кӯдакон низ аз норасоии микроэлементҳо азият мекашанд, ки дар сатҳи баланди камхунӣ ва норасоии йод инъикос меёбад [1].

Норасоии ғизо дар Тоҷикистон аз нуқтаи назари иқтисодӣ ҷой дошта, аз рӯйи ҳисобҳо бо сабаби аз даст додани қобилияти корӣ ва маҳсулнокӣ ҳамасола 41,0 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Омили дигаре, ки ба самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ заминаи воқеӣ гузошта метавонад, пеш аз ҳама, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба шумор меравад, ки ин нишондиҳандаро дар шакли диаграммаи 1 дида мебароем.

Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ММД соли 2023 ба 31769,7 млн сомонӣ ё ин, ки ба 24,3 дарсад баробар гардидааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2018 ба маблағи 17720,0 млн сомонӣ ё ин, ки ба 126 дарсад зиёд мебошад. Чӣ тавре аз диаграмма маълум мегардад, ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ММД сол то сол афзоиш ёфта дар соли 2023–юм 24,3 дарсади ММД кишварро дар бар гирифтааст. Ин дар таъмини амнияти озуқаворӣ, таъмини

хӯроки умумӣ ва рушди корхонаҳои саноати хӯрокворӣ саҳмгузор мебошад. Воқеан ҳам ба ҳисоби миёна дар ҳар сол 2953,3 ё ин, ки 21 дарсад зиёд гардида истодааст. Ҳамин тавр, барои расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат ва таъмини рушди иқтисоди миллӣ заминаи хубе фароҳам меоварад.

Диаграммаи 1

Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ММД давоми солҳои 2018–2023

(ҳаз. сомонӣ)

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти “Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023.[1.409].

Тибқи пешгӯйиҳои Бонки АвруОсиёии Рушд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳ соли оянда афзоиши истеъмол дар назар аст. Ҳамин тавр, истеъмоли гӯшт 47 дарсад, тухм 27 дарсад, шир 25 дарсад, ғалла 79 дарсад, сабзавот 95 дарсад, равғани рустанӣ 57 дарсад зиёд мешавад [2].

Вобаста ба таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳони муосир бавуҷудомада ва канда шудани занҷираи анъанавии таҳвили молу маҳсулот, афзоиши аҳолӣ, инчунин, бар асари тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои манфии он – хушксолии пайиҳам ва камобӣ, аз ҷумла дар минтақаи мо, талабот ба об ва маҳсулоти кишоварзӣ торафт зиёд мегардад. Аммо мардуми кишвар бояд, бо вуҷуди ҳамаи ин мушкилот самаранокии иқтисодро риоя намуда, истеҳсолотро зиёд гардонад. Бо вуҷуди бо шиддат тағйирёбии иқлим истифодаи заминҳои киштро барои рушди хӯроки умумӣ ва таъмини ғизои солим самаранок истифода намоянд. Дар баробари ин, тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизоӣ моро водор менамояд, ки ба беҳсозии ҳолати соҳаи кишоварзӣ, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани амнияти озуқавории кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем.

Дар натиҷаи тадбирҳои аз ҷониби Ҳукумати мамлакат амалигардида ва заҳмати софдилонаи кишоварзон сатҳи таъминни аҳолӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ афзоиш ёфта, соли 2023 истеҳсоли ғалладонагиҳо назар ба соли 1991–ум 6 баробар, аз ҷумла гандум 5,6 ва шолӣ 6,7 баробар, картошка 10,8 баробар, сабзавот 9, полезӣ 17,5, меваҷот 10 ва ангур 2 баробар афзоиш ёфтааст.

Бо мақсади идома додани ин раванд, Ҳукумати мамлакат ба масъалаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, рушди саноати хӯрокворӣ ва содироти маҳсулоти он диққати аввалиндараҷа медиҳад. Илова бар ин, дар самти ташкили озмоишгоҳҳои ҷавобгӯй ба талаботи байналмилалӣ, ҳалли масъалаи эътирофи сертификати сифат дар доираи савдои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои шарик ва ташаккули «долони сабз»–и бо технологияҳои рақамӣ муҷаҳҳаз тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намояд.

Новобаста аз афзоиши талабот ба молу маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути барномаҳои давлатӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҳамаи захира ва имкониятҳо самаранок истифода бурда, рушди манбаъҳои соҳаи кишоварзиро таъмин менамоянд. Аммо, рушди бозори хӯроки умумӣ дар баъзан мавридҳо аз мадди назар дур мемонад, ки ин раванд боиси кам гардидани даромад ба буҷети кишвар мегардад.

Ташаккул ва аз ҷиҳати рушди бозори хӯроки умумӣ ва хизматрасониҳои он бештар дар шаҳри Душанбе, вилояти Суғд ва 30 дарсади НТМ дида мешавад. Дар вилояти Хатлон бо дарназардошти зиёд гардидани нишондиҳандаҳои молиявии он ҳоло ҳам ба таври назаррас рушд накарда истодааст. Албатта, аз ҷиҳати миқдорӣ рушди он дида мешавад, вале бо дарназардошти тағйирёбии иқтисодиёти зудтағйирёбанда ҳоло ҳам рушди сифатии он кам ба назар мерасад (ниг. ба диограммаи 2). Вобаста ба ҳолатҳои зикргардида, метавон дар солҳои оянда такя ба барномаҳои давлатии қабулгардида ва стратегияи миллии рушд таъмини рушди хӯроки умумӣ ва корхонаҳои саноати хӯрокворириро таъмин намуда, афзоиш ва дар сатҳи зарурӣ таъмини онро имконпазир хоҳад кард [5].

Аз диаграмма ба мо аён мегардад, ки новобаста аз паҳншавии пандемияи “COVID–19”, ки садди роҳи тамоми соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт гардида буд, рушди хӯроки умумӣ дар дилхоҳ маврид вуҷуд дорад. Дар давоми чор сол ба ҳисоби миёна рушди хӯроки умумӣ ҳар соле 34 дарсадро ташкил медиҳад. Танҳо дар соли 2020 рушди хӯроки умумӣ нисбатан камтар мебошад, аммо он ҳам дар самти болоравӣ нигоҳ дошта шудааст. Бо дарназардошти ин, аз ҳама нишондоди баланд дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 мебошад.

Диаграмаи 2

Гардиши хӯроки умумӣ якҷоя бо хизматрасонии меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо дар вилояти Хатлон



***Сарчашма*:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2022. [5. 400].

Тазаккур бояд дод, ки афзоишёбии молиявӣ дар соҳаи бозори хӯроки умумӣ ҳоло ҳам аз воридоти беруна вобастагии калон дорад. Масалан, дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 афзоишёбӣ дар сатҳи на он қадар баландро ташкил медод, чунки дар он солҳо пандемияи “COVID–19” буд, ки бештаре аз воридоти молу маҳсулот маҳдуд гардиданд. Аз ин лиҳоз, дар чунин ҳолатҳо пешниҳод мегардад, ки новобаста аз он корхонаҳое, ки дар бозори хӯроки умумӣ фаъолият мекунанд, дар он ҳолате шартнома ба имзо расонидан лозим аст, ки тамоми навъҳои хӯрокҳо бо маҳсулоти ватанӣ омода гарданд. Ё ин ки истеҳсоли номгӯйи молҳои лозимиро дар дохили кишвар омода намоянд.

Бо вуҷуди ин, коршиносон бозори хӯроки умумиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз камтарин осебдидагон дар қиёс бо дигар соҳаҳо аз буҳрон мешуморанд. Сарфи назар аз вазъи ноустувори молиявӣ дар кишвар ва осебпазирии ин соҳа, бартарии он дар муқоиса бо дигар давлатҳои ҳамсоя, ки нисбатан рушд наёфтааст, хуб арзёбӣ мекунанд. Ҳамин тариқ, системаи хӯроки умумӣ маҷмуи корхонаҳоро дар шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ меҳисобад, ки бо истеҳсол, фурӯш ва ташкили истеъмоли маҳсулоти хӯроки умумӣ машғуланд. Корхонаи саноати хӯрокворӣ метавонад дар баробари хизматрасонӣ намудан, хизматрасоние, ки барои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, қаннодӣ ва маҳсулоти нонпазӣ, инчунин, ба фурӯши онҳо ва ё ташкили истеъмол пешбинӣ шудааст, фаъолияташро ба роҳ монад.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, даромади пулии аҳолӣ дар соли 2023–юм 3,3 дарсадро ташкил дода, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112,7 миллиард сомонӣ дар

соли 2023 баробар гардидааст. Музди миёнаи меҳнат беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардидааст. Бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, солҳои охир дар кишвар сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуда, соли 2023–юм 3,8 дарсадро ташкил намуд [4].

Солҳои пештар ба дараҷаи даромаднокии аҳолӣ сатҳи таваррум таъсири ҷиддӣ мерасонид, бинобар сабаби андешидани тадбирҳои судманд дар самти сиёсати монетарию фискалӣ, сатҳи таваррум солҳои охир муътадил нигоҳ дошта мешавад.

Воқеан, рушди корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ҳамчун омили муайянкунандаи сифати зиндагии шаҳрвандон, дар навбати худ аз дараҷаи рушди иқтисодиёти кишвар вобастагии зиёд дорад. Саломатии шаҳрвандон ва қобилияти кории онҳо аз тарзи истеъмоли ғизо вобаста буда, бинобар ин, беҳтар гардидани сифати зиндагии мардум ба шароити корхонаҳои хӯрокворӣ алоқаманд мебошад.

Бо дарназардошти ин, ҳангоми баҳодиҳӣ ва муайян намудани самтҳои асосии рушди фаъолияти корхонаҳои хӯрокворӣ зарур аст, ки иҷрои корҳои зерин пайваста такмил дода шаванд:

– маҳсулоти ба фурӯшгузошташуда ба навъҳо ҷудо карда шаванд;

– ба таҷҳизоти техникии корхона *(базаи моддӣ, таҷҳизоти муҳандисиву техникӣ, таркиби биноҳо, ҳалли меъморию нақшагирӣ ва ғайра)* диққати ҷиддӣ дода шавад;

– тартиби нигоҳдории молу маҳсулот;

– дараҷаи тахассуснокии кормандони соҳа;

– бояд ба сифати хизматрасонӣ (одоби муошират, симои зоҳирии корманд ва либоси ягонаи корӣ) таваҷҷуҳ зоҳир намуд;

– такмил додани номгӯйи хизматрасониҳо дар шароити корхонаҳои хӯрокворӣ.

Қобили зикр аст, ки илова ба таснифоти дар боло баррасишудаи корхонаҳои хӯрокворӣ, аз рӯйи шакли хизматрасонии дигар соҳа ба таври куллӣ аз якдигар фарқ мекунанд:

– хизматрасониҳо доир ба фурӯши маҳсулот;

– хизматрасониҳои иттилоотӣ–машваратӣ ва дигар хизматрасониҳо.

Хизматрасонии корхонаҳои хӯрокворӣ, вобаста ба навъ ва хусусияти истеъмолкунандагон, метавонанд аз ҷониби корхонаҳои соҳа васеъ ё маҳдуд карда шаванд.

Бо дарназардошти тамоюли ҷалби шумораи бештари одамон ва фарҳанги истеъмоли ғизо берун аз шароити хона, корхонаҳои хӯрокворӣ барои тавсеаи минбаъда зарфияти калон доранд. Ҳамин тавр, гуфта метавонем, ки рушди бозори хӯроки умумиро дар оянда бо истифодаи маҳсулоти ватанӣ таъмин карда метавонем. Бо дарназардошти ин, барои беҳтар намудани соҳаи мазкур анҷом додани корҳои илмию таҳқиқотӣ ба

манфиати кор буда, дар баробари татбиқи ҳадафҳои олии кишвар ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон” // барои давраи то соли 2030 // Душанбе 2016. С 103.

2. Levitt T. // Marketing Intangible Products and Product Intangibles // Harverd Business Review. 1981.// May–June.

3. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023// Душанбе – 2023.– С. 409.

4. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991–2022 // Бохтар – 2022. – С. 400

5. Иброҳимзода И.Ш. Ташаккули бозори хизматрасониҳои хӯроки омма ва таҷрибаи истифодаи он дар давлатҳои хориҷӣ Самандаров И.Ҳ. д.и.и., профессор., Иброҳимзода И. Ш. // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон №1 (56) 2024 с. 109–120

6. Иброҳимзода Иброҳим Шоҳ. Рушди бозори хӯроки умумӣ ва таснифи он дар Тоҷикистон // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ Кишоварз 3 (104) 2024 с. 182–188

7. Касьянова.А.В., Александрова.Л.А.Обслуживание на предприятиях питания при проведении массовых мероприятий: организационные и технологические аспекты [электронный ресурс]. URL: https://scienceforum.ru/2016/article/2016026829 (дата обр.: 11.10.2024)

8. Кочерга А. И., // Экономические проблемы общественного питания, М,, / 1972; Народное хозяйство// СССР в 1980 Г. М., 1981.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28.12.2023 16.00 шаҳри Душанбе [манбаи электронӣ]. URL: https://prezident.tj/event/missives/36370 (санаи истифодабарӣ: 15.10.2024)

РАЗВИТИЕ ОБЩЕГО ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО РЫНКА КАК ФАКТОР УЛУЧШЕНИЯ ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ И ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

ИБРОХИМЗОДА ИБРОХИМ ШОХ,
ведущий специалист Управления анализа макроэкономических
вопросов Центра стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел: (+992) 900-22-22-51; e-mail: iibroimzoda@mail.ru

В данной статье отмечается, что сфера общественного питания считается одним из основных секторов развития национальной экономики

и создает хорошую основу для достижения одной из основных целей страны — обеспечения продовольственной безопасности. Следует отметить, что развитие общественного питания способствует обеспечению населения товарами и потребительскими товарами, повышению уровня благосостояния населения, а также обеспечению населения рабочими местами и может способствовать снижению уровня бедности. Не зря говорят, что развитие национальной экономики страны невозможно представить без сферы общественного питания. Поэтому на эту сферу направлено пристальная внимание Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона.

Ключевые слова: *продовольствие, общественное питание, пищевая промышленность, предприятие, экономика, развитие, национальная экономика, продовольственная безопасность, потребление, производство, население, продукция.*

THE DEVELOPMENT OF A COMMON FOOD MARKET AS A FACTOR IN IMPROVING THE LIVES OF THE POPULATION AND ENSURING FOOD SECURITY

IBROHIMZODA IBROHIM SHOH,
Leading Specialist of the Department of analysis of macroeconomic issues of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel: (+992) 900-22-22-51; e-mail: iibroimzoda@mail.ru

In this article, the field of common food is considered one of the main sectors of the development of the national economy and creates a good basis for achieving one of the main goals of the country "ensuring food security". It should be noted that the development of common food contributes to providing the population with goods and consumer goods, increasing the level of well–being of the population, as well as providing jobs to the population and can contribute to reducing poverty. The development of the national economy of the country is impossible to imagine without the sphere of common food.

Keywords: *food, common food, food industry, enterprise, economy, development, national economy, food security, consumption, production, population, products.*

УДК: 336.67

ЗАМИНАҲОИ РУШДИ ҚАРЗДИҲИИ ИПОТЕКӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

СОЛИҲОВА МАЙСАРА ДАВЛАТОВНА,
ассистенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел: (+992) 985-15-95-95; e-mail: solihovamaysara@mail.ru.

Дар мақола яке аз масъалаҳои муҳимми таъмини рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Бозори қарзҳои ипотекӣ, ҳамчун заминаи асосии дастрасии аҳолӣ ба манзили шахсӣ, ташаккул ва таҳкими заминаҳои он мавриди таҳлил қарор гирифта, мушкилоти дар он ҷойдошта арзёбӣ карда шудаанд. Бо омӯзиши паҳлуҳои назариявию амалии масъалаи мазкур муаллиф зарурати онро барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

Мусаллам аст, ки қарздиҳии ипотекӣ механизми муҳимми иқтисодию иҷтимоии ҳар як кишвар ба шумор меравад ва такмили он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад. Муаллиф андеша дорад, ки қарздиҳии ипотекӣ яке аз механизми таъминкунандаи аҳолӣ бо манзил аст, аз ин лиҳоз, рушди инфрасохтори он метавонад бозори қарзҳои ипотекиро боз ҳам густариш диҳад. Бо омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, муаллиф доир ба самаранокии бозори қарзҳои ипотекӣ ва роҳҳои дастрасии аҳолӣ ба он як қатор пешниҳодҳои муфид тавсия намудааст, ки метавонанд ба рушди қарзҳои ипотекӣ мусоидат намоянд.

Калидвожаҳо: *низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, даромади бонк, сармояи бонкҳои тиҷоратӣ, қарзҳои ипотекӣ, ипотека, бозори қарзҳои ипотекӣ, сифати сандуқи қарзӣ, ширкатҳои сохтмонӣ, манзили истиқоматӣ, рушди иқтисодиёт, заминаи ҳуқуқию иқтисодии қарзҳои ипотекӣ.*

Дар шароити муосир таъмини аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ ба воситаи роҳу усулҳои гуногун ба роҳ монда шудааст. Усули маъмуле, ки дар тамоми кишварҳои ҷаҳон мавриди истифода қарор гирифтааст, пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ба шумор меравад. Қарздиҳии ипотекӣ яке аз навъҳои гарави молӣ мебошад, ки объекти гарав дар ихтиёри замонатдиҳанда мемонад. Дар мамлакатҳои пешрафтаи Ғарб қарздиҳии ипотекӣ ба таври васеъ истифода мешавад. Дар айни замон даҳҳо моделҳои ипотекӣ дар ҷаҳон амал мекунанд, ки пеш аз ҳама, ба хусусиятҳои минтақаҳо ва дараҷаи рушди иқтисодии онҳо вобаста мебошад [8,10].

Қобили қайд аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қарздиҳии ипотекӣ ҳамчун омили муҳимми таъмини аҳолӣ бо манзили шахсӣ дониста мешавад. Маълум аст, ки манзили худӣ барои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бузурги ахлоқию равонӣ дорад. Илова ба ин, рушди бозори амволи ғайриманқул ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва коҳиш додани сатҳи бекорӣ мусоидат мекунад. Дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта аҳолӣ аз ҳисоби қарзи ипотекӣ соҳиби манзили шахсӣ мешаванд. Масалан дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо воситаи қарзи ипотекӣ 82,9% амволи ғайриманқул харида шудааст [4, 56]. Барои рушди қарздиҳии ипотекӣ дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти инфрасохтори заруриро талаб мекунад. Дар ин ҳолат ба бозори миллӣ сармояи хориҷӣ ворид шуда, ба рушди қарздиҳии ипотекӣ таъсири мусбат мерасонад. Бо дарназардошти аҳаммияти баланди иқтисодиву иҷтимоии қарзҳои ипотекӣ дар санадҳои меъёриии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ мавқеи он муайян ва дурнамои рушди қарзҳои ипотекӣ коркард гардидааст. Аз ҷумла яке аз барномаҳои давлатие, ки дар он қарзҳои ипотекӣ ҳамчун омили таъмини аҳолӣ бо манзили шахсӣ муайян гардидааст, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (СМР) дониста мешавад [11, 55]. Яке аз ҳадафҳои СМР рушди қарздиҳии ипотекӣ, шарти ҷиддии бунёд намудани иқтисодиёти устувор ва рақобатпазир мебошад, ки ба поён бурдани сатҳи таваррум, таҳкими низоми бонкӣ ва молиявӣ, афзоиши сохтмони манзил ва соҳаҳои ба он алоқаманди соҳибкорӣ мусоидат менамояд. Аҳаммияти амалии қарздиҳии ипотекӣ, ҳамчун ҳалқаи пайвасткунанда байни тамоми иштирокчиён аз инҳо иборат аст:

– барои қарзгиранда имконияти соҳиби манзил шудан тавассути механизми мувофиқ ва амалии қарздиҳӣ мебошад;

– барои бонк ин навъи қарздиҳӣ, кафолати гарави пардохтпазирро доро мебошад;

– барои давлат имконияти ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ тариқи механизми дастгирии давлатӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ барои рушди соҳаи сохтмон ба шумор меравад.

Дар стратегияи болозикр чунин самтҳои муҳимми рушди қарздиҳии ипотекӣ муайян карда шудаанд:

– инкишофи бозори ибтидоии қарздиҳӣ барои манзил (ипотека), аз ҷумла тавассути ташаккул ва ҷорӣ намудани стандартҳои қарздиҳӣ барои манзил, ҳавасмандгардонии устувории техникӣ ва молиявии фаъолияти бонкӣ;

– фароҳам овардани шароит барои ташаккули бозори такрории маблағгузории ипотекӣ ва таъмини бехатарии қарзҳо барои манзил;

– мусоидат ба ташаккули мақсадноки пасандозҳо аз тарафи аҳолӣ бо мақсади хариди манзил, аз ҷумла бо ёрии кооперативҳои сохтмонию амонатгузорӣ;

– ташаккули низоми дастгирӣ барои дастрасӣ ба манзил, аз ҷумла, барои оилаҳои ҷавон ва мутахассисони ҷавон [11].

Ҳамзамон, дар СМР барои давраи то соли 2030 омадааст, ки «на кам аз 30 фоизи манзил дар бозори ибтидоӣ бо истифода аз воситаҳои қарзии ипотека харидорӣ шавад». Дар ин робита, зарур мешуморем, ки бе дастгирии давлат дар марҳалаи аввал ба роҳ мондани қарздиҳии ипотекӣ бениҳоят мушкил аст [11, 55].

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилоти бозорандаи рушди қарздиҳии ипотекӣ мавҷуд мебошанд: набудани барномаҳои давлатӣ доир ба рушди қарздиҳии ипотекӣ, норасоиҳо ва номукаммалии пояи қонунгузорӣ, муносибати манфии як қисми аҳолӣ ба қарздиҳӣ аз назари ситонидани фоизҳо, меъёрҳои баланди фоизи қарз, нархҳои баланд ба амволи ғайриманқул, сатҳи пасти маоши кормандони давлатӣ, сатҳи пасти даромади расман тасдиқшудаи аҳолӣ, ҳиссаи баланди пардохтҳои сохторҳои ғайрирасмӣ аз тарафи корфармоён, шартҳои вазнин ба таъмини қарзи ипотекӣ аз тарафи баъзе ташкилотҳои қарзӣ, инчунин, дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ кам будани ҳаҷми зиёди захираҳои қарзии дарозмуддат *(махсусан бо пули миллӣ).* Миқёси мушкилоти номбурда аз рӯйи истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ, мутобиқсозии он ба шароити дохилӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар масъалаҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ, давлат нақши калидиро дар таъмини рушди қарздиҳии ипотекӣ иҷро карда метавонад. Мақомоти давлатии дахлдор бояд барои бартараф кардани нуқсонҳои ҷойдошта *(мукаммалгардонии муҳити институтсионалӣ; беҳтар намудани низоми андозбандӣ ва сармоягузорӣ; рушди бозори қоғазҳои қиматнок; ҷудо намудани маблағ барои қарздиҳии ипотекӣ аз ҳисоби буҷети давлат)* кӯшиш ба харҷ диҳанд, зеро таъмини рушди қарздиҳии ипотекӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин омилҳо вобастагии зич дорад. Қарздиҳии ипотекӣ ҳангоми ташкили самаранок метавонад ҳамчун механизми тавонои зиддитаваррумӣ гардида, ба афзоиши нарх дар бозори истеъмолӣ монеа эҷод намояд. Бо таъмини рушди қарздиҳии ипотекӣ васеъшавии имкониятҳои соҳаи сохтмон ва афзоиши истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ ба миён меояд [9, 18]. Ҷиҳати муайян намудани рушди қарздиҳии ипотекӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, нишондиҳандаи баҳодиҳии қарзҳои ипотекӣ нисбат ба ММД–и кишвар ба шумор меравад. Ин нишондиҳанда барои муқоиса дар Федератсияи Русия тақрибан 7%, дар ИМА ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ 70–80%, дар Аврупо– тақрибан 60%–ро ташкил медиҳад [5, 122]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ дар ММД – 0,24%–ро ташкил дод, ки ин, албатта, нишондиҳандаи хеле паст аст (диаграммаи 1).

Диаграммаи 1.

Ҳиссаи қарзҳои ипотекии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ММД

(бо млн.сомонӣ ва бо %)



Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси Бюллетени омори бонкӣ– №12 (341) 2023. – С.8.*

Қарздиҳии ипотекӣ дар радифи дигар навъи қарзҳо яке аз хизматрасонии хавфнок ҳисобида мешавад: ба пурра ё қисман итмон норасидани сохтмон, тағйироти манфии нархи бозории амволи ғайриманқул, қаллобӣ аз тарафи муштариён, қаллобӣ аз тарафи ширкати сохтмонӣ, риоя накардани меъёрҳо ҳангоми сохтани бино, аз қабули давлатӣ нагузаштани объекти манзили ғайриманқул, қатъи сохтмон аз ҷониби ширкат ва ғайра. Яке аз мисолҳо буҳрони ипотекии ИМА дар соли 2008 мебошад, ки дар оқибатҳои беэътиноӣ ба усулҳои асосии қарздиҳӣ, бе таҳлили пардохтпазирӣ, бо мақсади зиёд кардани фоида бонкҳо «пазириши хавфҳо»-ро афзоиш дода, ба муштариён қарз додаанд. Дар бозори ИМА 180 000 адад қарзҳои беэътимод моҳи июли соли 2008 сабт карда шуд, яъне 693 оила манзилҳои худро аз даст додаанд. Ин дар навбати худ ба муфлисшавии ширкатҳои ипотекӣ оварда расонид ва боиси бештар гардидани таъсири буҳрон ба бозорҳои қоғазҳои қиматнок гардид.

Бояд қайд кард, ки қарзи ипотекии манзилӣ одатан, қарзҳои дарозмуддат (аз 10 то 30 сол) мебошанд. Дар давоми муҳлати пардохти қарз, ҳодисаҳои гуногун имконпазиранд, ки метавонанд ба баргардонидани қарз халал расонанд, масалан, аз даст додани манбаи асосии даромад (бекор мондан, осеб дидан, саломатиро аз даст додан ва ғайра) [12, 64]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари қарзгирандагон ба масъалаи хариди хона ҷиддӣ муносибат мекунанд, бинобар сабаби арзиши баланди маънавӣ барои соҳиби хона, қарздиҳии ипотекӣ дорои хавфи паст ҳисобида мешавад.

Сабаби асосии сифати хуби сандуқи қарзии ипотекӣ таҳлили дақиқ зимни муайян кардани қобилияти қарзадокунии қарзгирандагон аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ мебошад.

Нишондиҳандаҳои омории диаграммаи 2 нишон медиҳанд, ки ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ дар сандуқи қарзии низоми бонкӣ сол то сол афзуда истодааст. Агар дар соли 2012 ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ маблағи 57 007 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2023 ин маблағ то ҳадди 309 607 ҳазор сомонӣ расидааст, ки ин нисбат ба ҳамин давра тақрибан 5,43 маротиба зиёд мебошад. Новобаста аз афзоиши қарзҳои ипотекӣ, ҳиссаи он дар сандуқи қарзии низоми бонкӣ хеле паст мебошад, яъне 1,73 дарсадро дар бар мегирад. Масалан, дар Федератсияи Русия соли 2021 ин нишондиҳанда 15,5 дарсадро ташкил додааст. Дар низоми бонкӣ қарзҳои ипотекӣ ҳолати ноустуворро доранд ва зарур аст, ки бонкҳо дар ин самт аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир намоянд (диаграммаи 2).

Диаграммаи 2.

Ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ дар сандуқи қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон *(бо млн.сомонӣ ва бо %)*



Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси Бюллетени омори бонкӣ– №12 (341) 2023. – С.23.*

Воқеан, бонкҳои тиҷоратиро лозим меояд, ки барои ташаккули қарзҳои ипотекӣ бо ширкатҳои сохтмонии кишвар ҳамкории мутақобиларо ба роҳ монанд. Мутаассифона, то ҳол ҳамкориҳои судманд миёни ташкилотҳои қарзӣ ва ширкатҳои амалкунандаи сохтмонӣ шартномаҳои пешбурди фаъолият камтар ба назар мерасанд, ки ин омил ба рушди устувори чунин шакли маблағгузорӣ монеа эҷод менамояд.

Омили муҳимми дигаре, ки бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад, мавҷуд набудани воситаҳои рӯйпӯшкунонии хавфҳо дар бозори бонкӣ мебошад, ки дар навбати худ боиси мушкилоти мавҷудияти захираҳои

молиявӣ барои қарздиҳии ипотекӣ бо пули миллӣ мегардад. Дар ин ҳолат Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ин ташаббусро ба уҳдаи худ гирад ва бозори ҳедҷкуниро барои ташкилотҳои қарзӣ дастрас намояд, то ки ин дар навбати худ бонкҳоро аз хавфҳои пулӣ ҳимоя намуда, бо пулҳои «дароз» бо пулли миллӣ таъмин кунад. Дар ин маврид бояд хавфҳои пулӣ пешгирӣ карда шаванд, зеро бонкҳои тиҷоратӣ бинобар сабаби зиёд будани хавфҳои пулӣ наметавонанд, ки ҳиссаи қарзҳоро бо пули миллӣ зиёд намоянд. Аз таҳлили диаграммаи 3 бармеояд, ки давоми солҳои 2012– 2017 ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ бо пули миллӣ дар сандуқи қарзии бонкҳо бамаротиб нисбат ба қарзҳо бо пули хориҷӣ зиёд буданд, ки аз устувории истеҳсолоти дохилӣ ва ҳолати муътадили иқтисоди миллӣ шаҳодат медиҳад. Аммо, аз оғози соли 2018 то ба ҳол, зиёдшавии ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ бо асъори хориҷӣ ба назар мерасад, ки ин аз омилҳои беруниқтисодӣ ва сабабҳои гуногун вобастагӣ дорад (нигаред ба диаграммаи).

Диаграммаи 3

Ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ дар сандуқи қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пули миллӣ (*бо млн.сомонӣ ва бо %)*



Сарчашма: *таҳия муаллифдар асоси Бюллетени омори бонкӣ– №12 (341) 2023. – С.68.*

Устувории иқтисодиёти миллӣ ва таъмини шароити мусоиди зиндагии шаҳрвандон аз боло рафтани ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ дар ММД ва мақсаднок истифодабарии захираҳои молиявӣ вобастагӣ дорад. Сарфи назар аз ҳаҷми нисбатан ками қарздиҳии ипотекӣ, ҳаҷми он сол то сол меафзояд, ки ин аз таваҷҷуҳи низоми бонкӣ ба рушди қарздиҳии ипотекӣ шаҳодат медиҳад. Аз тарафи дигар, барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар пешбурди қарздиҳии ипотекӣ танҳо таваҷҷуҳи низоми бонкӣ кофӣ нест, балки иштироки фаъолонаи давлат ва дастгирии он зарур аст. Давлат бояд нақши худро барои рушди қарздиҳии ипотекӣ бо роҳҳои зерин аз нав дида барояд:

– таҳияи барномаҳои махсуси ипотекии иҷтимоӣ барои қисми аҳолии дорои даромади паст (омӯзгорон, табибон, низомиён) ва ҷудо кардани маблағҳои мақсаднок аз буҷети давлат барои татбиқи ин барномаҳо;

– муҳайё намудани шароити самарабахш ва шаффоф барои пешбурди фаъолият аз ҷониби ҳамаи тарафҳои манфиатдор (мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои сохтмонӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва қарзгирандагон);

– такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии рушди қарздиҳии ипотекӣ аз таҷрибаи кишварҳои пешқадам;

– таъмини дастрасии аҳолӣ ба захираҳои қарзии арзон, дастрас ва дарозмуддат

– дастгирии давлатӣ тавассути имтиёзҳои андоз, субсидияҳои меъёри фоизӣ, инчунин, ба воситаи дигар механизмҳои молиявӣ;

– дастгирии ташкилотҳои қарзӣ тавассути механизмҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ, ташкилу баргузорнамоии озмунҳои ҳарсола ва ба ҷоизаҳо сарфарознамоии онҳо [3, 138].

Таҳқиқи адабиёти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки яке аз сабабҳои асосии афзоиши ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ бо пули хориҷӣ ин хавфи баланди беқурбшавии пули миллӣ мебошад, ки ин аҳолиро барои нигоҳ доштани амонатҳои худ бештар бо асъори хориҷӣ водор месозад (нигаред ба диаграммаи 4).

Диаграммаи 4.

Ҳиссаи қарзҳои ипотекӣ дар сандуқи қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пули хориҷӣ (бо млн.сомонӣ ва бо %)



Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Бюллетени омори бонкӣ, №12 (341), 2023. – С.69.*

Дар низоми бонкии кишвар раванди ташаккули қарзҳои ипотекӣ ғайриқаноатбахш арзёбӣ мешавад, ки аз 15 бонки фаъолияткунанда танҳо аз 10 бонк муштариён қарзҳои ипотекиро дастрас менамоянд. Илова бар ин, аз 19 ташкилоти амонатии қарзии хурд танҳо се ташкилоти амонатии

қарзии хурд ва як равзанаи исломии ФҚХ "Имон" аз рӯйи аҳди иҷора қарзҳои ипотекӣ пешниҳод мекунанд. Таҳлил ва омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ дар асоси таҷрибаи давлатҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки барои пешрафти рушди қарздиҳии ипотекӣ бонкдории исломӣ имкониятҳои бештар дорад, бо истифодаи маблағгузории исломии *муробаҳа, мусавама, истисноъ, мушоракаи мутаноқиса, иҷора ва иҷора мунтаҳия биттамлик,* ки метавонад бозори қарзи ипотекиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият бахшад. Инчунин, бонкдории исломӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи муштариён бо риояи усулҳои маблағгузории исломӣ аҳди истисноъ дар шакли пулӣ ва аҳдҳои муробаҳа, мусавама, иҷора, иҷора мунтаҳия биттамлик ва мушоракаи мутаноқиса дар шакли хариду фурӯш ва ё иҷораи мол/дорой пешниҳод карда шавад. Фаъолияти бонкдории исломӣ устувории низоми бонкӣ ва пешрафти рушди иқтисодиёти давлатро таъмин месозад. Солҳои охир фондҳои сармоягузории исломӣ дар кишварҳои халиҷи Форс ва Малайзия бомуваффақият рушд намуда истодаанд, ки аз таҷрибаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон истифода намоем. Бонкҳои исломӣ имкон доранд, ки аз ниҳодҳои молиявии исломии бонуфуз, алалхусус аз Бонки Исломии Рушд, захираҳои дарозмуддатро ҷалб намуда, бо сохтмончиёни ватанӣ ҳамкории мутақобиларо ба роҳ монанд [14]. Новобаста аз мушкилоти меъёрии ҳуқуқӣ, бонкдории исломӣ метавонад, ки ипотекаи исломиро барои шаҳрвандон дастрастар ва одилонатар кунад.

Қарзҳои ипотекӣ дар раванди фаъолияти ҳар як ташкилотҳои қарзии алоҳида мавқеи муайянеро касб намудааст. Дар ҷадвали 1 доир ба тартиби пешниҳоди қарзҳои ипотекии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод гардидааст.

Ҷадвали 1.

Таҳлили муқоисавии қарзҳои ипотекӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№	Номгӯи бонкҳо, ТАКҲ ва ФКҲ	Номгӯи маҳсулотҳо	бо сомонӣ			бо доллари ИМА		
			бо % солона	max-мӯҳлат	max-маблағ	бо % солона	max-мӯҳлат	max-маблағ
1	БДА ЧТ "Амонатбонк"	*Қарзҳои ипотекии манзилӣ*	**20%**	120	1 500 000	**10%**	120	150 000
2	ҶСК "Алиф бонк"	*Хариди хона*	**32%**	60	350 000	**16%**	60	35 000
3	ҶСК "Тавҳидбонк"	*Муробаҳа - манзил*	**23%**	60	500 000	**12%**	60	50 000
4	ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	*Қарзҳо барои хариди хона*	**22%**	120	500 000	**14%**	96	50 000

5	ҶСП “Бонки рушди Тоҷикистон”	*Қарзи ипотекӣ*	**25%**	120	500 000	**17%**	120	50 000
6	ҶСП “Душанбе Сити Бонк”	*Ипотека бо ШС ”Строй-Центр”*	**16%**	96	500 000	**8%**	96	50 000
7	ҶСК “Бонки Эсхата”	*Қарзи ипотекӣ*	**22%**	120	500 000	**0%**	0	0
8	ҶСП “Бонки Арванд”	*Қарзи манзили "Иморат"*	**28%**	120	200 000	**0%**	0	0
		Ипотека	**26%**	120	500 000	**0%**	0	0
9	ҶСК “Ориёнбонк”	*Қарзи "Манзил"*	**0%**	0	0	**12%**	120	100 000
10	ҶСП “Спитаменбонк”	*Қарзи ипотекӣ*	**0%**	0	0	**14%**	120	50 000
		дар 7-то ШС	**0%**	0	0	**12%**	120	300 000
1	ҶСП ТАҚҲ “Имон Интернешнл”	*Қарзи "Манзил"*	**25%**	120	250 000	**15%**	120	25 000
2	ҶСП ТАҚҲ “Ҳумо”	*Қарзи "Манзил"*	**30%**	60	250 000	**18%**	60	25 000
3	ҶДММ ТАҚҲ “Сарват”	*Ипотека*	**26%**	120	1 000 000	**0%**	0	0
1	ФҚҲ “Имон”	*Барои сохтмон ва харидани манзили истикоматӣ*	**16%**	120	250 000	**0%**	0	0
		Равзанаи исломӣ	**16%**	120	250 000	**0%**	0	0
Меъёр, муҳлат ва маблағи миёнавазн			**23,4%**	**105**	**503 571**	**13,5%**	**99**	**80 455**

Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии бонкҳо ва ТАҚҲ*

Бояд қайд намуд, ки бо якчанд сабабҳо ташкилотҳои қарзии молиявӣ имкон надоранд, ки ба муштариён қарзҳои ипотекӣ пешниҳод намоянд. Яке аз сабабҳои асосии пешниҳод накардани қарзҳои ипотекӣ аз ҷониби аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ–набудани маблағҳои “дарозмуддат”, махсусан, бо пули миллӣ мебошад, ки аз аҳолӣ ҷалби амонатҳои дарозмуддат бо пули миллӣ бисёр душвор гардидааст. Норасоиҳои қонунгузорӣ ва мавҷудияти меъёри фоизҳои баланд ва ғайра ҳамаи ин омилҳо намегузоранд, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳиссаи қарзҳои ипотекиро дар сандуқи қарзии худ афзоиш диҳанд.

Қайд намоем, ки дар раванди ташаккули қарзҳои ипотекӣ нақши давлат, ҳамчун сарчашмаи асосии маблағгузорӣ, мавқеи баландро дорад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 23 декабри соли 2022, қайд карда шуд: *“Бонки миллӣ якҷо бо Вазорати молия вазифадор карда мешаванд,ки ҷиҳати ҳавасмандгардонии пасандозгузорон ва паст намудани фоизи қарзҳои ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, махсусан, ба соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳодшаванда, инчунин, бо фоизи дастрас афзоиш додани пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ чораҷӯйӣ намояд”.* Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз механизми дастгирии давлатӣ метавонем фоизҳои қарзҳои ипотекиро коҳиш диҳем. Чунин барномаи давлатӣ дар БДА ҶТ “Амонатбонк” амал менамояд, ки тибқи он қарзҳои ипотекӣ ба кормандони соҳаҳои буҷетӣ пешниҳод карда мешавад. Аммо маблағи лоиҳаи мазкур камтар ба назар мерасад ва талаботи муштариёнро ба пуррагӣ қонеъ карда наметавонад. Имрӯз меъёрҳои фоизи ҷорӣ барои аксари аҳолӣ таҳаммулнопазиранд, ки ба ҳисоби миёна фоизҳои солона бо пули хориҷӣ 13,5% ва бо пули миллӣ 23,4 дарсадро ташкил мекунанд. Коркарди механизмҳои паст кардани фоизҳо тавассути барномаи махсуси давлатӣ то ҳадди фоизҳои баъзе мамлакатҳои Осиёи Марказӣ 8–10 дарсад солона ба муҳлати то 15 сол заруранд.

Бо дарназардошти меъёри фоизҳои баланд ва барои саривақт пардохт накардани қарз бонкҳои тиҷоратӣ ҷаримаҳо меситонанд, аз ҳамин лиҳоз, муштариён бо ширкатҳои сохтмонӣ ҳамкорӣ менамоянд. Дар ин ҳолат, ширкатҳои сохтмонӣ ҳамчун рақибони асосии ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб рафта, барои ҷалби муштариён ва афзоиши фурӯши хонаҳо бо шартҳои муфид манзилро пешниҳод менамоянд. Тибқи иҷозатномаҳои Кумитаи меъморӣ ва сохтмон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 2108 ширкати сохтмонӣ фаъолият мекунанд. Аз ин шумора 53 ширкати хориҷӣ мебошанд [1, 18]. Бояд тазаккур дод, ки афзоиши сохтмони амволи ғайриманқул ба афзоиши шумораи ширкатҳои сохтмонӣ алоқаманд аст.

Қарздиҳии ипотекӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим дорад. Аз рӯйи маълумоти оморӣ дар давоми соли 2022 манзили истиқоматии сохташуда 1 739,5 млн.метри мураббаъро ташкил медиҳад. Агар нархи миёнаи бозории 1 метри мураббаъ тақрибан 5 000 сомонӣ ҳисоб кунем *(1739,5 млн. метри квадратӣ*5000 сомонӣ)* ба 8,697 млрд сомонӣ баробар мегардад. Маълум мешавад, ки аҳолӣ аз ҳаҷми умумии хонаҳои сохташуда бо воситаҳои қарзҳои ипотекӣ *(251 млн.сомонӣ /8,697 млрд сомонӣ)* тақрибан 2–3 дарсад соҳиби хона гардиданд, ки қисми маблағҳои боқимондаи хонаҳои фурӯхташуда (*зиёда аз 8 млрд. сомонӣ*) берун аз низоми бонкӣ, аз дигар сарчашмаҳо пардохта карда шудаанд (ниг. ба ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.

Ба истифода додани хонаҳои истиқоматӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон *(ҳазор метри мураббаъ)*

Минтақаҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022
Суғд	418,1	423,0	464,4	509,4	515,8	434,4	453,8	534,8
Хатлон	393,1	291,5	270,7	204,3	251,5	292,5	334,1	334,1
ВМКБ	50,2	59,8	43,7	17,4	109,9	26,5	54,2	49,0
НТМ	226,9	117,5	188,4	210,6	177,9	251,5	190,9	387,5
Душанбе	174,9	293,5	195,2	217,9	401,0	458,5	512,7	434,1
Ҳамагӣ	**1 263,2**	**1 185,3**	**1 162,4**	**1 159,6**	**1 456,1**	**1 463,4**	**1 546,0**	**1 739,5**

Сарчашма: *дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023.–Душанбе, 30-соли Истиқлолияти давлатӣ.–С.288 таҳия гардидааст.*

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” пешбинӣ шудааст, ки «сатҳи миёнаи таъминот бо манзил ба ҳар сари аҳолӣ на кам аз 17 м^2 ҳисоб ташкил медиҳад». Дар охири соли 2021 ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 10 м^2 масоҳати умумии биноҳои истиқоматӣ рост меояд. Аз рӯйи ин нишондиҳанда Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мамлакатҳои мутараққӣ ба таври назаррас қафо мемонад. Масалан, дар Ҷумҳурии Қазоқистон ин нишондиҳанда ба 23,2 м^2, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон 18,2 м^2 ва дар Ҷумҳурии Қирғизистон 13 м^2 ташкил медиҳад. «Дар Олмон ба ҳар як нафар 50 м^2 масоҳати умумӣ, дар Британия 62 м^2, дар ИМА 70 м^2 рост меояд». «Тибқи стандартҳои иҷтимоии СММ сатҳи камтарини таъмини манзил 30 м^2 ба як нафарро ташкил мекунад» [11, 54].

Бо дарназардошти он, ки музди миёнаи меҳнат 2 108,26 сомониро ташкил медиҳад ва нархи як метри мураббаи манзил ба ҳисоби миёна тақрибан ба 5 000 сомонӣ баробар мебошад, дар чунин ҳолат маълум мегардад, ки қарзи ипотекии манзилӣ на ба табақаи васеи аҳолӣ, балки ба категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон мувофиқ меояд, ки вазъи молиявии хуб доранд. Теъдоди чунин шахсон дар байни эҳтиёҷмандони манзил камтар аз 10 дарсадро ташкил медиҳанд. Муҳаққиқон муайян кардаанд, ки ин нишондиҳанда дар мамлакатҳои дорои даромади баланд ба 60%, даромади миёна ба 40% ва даромади паст қариб ба 15% баробар аст [2,10]. Бо ҳисоби миёна дар мамлакатҳои мутараққӣ қарзҳои ипотекиро 21,3%, дар кишварҳои рӯ ба инкишоф 2,9% ва дар ҷаҳон 8% аҳолӣ гирифтаанд. Ба таври мисол, дар Ҳиндустон қарзҳои ипотекӣ танҳо 2,3% аҳолиро ҷалб мекунад [7, 54]. Аз омори таҳлилшуда бармеояд, ки дар ҷаҳон қарздиҳии

ипотекӣ асосан барои гурӯҳҳои аҳолии дорои даромади баланд мувофиқ мебошад.

Қарздиҳии ипотекӣ яке аз унсурҳои асосии ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз ҷониби давлат мебошад. Мақсади асосии сиёсати давлатӣ дар самти рушди қарздиҳии ипотекӣ–татбиқи механизми самараноки молиявию қарзӣ ба шумор меравад. Дар ин самт чун самтҳои афзалиятноки ташкил ва рушди низоми қарздиҳии ипотекӣ дар иқтисодиёти миллӣ бояд инҳо дониста шаванд: ташаккули пойгоҳи меъёрии ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои қарзи ипотекӣ, ташкили низоми танзими давлатии бозори ипотека, бароориш ва гардиши қоғазҳои қиматноки ипотекӣ, ташкили бонкҳои махсусгардонидашуда ва дигар муассисаҳои ипотекӣ ва субъектҳои бозори ипотека [6, 3]. Дар маҷмуъ, пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ барои аҳолӣ аз нигоҳи иқтисодию иҷтимоӣ муфид мебошад, зеро аҳаммият доштани манзили истиқоматӣ ба саломатии оила низ таъсири мусбат мерасонад (харҷи қисми зиёди буҷети оила барои пардохти иҷора), паст гаштани шиддати маишӣ (талоқҳо, ҷанҷолҳо дар оила аз сабаби набудани манзил). Зарур аст, ки бо истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ заминаҳои меъёриии ҳуқуқии рушди қарздиҳии ипотекӣ ва барномаҳои махсуси ипотекаи иҷтимоӣ барои қисми аҳолии дорои даромади паст (омӯзгорон ва табибон) таҳия карда шаванд.

АДАБИЁТ

1. Банковский сектор–2021: кредитование. [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.banki.ru/news/research/?id=10962645 Санаи дастрасӣ: 15.04.2022.

2. Башкатова А. Площадь квартир ужимается вместе с доходами. Независимая газета. № 243 (8007), от 11.06.2020.

3. Гринько Е.Л. Правовые основы формирования и регулирования ипотечной системы Российской Федерации. Азимут научных исследований: экономика и управление. – 2019. – Т. 8. – № 1(26). – С. 138.

4. Дефицит долгосрочного кредитования затрудняет прогресс в развивающихся странах. – Всемирный банк, 14.09.2015 [Манбаи электронӣ].–Реҷаи дастрасӣ: http://www.worldbank.org/ru/news/pressrelease/ 2015/09/14 /long–term–finance–shortage–post–2008–crisis–blunts–progress–in–developing–countries (санаи дастрасӣ:14.06.2020).

5. Ипотека в августе установила новый рекорд. [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: www.vedomosti.ru/finance/articles/2020/09 /13/839728–ipoteka–rekord . Санаи дастрасӣ: 09.2020.

6. Ипотечное кредитование жилищного строительства: учебное пособие / под ред. С.А. Баронина, В.С. Казейкина. М.:тИНФРА–М, 2020. – С. 3.

7. Кияткина В. В. Новые тенденции на мировом рынке ипотечной секьюритизации MBS и covered bonds // Банковское дело. 2011. №2. С. 39–44.

8. Марычев А. Проблемы и перспективы развития ипотеки в России//Банковское дело. – 2006. – №9. – С. 8–10.

9. Попов В.Н., Орешков А.А. Американский ипотечный кризис: предпосылки, причины, опыт для России. Финансы и кредит. – №30 (366). – 2009. – С. 18.

10. Стерник Г. М., Стерник С. Г. Анализ рынка недвижимости для профессионалов. М.: Экономика, 2009. –606 с.

11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 2016. – С. 54–55.

12. Федотова Марина Алексеевна, Стерник Сергей Геннадьевич. Методология управления портфелем недвижимости в составе собственного капитала и активов банка. /ФИНАНСОВЫЙ МЕНЕДЖМЕНТ, №4–2015. – С.64–69.

13. Badev, A. Housing Finance across Countries: New Data and Analysis / A. Badev, T. Beck, L. Vado, S. Walley // Policy Research Working Paper № 6756. – Wash., DC: World Bank, 2014.

14. Global Financial Inclusion (Global Findex) Database. – Wash. DC: World Bank [Манбаи электронӣ].–Реҷаи дастрасӣ: http://www.worldbank.org /globalfindex (санаи дастрасӣ: 14.06.2020); World Development Indicators (database).–Wash. DC: World Bank [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://data.worldbank.org/data–catalog/world–development–indicators (санаи дастрасӣ:14.06.2020).

ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ИПОТЕЧНОГО КРЕДИТОВАНИЯ В ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

СОЛИХОВА МАЙСАРА ДАВЛАТОВНА,
ассистент кафедры банковского дела Таджикского
национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудакӣ 17;
тел: (+992) 98-515-95-95; e-mail: solihovamaysara@mail.ru

В статье исследован и обсужден один из важных вопросов обеспечения развития экономики Республики Таджикистан. Оценен рынок ипотечных кредитов, как основа доступа населения к частному жилью, проанализировано формирование и укрепление его основ, выяснены проблемы. Изучив теоретико–практические аспекты данного вопроса, автор определила его необходимость для экономики Республики Таджикистан. Констатируется, что ипотечное кредитование является важным экономическим и социальным механизмом в каждой стране, и в

условиях Республики Таджикистан необходимо его совершенствование. Автор считает, что ипотечное кредитование является одним из механизмов обеспечения населения жильем, поэтому развитие его инфраструктуры может еще больше расширить рынок ипотечного кредитования. Изучая теоретические аспекты, автор рекомендует ряд полезных предложений по эффективности рынка ипотечного кредитования и способам общественного доступа к нему, что может способствовать развитию ипотечного кредитования.

Ключевые слова: *банковская система, коммерческие банки, банковские доходы, капитал коммерческих банков, ипотечное кредитование, ипотека, рынок ипотечного кредитования, качество кредитного портфеля, строительные организации, жилищное строительство, экономическое развитие, нормативно–экономическая основа ипотечного кредитования.*

FUNDAMENTALS FOR THE DEVELOPMENT OF MORTGAGE LENDING IN THE ECONOMIC CONDITIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

SOLIHOVA MAYSARA DAVLATOVNA,
assistant of the Department of Banking of the Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
tel.: (+992) 985-15-95-95. E-mail: solihovamaysara@mail.ru

The article explores and discusses one of the important issues of ensuring the development of the economy of the Republic of Tajikistan. The mortgage loan market as the main basis for the population's access to private housing, the formation and strengthening of its basis is analyzed, and problems in it are clarified. Having studied the theoretical and practical aspects of this issue, the author determined its necessity for the economy of the Republic of Tajikistan.

It is clear that mortgage lending is an important economic and social mechanism of each country and in the conditions of the Republic of Tajikistan it is necessary to improve it. The author thought that mortgage lending is one of the mechanisms for providing the population with housing, so the development of its infrastructure can further expand the mortgage lending market. Exploring the theoretical aspects, the author recommended a number of useful proposals on the efficiency of the mortgage market and ways of public access to it that could contribute to the development of mortgage lending.

Keywords: *banking system, commercial banks, bank income, capital of commercial banks, mortgage lending, mortgage, mortgage lending market, loan portfolio quality, construction organizations, housing construction, economic development, regulatory and economic basis for mortgage lending.*

УДК: 330.101.541:37.01

МУЛОҚОТИ ТАЪРИХӢ: НАТИҶАГИРИҲО ВА ХУЛОСАҲО

ҚУРБОНОВ АБДУРАҲМОН ШЕРОВИЧ,
доктори илми фалсафа, сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (+992 37) 2-21-32-56; 918-20-04-15

Масъалаи илм ва маориф ҳамчун самти муҳимми ҳаёти иҷтимоии кишвар дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгаҳи хосса дорад ва зимни суханрониҳо, мулоқотҳои бо қишрҳои гуногуни ҷомеа, сафарҳои корӣ он дар маркази таваҷҷуҳи Президенти мамлакат қарор дорад. Мавриd ба зикр аст, ки мулоқотҳои Роҳбари давлат бо аҳли илми ҷумҳурӣ манбаи муҳимми тавлиди ғояҳо ва андешаҳо доир ба соҳаи илм ва низоми идораи он, тарбияи кадрҳои илмӣ ва ҳалли мушкилоти мавҷудаи соҳаи мазкур маҳсуб шуда, дар ин раванд барои рафъи мушкилоти мавҷудаи соҳаи мазкур ҳамеша дастуру супоришҳои мушаххас дода мешавад. Бинобар ин, дар мақолаи мазкур мулоқоти таърихии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли илм ва зиёиёни кишвар аз 18 марти соли 2020 ва натиҷагирӣ аз он мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

Калидвожаҳо: *маориф, илм, академия, мактаби олӣ, стратегияи рушди илм, самтҳои афзалиятноки илм, тарбияи кадрҳои илмӣ, тадқиқоти бунёдӣ.*

Мулоқоти Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қишрҳои гуногуни ҷомеа, хусусан, бо намояндагони илму фарҳанг, ҷузъи муҳимми сиёсати созандаи давлат дар самти ҳаёти маънавии ҷомеа маҳсуб шуда, ҷиҳати таҳким ёфтани робитаи мустақими ҷомеа бо Президенти малакат аҳамияти хосса дорад. Зимни мулоқотҳо масоили марбут ба соҳаи илму маориф, фарҳанг, варзиш, сиёсат дар бораи ҷавонон ва дигар паҳлуҳои ҳаёти моддию маънавии ҷомеа баррасию арзёбӣ гардида, барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи соҳаи мазкур аз ҷониби Пешвои миллат дастуру супоришҳои мушаххас ва судманд дода мешавад.

Хусусан, мулоқоти Сарвари давлат бо намояндагони соҳаи маориф ва илми ҷумҳурӣ, ки 18 марти соли 2020 баргузор гардид, дар марҳалаи кунунӣ барои соҳаи мазкур аҳаммияти хосса дошта, ҷиҳати ҳалли мушкилот, такмил ва таъмини фаъолияти самараноки соҳаи маориф ва муассисаҳои илмию тадқиқотии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Тавре омӯзиш ва таҳлили маводи мулоқоти Пешвои миллат собит месозад, дар баробари масоили фарогири соҳаи мазкур, боз масъалаҳои марказӣ ва муҳимтаре вуҷуд доранд, ки зимни чунин суҳбатҳо бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор мегиранд. Хусусан, зимни чунин мулоқотҳо самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм ба таври васеъ баррасӣ гардида, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ва таҳкими низоми идораи илм дар ҷумҳурӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар мақолаи мазкур масъалаи натиҷагирӣ аз мулоқоти Сарвари давлат бо аҳли илм ва зиёиёни кишвар ва то чӣ андоза ба ҳалли мушкилоти соҳаи маориф ва илм мусоидат намудани он, инчунин, саҳми масъулони ин самти муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ҷиҳати амалӣ намудани дастуру супоришҳое, ки аз ин мулоқот бармеоянд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

Дар мулоқоти Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли илм ва зиёиёни кишвар, ки 18 марти соли 2020 [13] баргузор гардида буд, масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф ва илм таҳлилу баррасӣ шуда, ҷиҳати амалӣ намудани онҳо Нақшаи чорабиниҳо (иборат аз 59 банд) [12] таҳия ва тасдиқ гардид. Бояд зикр намуд, ки ин мулоқот мавриди таваҷҷуҳи махсуси ҷомеаи илмӣ қарор гирифта буд, зеро баррасӣ ва арзёбии мушкилоти соҳаи илм ва маориф дар ҳузури бевоситаи Сарвари давлат ва ширкати намояндагони аҳли зиёи кишвар зуҳуроти муқаррарӣ набуда, он бо ҳадафҳо ва хулосаю тавсияҳои арзишманди худ имкон дорад чун омили муҳимми таҳаввулот дар соҳаи мазкур нақши муассир гузорад.

Имрӯз аз ин мулоқоти таърихӣ аллакай чаҳор сол сипарӣ шуд ва фурсати он расидааст, ки ҷомеаи илмӣ, аҳли маорифи кишвар ва хусусан таҳлилгарону коршиносон, аз раванди дигаргуниҳо ва таҳаввулоте, ки дар заминаи ин мулоқоти сатҳи олӣ дар ин марҳала зуҳур намудаанд, пайгирӣ намуда, доир ба натиҷаҳои он андешаю хулосаҳои худро пешкаш намоянд.

Мавриди ба зикр аст, ки қисмати муайяни тадбирҳое, ки дар Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони соҳаҳои илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат пешбинӣ шуда буданд, дар муҳлатҳои муқарраргардида амалӣ гардиданд. Бояд гуфт, ки тадбирҳои дар муҳлатҳои муқарраргардида амалишуда, дар маҷмуъ, 6 бандро дар бар гирифта, масъули иҷрои онҳо худи Ҳукумати ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад.

Аз ҷумла:

– таъмин намудани маблағгузории Фонди президентии таҳқиқоти бунёдӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба андозаи 3 дарсад аз ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба соҳаи илм;

– бознигарӣ кардани андозаи маоши вазифавии кормандони Академияи миллии илмҳо барои соли 2021 ва солҳои минбаъда;

– таъсис додани мукофоти махсуси давлатӣ барои олимону омӯзгорони фанҳои табиӣ ва дақиқу риёзӣ ва ҳар сол 15 нафарро бо ин мукофот сарфароз гардонидан;

– аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ намудани муаллимон ва омӯзгорони ҷавоне, ки шогирдонашон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷойҳои сазоворро ишғол менамоянд;

– ба ихтисосҳои табиӣ, дақиқ ва риёзии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бе супоридани имтиҳон дар Маркази миллии тестӣ қабул кардани хонандагоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо стипендияи Президентӣ хатм мекунанд;

– аз 1 сентябри соли 2021 зиёд намудани музди меҳнати омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзии ҳамаи намудҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар имтиёзҳо барои омӯзгорони чунин муассисаҳо, бахусус ба омӯзгорони ҷавон.

Таҳлил ва омӯзиши масъалаи мазкур собит намуд, ки тадбирҳои пешбинишуда давра ба давра амалӣ гардида, ҳар яки он барои бедор кардани ҳавасмандии моддии хонандагону омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, инчунин, барои беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии онҳо мусоидат намуданд.

Омӯзиш ва таҳлили ҷараёни иҷрои бандҳои дигари Нақшаи чорабиниҳо, ки барои таъмини рушд ва фаъолияти самараноки соҳаи илм ва маориф хеле муҳим буданд, собит намуд, ки масъули иҷрои ин бандҳо Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм, инчунин, дигар вазорату сохторҳои дахлдори давлатӣ маҳсуб шуда, тайи чаҳор сол дар ин самт амали назаррасе анҷом дода нашудааст. Чунончи, масъалаи интегратсияи иқтидори илмии муассисаҳои илмӣ, таъмини озмоишгоҳҳои муассисаҳои илмӣ, мактабҳои олӣ ва таҳсилоти умумӣ бо таҷҳизоти зарурӣ, беҳтар кардани сифати омода кардани омӯзгорони фанҳои табиӣ ва риёзиву дақиқ, таҷдиди назар кардани низоми маблағгузории мавзуъҳои илмӣ ва ба ҳаёти иқтисодии кишвар мутобиқ намудани онҳо, ҷалби бештари маблағҳои мавзуъҳои фармоишӣ ба самти илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, ташкили кафедраҳои илмию истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноатӣ ҷиҳати татбиқи ихтироот ва барномаву лоиҳаҳои инноватсионӣ, ба роҳ мондани ҳамкории илмию таҳқиқотӣ миёни муассисаҳои илмии табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва илмҳои тиббию дорусозӣ ва дорушиносӣ ва ғайра, аз ҷумлаи он масъалаҳои муҳим ва зарурие маҳсуб мешаванд, ки барои ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат нақши муҳим доранд.

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки дар Нақшаи чорабиниҳо бандҳои калидие ҷой доранд, ки онҳо дар сиёсати давлатӣ доир ба соҳаи илм мавқеи муҳим дошта, метавон гуфт, ки татбиқи сиёсати илмию техникии Ҳукумати ҷумҳурӣ аз иҷрои бандҳои мазкур чун ҳадафҳои асосӣ вобастагии ҷиддӣ дорад.

Яке аз чунин масъалаҳои муҳим, ки дар Нақшаи чорабиниҳо (банди 14) дарҷ ёфтааст, бо дарназардошти ҳадафҳои стратегии кишвар таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани номгӯйи равияҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ мебошад. Бояд зикр кард, ки муайян намудани самтҳои афзалиятноки илм шарти муҳимтарини пайвастани илм бо истеҳсолот, истифодаи самараноки иқтидори зеҳнии ҷумҳурӣ ва истифодаи мақсадноки маблағҳои барои соҳаи илм пешбинишуда мебошад.

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ “Номгӯйи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чор маротиба, барои чор марҳала (барои солҳои 2007–2009; 2010–2012; 2015–2020 ва 2020–2025) [1,2,3,4] тасдиқ гардидаанд. Бояд тазаккур дод, ки натиҷагирӣ аз авлавиятҳо ва самаранокии онҳо дар ҳалли мушкилоти мавҷудаи ҷомеа, пеш аз ҳама, аз интихоб ва таъйиноти дурусти равияҳои илмӣ ва мавзуъҳои фармоишӣ вобастагӣ дорад.

Таҳлили номгӯйи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон собит менамояд, ки санадҳои қабулгардида, аслан, бе дарназардошти меъёрҳои мантиқ, талаботи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва имкониятҳои молиявии ҷумҳурӣ таҳия ва қабул гардидаанд. Дар санадҳои қабулгардида самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ аз 65 то 110 номгӯйро дар бар мегиранд. Мавзуъҳои пешбинишуда, ба андешаи мо, бо мазмуну ҳадафнокиашон наметавонанд ҳамчун равияҳои афзалиятнок дар ҳалли мушкилоти мавҷудаи ҷумҳурӣ дар ин марҳалаи рушд нақши калидӣ дошта бошанд.

Бояд гуфт, ки зарурати муқаррар намудани равияҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ, қабл аз ҳама, аз талаботи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоиву сиёсии ҷумҳурӣ бармеояд ва маънии онро дорад, ки равияҳои мазкур дар самти таъмини молиявӣ, таҳкими пояи моддию техникӣ, иқтидори кадрӣ ва ғайра, аз ҷониби давлат ба таври иловагӣ дастгирӣ меёбанд ва ба анҷом расидани таҳқиқоти пешбинишуда барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат мусоидат менамояд. Вале бе таҳлил ва асоснокии илмӣ пешбинӣ гардидани чунин теъдоди бузурги равияҳои афзалиятнок (аз 65 то 110 мавзуъ) имконияти амалӣ гардидани онҳоро тақрибан ба сифр баробар менамояд.

Вобаста ба зарурати масъалаи мазкур Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо аҳли илму фарҳанг 18 марти соли 2020 таъкид намуданд: “Самту равияҳои афзалиятнок дар ин марҳала бояд, пеш аз ҳама, ба ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат–таъмини истиқлолияти энергетикӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръат равона карда шаванд”.

Воқеан, муайян гардидани ҳадафҳои стратегии Ҳукумати ҷумҳурӣ аз ҷониби Сарвари давлат чун равияҳои афзалиятноки илм беҳтарин ва муҳимтарин василаи муттаҳид намудани неруи зеҳнии мамлакат, хотима бахшидан ба бисёрмавзуъӣ, таъмини истифодаи мақсаднок ва самараноки маблағҳои буҷети давлатӣ дар ин самт мебошад. Равияҳои афзалиятноки муайяншуда, бешубҳа, барои ба қувваи истеҳсолкунанда табдил ёфтани илм мусоидат намуда, дар ҳалли мушкилоти иқтисодию иҷтимоии мамлакат нақши муҳим хоҳанд гузошт.

Бо ин мақсад аз ҷониби масъулин (Вазорати маориф ва илм, АМИТ) “Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025” таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 ба тасвиб расонда шуд. Бояд зикр намуд, ки муаллифони санади мазкур бар хилофи таъкиди дақиқ ва бевоситаи Пешвои миллат, номгӯйи самтҳои афзалиятноки илмро бидуни ба инобат гирифтани талаботи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат таҳия намуданд, ки он 58 равияи илмиро дар бар гирифта, ба ҳадафҳои стратегии давлат комилан мувофиқат намекунад. Маврид ба ёдоварист, ки масъалаи мазкур 5 маротибаи дигар (солҳои 2014, 2016, 2017, 2021, 2022) дар Паёмҳои Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, барои иҷрои он сохторҳои дахлдор вазифадор шуда буданд.

Вале омӯзиш ва таҳлили вазъи иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба самтҳои афзалиятноки илм дар Академияи миллии илмҳо ва Вазорати маориф ва илм собит намуд, ки дар ин самт аз ҷониби ин ду ниҳоди муҳимми давлатӣ кори мушаххасе анҷом дода нашудааст. Дар банди 32-юми Нақшаи чорабиниҳо “Бо дарназардошти дурнамои рушди илми ватанӣ ва муносибатҳои нави ҷамъиятӣ таҷдиди назар кардани мавзуъҳои фармоишӣ” пешбинӣ шудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар тамоми даврaи Истиқлоли давлатӣ иҷрои мавзуъҳои фармоишӣ аз ҷониби муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва кафедраҳои мактабҳои олӣ идома дорад. Ҳамоҳангсози ин мавзуъҳо Академияи миллии илмҳо маҳсуб мешавад. Тайи ин солҳо ягон мавзуи фармоишӣ дар истеҳсолот татбиқ нашудааст ва ба иқтисодиёти кишвар фоидае ворид нагардидааст. Дар Академияи миллии илмҳо низоми

назорати ҷунин мавзуъҳо умуман вуҷуд надорад. Бо мақсади такмили низоми идораи соҳаи илм ва истифодаи самараноки неруи зеҳнии ҷумҳурӣ даҳ сол пеш Вазорати маориф ба Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ табдил дода шуд. Бояд зикр намуд, ки тайи даҳ сол дар фаъолияти вазорати мазкур ягон тағйирот амалӣ нашудааст ва илм ба як соҳаи идоранашаванда ва бесамар табдил ёфтааст.

Бояд гуфт, ки ҳамасола маблағгузорӣ ба соҳаи илм меафзояд. Соли 2023 маблағгузории соҳаи илм 188 млн сомониро ташкил медод, вале натиҷагирӣ аз таҳқиқоти илмӣ ва ҳалли мушкилоти иқтисодӣ умуман эҳсос карда намешавад. Агар пешрафт ва иқтидори кишварҳои дигари олам аз рӯйи дастовардҳои соҳаи илм бошад, дар ҷумҳурии мо илм ба соҳаи зараровар табдил ёфтааст.

Мавриди ба ёдоварист, ки доир ба масъалаи мавзуъҳои фармоишӣ ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳояшон ба Маҷлиси Олӣ (солҳои 2017, 2018, 2019, 2021) эродҳои ҷиддӣ садо дода буданд. Аммо дар ин самт, на аз ҷониби Академияи миллии илмҳо ва на аз ҷониби Вазорати маориф ва илм, алҳол ягон амали муфид анҷом дода нашудааст.

Мувофиқи банди 38-уми Нақшаи чорабиниҳо маблағгузори Фонди Президентии тадқиқоти бунёдӣ ҳамасола то 3 дарсад аз маблағгузории умумии соҳаи илм таъмин карда мешавад. Маблағи солонаи Фонд дар соли 2024 аллакай ба 4,2 млн сомонӣ расид, ки ин имкон медиҳад барои амалӣ гардидани ҳадафҳои дар ин самт пешбинишуда имкониятҳои мусоид фароҳам оварда шавад.

Воқеан, вазъи кунунии илмҳои бунёдӣ ба дастгирӣ ва ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад. Бояд зикр намуд, ки ҳанӯз соли 1996 барои аз ҳолати ногувор раҳо намудани илмҳои бунёдӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъсиси Фонди Президентии тадқиқоти бунёдӣ” аз 24 феврали соли 1996, №422 [14] ба тасвиб расид, ки он дар самти дастгирӣ ва рушди соҳаи мазкур дар кишвар аҳаммияти муҳим дошт. Тибқи Низомномаи Фонд дар қатори дигар сарчашмаҳое, ки маблағҳои он ташкил меёбанд, яке аз сарчашмаҳои асосӣ 3% ҳиссаҷудокунӣ аз маблағҳое, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои соҳаи илм пешбинӣ шуданд, ба ҳисоб меравад, ки ин маблағ дар тули фаъолияти 28–солаи Фонди мазкур барои ба анҷом расондани тадқиқоти муайян ва мақсадноку муфид дар муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ метавонист мусоидат намояд.

Вале таҳлили вазъи иҷрои корҳои тадқиқотӣ дар ин самт собит менамояд, ки сарфи назар аз таъсиси Фонди мазкур ва кумаку дастгириҳои Ҳукумат, вазъи илмҳои бунёдӣ тағйир наёфтааст. Сифат ва ҳадафҳои асосии тадқиқот аз мадди назари иҷрокунандагон дур монда,

натавонистанд илмро бо кашфиёту навовариҳо ва донишҳои нав ғанӣ сохта, барои рушду нумуи самтҳои дигари илм дар ҷумҳурӣ мусоидат намоянд. Аксари мавзуъҳои тадқиқшаванда хусусияти бунёдӣ надошта, танҳо харҷи ғайримақсадноки маблағҳо мебошанд.

Масъалаи дигаре, ки дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва маориф мақоми хосса дорад, омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ мебошад. Дар мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли илм ва зиёиёни мамлакат ба масъалаи 20–солаи рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию дақиқ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Ба хотири давра ба давра таъмин намудани иҷрои ин ҳадафҳо дар Нақшаи чорабиниҳо (банди 57) таҳияи «Стратегияи миллии рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030» пешбинӣ шуда буд.

Ҷиҳати иҷрои ин пешниҳоди муҳимму арзишманди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор санадҳо ба тасвиб расиданд. Аз ҷумла:

– «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020–2040;

–Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030;

–Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021–2025” [5,6,7].

Бояд гуфт, ки масъалаи рушди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ, тайёр намудани омӯзгорон барои соҳаи мазкур аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф ва илм ба шумор рафта, барои ҳалли мушкилоти дар ин самт мавҷудбуда аз ҷониби Ҳукумат тадбирҳои муҳим андешида мешаванд. Аз ҷумла, масъалаи мазкур дар Паёмҳои Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ (солҳои 2016, 2017, 2019, 2021 (январ), 2021 (декабр)) инъикос ёфта, барои ҳалли мушкилоти мавҷуда масулини соҳа вазифадор гардидаанд.

Омӯзиши масъала собит месозад, ки сарфи назар аз чорабиниҳои гуногун, ҳанӯз дар ин самт мушкилоти ҷиддӣ вуҷуд дорад, ки амалӣ шудани тадбирҳои пешбинишударо халалдор ва ҳатто ғайриимкон месозад. Бо мақсади ҳалли мушкилоти мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Корхонаи воҳиди давлатии “Маркази ҷумҳуриявии таъминоти соҳаҳои илм бо таҷҳизоти техникӣ, асбобҳо, маводи кимиёвӣ ва васоити экспедитсионӣ” таъсис дода шуд. Аммо 18 сол боз, бинобар сабаби пешниҳод гардидани ҳисоботҳои беасос ва ғайривоқеӣ аз ҷониби роҳбарияти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва бесалоҳиятии масъулони сохторҳои давлатии дахлдори соҳаи мазкур, тамоми муассисҳои таълими умумӣ, муассисҳои илмӣ ва мактабҳои олӣ, инчунин, пажуҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ дар соҳаи илмҳои дақиқ ва техникӣ,

тамоми муассисаҳои тиббӣ ва дигар муассисаю озмоишгоҳҳои соҳаҳои гуногун аз таҷҳизоти муосири лабораторӣ ва реактивҳои химиявӣ ва ғайра мушкилӣ мекашиданд. Маҳз бо ҳамин сабаб, айни ҳол як насли муаллимони фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таълими умумӣ бе дониши зарурӣ бо шогирдон дарс мегӯянд, ки ислоҳи ин вазъият вақт ва заҳмати зиёдро мехоҳад. Инчунин, метавон гуфт, ки бо фаъолият накардани ин муассиса амалӣ гардидани бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ ғайриимкон хоҳад гашт.

Бояд зикр намуд, ки норасоии кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ аз мушкилоти муҳимтарини ҳаёти иҷтимоии ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад. Тавре ки таҳлилҳо собит месозанд, имрӯз дар тамоми муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбӣ, корхонаю муассисаҳои ҷумҳурӣ норасоии кадрҳои илмӣ эҳсос карда мешавад. Ба хотири ҳалли мушкилоти мавҷуда қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, №296 “Дар бораи Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009–2015” [10]қабул карда шуд. Бояд зикр намуд, ки барномаи мазкур бе дарназардошти талаботи муассисаҳои илмӣ, мактабҳои олӣ ва корхонаю муассисаҳои давлатӣ таҳия гардида, бо гузашти муҳлати иҷрои он вазъи таъмини ҷумҳурӣ бо кадрҳои илмӣ тағйир наёфт. Доир ба ҳолати амалӣ гардидани он дар Вазорати маориф ва илм ягон маълумот вуҷуд надорад.

Вобаста ба зарурати ин масъала, дар банди 3–юми Нақшаи чорабиниҳо масъалаи бо ҷалби иқтидори илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмию тадқиқотӣ таҳия намудани «Барномаи давлатии тарбияи кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021–2030» пешбинӣ шудааст. Тибқи нақша Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021–2030 таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 30 июни соли 2021, №264 тасдиқ карда шуд [11].

Бояд зикр кард, ки барномаи мазкур бояд бо ҷалби мутахассисону коршиносони варзидаи ҷумҳурӣ бо дарназардошти талаботи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба кадрҳои илмӣ таҳия гардида, ба Ҳукумат пешниҳод мегардид. Вале, мутаассифона, дар Барномаи мазкур талаботи муассисаҳои илмӣ, мактабҳои олӣ ва корхонаю муассисаҳои ҷумҳурӣ умуман ба инобат гирифта нашудааст. Аз қабули он 4 сол сипарӣ шуда бошад ҳам, дар Академияи миллии илмҳо ва Вазорати маориф ва илм доир ба иҷрои он ягон маълумот вуҷуд надорад ва вазъи таъмини муассисаҳо бо кадрҳои илмӣ ташвишовар боқӣ мондааст. Омӯзиши масъала собит намуд, ки барномаи мазкур дар ягон муассисаи илмию тадқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбӣ амалӣ намешавад.

Ҳамчунин, масъалаи омода намудани кадрҳои ҷавон ва ҷалби онҳо ба илм дар Паёмҳои Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо (солҳои 2015, 2018, 2021, 2022) садо дода, доир ба ислоҳи камбудиҳо дар ин самт сохторҳои дахлдор муваззаф гардида буданд.

Таҳлили иҷрои "Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони соҳаҳои илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат аз 18 марти соли 2020", ки барои соҳаи илм воқеан, як мулоқоти таърихӣ ва сарнавиштсоз маҳсуб мешавад, нишон медиҳад, ки самтҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму техника аз мадди назари масъулони соҳа дур монда, таъмини иҷрои Нақшаи чорабиниҳо мавриди таваҷҷуҳи онҳо қарор нагирифта, ҳолати мавҷуда аз сохторҳои дахлдор беҳбудӣ ва муносибати ҷиддиро тақозо мекунад.

АДАБИЁТ

1.Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи Номгӯи самтҳои афзалиятдоштаи тадқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007–2009" аз30 июни соли 2007, №333.

2.Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2020» аз 4 декабри соли 2014, №765.

3.Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи Номгӯйи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2012 ва феҳристи технологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 марти соли 2010, № 167.

4.Қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025" аз 26 сентябри соли 2020, №503.

5.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020–2025 оид ба амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020–2040 аз 30 июли соли 2020, № 427.

6.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030" аз 30 апрели соли 2021, №165.

7.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021–2025" аз 30 апрели соли 2021, №170

8.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди илмҳои дақиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соли солҳои 2005–2008” аз 29 декабри соли 2003, №571.

9.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкил намудани Корхонаи воҳиди давлатии “Маркази ҷумҳуриявии таъминоти соҳаҳои илм бо таҷҳизоти техникӣ, асбобҳо, маводи кимиёвӣ ва васоити экспедитсионӣ” дар назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 1 августи соли 2006, №366.

10.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009–2015” аз 2 июли соли 2008, №296.

11.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021–2030” аз 30 июни соли 2021 №264.

12.Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони соҳаҳои илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат аз 18 марти соли 2020. Аз 3 апрели соли 2020 №26/10–130 тасдиқ шудааст.

13.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар. 18.03.2020, шаҳри Душанбе.

14.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъсиси Фонди Президентии тадқиқоти бунёдӣ” аз 24 феврали соли 1996, №422.

ИСТОРИЧЕСКИЕ ВСТРЕЧИ: РЕЗУЛЬТАТЫ И ВЫВОДЫ

КУРБОНОВ АБДУРАХМОН ШЕРОВИЧ,
доктор философских наук, начальник Управления анализа социальных проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел: (+992 37) 221-32-56; 918-20-04-15

Вопрос науки и образования как важное направление общественной жизни страны занимает особое место в государственной политике Республики Таджикистан и подчёркивается Президентом страны во время его выступлений, встреч с различными слоями общества и во времия рабочих поездок. Следует отметить, что встречи Главы государства с учёными республики считаются важным источником формирования идей и мнений в области науки и системе её управления, подготовке научных кадров и в этом процессе для решения существующих проблем в этой

области всегда даются конкретные указания. Поэтому в данной статье изучаются и анализируются результаты исторической встречи Президента страны уважаемого Эмомали Рахмона с учёными и интеллектуалами страны 18 марта 2020 года.

Ключевые слова: *образование, наука, академия, высшая школа, стратегия развития науки, приоритетные направления науки, подготовка научных кадров, фундаментальные исследования.*

HISTORICAL MEETINGS: RESULTS AND CONCLUSIONS

KURBONOV ABDURAHMON SHEROVICH,
Doctor of philosophy science, Head of the Department of
analysis of social problems of the Center for Strategic Research
under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 89;
tel.: (+992 37) 221-32-56; 918-20-04-15

The issue of science and education as an important area of public life in the country occupies a special place in the state policy of the Republic of Tajikistan and it is in the center of attention of the President of the country during his speeches, meetings with various sectors of society and business trips. It is worth noting that the meetings of the Head of State with scientists of the republic are considered an important source of forming ideas and opinions in the field of science and its management system, training of scientific personnel and solving existing problems in this area, in this process to solve existing problems in this area are always given specific instructions. Therefore, this article studies and analyzes the results of the historical meeting of the President of the country, the respected Emomali Rahmon, with scientists and intellectuals of the country on March 18, 2020.

Keywords: *education, science, academy, higher school, science development strategy, priority areas of science, training of scientific personnel, fundamental research.*

УДК: 330.15:316.62(73)

ОТРАЖЕНИЕ ПРОБЛЕМЫ СОЦИАЛЬНОГО И ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В ТРУДАХ ЗАПАДНЫХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ

САИДОВ АБДУЛМАНОН САТТОРОВИЧ,
доктор философских наук, профессор кафедры общественных дисциплин ГОУ «Таджикского государственного медицинского университета им. Абуали ибни Сино»
734003, Таджикистан, город Душанбе, ул.Сино 29–31;

Общеизвестно, что исследование проблем социального и человеческого капитала как объекта научного познания, впервые было начато западными (американскими и европейскими) учёными. Они в своих разработках делали попытку дать исчерпывающее определение этим явления, раскрыть их сущность и роль в развитии общества.

Совершенно очевидно, что изначально социальный и человеческий капитал западными учёными изучались в рамках научных инструментарий экономической теории. Однако, затем, исследовательские границы анализа данной проблемы расширились, и её активно стали подвергать научному рассмотрению социологи, политологи, философы и др.

Разумеется, западные учёные–обществоведы в своих публикациях, хотя и разработали многие аспекты проблемы социального и человеческого капитала, тем не менее, всё ещё они не пришли к единому мнению относительно определения понятия и структуры этих явлений.

Ключевые слова: *социальный капитал, человеческий капитал, западные исследователи, общество, экономика, социальное доверие, образование и др.*

Неоспорим факт, что рост публикаций о феноменах «социальный капитал» и «человеческий капитал» в мировой науке за последнее несколько десятилетий иллюстрирует «новую волну» в его разработке. Хотя концепция социального и человеческого капитала не нова для социальных наук, однако американский политолог Р. Патнэм в своей работе «Как заставить демократию работать: гражданские традиции и современная Италия» [17] сделал её ещё более привлекательной в интересах представителей экономических, социально–философских и политических дисциплин на нынешнем этапе их развития.

Несомненно, социальный капитал с точки зрения европейских учёных считается важным фактором развития социальных отношений, семьи, действующей демократии и экономического прогресса [3; 9; 13]. В этом смысле социальный капитал относится к нескольким основным

измерениям общественной жизни людей. По мнению американского социолога Дж. Коулмана, социальный капитал представляет собой базовый компонент логики действий, который облегчает социальное сотрудничество и достижение коллективных общих благ. Тем самым, социальный капитал позволяет «достичь определённых целей, которые были бы недостижимы в его отсутствие» [11, 38].

Используя такие аргументы, Р. Патнэм предположил, что «гражданское сообщество» и социальный капитал являются основной предпосылкой хорошо функционирующей демократии и развивающего общества, то есть, «там, где процветают доверие и социальные сети, процветают отдельные люди, фирмы, районы и даже нации» [17, 319]. Неудивительно, что вопросы накопления, поддержания и умножения социального капитала приобрели большое значение во всех отраслях обществоведческой науки, в частности и в социальной философии. Тем не менее, несмотря на пристальное внимание учёных к явлению социального капитала, его научная концепция всё ещё далека от ясности.

В своей вышеупомянутой книге Р. Патнэм определяет социальный капитал как довольно абстрактный и расплывчатый феномен. Социальный капитал, отмечает он, «относится к особенностям социальной организации, таким как доверие, нормы и социальные сети» [17, 167]. Далее приводится ряд примеров, иллюстрирующих то, что он считает социальным капиталом, как данное явление работает и т.д. Однако из сути этих объяснений остаётся неясным, каковы отношения между различными компонентами социального капитала.

Например, в одном случае он утверждает, что компоненты социального капитала самоусиливаются и накапливаются, в других случаях он рассматривает их как особый инфинитив или как другую форму данного феномена, либо как одну из его особой черты [17, 170; 177]. Другими словами, неясно, находятся ли компоненты социального капитала на одном уровне или один из них причинно влияет на другие. При этом Р. Патнэм объясняет, что социальное доверие может возникать из родственных источников: норм взаимности и сетей [18, 171], и в то же время, соответственно, сети и нормы должны предшествовать доверию. В своей последней книге «Боулинг в одиночку: крах и возрождение американского сообщества» он определяет социальный капитал аналогичным образом: «Социальный капитал относится к связям между людьми – социальным сетям и вытекающим из них нормам взаимности и доверия» [18, 19]. В остальной части его работы свидетельством краха американского сообщества выступает снижение уровня активности граждан в социальных сетях и общественных объединениях.

Вместе с тем, создаётся впечатление, что Р. Патнэм ограничивает концепцию социального капитала только связями людей. Подобная аффилированность также признаётся и в попытках европейских исследователей, чтобы определить или описать феномен «социальный капитал». Так, тот же Дж. Коулман утверждает, что социальный капитал связан со способностью людей общаться друг с другом [3].

Большой вклад в теорию социального капитала внесён американским филосом и политологом Ф. Фукуямой в книге «Доверие: социальные добродетели и путь к процветанию». Здесь он утверждает, что межличностное доверие является основой возникновения широкого спектра социальных отношений, вернее, поскольку транзакционные издержки в условиях взаимного доверия невелики, межличностное доверие является основой процветающей экономики. По его мнению, «Если люди, которым приходится работать на предприятии, доверяют друг другу…, ведение бизнеса обходится дешевле» [6, 27].

Тезис о том, что «взаимное доверие облегчает сотрудничество между людьми», поддерживался и известными европейскими исследователями XX и начала XXI веков. К примеру, ещё в начале прошлого столетия известный немецкий философ и социолог Г. Зиммель уверял, что доверие – это «синтетическая сила внутри общества». Следовательно, социальный капитал относится к качествам социальных отношений, которые повышают способность участников достигать своих интересов, и которые на более общем уровне представляют собой его ресурс. Этими важными качествами являются межличностное доверие, взаимная поддержка, общие нормы и понимание [2].

Следуя Дж. Коулману, Г. Зиммель фиксирует, что ядром социального капитала является доверие, основанное на нормах обобщённой взаимности. Хотя Р. Патнэм придерживается мнения, что «Обобщенная взаимность относится к продолжающимся отношениям обмена, которые в любой момент времени являются безответными или несбалансированными. Однако он включают взаимные ожидания того, что выгода, предоставленная сейчас, должна быть погашена в будущем» [17, 172]. Иными словами, человек делает что–то для кого–то не потому, что ожидает немедленного возмещения, а будет находиться в смутном ожидании, что это может сделать кто–то взамен для вас в ближайшем будущем. Американский социолог и экономист Дж. Собел, изучая концепцию социального капитала Р. Патнэма, называет негативные последствия снижения социального капитала самой разочаровывающей её частью [21], с чем нельзя не согласиться.

Согласно утверждению западных исследователей, ещё одним важным компонентом социального капитала, как выше было упомянуто, является

участие субъекта в социальных отношениях или социальных сетях. Чем более люди социально вовлечены, тем больше у них возможностей построить взаимные отношения и вызвать межличностное доверие. Оно необходимо не только для участия в «сетях гражданского участия» [17, 171], но и для продолжения социальных отношений. В свою очередь, «социальные отношения вымирают, если их не поддерживать; ожидания и обязательства со временем увядают; а нормы зависят от регулярного общения» [10, 321]. Более того, социальные отношения представляют собой капитальный актив личности, то есть «ресурс, который, будучи однажды накоплен, может быть использован или доступен по мере необходимости, делает возможным достижение в противном случае невозможных целей» [9, 609].

Иначе говоря, социальные сети рассматриваются как, своего рода, предпосылка для наращивания социального капитала. Вовлеченность в сети и плотная социальная сеть являются необходимым условием возникновения социального капитала. Как писал кубинско–американский социолог А. Портес, «в научных исследованиях растёт консенсус в отношении того, что социальный капитал означает способность субъектов получать выгоды благодаря членству в социальных сетях или других социальных структурах» [16, 6]. Фактически, социальные сети позволяют мобилизовать социальные контакты, от которых человек может получить пользу, и они, как показывает практика, влияют на происходящие изменения в жизни человека. Однако, как утверждают европейские исследователи П. Пакстон и Дж. Муди, социальные связи должны быть не только объективной, связи обязаны являться определённого рода, а также доверительными и взаимными [5].

Совершенно очевидно, что степень популярности и частое использование концепции социального капитала среди западных исследователей ещё не привели к единодушию ни в том, как его следует определять, ни в том, как его необходимо измерять и эмпирически оценивать. В опубликованной литературе по социальному капиталу встречается большое разнообразие определений и измерений, в связи с чем, сделан вывод, что «измерения социального капитала производятся довольно ситуативными, прагматичными и бессистемными способами» [12, 19].

Безусловно, эффективное и надежное измерение социального капитала, как среди западных, так и учёных–обществоведов других стан, всё ещё отсутствует, возможно, из–за многомерного характера её концепции. Большинство учёных сходятся во мнении, что измерение социального капитала включает четыре взаимосвязанных компонентов: 1) межличностное доверие, 2) институциональное доверие, 3) участие в жизни

гражданского общества (формальное и неформальное) и 4) надежность самих респондентов [1; 5; 6; 12].

Межличностное доверие измеряется доверием большинству людей, и при этом не чувствовать угрозу в общении с ним. Возможны два варианта, что а) большинству людей можно доверять и б) нельзя быть слишком осторожным. Этот индикатор доверия занимает центральное место в работе американских специалистов по нейроэкономике П. Зака С. Кнака о взаимосвязи между доверием и экономическим ростом. Они представляют модель роста общего равновесия, которая предсказывает, что:

– более высокое доверие увеличивает инвестиции и экономический рост;

– однородные общества демонстрируют более высокий уровень доверия и, следовательно, инвестиций и экономического роста;

– эгалитарное распределение доходов повышает доверие и тем самым увеличивает инвестиции и экономический рост;

– дискриминация снижает доверие, сокращая инвестиции и экономический рост;

– существует ловушка бедности с низким уровнем доверия [23].

Вышеназванные исследователи приходят к выводу, что доверие само по себе положительно и значимо связано с ростом во всех случаях, когда оно включается в регрессию роста с помощью мер формальных институтов или социальной дистанции. Результаты подтверждают предсказание модели о том, что формальные институты и социальная однородность ускоряют экономический рост отчасти за счёт укрепления доверия.

Согласно утверждению Р. Пакстона, институциональное доверие или «доверие к институтам» является вторым измерением показателей социального капитала. В число его институтов он включает: церковь, вооружённые силы, систему образования, прессу, профсоюзы, полицию, парламент, государственную службу, средства социального обеспечения, Европейский Союз, Организацию Объединенных Наций, здравоохранение и программу ухода за пациентами, а также структуру правосудия [15].

Третье измерение — это участие в гражданском обществе или «участие в социальных сетях». Оно может относиться к двум формам участия: участие в неформальных сетях или отношениях (социальная активность), с одной стороны, и формальные сети или отношения (членство в организации и/или выполнение волонтерской работы для нее) с другой. По мнению Р. Патнэма, не так уж важно, активным сотрудником какой организации является человек. Это он обосновывет тем, что «Сети гражданского участия, такие как региональные ассоциации, художественные коллективы, кооперативы, спортивные клубы, массовые партии, представляют собой интенсивное горизонтальное взаимодействие.

Сети гражданского участия являются важной формой социального капитала» [17, 173]. Р. Патнэм также указывает на отличие членства от волонтёрства: членство определяется путём простого подсчёта количества организаций, сотрудниками которых являются сами эти люди, а волонтёрскую работу они выполняют добровольно.

Наконец, четвертое измерение, надежность или «нормы взаимности», действительно труднее измерить с помощью данных Европейского добровольного обслуживания (EVS). Чтобы исследовать такие нормы эмпирически, стоит рассмотреть идеи С. Кнэка и П. Кифера. По их мнению, нормы взаимности определяются «отношением к сотрудничеству с анонимными другими людьми в условиях дилеммы заключенного» [13, 1258]. Другой полученный показатель гражданского сотрудничества отражает заявленную готовность личности маневрировать при столкновении с проблемой коллективных действий, что можно рассматривать как «надежность». Ввиду этого, гражданское сотрудничество возникает из готовности поставить групповые или чьи–либо интересы выше чисто индивидуальных интересов, и люди вносят свой вклад в коллективные усилия.

Само собой разумеется, применяя факторный анализ, на наш взгляд, можно находить средние значения любого цивилизованного государства по четырём выше перчисленным компонентам социального капитала и корреляциям между ними как на индивидуальном, так и на совокупном уровне. Результаты такого подхода даёт основания утверждать, что социальный капитал действительно является многогранным явлением. Между тем, на индивидуальном уровне ассоциации людей довольно скромны, и, в частности, связи между доверием и участием в гражданском обществе кажутся низкими, однако на макроуровне они кажутся более крепкими, как и должно ожидаться.

Стоит подчеркнуть, что известными западными исследователями вопросы социального капитала разрабатываются в тесной связи с проблематикой человеческого капитала. С момента появления теории человеческого капитала в науке в 60–х годах прошлого века многие исследователей пытались изучить органическое взаимодействие этих двух социальных явлений и связанные с ними положения.

Концепция человеческого капитала в трудах большинства западных исследователей рассматривает образование и обучение как инвестиции в навыки и компетенции. Например, американские социологи и экономисты Т. Шульц и Дж. Беккер утверждают, что, основываясь на рациональных ожиданиях отдачи от инвестиций, люди принимают решения об образовании и профессиональной подготовке, которые они получают, как способ повышения своей производительности [8; 21].

Аналогичное направление исследований сосредоточено на взаимодействии между уровнем образования рабочей силы и показателями технологической деятельности в публикациях американских учёных Р. Нельсона и Э. Фелпса. Согласно их теории, более образованная (квалифицированная) рабочая сила облегчает производству внедрение и использование новых технологий, тем самым увеличивая отдачу от образования и обучения. Эмпирические исследования предоставляют данные, подтверждающие совокупный эффект образования и профессиональной подготовки [14].

Позднее А. Бартель и Ф. Лихтенберг в своих исследованиях обосновали положение, что уровень образования положительно связан с технологическими изменениями в соответствующих секторах [7]. Английский социологи и политолог К. Крауч и другие выдвинули определённые доказательства того, что высокообразованные работники в последнее время с большей вероятностью будут заняты в секторах, подверженных международной конкуренции, предполагая тесную связь между уровнем образования/квалификации работников и осуществляемой технологической деятельностью [4]. Рассматривая это воздействие на общество в целом, американский социолог П. Робертс утверждает, что образование и профессиональная подготовка являются частью набора ключевых ингредиентов, поддерживающих рост членов социума, которые он называет «социальными возможностями» [19].

Думается, данный тезис П. Робертс вполне обоснован, и социальный капитал положительно коррелирует с уровнем образования, являющегося одним из основных компонентов человеческого капитала. Более высокий уровень образования, как правило, приводит к созданию относительно плотных сетей, в которых формируется социальный капитал, а высокий уровень социального капитала также ведёт к улучшению возможностей образования. Такое динамическое соотношение, к сожалению, не учитывалось в исследованиях других западных учёных–обществоведов, анализирующих влияние социального капитала на рост развития современных обществ. В методологическом плане это предполагает рассмотрение условий взаимодействия социального капитала и образования, как составляющего человеческого капитала.

Подводя итог вышеизложенному краткому анализу, эвентуально заключить, что в научных публикациях западных исследователей относительно разработки проблемы социального капитала и его тесного взаимодействия с человеческим капиталом показано их превращения в основную движущую силу производства и общественного прогресса. Несомненно, чтобы расти и расширять производство и потребление на душу населения, тем самым, повышая уровень жизни граждан, каждое

государство должно способствовать умножению социального и человеческого капитала, с учётом имеющихся реалий производства. Это необходимо потому, что потребность в росте производительности становится сильнее в условиях современной глобализации, где страны конкурируют как за ресурсы, так и за рынки. Поскольку рост производительности во все большей степени зависит от разработки и применения новых технологий, государственная политика должна быть направлена на рост социального и человеческого капитала, повышение их качества, а также эффективности использования.

Для того чтобы лучше понять влияние различных факторов на социальный и человеческий капитал, важно иметь чёткое представление об их размерах, процессе создания и о том, что влияет на накопление и эффективное использование этих основополагающих предикаторов существования и развития общества. С целью объективации определения человеческого и социального капитала современные зпадные исследователи используют, разработанную Дж. Руджери и Уилям Ю., трактовку, которая включает четыре основных измерений: а) потенциал, б) приобретение, в) доступность и г) эффективность [20]. С нашей точки зрения, данная классификация служит двум основным целям:

– во–первых, она помогает определить, какая стратегия влияет на социальный и человеческий капитал, и на каком этапе их развития;

– во–вторых, это способствует выявить связи, по которым социальный и человеческий капитал переходит от одной стадии к другой. Подобная категоризация также помогает разработать программу исследований, всесторонне рассматривающую различные вероятные последствия социального и человеческого капитала.

Для каждого измерения социального и человеческого капитала ведущими западными учёными разработан набор показателей процесса их накопления и перспективных результатов. В то время как индексы результатов напрямую влияют на количество или качество социального и человеческого капитала на различных этапах, индикаторы данного процесса влияют на показатели их результатов. Поскольку развитие стран зависит от проводимой ими политики накопления и умножения социального и человеческого капитала, многие из достигнутых показателей будут косвенно влиять на их рост. Например, такие показатели, как здравоохранение, образование, иммиграционная политика, расходы на научно–исследовательские и опытно–конструкторские работы и т.д., будут определять достойный статус граждан в государстве, что в конечном итоге будет определять дальнейшее его развитие.

В качестве заключительного вывода отметим, что большинство положений, предложенные западными исследователями концепта

социального и человеческого капитала, можно применить для изучения и разработки вопросов, связанных с данными феноменами в условиях независимых постсоветских государств, в том числе и Республики Таджикистан. Однако при этом необходимо учитывать особенности и социально–экономических реалий этих государств, которые во многом отличаются от тех производственно–технических возможностей развитых западных стран.

ЛИТЕРАТУРА

1. Дементьев И.А. Доверие как индикатор социального капитала // Вестник Северного (Арктического) федерального университета. Серия: Гуманитарные и социальные науки. – 2011. – №2. – С. 40–45.

2. Зиммель Г. Социальная дифференциация: Социологические и психологические исследования / Авториз. пер. с нем. Н.Н. Вокач и И А. Ильина; Под ред. и с предисл. Б.А. Кистяковского. – М.: М. и С. Сабашниковы, 1909. – 323 с.

3. Коулман Дж.С. Капитал социальный и человеческий // Общественные науки и современность. – 2001. – № 3. – С. 122–139.

4. Крауч К. Победит ли гиг–экономика?–М.: Высшая школа экономики, 2020. – 144 с.

5. Пакстон П., Муди Дж. Структура и чувство: объяснение эмоциональной привязанности к группе // Социальные и гуманитарные науки. Отечественная и зарубежная литература. Серия 11: Социология. Реферативный журнал. – 2004. – №2. – С. 32–47.

6. Фукуяма Ф. Доверие: социальные добродетели и путь к процветанию: Пер. с англ. – М.: «Издательство АСТ», 2004. –730 с.

7. Bartel A.P., Lichtenberg F. The Comparative Advantage of Educated Workers in Implementing New Technology // The Review of Economics and Statistics. – 1987. Vol. 69. – №1. – Pp. 1–11.

8. Becker G.S. Human Capital: A Theoretical and Empirical Analysis, with Special Reference to Education. – University of Chicago Press, 2009. – 412 pp.

9. Boisjoly J., Duncan G.J., Hofferth S'Access to social capital // Journal of Family Issues. – 1995. – №16 (5). – P. 609–631;

10. Coleman J.S. Foundations of social theory. – Cambridge: Harvard University Press, 1990. – 993 pp.

11. Coleman J.S. Access to capital and terms of credit: A comparison of men– and women– owned small businesse // Journal of Small Business Management. – 2000. – №38 (3). – Pp. 37–52.

12. Flap H. No Man is an Island. The Research Program of a Social Capital Theory: Paper presented Workshop on Rational Choice and Social Networks, Jan. 26 to 28. – Nias, Wassenaar, 1995. – 45 pp.

13. Knack S., Keefer P. Does Social Capital Have An Economic Payoff? A CrossCountry Investigation // Quarterly Journal of Economics. – 1997. – Vol. 112. – № 4. – S. 1251–1288.

14. Nelson R.R., Phelps E.S. Investment in Humans, Technological Diffusion, and Economic Growth // American Economic Review. – 1966. Vol. 56. – № 1/2. – P. 69–75.

15. Paxton P. Is Social Capital Declining in the United States? A Multiple Indicator Assessment. American Journal of Sociology. – 1999. – №105 (1). – Pp. 88–127.

16. Portes A. Social Capital: Its Origins and Applications in Modern Sociology // Annual Review of Sociology. – 1998. – № 24. – Pp. 1–24.

17. Putnam R.D. Making Democracy Work: Civic Tradition and Modern Italy. – Princeton, NJ: Princeton University Press, 1993. – 387 pp.

18. Putnam R.D. Bowling Alone: the collapse and revival of American community. – New York, 2000. – P. 171.

19. Roberts P. Doubt, despair and hope in western thought: Unamuno and the promise of education // Educational Philosophy and Theory. – 2015. Vol.. 47. – №11. – Pp. 1198–1210.

20. Ruggeri G.C., Yu W. Capital Income Taxation, Labor Supply, and Work Effort // JSPES. – 2001. Vol. 26. – №1. – Pp. 303–320.

21. Sobel J. Can we trust social capital? Journal of Economic Literature // Journal of Economic Literature. – 2002. – Vol. 40. – №1. – P. 139–154.

22. Schultz T.W. Investment in Human Capital // The American Economic Review. – 1961. Vol. 51. – №1. – Pp. 1–17.

23. Zak P., Knack S. Trust and Growth // Economic Journal, Royal Economic Society. – 2001. – №111 (470). – Pp. 295–321l.

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ САРМОЯИ ИҶТИМОӢ ВА ИНСОНӢ ДАР АСАРҲОИ МУҲАҚҚИҚОНИ ҒАРБӢ

САИДОВ АБДУЛМАНОН САТТОРОВИЧ,
доктори илми фалсафа, профессори кафедраи илмҳои ҷамъиятшиносии
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино 29–31;

Мусаллам аст, ки таҳқиқи масъалаҳои сармояи иҷтимоӣ ва инсониро ҳамчун объекти омӯзиши илмӣ аввалин маротиба олимони ғарбӣ оғоз кардаанд. Онҳо дар пажуҳишҳои худ кӯшиш кардаанд, ки мафҳуми мукаммали ин падидаҳоро шаҳру тавзеҳ дода, моҳият ва нақши онҳоро дар рушди ҷомеа муайян намоянд.

Комилан равшан аст, ки олимони ғарбӣ дар ибтидо сармояи иҷтимоӣ ва инсониро дар доираи воситаҳои илмии назарияи иқтисодӣ омӯхтанд. Аммо, баъдан, ҳудуди таҳқиқоти таҳлили ин мушкилот васеъ шуд ва ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, файласуфон ва дигарон фаъолона ба баррасии илмии он шуруъ намуданд. Албатта, олимони ҷомеашиноси ғарбӣ дар таълифоти худ, ҳарчанд паҳлуҳои зиёди масъалаҳои сармояи иҷтимоӣ ва инсониро таҳия карда бошанд ҳам, бо вуҷуди ин, дар мавриди таърифи мафҳум ва сохтори ин падидаҳо то ҳол ба тавофуқ наомадаанд.

Калидвожаҳо: *сармояи иҷтимоӣ, сармояи инсонӣ, муҳаққиқони ғарбӣ, ҷомеа, иқтисод, эътимоди иҷтимоӣ, маориф ва ғайра.*

REFLECTION OF THE PROBLEM OF SOCIAL AND HUMAN CAPITAL IN THE WORKS OF WESTERN RESEARCHERS

SAIDOV ABDULMANON SATTOROVICH,
Doctor of Philosophy, Professor of the Department of Social Sciences of the State Educational Institution "Tajik State Medical University named after Abu Ali ibn Sino"
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Sino str. 29–31;

It is well known that the study of the problems of economic and human capital as an object of scientific knowledge, initially was started by Western (American and European) scientists. In their elaborations, they attempted to give an exhaustive definition of these phenomena, to reveal their essence and role in the development of society.

It is quite obvious that initially social and human capital Western scientists were studied within the framework of the scientific tools of economic theories. However, then the boundaries of research analyzes of these problems expanded, and they began to actively conduct scientific research by sociologists, political scientists, philosophers, etc.

Of course, Western scientists–societies conduct in their publications, although they develop many aspects of the problems of social and human capital, nevertheless, they still have not come to a consensus on the definition of the concept and structure of these phenomena.

Keywords: *social capital, human capital, Western researchers, society, economics, social trust, education, etc.*

УДК: 1.12(53):1.1

ТАСНИФОТИ ИЛМҲО АЗ НАЗАРИ МУҲАММАД ҒАЗЗОЛӢ

ЗИЁЕВ ИДИБЕК ҒОЗИЕВИЧ,
доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи диншиносии
факултаи фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 935-91-00-04.

НАСРИДДИНОВ ҲУКМИДДИН НАҶМИДДИНОВИЧ,
унвонҷӯйи кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии
факултаи фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 907-07-32-88.

Таснифоти илмҳо ҳанӯз аз мактаби фалсафаи Арасту оғоз ёфта, мутобиқ ба он илмҳо ба ду қисми асосӣ–назарӣ ва амалӣ ҷудо гардида, илмҳои назарӣ ба се қисми асосӣ–табииёт, риёзиёт ва илоҳиёт тақсим шудаанд. Айнан дар ҳамин ҳол илмҳои амалӣ низ ба се қисм–таҳзиби ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мадантӣ (мудун) тақсимбандӣ шудаанд.

Дар улуми илоҳиётшиносӣ низ ба хотири ташаккули улуми илоҳиётшиносӣ ва дифоъ аз мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат ва пок нигоҳ доштани он аз олоишҳои машшоиён, ки боиси таъсиси мактаби калом гаштааст, аз аввалин иқдомҳоест, ки дар низоми илоҳиётшиносии ислом ба вуҷуд омадааст. Ташаккулёбии мазҳабҳои фиққӣ ва ба расмият даромадани мазҳаби ашъарӣ ва аҳли ҳадис, шакли такоммулёфтаи ин табақабандӣ дар асрҳои 5 ва 6-уми ҳиҷрӣ зуҳур намуд, ки намунаи барҷастаи он тақсимбандии назарияи Муҳаммад Ғаззолӣ мебошад, ки дар нахустин китоби «Рубъи ибодот»–и «Эҳё», ки «Китоби илм» номида мешавад, инъикос ёфтааст. Ин тақсимбандии Муҳаммад Ғаззолӣ ба тақсимбандии сӯфиён шабоҳати зиёд дошта, андешаҳои ӯ, пеш аз ҳама, дар такя бо мақсадҳои тарбиявӣ ба хотири тазкияи нафс ва сулук равона гардидааст.

Калидвожаҳо: *тасниф, илм, мактаб, фалсафа, назария, амалия, физика, математик, теология, ахлоқ, сиёсат, мазҳаб, тасаввуф, ботин ва ғайра.*

Табақабандии илмҳо ҳанӯз аз мактаби фалсафаи Арасту оғоз ёфта, мутобиқ ба он илмҳо ба ду қисми асосӣ–назарӣ ва амалӣ, ҷудо гардида, илмҳои назарӣ ба се қисми асосӣ–табииёт, риёзиёт ва илоҳиёт тақсим шудаанд. Айнан дар ҳамин ҳол илмҳои амалӣ низ ба се қисм–таҳзиби

ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун тақсимбандӣ шудаанд. Мутафаккирони мусалмони шарқӣ аз Яъқуб ибни Исҳоқ ал –Киндӣ шуруъ карда, баъд дар осори Форобӣ («Эҳсо–ул–улум») ва Ибни Сино («Ақсом–ул–улум–ил–ақлия») мақоми хосса пайдо кардаанд [3, 25].

Дар улуми илоҳиётшиносӣ низ ба хотири ташаккули он ва дифоъ аз мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат, инчунин, пок нигоҳ доштани он аз олоишҳои машшоиён, ки боиси таъсиси мактаби калом гаштааст, аз аввалин иқдомҳоест, ки дар низоми илоҳиётшиносии ислом ба вуҷуд омадааст. Ташаккулёбии мазҳабҳои фиқҳӣ ва ба расмият даромадани мазҳаби ашъарӣ ва аҳли ҳадис, шакли такоммулёфтаи ин табақабандӣ дар асрҳои V ва VI ҳичрӣ зуҳур намуд, ки намунаи барҷастаи он таснифоти Ғаззолӣ мебошанд, ки дар нахустин китоби «Рубъи ибодот»-и «Эҳё», ки «Китоби илм» номида мешавад, инъикос ёфтааст. Ин тақсимбандии Ғаззолӣ ба тақсимбандии сӯфиён шабоҳати зиёд дошта, андешаҳои ӯ, қабл аз ҳама, дар такя бо мақсадҳои тарбиятӣ ба хотири тазкияи нафс ва сулук равона гардидааст. Таҳлили андешаҳои Ғаззолӣ дар асари «Эҳё» нишон медиҳад, ки поя ва моияи тақсимбандии илмҳо дар чаҳорчӯбаи мероси тасаввуфи исломӣ сурат гирифтааст.

Дар табақабандии Ғаззолӣ, илм аввалан ба «фарзи айн» ва «фарзи кифоят» тақсим шудааст, ки ӯ онро дар боби дувуми «Рубъи ибодот» овардааст. Ғаззолӣ «Дар баёне, ки фарзи айн аст» бо такя бар ҳадиси «Талаб–ул–илми фаризатун ало кулли муслимин» (Талаб кардани илм барои тамоми мусалмонон фарз мебошад) бо овардани мисолҳо аз мутакаллимон, фуқаҳо, муфассирон, сӯфиён ва ғайра, баҳсеро ба вуҷуд овардааст, ки кадоме аз ин илмҳо барои мусалмонон фарз, кадоме фарзи айн ва кадоме фарзи кифоя мебошад. Хулосаи таҳлили ақволи зикршуда ин аст: «Он чӣ аҷаб аст, ки муҳассил бад–он қатъ кунад ва дар он бе райбат (шакку тардид) бошад он аст, ки дар хутбаи ин боб гуфта шудааст, ки илм ду аст: илми муомала ва илми мукошафа ва мурод аз илми воҷиб илми муомала аст» [13, 47].

Аз ин гуфтаҳои Муҳаммад Ғаззолӣ маълум аст, ки илм ба ду қисм: муомала ва мукошафа тақсим аст ва ба қавли ӯ, ҳама илмҳое, ки ба ақли инсонҳои маъмулӣ сарукор доранд, танҳо ба илми муомала дохил мешаванд. Илми мукошафа (ваҳӣ) марбут ба анбиё (илми мукошафа (илҳом) ба авлиё марбут) мебошад, ки анбиё бо халқ ба ҷуз дар баёни роҳ ва намудани он бад–эшон сухан нагуфтаанд [13, 47–48].

Илми муомала, тибқи табақабандии Ғаззолӣ, ба ду қисм ҷудо мешавад: илми зоҳир ва илми ботин. Илми зоҳир илми амалҳои бадани инсон, ё ибодат аст ё одат. Илми ботинӣ илмест, ки марбут ба амалҳои дил аст. Дар асоси хуб ва бад будани ин илм, Ғаззолӣ онро низ ба ду қисм

«тааллуқ ба ҷавореҳ дорад» ва боз ба ду қисм–ибодат ва одат гурӯҳбандӣ мегардад. Илми ботин, ки «нисбати он ба аҳволи дил ва ахлоқи нафс аст, низ ду қисм аст: мазмум (носутуда, бад) ва маҳмуд (сутуда, хуб). Ва дар илми муомала назар аз ин чаҳор қисм берун намешавад» [13, 21].

Ҳамин тариқ, тибқи гуфтаҳои Ғаззолӣ, фақат илм ба амалҳо воҷиб мебошад, ки талабаш айни фарз аст, ба ҷуз аз он, ҳама фарзи кифоя мебошанд. Тамоми илмҳое, ки дар табақабандии Ғаззолӣ ҷузъи илми «фарзи кифоя» маҳсуб мешаванд, ба ду даста–шаръӣ ва ғайришаръӣ тақсим шудаанд. Табақабандии илмҳо, аз нигоҳи Ғаззолӣ, дар ду гурӯҳ бино шудааст: 1) ба меъёрҳои ахлоқӣ (маҳмуд ва мазмум, хубу бад); 2) ба меъёрҳои мактабӣ (ҳаққу ботил). Ба андешаи мутафаккир, илмҳое, ки шаръӣ нестанд, ба се гурӯҳ, яъне «маҳмуд», «мазмум» ва «мубоҳ» ҷудо мешаванд.

Илмҳои ғайришаръии маҳмуд, яъне хуб, тибқи андешаи Ғаззолӣ, илмҳое мебошанд, ки «масоили дунё бад–он боз баста аст», аз қабили тиббу ҳисоб, ки онҳо ҳам ба фарзи кифоя ва фазилат тақсим гардидаанд. Аммо илмҳои шаръӣ дар тақсимбандии Ғаззолӣ ба ду қисм ҷудо шудаанд: хуб (маҳмуд) ва бад (мазмум). Илмҳои хуб (маҳмуд), ба гуфти Ғаззолӣ чаҳор навъ мебошанд: усул, фуруъ (шоха), муқаддимот (асос, аввал), мутаммимот (изофаҳо, замимаҳо).

Усул–Қуръон, суннат, иҷмои уммат, қиёс; фуруъ (шохаҳо)–фиқҳ, илми аҳволи дил ва ахлоқи хуб; муқаддимот–илми наҳв, луғат; мутаммимот (такмилдиҳандаҳо) – илми таҷвид, қироат, илми усули фиқҳ «Мақосид-ул-фалосифа»–и Ғаззолӣ аввалин асари ӯст, ки дар он дар бораи ахлоқ сухан рафтааст. Ин асар баъди соли 484 /1091–2 дар муддати камтар аз ду сол, яъне замоне, ки ӯ ба омӯзиши фалсафа ба хотири фаҳмидани он оғоз намуда буд, таълиф ёфтааст [1, 69–70]. Ӯ дар шакли мухтасар дар бораи се илми файласуфон, мушаххасан мантиқ, табииёт (физика) ва илоҳиёт (метафизика) баҳс кардааст. Ҳадафи ӯ бидуни шарҳу баёни иловагӣ дар бораи илмҳои фалсафӣ ҳисоботи аниқу объективӣ додан буд. Инкор намудани ин илмҳо, гуфта буд ӯ, дар китоби баъдӣ ба анҷом расонида хоҳад шуд [9, 3 – 32].

Ғаззолӣ илмҳои мантиқ, илоҳиёт (метафизика) ва табииёт (физика)–ро маҳз дар ҳамин пайдарпайӣ шарҳ дода, қабл аз муҳокима дар бораи метафизика ду мулоҳизаи муқаддимавиро пешниҳод кардааст. Аввал, ба қисмҳои илм дахл дошта, илми ҳикматро (Ал–илм–ул–ҳикмат) ба ду қисм ҷудо мекунад. Якум, бо афъоли инсон машғул буда, илми амалӣ номида мешавад; вай ба ошкор кардани амалҳое равона шудааст, ки ҳам дар ин дунё ва ҳам дар охират ба хайрияти инсон мусоидат менамоянд. Дувум, ҳолатҳои мавҷудотро ҳамчунон ки ҳастанд, дониста мегирад ва он илми

назарӣ номида мешавад. Акнун илми амалӣ, дар навбати худ, боз ба се қисм тақсим мешавад. Яке аз онҳо илм дар бораи муносибати инсон бо дигарон мебошад, ки нуқтаи олии онро "сиёсат-ул-мудун" (илми сиёсат**)** ташкил медиҳад. Дувумаш, илм дар бораи «тадбири манзил» (рӯзгордорӣ) буда, дар бораи чӣ гуна бо зан, фарзандон ва хидматгорон зиндагӣ кардан ва пеш бурдани корҳои рӯзгордориро меомӯзонад. Севум, илми сеюми амалии «таҳзиб-ул-ахлоқ» (илми ахлоқ**)** мебошад, ки ба хотири табиати хуб доштан ва накукор боқӣ мондани инсон чӣ гуна рафтор карданро таълим медиҳад [9, 134–135]. Муҳаммад Ғаззолӣ дар асараш «Таҳофут-ул-фалосифа», ки тахминан соли 488/1095 таълиф ёфтааст, инкор хоҳад кард.

Дар ин китоби охиринаш ӯ ба муқобили дидгоҳи файласуфон ба табиият (физика) ва илоҳиёт (метафизика) баромадааст, аммо иҷоза додааст, ки мантиқ бидуни баҳс аз илмҳои бебаҳс ҳисобида шавад. Ӯ таснифоти илмро, ки дар «Мақосид» ворид намуда буд, ҳифз кардааст, аммо айни замон сарчашмаҳои фалсафии худ, осори Ибни Сино ва Форобиро, ки ба ақидаи ӯ, беҳтарин асарҳои файласуфони мусалмонанд, ки дар ҳақиқат, фалсафаи Арастуро фаҳмидаанд. Дар назарияи таснифоти илмҳои Ғаззолӣ, зоҳиран осори Ибни Сино, ки ӯ ҳам илми амалиро ба се қисм тақсим намудааст, ки Ғаззолӣ онҳоро дар асараш «Мақосид» зикр кардааст, муассир ба назар мерасад [6, 46–47].

Дар сарсухан ба китоби «Аш–Шифо» Абуалӣ ибни Сино чунин тафовутро байни илмҳои назариявӣ ва амалӣ гузаронидааст ва баъдан ҳамон се қисми илмҳои амалӣ: сиёсат, тадбири манзил (рӯзгордорӣ) ва таҳзиб–ул–ахлоқ (илми ахлоқ)–ро ҷудо намудааст [11,12–14]. Ин таснифот аз осори Абунасри Форобӣ бо номи «Таснифи илмҳо», ки дар он илми ахлоқи мустақил зикр наёфтааст, аммо ба илми сиёсат бе ном бурдани он дохил шудааст [7, 3-32]. Муҳаммад Ғаззолӣ ба таснифоти Ибни Сино, ки ба андешаи ӯ, илми ахлоқ илми мустақили амалӣ буда, яъне аз сиёсат-ул - мудун (илми сиёсӣ) ҷудо мебошад.

Аввалин тасдиқи Муҳаммамад Ғаззолӣ дар бораи илми ахлоқ дар матне пешниҳод шудааст, ки тахмин мекунад, ки вай аз файласуфон гирифта шудааст. Тасдиқоти асари «Мизон-ул-амал» пайдо намуд, ки аз рӯйи хронология пайдарпай омадаанд, мисли он ки баъди «Мақосид», асари «Таҳофут-ул-фалосифа» омадааст.

«Меъёр-ул-илм» иборат аз баёни мантиқ ва илова намудан ба «Таҳофут-ул-фалосифа» [7, 16-17] мебошад ва имкон дорад, ки баъди охирин навишта шуда бошад. Дар он Муҳаммад Ғаззолӣ исбот менамояд, ки мусалмонҳои бомаърифат метавонанд мантиқи арастуиро, бидуни зарурат аз таълимоти дигари фалсафӣ, пайравӣ намоянд. Ғаззолӣ мақоми муқаддимоти исботнашавандаи таҳлили Абуалӣ ибни Синоро ҷонибдорӣ

намудааст, ки асосан ба асари «Ишорот ва танбеҳот»-и Ибни Сино такя мекунад. Аммо шарт нест, ки ӯ ҷонибдори махсуси таълимоти ахлоқии Ибни Сино бошад. Ӯ шояд таҳлили муқаддамоти ахлоқиро мутобиқ гардонида, онҳоро бо илоҳиёт омезиш медиҳад ва аз ин роҳ нақши муҳим доштани онҳоро барои таълимоти исломӣ шарҳу баён менамояд [3, 193 – 198].

Дар китоби «Меъёр-ул-илм» Муҳаммад Ғаззолӣ ваъда медиҳад, ки ин муқаддамоти ахлоқиро дар нисбати донишҳо ва амалҳое, ки ба сӯйи саодати мутлақ бурда мерасонанд, истифода хоҳад бурд. Усулу методи ӯ, ҳамчунон ки худаш тасдиқ мекунад, аз доираи тақлиди кӯркурона берун мебарояд; зимни истифодаи идеалии он, ӯ метавонад ба сатҳи намоиши он дар мувофиқат бо шарту муқаррароти дар асараш «Мизон» нишондода бениҳоят душвор аст ва ҳама чизе, ки дар асоси далелҳои ботинӣ ва зоҳирӣ гуфтан метавон он аст, ки ин китоб дар замони гузаришие таълиф ёфтааст, ки Ғаззолӣ баъди омӯзиши фалсафа ба таҳқиқи масоили ирфонӣ» аз рӯйи тартиби хронологӣ баъд аз асари «Мизон» омадааст [13, 79-81]. Китоб аз сӣ қисми дорои ҳаҷмҳои гуногун иборат буда, шабоҳати зиёди ин китоб бо китоби «Эҳё», аз як тараф, ва бо китоби «Ад-дарва ило макорим аш–шарва»-и Роҳиби Исфаҳонӣ мансубияташро ба Ғаззолӣ зери шубҳа қарор медиҳад [13, 3]. Сарфи назар аз он ки тақсимкунии возеҳу равшани он ба фаслҳо, ки як қатор бобҳоро дар бар бигиранд, вуҷуд надорад, вале баъзе ин фаслҳоро метавон калидӣ (мифотоҳӣ) номид ва онҳо барои тақсимкунии китоб ба қисмҳои бузургтар хизмат мекунанд. Аз миёни онҳо чунин нуктаҳоро таъкид менамоем:

1. Баёни он ки сустӣ дар талаби саодат ҳамоқат аст.
2. Баёни он ки сустӣ дар талаби имон ба рӯзи растохез низ ҳамоқат аст.
3. Баёни он ки тариқи саодат ва илму амал аст.
4. Баёни он ки тазкияи нафс, қувваҳо ва ахлоқи он бар сабили мисол ва иҷмол.
5. Баёни иртиботи қувваҳои нафс бо ҳамдигар.
6. Баёни нисбати илм ва амал ва натиҷабахшии он барои саодат, ки муҳаққиқони сӯфия ҳамагӣ дар он иттифоқи ақида доранд ва соҳибназароне аз дигар гурӯҳҳо бо онҳо ҳамроҳӣ кардаанд.
7. Баёни фарқ миёни тариқи сӯфия дар ҷониби илм ва тариқи дигарон.
8. Баёни бартарии яке аз ду тариқ.
8. Баёни ҷинси он улум ва амал, ки инсонро ба ҷаннати моваройӣ мерасонанд.

Аз номгузории онҳо маълум аст, ки «Меъёрҳои илм» бо «амал» сарукор дорад. Мақсади ӯ он аст, ки воситаҳои фарққунанда ва анҷом

додани «амали хуб»-ро, ки ба саодат мебаранд, кушода додан аст. Ҳамин тариқ, ин китоб таҳқиқест дар бораи навъҳои дониш ва амалҳое, ки ба ҳадафҳои олии инсон алоқаманд мебошанд. Муҳаммад Ғаззолӣ тақсимоти илмҳо ва андешаеро тасдиқ мекунад, ки ахлоқ илми амалӣ мебошад, ки дар «Мақосид» оварда шудаанд. Ғаззолӣ дар байни донишҳои амалӣ ва назариявӣ ба мисли он ки дар «Мақосид» барои файласуфон навишта буд, гуфтааст: *"Илми амалӣ аз се навъи илм иборат аст: илм дар бораи нафс дар нисбати сифатҳо ва хислат (ахлоқ)... илме ки чӣ гуна бо зан, фарзандон, хидматкорон ва ғуломон рафтор кардани мардҳоро меомӯзонад (тадбири манзил – идоракунии манзил ё рӯзгордорӣ). Сиёсати мудун–илм дар бораи идора кардани одамони шаҳр ва соҳаи сиёсат мебошад"* [14, 55].

Аҳаммияти ин тасдиқ дар он аст, ки дар ин ҷо Муҳамммад Ғаззолӣ тақсимоти фалсафии илмҳои Ибни Синоро ҳамчун тақсимоти шахсии худ қабул дорад. Аммо муҳимтар он тартибе аст, ки ӯ ворид кардааст: илми аввалин илми сегонаи амалӣ, яъне таҳзиб–ул–ахлоқ (ахлоқ), илми олитарин ва муҳимтарин илми амалӣ ба ҳисоб меравад [13, 54]. Илова бар ин, Ғаззолӣ даъвои он мекунад, ки ахлоқ дар ин ҷо ҳамчун «ҳадафи олии ин китоб» (Меъёр) фаҳмида мешавад. Ҷойи дигари ҳамин китоби «Меъёр» низ Ғаззолӣ ба такрор тасдиқ мекунад, ки ахлоқ илми амалӣ мебошад ва ҳамин гуфтаҳоро аз нав таъкид кардааст [11, 160–161].

Дигар тасдиқоте, ки оварда шудаанд, дар «Меъёр» барои аниқ кардан ва тағйир додани мавқеи Муҳаммад Ғаззолӣ хизмат мекунанд. Дар «Меъёр» ӯ таҳлили равонии нафсро пешниҳод мекунад, ки дар «Мақосид» ва «Тафовут» вуҷуд доранд. Дар асоси ин таҳлил, вай фазоилро мавриди баҳс қарор дода, роҳи чӣ гуна ба саодати олӣ расиданро шарҳ медиҳад. Зеро саодати ниҳоӣ, ба андешаи Ғаззолӣ, танҳо дар охират метавонад амалӣ гардад. Мавсуф ирфон, яъне фанни тарбияи хислатро ворид месозад, то ки бештар ҳадафи ахлоқро дастгирӣ намояд. Дар бобе, ки тафовути усулҳои ақлӣ ва ирфониро дар нисбати илм нишон медиҳад, ӯ тасдиқ менамояд, ки дар байни онҳо мувофиқате нисбати амал вуҷуд дорад, аммо онҳо дар нисбати илм фарқ мекунанд [12, 43].

Истилоҳи «амал» дар ин ҷо маънои васеътари ахлоқ–«таҳзиби нафс» ва «ибодат»-ро низ дар бар мегирад [12, 48–52]. Дар ҷойи дигари асари «Меъёр»-и Муҳаммад Ғаззолӣ версияи дигарро пешкаш мекунад, ки тибқи он илмҳо ба илмҳои шариатӣ ва ақлия тақсим мешаванд ва ӯ тасдиқ мекунад, ки онҳо якдигарро пурра карда, бо ҳам мухолифат надоранд. Аммо дар худи ҳамон боб ӯ илмҳоро ба илмҳои иктисобӣ (аз ҷониби ақл қабулшуда), ба илмҳои «дунявӣ» (дунявия) ва «охиратӣ» (ухравия) тақсим мекунад, ки ба андешаи ӯ, онҳо дар муқобили якдигар қарор доранд.

«Амали хуб» дар ин ҷо бо илмҳои ухравӣ алоқаманд мебошанд [11, 147 – 148].

Ҳамин тариқ, андешаи мутафаккир Муҳаммад Ғаззолӣ ба ақл дар «Меъёр» ҳамчун дидгоҳи фалсафӣ оғоз шуда, баъдан тавсеа ёфта, як қатор унсурҳои ирфонӣ ва диниро дар бар мегирад. Онро метавон ба тариқи зайл тавсиф кард:

1) ахлоқ аз сиёсат вобаста набуда, пеш аз ҳама, ба камолоти ахлоқии шахсият машғул мегардад. Ин, албатта, андешаҳои пештараи Ғаззолиро, ки аз Абуалӣ ибни Сино дар бораи ахлоқ ҳамчун илми мустақили амалӣ гирифта буд, тасдиқ менамояд;

2) Ахлоқ илми бунёдӣ буда, хидматгори ҳама илмҳост. Муфассалан дар «Эҳё улум ад–дин» тавсиф ёфтааст, ки аз ҷониби ҳама муҳаққиқони афкори исломӣ асари муҳимтарини Ғаззолӣ эътироф шудааст. Худи Ғаззолӣ дар дигар асараш қайд кардааст, ки онро маҳз ба хотири ҳадафи ягона–посух гуфтан ба эътирозҳо нисбати «Эҳё» таълиф намудааст. Ӯ ҳамчунин, ду шакли мухтасари онро, яке ба забони арабӣ ва дигаре ба забони форсӣ, таълиф намудааст.

Ин асар бояд тули чандин солҳо таълиф шуда бошад. Чунин ба назар мерасад, ки Ғаззолӣ онро баъди навиштани «Рисола-ул–Қудсия» замони ба Байтулмуқаддас омаданаш навиштааст, мебошанд, зеро рисола ба китоби дувуми қисми аввали «Эҳё», ки дар он Ғаззолӣ қоидаҳои рамзҳои диниро мавриди баҳс қарор додааст, ворид кардааст: «Биёед, қонеъ шавем, ки мо барои сокинони Байтулмуқаддас навишта, онро «Рисолаи Байтулмуқадас рочеъ ба рамзҳо» номидаем, мебошанд [11, 180].

Дар асараш «ал–Мунқиз» Ғаззолӣ гуфтааст, ки ӯ соли 488/1096 аз Бағдод ба Димишқ рафтааст; баъди ду соли сукунат дар он ҷо, сипас ба Байтулмуқаддас рафтааст [14, 100]. Ҳамин тариқ, Ғаззолӣ наметавонист, ки то ибтидои соли 491 (9 декабри соли 1097.) ба он ҷо рафта бошад. Ва «Эҳё» наметавонист, ки то соли 491/1049 ва ё зимни сафари худ ба Макка ва Мадина ва баръакс, ба Хуросон рафта бошад.

Теъдоди зиёди дастнависҳои ин китоб ва инчунин, зиёд будани китобҳои дар ҳимояи он навишташуда ва тафсирҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин китоб ба афкори исломӣ таъсири зиёд расонидааст [8, 100 – 122].

Таҳқиқоти мо дар бораи муносибати Муҳаммад Ғаззолӣ ба ахлоқ дар ин мақола мавриди шарҳу баёнҳои мухталиф ва зидди якдигар қарор дошт, ки андешаҳои гуногуни хонандагонро ба вуҷуд овард, ки китоби «Эҳё» бароятшон навишта шуда буд. Сарфи назар аз он ки интихоби истилоҳи “думаънодор” метавонист мақсаднок буда бошад, худи хонанда метавонад бо таърифи пурраи мафҳуми «дин»-и дар китоб омадаро пайдо намояд:

«Зери мафҳуми дин мо амалияи динӣ байни инсон ва Худои ӯро мадди назар дорем». Пас дар ин маврид «илми дин» маънои фиқҳ, илоҳиёт ва суннати исломиро надорад.

АДАБИЁТ

1. Абуалӣ Ахмад Мискавайҳ. Таҳзиб–ул–ахлоқ.–Бейрут, 1964. – 394 с.
2. Абдурраҳмон Бадави. Таълифот-ул–Ғаззолӣ. – Қоҳира, Иҷтимоия, 1961. – 703 с.
3. Абунаср ал–Форобӣ. Эҳсо–ул–улум. – Қоҳира: Дор-ул- фикр ал–араби, 1949. – 410 с.
4. Абунаср ал–Фороби. Китобул-миллат ва нуфус.–Бейрут: Дор-ул – Машриқ, 1968. – 387 с.
5. Аристотель. Никомахова этика. Пер. Н.Брагинской. – *Аристотель*. Сочинения: В 4 т. Т. 4. – М., 1984. – 448 с.
6. Ғаззолӣ. Мақосид-ул- фалосифа. – Қоҳира, 1961.–660 с.
7. Ғаззолӣ. Таҳофут-ул–фалосифа.–Бейрут: Imprimerie Catholique, 1927. –349 с.
8. Ғаззолӣ. Эҳё ул–улум ад–дин. Рубъи ибодот.–Қоҳира, 1963. – 406 с.
9. Диноршоев М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик. – Душанбе, 1988. *– 224 с.*
10. Ибни Аби ал–Дунё. Макорим-ул-ахлоқ.–Бейрут: Дор-ул- машриқ, 1975. – 387 с.
11. Ибни Сино. Шифо: Муқаддима.–UAR Wizarat al–Ma'arif al – 'Umumiyyah, 1952. – 518 с.
12. Ибни Сино. Нафус. – UAR Wizarat al – Ma'arif al–'Umumiyyah, 1952. – 326 с.
13. Меъёр-ул-илм. – Қоҳира: Дорулмаориф, 1958. – 458 с.

КЛАССИФИКАЦИЯ НАУК С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МУХАММАДА ГАЗАЛИ

ЗИЁЕВ ИДИБЕК ГОЗИЕВИЧ,
доктор философских наук, профессор кафедры религиоведения философского факультета Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудакӣ 17;
тел.: (+992) 935–91–00–04

НАСРИДДИНОВ ХУКМИДДИН НАДЖМИДДИНОВИЧ,
соискатель кафедры истории философии и социальной философии философского факультета Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17;
тел.: (+992) 907-07-32-88.

Классификация наук началась ещё с философской школы Аристотеля, согласно которой они делились на две основные части – теоретические и практические, а теоретические науки, в свою очередь, на три основные части–естествознание, математика и теология. При этом практические науки также были разделены на три части–нравственное воспитание, жизненная мораль и политика.

В теологии, чтобы развивать богословскую науку и защищать религию последователей сунны и общины, необходимо сохранять её свободной от лжи, что привело к созданию теологической школы, одну из первых ступеней, возникших в богословской системе ислама. Формирование школ фикха и формализация школы ашари и хадисов, усовершенствованная форма этого наслоения появилась в V и VI веках Хиджры, наиболее ярким примером которого является разделение теории Газали, которая есть в первой книге «Рубъи Ибадат» – «Возрождение», которая называется «Книга науки». Классификация Газали очень похожа на классификацию суфиев, и его мысли, прежде всего, направлены на просветительские цели.

Ключевые слова: *классификация, наука, школа, философия, теория, практика, физика, математик, теология, этика, политика, религия, суфизм, внутренний мир и др.*

CLASSIFICATION OF SCIENCES FROM THE POINT OF VIEW OF MUHAMMAD GHAZALI

ZIYOEV IDIBEK GOZIEVICH,
Doctor of Philosophy, Professor of the Department of Religious Studies of Faculty of Philosophy of the Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17;
тel.: (+992) 935-91-00-04.

NASRIDDINOV KHUKMIDDIN NAJMIDDINOVICH,
applicant of the Department of History of Philosophy and Social Philosophy of the Faculty of Philosophy of the Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17;
тel.: (+992) 907-07-32-88.

The classification of sciences began with the philosophical school of Aristotle, according to which they were divided into two main parts – theoretical and practical, and theoretical sciences, in turn, into three main parts – natural science, mathematics and theology. At the same time, practical sciences were also divided into three parts – moral education, life morality and cultural policy.

In theology, in order to develop theological science and protect the religion of the followers of the Sunnah and the community, it is necessary to keep it free from lies, which led to the creation of the theological school, one of the first stages that arose in the theological system of Islam. The formation of declensions of fiqh and the formalization of the declension of Ashari and Hadith, an improved form of this layering appeared in the 5–th and 6–th centuries of the Hijra, the most striking example of which is the division of the Ghazali theory, which is reflected in the first book of the Rubi Ibadat – «Renaissance», which is called the «Book of Science». Ghazali's classification is very similar to that of the Sufis and his thoughts are primarily based on educational purposes to develop the soul.

Keywords: *classification, science, school, philosophy, theory, practice, physics, mathematician, theology, ethics, politics, religion, Sufism, inner world, etc.*

УДК: 316.624

ТАШХИСИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН УСУЛИ ПЕШГИРИИ КАҶРАФТОРИИ ИҶТИМОӢ

КОМИЛОВА МАВҶУДА ДАВЛАТҶОНОВНА,
номзади илми фалсафа, докторанти кафедраи сотсиологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.:(+992) 93-514-80-80; e-mel: komilova.1976@mail.ru.

Дар мақола муаллиф ташхиси иҷтимоиро аз лиҳози илми сотсиология васеъ таҳлил намуда, истифодабарии навъҳои таҳқиқоти сотсиологиро дар раванди ташхиси иҷтимоӣ арзёбӣ намудааст. Ба андешаи сотсиологҳо, ташхиси иҷтимоӣ барои бартараф намудани буҳрони иҷтимоӣ ё падидаҳои номатлуби иҷтимоӣ дар раванди номуайянии рушди иҷтимоӣ, ҳамчун усули самарабахши мубориза бар зидди каҷрафтории иҷтимоӣ ва консерватизми иҷтимоӣ, муҳим мебошад. Ташхиси иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, барои муайян кардани моҳияту тавсифи ҳодисаю равандҳои иҷтимоӣ, муҳим буда, барои таҳлили минбаъдаи ин равандҳо ва ҳодисаҳои иҷтимоӣ ҳамчун қадами аввалин ва зарурӣ амал мекунад.

Дар раванди таҳлили мавзуъ муаллиф ба масъалаи муайян намудани объект, принсипҳо, вазифаҳо ва усулҳои истифодабарандаи ташхиси иҷтимоӣ (таҳлили сабаб, масъала, вазъият) таваҷуҳ намуда, ҳолати воқеии объекти ташхиси иҷтимоиро мушаххас таҳлил кардааст. Ҳамзамон, муаллиф мақолаҳои олимони ватаниро, ки дар мавзуи каҷрафтории иҷтимоӣ пажуҳиш ва корҳои илмӣ бурдаанд, инъикос намудааст. Ӯ дар охири мақола ташхиси иҷтимоиро, ҳамчун яке аз усулҳои пешгирии каҷрафтории иҷтимоӣ ва воситаи коҳиш додани шумораи каҷрафторӣ, тавсия медиҳад.

Мақола барои кормандони иҷтимоӣ, равоншиносон ва сотсиологон муҳим буда, онро барои тадбирҳои пешгиринамоӣ ва роҳандозии (коррексия) каҷрафтории иҷтимоӣ метавон истифода бурд.

***Калидвожаҳо**: ташхиси иҷтимоӣ, каҷрафтории иҷтимоӣ, инҳироф, технологияи иҷтимоӣ, пешгирии иҷтимоӣ, пешгирии каҷрафторӣ, объекти ташхис, усулҳои ташхис.*

Сатҳи баланди паҳншавии инҳироф дар ҷомеаи муосир зарурати мукаммалгардонии тадбирҳои пешгирии каҷрафтории иҷтимоиро ба миён овард. Барои таҳқиқи ин масъала бояд, пеш аз ҳама, ба мафҳуми “пешгирӣ” равшанӣ андозем, чунки он яке аз истилоҳоти марказӣ ҷиҳати омӯзиши масъалаи инҳироф ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи омӯзиши бархе аз

адабиёти илмии ба ин масъала бахшидашуда, маълум мегардад, ки мафҳуми “пешгирӣ” (профилактика) аз решаи калимаи юнонии “prophylaktikos” гирифта шуда, маънои луғавиаш пешгирикунанда, чораҳои аввалияи пешгирӣ ва роҳ надодани чизе, пеши роҳи чизеро гирифтан, яъне маҷмуи чораҳо барои пешгирии ягон раванд, падида ё ҳодисае мебошад.

Ҳамин тариқ, худи истилоҳи «пешгирӣ» одатан, бо пешгирии ягон ҳодисаи номатлуб алоқаманд аст, яъне пешгирии ягон ҳодиса, падида ё раванд, ки боиси оқибатҳои ногувор шуда метавонанд. Дар кори иҷтимоӣ зери маънои “пешгирии иҷтимоӣ” амалҳои илман асосёфта ва саривақтие фаҳмида мешаванд, ки ҷиҳати пешгирии муноқишаҳои эҳтимолии ҷисмонӣ, равонӣ ё иҷтимоӣ–фарҳангии байни шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои хатарнок; нигоҳ доштан ва ҳифзи сатҳи муқаррарии зиндагӣ ва саломатии одамон, мусоидат ба расидани мақсадхо ва кушодани иқтидори ботинии онҳо равона шудаанд. Ба маънои васеъ, “пешгирии иҷтимоӣ” маҷмуи тадбирҳои пешгирикунандае, ки ба нигоҳ доштан ва мустаҳкам намудани ҳолати муътадили тартиботи иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, фаҳмида мешавад. Таъқид намудан бамаврид аст, ки пешгирии кӯҷрафторӣ яке аз бахшҳои пешгирии иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

Барои таҳлил намудани пешгирии кӯҷрафтории иҷтимоӣ мебоист якчанд назария ва консепсияҳои муҳаққиқонро таҳлил намоем. Дар солҳои охир олимони тоҷик дар таҳқиқи масъалаи кӯҷрафтории иҷтимоӣ саҳми худро гузошта, ҷиҳати омӯзиши ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоир гардида истодааст. Аз ҷумла, мақолаҳо ва пажуҳишҳои илмии равоншиносони тоҷик С.Х. Расулов ва Н.М Раҷабов доир ба нақши оила дар пешгирии кӯҷрафтории наврасон боиси таваҷҷуҳ ва омӯзиши амиқ аст [6]. Муҳаққиқон ва олимони ҳуқуқшинос Ш.Ҳасанов ва Р.Раҷабзода омӯзиши сабабҳои пайдоиши кӯҷрафтории иҷтимоиро дар ҷомеаи муосир ба таври васеъ таҳлил намуда, меъёрҳои иҷтимоӣ ва тарбияи ахлоқиро, ҳамчун омили муқовимат бо кӯҷрафтории иҷтимоӣ ва ифротгароӣ, баррасӣ намудаанд [7;14]. Муҳаққиқон Б.С Асламов, С.Х.Ҳусейнзода ва Т.А Хабирова тарбияи ҳуқуқиро ҳамчун воситаи пешгирӣ ва танзими кӯҷрафтории ҷавонон мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор додаанд [1]. Пажуҳишгарон ва олимони соҳаи педагогика Г.Р. Сайдуллоева, Ш.Н. Гулмаҳмадов ва И.Б. Холов нақш ва фаъолияти педагогҳоро дар самти офиятбахшӣ ва пешгирии кӯҷрафторӣ дар раванди таълим таҳқиқ намудаанд [8;13]. Пажуҳишгар Ш.Ш. Шохоликзода дар мақолаи худ нақш ва самти муҳиммии фаъолияти омӯзгоронро дар пешгирии ангезаҳои ифротгароӣ ва кӯҷравии наврасон васеъ шарҳ додааст [16]. Сотсиологҳои ватанӣ низ роҷеъ ба ин мавзуъ бо истифода аз усулҳои тадқиқоти сотсиологӣ *(миқдорӣ ва сифатӣ)* омилҳои пайдошавӣ ва навъҳои

кағрафториро таҳқиқ намуда, роҳҳои пешгирии онро бо ҳар роҳу равиш тавсия менамоянд. Муҳаққиқ Ғ.Қаҳҳоров технологияи иҷтимоиро яке аз воситаи омили пешгирии ифродгароии динӣ баррасӣ намудааст [5]. Пажуҳишгар Ҳ. Самадов роҳҳои бартараф кардани яке аз зуҳуроти хатарнок дар ҷомеа нашъамандиро дар ҷомеа ба таври васеъ шарҳ додааст [9]. Н.Шоев бошад, сабабҳои кағрафтории иҷтимоиро дар раванди маргинализатсия ошкор намуда, роҳҳои пешгиринамоии ин падидаро таҳқиқ кардааст [15].

Усулҳои таҳлилии сотсиологӣ дар илми сотсиология барои пешгирии кағрафтории иҷтимоӣ ба мо имкон медиҳанд, ки сабабҳои пайдоиши баъзе мушкилоти иҷтимоиро ошкор созем ва яке аз усулҳое, ки ба таҳқиқи мавзуи мазкур мувофиқ аст, ин ташхиси иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки мавзуи ташхиси кағрафтории иҷтимоӣ аз тарафи олимони ватанӣ то ҳануз ба таври зарурӣ таҳқиқ нашудааст. Аз ин лиҳоз, тасмим гирифтем, ки ташхиси кағрафтории иҷтимоиро ҳамчун усули пешгирии кағрафтории иҷтимоӣ тасвир намоем.

Усули ташхиси иҷтимоӣ дар соҳаҳои сотсиологияи рафтори девиантӣ, идоракунӣ, ҳуқуқ, оила, меҳнат, маориф ва ғайра бомуваффақият истифода мешавад. Усули ташхиси иҷтимоӣ дар амалияи тадҳиқоти сотсиологӣ ҳамчун воситаи ҷамъоварии донишҳои комплексии сотсиологӣ дар охири асрҳои XIX—XX ворид шуд. Ибораи "ташхиси иҷтимоӣ" дар охири солҳои 1920 ва ибтидои солҳои 1930 дар доираи истилоҳи илмӣ ворид гардид. Дар адабиёти мавҷудаи илмӣ ва таълимӣ тавсифи “ташхиси иҷтимоӣ”–ро мутолиа намудан мумкин аст, аммо беҳтарин тавсиф, ба назари мо, дар луғати тафсирии «Технологияҳои иҷтимоӣ» (1995) оварда шудааст, ки дар он ташхиси иҷтимоӣ технологияи омӯзиши хосси худро дошта, дар адабиёти соҳавӣ ҳамчун раванди беҳтарнамоии фазои иҷтимоӣ дар асоси бунёди навоваронаи воқеияти иҷтимоӣ, таъсири фаъолона ба рушди системаҳои иҷтимоӣ муайян карда мешавад[11]. Ба андешаи ҷомеашиносон, ташхиси иҷтимоӣ барои бартараф намудани буҳрони иҷтимоӣ ё падидаҳои номатлуби иҷтимоӣ дар раванди номуайянии рушди иҷтимоӣ, ҳамчун усули самарабахши мубориза бар зидди карахтӣ ва консерватизми иҷтимоӣ, мебошад. Усули ташхиси иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, барои муайян намудани моҳияту тавсифи ҳодисаю равандҳои иҷтимоӣ муҳим буда, барои таҳлили минбаъдаи ин равандҳо ва ҳодисаҳои иҷтимоӣ ҳамчун қадами аввалин ва зарурӣ амал мекунад.

Асосҳои назариявии ташхиси иҷтимоӣ ҳанӯз ба қадри кофӣ инкишоф наёфтаанд, аз ин рӯ, барои муайян намудани (коркарди) «методология», ба илмҳое, ки дар он ҷузъҳои умумии ташхис муайян ва шарҳ дода мешаванд, назар меандозем. Ташхис аз калимаи лотинии “diagnosticos” гирифта шуда,

маънои луғавиаш дарёфтан мебошад. Ин вожа ба илми сотсиология аз соҳаи тиб ворид шудааст [18,19]. Дар илми тиб барои интихоби усулҳои оптималии табобати бемор аз рӯйи зуҳуроти берунии он ташхиси тиббиро васеъ истифода мебаранд. Бояд зикр намуд, ки бахши илми тиб ҳамчун навъи аз ҳама пешрафтаи ташхис дар адабиёт доир ба коркарди назарияҳо ва методологияи ташхис ба ҳисоб меравад. Ин истилоҳ ҳоло дар соҳаи физика дар таҳияи ташхиси плазма, ҳамчун маҷмуи усулҳои ченкунии тавсифоти плазма, дар илмҳои техникӣ ва дар амалияи муҳандисӣ барои муқаррар кардан ва омӯхтани аломатҳо истифода мешавад, ки мавҷуд будани нуқсонҳои мошинаҳо, дастгоҳҳо ва ғайраро тавсиф мекунад. Дар илми равоншиносӣ низ ин истилох васеъ истифода бурда мешавад ва дар он ташхиси равонии фардӣ алоҳида пешбинӣ шуда, аз нуқтаи назари равоншиносӣ ташхис шинохти падида ва муайян кардани ҳолати равонии шахс мебошад.

Инак, барои таҳлили истилоҳи “ташхис” мо ба соҳаҳои дигар илмҳо рӯ овардем, вале мақсади мо айни замон ошкор намудани ташхиси иҷтимоӣ дар илми сотсиология мебошад. Аз лиҳози назари методологӣ ташхиси иҷтимоӣ дар сотсиология донишҳои зарурироро доир ба коркарди пешгӯйиҳо ва лоиҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ таҳия карда, дар асоси онҳо афкори ҷамъиятӣ ва фазои маънавию равонии ҷомеа омӯхта мешаванд. Он дар ташаккул ва рушди ҳалли тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад.

Барои расидан ба ҳадафҳои худ мо, инчунин, ба мутафаккирони ҷомеашинос рӯ меорем. Муҳаққиқи рус В.В. Шербина ташхиси иҷтимоиро ҳамчун фаъолияте меҳисобад, ки барои муайян кардани зинабандии масъала нигаронида шудааст ва сарчашмаи он аз зиддиятҳои байни ҳадафҳо ва манфиатҳои гурӯҳҳои одамон иборат мебошад. Ӯ қайд намудааст, ки ташхиси иҷтимоӣ барои муайян кардани масъала ва каҷравиҳои иҷтимоӣ ҷойгоҳи махсусро дорад, зеро дар он саривақт хусусиятҳои падидаи мавҷудбуда муайян гардида, натиҷагирӣ карда мешаванд. Оғози конструктивии ташхиси иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки роҳҳо ва воситаҳои ҳалли масъалаи иҷтимоӣ омода карда шаванд. Ташхиси иҷтимоиро метавон ҳамчун маҷмуи принсипҳо ва усулҳои омӯзиши аломатҳои иҷтимоӣ баррасӣ кард [17].

Муҳаққиқ О.А. Уржа дар муҳандисии иҷтимоӣ (социальная инженерия) усули ташхиси иҷтимоиро ҳамчун методологияи идоракунии иҷтимоӣ истифода бурда, онро ҳамчун афзори (инструментария) мушаххас дар раванди ошкоркунии масоили иҷтимоӣ баррасӣ кардааст. Ташхиси иҷтимоӣ ба омӯзиши пайдарҳамии муайян асос ёфта, натиҷаҳои он дар идоракунии иҷтимоӣ ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва ҳалли

вазифаҳои асосии ташкилотҳои иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад. Барои баҳо додан ба вазъи тараққиёти ҷомеа натиҷаҳои экспертӣ, маълумоти оморӣ ва ғайра истифода мешаванд. Инчунин, ӯ қайд намудааст, ки ташхиси иҷтимоӣ натанҳо ҳамчун раванди ба даст овардани маълумот дар бораи ҳолати объекти таҳқиқшаванда, балки ҳамчун воситаи махсуси стандартизатсияшудаи усули гирифтани маълумоти ҳатмии иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Дар ин ҷо сухан дар бораи тартиби тавсифҳои объекти таҳқиқшаванда, нишондиҳандаҳо (детерминатҳо) ва омилҳои онҳо меравад, ки дар зери таъсири онҳо нишондиҳандаҳо тағйир меёбанд, ҷараёни ин тағйиротро бо усулҳои ташхиси иҷтимоӣ ошкор намудан мумкин аст [12].

Маълумоти ба даст овардашуда дар бораи ҳолати объекти иҷтимоӣ барои коркарди қарор дар хусуси таъсир расондан ба омилҳое, ки онро муқаррар кардаанд ва самтро муайян намудаанд, муҳим мебошад. Мақсади асосии ташхис иборат аз коркарди тавсияҳо барои муносиб кардани объекти омӯзиш иборат аст. Методологияи гузаронидани ташхиси объекти иҷтимоӣ, дар баробари тасвир, маросими муайян кардани таносуби ҳолати воқеиро бо ҳолати “идеалӣ” дар назар дорад. Ба андозаи ихтилофи ин параметрҳо дараҷаи “касалӣ”-и объекти иҷтимоӣ, берун баромадан аз ҳолати дилхоҳ муайян карда мешавад ва ин имкон медиҳад, ки самтҳои таъсири тағйирдиҳанда пешбинӣ карда шаванд. Аз гуфтаҳои дар боло зикршуда бармеояд, ки ҳадафи асосии ташхиси иҷтимоӣ–муайян намудани хусусиятҳои хос ва сабабҳои раванд ё падидаи иҷтимоӣ мебошад. Дар омӯзиши масъалаи каҷрафтории иҷтимоӣ мо низ усули ташхиси иҷтимоиро барои пешниҳоди минбаъдаи усули мушаххаси пешгиринамоии каҷрафторӣ ва инҳироф дар ҷомеа муқаррар ва арзёбӣ менамоем.

Муайян намудани объекти ташхиси иҷтимоӣ барои таҳқиқот масъалаи муҳим мебошад. Объекти ташхиси иҷтимоӣ метавонанд шахсони алоҳида, гуруҳҳои иҷтимоӣ, табақаҳои иҷтимоӣ, ассотсиатсияҳои алоҳида (масалан, мақомоти давлатӣ), инчунин, равандҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ бошанд. Масалан, дар назарияҳои сатҳи миёнаи илми сотсиология каҷрафтории иҷтимоӣ низоми таҳқиқи пайдарҳамии хосси худро дорад ва инҳироф, рафтори ношоям, ҷиноятқорӣ, танфурӯшӣ, нашъамандӣ ва ғайра ҳамчун объекти ташхиси иҷтимоӣ фаҳмида мешаванд.

Дар сохтори ташхиси иҷтимоӣ сатҳҳои муайяни ташкил кардани он вуҷуд доранд ва дар ҳамаи ҳолатҳои иҷтимоӣ барои ташхиси оқилона се марҳаларо гузаштан лозим аст. Ин вазъият дар ташкил намудани усулҳои ташхиси каҷрафтории иҷтимоӣ низ муҳим мебошад. Аз ин рӯ, шаклҳо ва хусусиятҳои зерини раванди ташхиси иҷтимоӣ таҳлил карда мешаванд:

1. Шиносоии пешакӣ бо объект, гузоштани вазифаҳо, муайян кардани таркиби ҳолатҳои ташхис, интихоби нишондиҳандаҳо, усулҳо ва ғ;

2. Андозагирӣ (ченкунӣ) ва таҳлили нишондиҳандаҳо;

3.Бозёфтҳо ва хулосаҳо.

Муҳаққиқ Н.С.Данакин дар барномаи курси "Технологияҳои иҷтимоӣ" амалия ва пайдарҳамии ташхиси иҷтимоиро ҷудо карда, чунин пешниҳод менамояд:

a) ташхиси сифатӣ–ҳолати объектро дар вақти баҳодиҳӣ муайян менамояд;

b) ташхиси миқдорӣ – тасаввуротро дар бораи шиддатнокӣ таъмин менамояд;

c) хусусиятҳои ошкоршудаи объектро нишон медиҳад;

d) сабабҳои ҳолати воқеии предметро ошкор менамояд;

e) вазифаҳои иҷрокардаи объект ва оқибатҳои тағйирёбии онро ошкор мекунад [3].

Дар баробари муайян кардани сатҳҳои ташхиси иҷтимоӣ, инчунин, донистани принсипҳои умумии он муҳим мебошанд, ки инҳо:

1. Принсипи объективӣ, яъне риоя намудани қоидаҳо ҳангоми интихоби объекти таҳқиқот. Масалан, дар мавзуи «Каҷрафтории ҷавонон» маҳдудиятҳои синнусолӣ дар мафҳумҳои «ҷавон» ва «наврас» метавонанд тафсирҳои гуногун дошта бошанд ва муайян кардани мансубият ба яке аз ин гурӯҳҳо мушкилотро ба миён меоварад. Вазъи иҷтимоии ноболиғон ва ҷавонон низ як нишондиҳандаи баҳснок аст, зеро дар тафриқабандии сохтори синну сол муайян намудани дигаргуниҳо ва ҷузъиёти фарқкунадаи он на ҳама вақт пурра тасвир шудаанд. Яъне, бо ибораи дигар, аз рӯйи меъёр муайян намудани сохтори иҷтимоии ҷавонон ва наврасон вобаста ба касб, дараҷаи мутобиқшавӣ, мансубият ба зерфарҳанги мушаххас, сатҳи даромад ва ғайра ба қадри кофӣ таҳия нашудаанд. Аз ин лиҳоз, объекти ташхиси иҷтимоӣ аз гуногунии усулҳои тадҳиқоти интихобшуда ва эътимоднокии хусусияти системавии таҳқиқот вобаста аст. Дар тадҳиқоти сотсиологӣ одатан, пурсишҳои анкетавӣ фаъолона истифода мешаванд ва усулҳои дигари ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот (тестҳои психологӣ, мусоҳибаҳои ташхисӣ, усулҳои махсуси таҳлил) ва таҳлили вазъият аксар вақт сарфи назар карда мешаванд.

2. Принсипи сабабӣ – муайян намудани робитаҳои сабабӣ байни маълумоти бадастомада дар раванди ташхис хеле муҳим мебошад. Зеро ба эътибор нагирифтани ин принсип, боиси пешомади мушкилот ба тамоюли муайяншуда мегардад, ки дар оянда ба баҳодиҳии объективии вазъият, дурнамоӣ (пешгӯйӣ) ва пешгирии иҷтимоӣ таъсири худро мегузорад. Принсипи таҳлили сабабҳо ҳамчун усули ташхиси иҷтимоӣ хароҷоти

бисёрро талаб мекунад. Дар сатҳи касбӣ, яъне дар татбиқ ва амалияи тадҳиқоти сотсиологӣ барои мақсади кам кардани сарфи маблағ одатан, методи сифатиро истифода мебаранд. Бо усули баҳодиҳии экспертӣ мусоҳибаи амиқ, фокус гурӯҳ, контент–таҳлил, инчунин, дигар воситаҳо (интихоби коршиносон, таъсири омилҳои беруна ё равонӣ ва ғайра) мувофиқ мебошад.

3. Принсипи маҷмуӣ (комплексӣ)–мувофиқи он каҷрафтории иҷтимоӣ бо омилҳои сершумор вобастаанд, барои ҳамин дар ин ҷо дар бораи принсипи шартии маҷмӯи омилҳо сухан гуфтан мумкин аст. Аз рӯйи нишондодҳо каҷрафтириро дар ҷомеа танҳо бо як ҷанба тавсиф ва мукаммал баҳо додан, ғайриимкон аст. Масалан, таҳлили муайян намудани сабабҳои мушаххаси падидаҳои каҷрафтории ҷавонон бо омилҳои биологӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ пурра карда мешавад. Дар ин ҷо сабабҳои каҷрафтории ҷавонон зинабандӣ шуда, принсипи комплексӣ, яъне маҷмуи омилҳо истифода мешавад. Аз ин рӯ, сабабият бо дарназардошти яклухтии маҷмуи омилҳои амалкунанда боз ҳам ташхиси иҷтимоиро инкишоф дода, пурра мегардонад.

4. Принсипи эътиборнокӣ (валидность)–талаботи ин принсип дар он аст, ки воситаҳои ташхиси истифодашаванда бояд ба хусусияти объекти таҳқиқот мувофиқ бошанд, яъне масъалаҳои мушаххаси тиббиро бо усулҳои тиббӣ ва иҷтимоиро бо роҳҳои психологию иҷтимоӣ меомӯзанд. Ин принсип махсусан, дар ташхиси иҷтимоӣ муҳим аст, зеро дар ин самт маълумоти хеле гуногун мавҷуд аст. Барои эътиборнок (асоснок) намудани ташхис, маълумоти боэътимод ва машварати тахассусии олимон муҳиманд.

Ташхиси иҷтимоӣ танҳо дар он сурат самаранок мебошад, ки агар он аз рӯйи принсипҳои муайян: объективӣ, сабабӣ, маҷмуӣ ва асоснокӣ муқаррар карда шуда бошад. Принсипҳои ташхиси иҷтимоӣ бо истифода аз усулҳои гуногун, мушаххас, хос ва усулҳои дигар илмҳо амалӣ карда мешаванд, ки онро ҳамчун вазифаҳои ташхиси иҷтимоӣ баррасӣ намудан мумкин аст.

Вазифаҳои ташхиси иҷтимоӣ аз баҳодиҳии ҳолати объекти омӯхташаванда, муайян кардани сабабҳо ва чунин пешгӯйии оқибатҳои каҷрафтории иҷтимоӣ иборатанд. Аз ин рӯ, усули мувофиқи ташхиси иҷтимоӣ таҳия карда мешаванд, ки аз илмҳои сотсиология, психология ва психологияи иҷтимоӣ гирифта шудаанд. Аз нуқтаи назари пажуҳишгарон усулҳои истифодабаранда чунинанд:

– таҳлили сабабҳо;

– таҳлили масъала;

– таҳлили вазъият.

Барои ошкор намудани каҷрафторӣ дар ҷомеа ба мо зарурати таҳлили пайдарҳамии усулҳои дар боло зикршуда муҳим аст. Дар сатҳи сотсиология ташхиси иҷтимоӣ ба таҳлили сабабҳои каҷрафторӣ аз омӯзиши мунтазами муҳити иҷтимоӣ, ҳамчун омили муайянкунандаи он, равона шудааст. Баррасии сабабҳои каҷрафтории иҷтимоӣ аз омӯхтани меъёрҳои иҷтимоӣ маншаъ гирифта, боиси муайян кардани тамоюлҳо, муносибатҳо ва намунаҳои рафтори иҷтимоӣ мегарданд. Сабаби маҷмуи хосси ҳодисаҳои иҷтимоӣ аз объективӣ будани низоми омилҳои иҷтимоиро асос гирифта, рафтори инсонро дар ҷомеа муайян мекунад. Таҳлили сабабҳо аз омилҳои тағйирёбанда вобаста буда, ҳар як раванди иҷтимоӣ, мухолифати иҷтимоӣ, махсусан каҷрафторӣ (инҳироф) дар иҷтимоиёт аз ҷониби якчанд омилҳо муайян карда мешавад. Вазифаи ташхиси иҷтимоӣ арзёбии самаранокии баъзе тағйироти инноватсионӣ, инчунин, муайян кардани самтҳои оянда ва афзалиятнокии онҳоро дар бар мегирад.

Дар айни замон, барои муайян кардани каҷрафторӣ дар ҷомеа бояд давомнокӣ ва шиддатнокии омилҳои тағйирёбандаро ошкор кардан муҳим аст. Зеро каҷрафтории иҷтимоӣ ҳамчун объект бо омилҳои дохилӣ ва берунӣ амалӣ гашта, аз нигоҳи аввал мавҷудияти инҳирофро дар рафтори иҷтимоӣ дар умум нишон медиҳад. Яъне дар ин ҷо бо воситаи ташхиси иҷтимоӣ мо сарчашмаҳои тағйироти иҷтимоиро ба нишондиҳандаҳои дохилӣ ва берунӣ тақсим менамоем. Нишондиҳандаҳои дохилӣ дар худи низоми иҷтимоӣ амал мекунанд, аммо раванди нишондиҳандаҳои беруна аз унсурҳои иҷтимоӣ вобаста буда, ба хусусиятҳои инфиродии он (шакл, давомнокӣ, шиддат ва ғ.) таъсир расонида, тағйиротро ба миён меоваранд.

Мувофиқи таҳлилҳои дар боло овардашуда, мо манбаъҳои берунӣ ва дохилии каҷрафториро шарҳ медиҳем. Сарчашмаи беруна муҳити иҷтимоие мебошад, ки одамонро ба вайрон кардани меъёрҳои иҷтимоӣ водор месозад ва инъикоси он дар робитаҳои иҷтимоӣ ба микросотсиум инъикос меёбад. Манбаи дохилӣ эҳтиёҷоти худтаъкидкунӣ, муносибатҳои шахсӣ, қобилият, ҳолати равонӣ ва физиологии шахс мебошад. Дар пажуҳишҳо ҳамаи омилҳои каҷрафториҳои иҷтимоӣ ва ҳам шахсӣ ҳамчун детерминанти умумии иҷтимоӣ эътироф шудаанд.

Каҷрафтории иҷтимоиро аз рӯйи таҳлили сабабҳо дар адабиёти илмӣ васеъ мушоҳида намудан мумкин аст, ки онро тавсиф ва шарҳ медиҳад. Дар ин ҷо мавқеи назариявии муҳаққиқ Н.Смелзер мувофиқ меояд. Мувофиқи он каҷрафторӣ дар иҷтимоиёт дар шароити муайян имконпазир аст, аз ҷумла:

1) мавҷудияти меъёрҳои иҷтимоӣ;

2) таъсиси консепсияи ҷинояткорӣ ва системаи давлатии мубориза бо он;

3) эътироф кардани каҷрафтории иҷтимоӣ аз тарафи ҷомеа ба таври оммавӣ. Яъне дар ин ҷо ба эътибор гирифтани каҷрафторӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ басанда нест, бояд аз тарафи ҷомеа низ эътироф шавад;

4) эътироф кардани амал ҳамчун каҷрафторӣ (масалан, аз ҷониби суд маҳкумшуда ё дар клиникаи бемориҳои руҳӣ табобат гирифта ва ғ.);

5) доғ (стигмаи шахс ё гурӯҳи иҷтимоӣ) пасон дар маҷмуъ, ба каҷрафтории шахс пурра муҷозот дода мешавад. Таъсири тамғабандӣ ё доғи каҷрафторӣ ӯро тадриҷан бо ақидаи афкори беруна дар бораи худ ба созиш меоварад.

Аз рӯйи муқаррароти дар боло зикршуда бармеояд, ки муҳити иҷтимоӣ инсонро ба бегонашавӣ ташвиқ менамояд. Дар ин ҳолат бештар инҳироф аз арзишҳо, меъёрҳои иҷтимоӣ ва афкори ҷомеа вобаста буда, танҳо ҷомеа каҷрафтор будани онро натиҷабандӣ менамояд. Яъне инҳироф на аз худи каҷрафтор, балки аз баҳодиҳии атрофиён ба рафтори ӯ ё аз арзишу меъёрҳои дар ҷомеа муқарраршуда вобаста аст.

Инак, агар мо равишҳои гуногуни робитаҳои сабабиро, ки бо навъҳои гуногуни каҷрафторӣ алоқаманданд, ҷамъбаст кунем, пас метавон гуфт, ки онҳо се омили асосиро нишон медиҳанд: *шахсӣ, физиологӣ ва муҳити зист.*

Омилҳои шахсӣ як қатор омилҳои дохилӣ, аз қабили огоҳии ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, тамоюли арзиш ва муносибат ҳисобида мешаванд. Хусусиятҳои физиологии шахс, ҳамчун омили пайдоиш ва мавҷудияти каҷрафторӣ, муайян карда шудаанд. Пайдо шудани таъсири иҷтимоии муҳити зист ба тамоми ҷузъҳои он: иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, фароғат вобастагӣ дорад. Дар сотсиология микромуҳитҳо аз рӯйи меъёрҳои гуногун: ҷуғрофӣ, мансубияти этникӣ, ҷинс, синну сол ва навъи фаъолият муайян карда мешаванд. Микросотсиуми шахсият аз оила, муҳит ва гурӯҳҳои ғайрирасмӣ иборат аст. Шахс дар соҳаҳои гуногуни муҳити зист муошират карда, системаи муайяни муносибатҳоро ташаккул медиҳанд. Дар доираи равиши сотсиологӣ доир ба омӯзиши таъсири омилҳои объективӣ ва субъективии ташаккули шахсият методологияи ташхиси иҷтимоӣ доир ба каҷрафторӣ вуҷуд дорад, ки дар мавриди таҳлил масъаларо ба вуҷуд меорад.

Таҳлили масъала ҳангоми баррасии каҷрафтории иҷтимоӣ, ҳамчун маҷмуи ҳолатҳои мушаххас, тавсия дода мешавад, ки вазъи муҳити иҷтимоиро дар як лаҳзаи мушаххас тасвир менамояд. Шароит дар ин ҳолат метавонад: муқаррарӣ, ғайримуқаррарӣ ва патологӣ бошад. Каҷрафториро дар ҷомеа ду ҳолати охирини муҳити иҷтимоӣ–ғайримуқаррарӣ ва патологӣ тавсиф мекунад. Коҳиш додани хатоҳо бе ташхиси омилҳои иҷтимоӣ (ҳам мусбат ва ҳам манфӣ), бе таҳлили муайянкунанда (детерминантный анализ), бе муқаррар намудани робитаҳо ва вобастагиҳои бевосита ва

бавосита, дохилӣ ва берунӣ нисбат ба объекти мукарраршуда ғайриимкон аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар сотсиология ташхиси иҷтимоӣ дар асоси натиҷа ва нишондихандаҳои таҳқиқоти микдорӣ ва ҳам сифатӣ амалӣ мешавад. Аммо ин нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ танҳо барои таҳлили минбаъдаи ҳисобот ё иттилооти маҷмуии сотсиологӣ муҳим мебошад. Яъне барои тахшиси иҷтимоӣ танҳо истифода намудани усулҳои таҳқиқоти сотсиологӣ басанда нест, зеро ин тахлили вазъи иҷтимоиро махдуд менамояд.

Вазифаи ташхиси иҷтимоӣ нисбат ба усулҳои анъанавии таҳқиқоти сотсиологӣ васеътар аст. Ташхиси иҷтимоӣ бояд натанҳо ба маълумоти тадқиқоти мушаххаси сотсиологӣ, балки ба омори давлатӣ, иттилооти омории фаврии маҳаллӣ ва ғайра асос ёбад. Дастрасии озодонаи олимон ба омори иҷтимоӣ дар ташхиси иҷтимоӣ муҳим аст. Махфӣ нигоҳ доштани маълумоти оморӣ имкони муайян кардани тамоюлҳои манфиро дар ҷустуҷӯйи воситаҳои муносиб махдуд мекунад. Дастрас будани базаи васеи иттилоот шарти асосии инкишофи ташхиси иҷтимоӣ мебошад.

Маълумоти оморӣ имкони таҳлили масъалаҳои мураккабтаринро васеъ мекунад, зеро бо нишондихандаҳои оморӣ шинос намудани аҳли ҷомеа метавонад вазъи воқеии иҷтимоиро (барқарор намудани тартибот ва мустаҳкам намудани интизом, мубориза зидди ҷиноятқорӣ, коррупсия, фоҳишагӣ ва ғайра) ошкор намуда, ташаккули шуури ҷамъиятӣ, пешгирии паҳншавии ақидаҳои нимрост ва гоҳҳо нодурусти афкори ҷомеа, барои мубориза бар зиди каҷрафтории иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Чӣ тавре ки дар боло қайд намудем, дар ташхиси каҷрафтории иҷтимоӣ усулҳои психологӣ низ васеъ истифода мешаванд. Психологон барои муайян намудани ангезаҳои рафтор, намудҳои шахсият, хусусиятҳои муносибатҳои байнишахсӣ ва иҷтимоӣ асосан, истифода аз усулҳои пурсиш, тестҳои гуногун, пурсишномаҳои сотсиологӣ, оморӣ, равон-шиносӣ ва ба суҳбатҳои расмӣ таваҷҷуҳ менамоянд. Истифодаи усулҳои маҷмуӣ аз тарафи равоншиносон барои муайян кардани омилҳои каҷрафтории шахс муҳим мебошанд. Бо истифода аз ин равиш муайян карда шудааст, ки ангезаҳои берунӣ дар сохтори ҳавасмандии каҷрафтории шахс саҳми асосии худро доранд. Аз ин нуқтаи назар, таҳлили сабабҳо ҳамчун усули ташхис дар сотсиология аз муайян кардани аломатҳо ва нишондиҳандаҳои муҳим тавассути мушоҳида, таҳлили анъанавии ҳуҷҷатҳо, пурсиши коршиносӣ (экспертӣ), мусоҳибаи амиқ, мушоҳидаи навраси каҷрафтор, тасниф (классификации); мувофиқат (корреляция); таҳлили муқоисавии масъалаҳо; контент–таҳлил; усули экспертӣ; муқоисаи

ҷуфт ва маҷмуӣ, усули ба як тартиб даровардани алтернативҳо, усули тафриқа ва дигарҳоро истифода бурдан мумкин аст.

Баррасии ин усулҳои дар боло қайдшуда аз лиҳози омӯзиши сотсиологон ба усули сохторӣ–функсионалии ташхис мувофиқат мекунанд, зеро метавон маълумотро дар хусуси ҳолати ҳозираи масъалаи иҷтимоӣ, сохти объекти иҷтимоӣ ва алоқаҳо байни элементҳои гуногуни вай, вобастагии функсионалӣ ва ё ғайрифунксионалии он, яъне дар бораи он, ки оё фаъолияти вай ба сарнавишти ӯ мувофиқ аст, ба даст оварад. Бояд қайд намуд, ки усули сохторӣ–функсионалӣ бештар барои таҳлили мизоҷҳои иҷтимоӣ–оила, синфи мактаб, коллективи меҳнатӣ, донишҷӯён ва ғайра истифода мешавад, вале дар мавриди таҳлили фардӣ ё ташхиси шахс ин муҳим мебошад. Зеро амали шахс дар муҳити иҷтимоӣ дар анҷом ба ҳолати ботинӣ, сохтори худи шахс, мутаносиб ва ё номутаносиб будани унсурҳои ботинии вай, мувофиқшавӣ ва ё номувофиқии нақшҳои иҷтимоиро муайян мекунад.

Ҳар яке аз усулҳои дар ташхиси иҷтимоӣ пешниҳодшуда хусусиятҳои худро дошта, дар натиҷа, ба мо имкон медиҳад, ки таҳлили вазъиятро асоснок намоем. Яъне таҳлили вазъияти каҷрафтории иҷтимоиро бо далелҳо ё нишондиҳандаҳо тасвир намоем. Натиҷаи таҳлили вазъият ба имконияти идоракунӣ, ба нақшагирии фаъолияти ҷомеа ва тадбирҳои пешгиринамоии каҷрафтории иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Ҳамаи ин навъҳои таҳлили дар боло зикршуда якдигарро пурра намуда, омӯзиши конструктивӣ ва пайдарҳамии ҷараёни инкишоф ва тағйироти каҷрафториро дар ҷомеа имконпазир месозанд.

Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти илми муосир барои маҷмуи воситаҳо, усулҳо, вазифаҳо, таъсиррасониҳо доир ба қабули мақсадҳои гузошташуда, дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ истилоҳи “технологияҳои иҷтимоӣ” истифода мешавад. Технологияи ташхиси иҷтимоӣ ҳамчун категорияи сотсиология ба се сатҳи назарияҳои сотсиология *(назарияҳои умумии сотсиологӣ, назарияҳои сатҳи миёна ва таҳқиқоти таҷрибавӣ)* асос ёфтааст. Вазифаҳои технологияи иҷтимоӣ ҳамчун яке аз усулҳои таҳқиқоти сотсиологӣ ё ташхиси воқеияти иҷтимоӣ, таҳияи усулҳои самараноки таъсири иҷтимоӣ, тавсифи технологияи ташхиси иҷтимоӣ ва тарҳрезӣ иборат аст [2]. Дар сотсиологияи муосир мафҳуми технологияи ташхиси иҷтимоӣ аз таҳлили сотсиологии воқеият ба миён омада, хусусияти ҳодисаю равандҳоро инъикос менамояд ва қисми муҳимми раванди идоракунӣ мебошад. Дар асоси он технологияҳои ташхиси иҷтимоӣ ва хусусӣ таҳия мешаванд, ки истифодаи усулҳои сотсиологӣ ва иҷтимоиву психологиро барои ҷамъоварӣ ва тафсири иттилоот дар соҳаи мушаххаси ҷомеашиносӣ дар назар дорад.

Натиҷаи ташхиси иҷтимоӣ дар асоси омӯзиши падидаи иҷтимоӣ ва хулосаи илмии ҳолати объект мунтазам ва ҳамаҷониба таҳлил карда мешавад. Ташхиси иҷтимоӣ, ҳамчун як раванди технологӣ, марҳалаҳои муайянро дар бар мегирад: якум–шиносоии пешакӣ бо объект, гузоштани вазифаҳо, муайян кардани таркиби ҳолатҳои ташхисшуда, параметрҳои вазъият, интихоби нишондиҳандаҳои усулҳо; дуюм–андозагирӣ ва таҳлили нишондодҳо; сеюм–хулоса баровардани натиҷаи ташхис.

Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои дар боло зикршуда метавон чунин хулоса кард, ки ташхиси иҷтимоӣ ҳамчун санъат, маҳорат, қобилият, маҷмуи ба даст овардани усулҳо ва коркарди маълумот шарҳ дода мешавад. Ташхиси иҷтимоӣ яке аз равандҳои технологияи иҷтимоӣ мебошад, ки ҳолати воқеии объект ва вазъи дар мушкилот мавҷудбударо мушаххас арзёбӣ ва таҳлил менамояд. Аз ин рӯ, барои пешгирии каҷрафтории иҷтимоӣ ва муайян намудани динамикаи инҳироф, барои пешниҳоди минбаъдаи тавсияҳо ва воситаҳои коҳиш додани сатҳи каҷрафтории иҷтимоӣ ташхиси иҷтимоиро ҳамчун усули самаранок тавсия ва арзёбӣ менамоем.

АДАБИЕТ

1. Асламов Б.С., Хусейнзода С.Х., Хабирова Т.А. Правовое воспитание как средство профилактики и коррекции девиантного поведения молодёжи//Вестник института языков. 2019. № 4 (36). С. 111–116.

2. Гулов Р.Б. Технологияҳои иҷтимоӣ: мафҳум, пайдоиш ва истифодаи онҳо дар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №7, 2021. –С 129–134.

3. Данакин Н.С., Дятченко Л. Я. Организационная технология. // Учебное пособие для студентов по курсу «Социальная технология». – Белгород,1993.

4. Комилова М.Д. Каҷрафтории иҷтимоӣ (воситаи таълимӣ)– Душанбе, 2024.

5. Қаҳҳоров Ғ.Ғ. Технологияҳои иҷтимоӣ–омили пешгирии ифротгароии динӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафӣ. 2023. № 1–2. –С. 22–26.

6. Расулов С.Х., Раджабов Н.М. Психологический анализ роли семьи в профилактике девиантного поведения у подростков//Вестник Таджикского национального университета. 2017, № 3–1. –С. 131–134.

7. Раҷабзода Р. Тарбияи ахлоқӣ ҳамчун омили муқовимат бо каҷрафтории иҷтимоӣ ва ифротгароӣ дар шароити имрӯза// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2023. Т. 2. № 12. С. 102–107.

8. Сайдуллаева Г., Гулмаҳмадов Ш. Каҷрафтории наврасони тоҷик ва роҳҳои пешгирии он// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2020. № 7. С 294–299.

9. Самадов Ҳ.Ҳ. Ҳусейнов Ш.А. Омилҳои таърихӣ–фарҳангии зуҳури нашъамандӣ дар ҷомеа ва роҳҳои бартараф кардани он//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2023. №8. –С. 147–155; Самадов Х.Х. Эволюция теории социальной девиации в рамках российской, советской и постсоветской криминологии// Вестник Таджикского национального университета. 2020. № 8. –С. 170–175;

10. Смелзер Н. Социология / Науч. ред. изд. на рус. яз. В.А. Дцов. – М.: Феникс, 1994. –С. 219–226.

11. Социальные технологии: Толковый словарь / Отв. Ред. В.Н. Иванов. –М.,–Белгород: Центр социальных технологий, 1995. –214. –217с.

12. Уржа О.А. Социальная инженерия как методология управленческой деятельности.// Социологические исследования, № 10, 2017, – 91с.

13. Холов И.Б. Фаъолияти педагог ва нақши он дар самти офиятбахшӣ ва пешгирии саркашии наврасону кӯдакон дар муассисаҳои махсус.// Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. 2021. –№ 1.–С. 42–48.

14. Ҳасанов Ш.Қ. Раҷабзода Р. Сабабҳои коста гардидани ахлоқ ва каҷрафторӣ дар шароити имрӯза. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. –№10–2. –С.328–331.

15. Шоев Н.С. Социальные последствие маргинальности. В сборнике: Роль образования в борьбе с политическим экстремизмом и терроризмом. Таджикский национальный университет. –Душанбе, 2022. –С. 327–333.

16. Шохоликзода Ш.Ш. Анализ понятий, причин и условий возникновения девиации и экстремистского поведения среди молодёжи.//ГОУ«ХГУ имени акад. Б.Гафурова». Таджикистан. Худжанд. 2023, №2 (75). –С.123–129.

17. Щербина В.В. Проблемы технологической защиты социоинженерной деятельности // Социология. исследования. 1994, № 6.– С. 59–57. Щербина В.В. Средства социологической диагностики в системе управления. М.: Изд–во Моск. ун–та, 1993.

18. Волков Ю.Г. Социальная диагностика и социологическая экспертиза.https://cyberleninka.ru/article/n/sotsiologicheskaya–diagnostika–i–ekspertiza–potentsial–sotsiologii–dlya–obschestva/viewer.

19. https://sociology_encyclopedy.academic.ru/СОЦИАЛЬНАЯ ДИАГНОСТИКА

СОЦИАЛЬНАЯ ДИАГНОСТИКА КАК МЕТОД ПРОФИЛАКТИКИ СОЦИАЛЬНОЙ ДЕВИАЦИИ

КОМИЛОВА МАВДЖУДА ДАВЛАТДЖОНОВНА,
кандидат философских наук, докторант кафедры социологии
Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17;
тел: (+992) 935-14-80-80; e-mail: komilova.1976@mail.ru

В статье автор подробно анализирует «социальную диагностику» с точки зрения социологии и описывает использование социологических исследований в процессе социальной диагностики. По мнению социологов для устранения социальных кризисов или нежелательных социальных явлений в процессе неопределенности общественного развития, социальная диагностика является эффективным методом борьбы с социальной девиацией и с социальным консерватизмом. Для определения сущности и описания социальных явлений, а также для дальнейшего анализа социальных детерминантов, проведение социального диагноза является первым и необходимым шагом. В процессе анализа темы автор уделяет внимание вопросу определения объекта, принципов, задач и использования методов (анализ причины, проблемы, ситуации), также состоянию объекта социального диагноза. При этом автор отразил научную работу и статьи отечественных учёных, проводивших исследования на тему, социальная девиация. В конце статьи автор рекомендует социальную диагностику как один из эффективных методов профилактики для снижения роста социальной девиации.

Статья имеет актуальность для социальных работников, психологов и социологов и может быть использована для профилактики и коррекции социальных девиаций.

Ключевые слова: *социальный диагноз, социальная девиация, отклоняющее поведение, социальная технология, социальная профилактика, профилактика девиаций, объект диагностики, принципы диагностики.*

SOCIAL DIAGNOSTICS AS A METHOD OF PREVENTING SOCIAL DEVIATION

KOMILOVA MAVJUDA DAVLATJONOVNA,
candidate of Philosophical Sciences, Doctoral Candidate of the
Department of Sociology of the Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17;
tel.: (+992) 935-14-80-80; e-mail: komilova.1976@mail.ru

In the article, the author analyzes in detail social diagnostics from the point of view of sociology and describes the use of sociological research in the process of social diagnostics. According to sociologists, in order to eliminate social crises or undesirable social phenomena in the process of uncertainty of social development, social diagnostics is an effective method of combating social deviation and social conservatism. Social diagnostics is important, first of all, to determine the essence and description of events of social processes and acts as the first and necessary step for further analysis of these social processes and events.

In the process of analyzing the topic, the author pays attention to the issue of defining the object, principles, tasks and methods of using social diagnosis (analysis of the cause, problem, situation), as well as analyzes the state of the object of social diagnosis. At the same time, the author reflected the scientific work and articles of domestic scientists who conducted research on the topic of social deviation. At the end of the article, the author recommends social diagnostics as one of the effective methods of prevention of social deviation and as an instrument to reduce the growth of social deviation.

The article is important for social workers, psychologists and sociologists and can be used for the prevention and correction of social deviations.

Keywords: *social diagnosis, social deviation, deviant behavior, social technology, social prevention, prevention of deviations, object of diagnosis, principles of diagnosis.*

УДК: 323.2:316.7

МАРҲАЛАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА ВИЖАГИҲОИ ХОССИ СИЁСАТИ ГЕНДЕРӢ

ҶАББОРӢ НАСИБА ҶАББОР,
муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи давлатии Данғара
735320, Тоҷикистон, шаҳри Данғара, кӯчаи Марказӣ 25;
тел: (+992) 901-09-45-45; e-mail: 901094545@gmail.com

Гарчанде, ки гендер ба тафовутҳои ҷинсӣ байни мардон ва занон ишора мекунад, занон ва мардон бо ҳамдигар алоқаманданд ва ин бо муносибатҳои сотсиологӣ муайян карда мешавад. Дар ин замина, мардон ва занон ба ғайр аз хусусиятҳои гендерии худ тавассути нақшҳо ва интизориҳое, ки ҷомеа барои онҳо муайян кардааст, ҳувият пайдо карданд. Ин мавқеъҳои иҷтимоии мардону занон низ ақидаҳо ва рафтори сиёсии онҳоро ташаккул медиҳанд. Муносибат ва рафтори сиёсии мардону занон як масъалаи муҳимми адабиёти сиёсатшиносӣ мебошад. Дар ин замина, мақсади мақола омӯзиши таърихи инкишофи хусусиятҳои иштироки сиёсии занон аз нуқтаи назари хусусиятҳои гендерӣ мебошад.

Қайд мешавад, ки дар таърих занон дар ҳаёти сиёсӣ назар ба мардон ҳам ба маънои маҳдуд ва ҳам ба маънои васеъ камтар иштирок мекардаанд. Аммо, бо болоравии сатҳи маълумотнокӣ ва шароити иҷтимоию иқтисодӣ занон, имрӯз мавқеи фаъолтарро ишғол карда, дар арзишҳои сиёсии худ тамоюли озодтарро нишон медиҳанд.

Калидвожаҳо: *гендер, баробарии гендерӣ, феминизм, феминизми радикалӣ, нақши гендерӣ, сиёсати гендерӣ, сиёсати давлатӣ.*

Афзоиши худшиносии зан сабаби пайдоиши ҳаракати онҳо гардида, асосҳои ҷаҳонбинии падарсолориро зери шубҳа гузошт. Масъалаи баҳогузории таъсири ҳаракатҳои занон ба равандҳои сиёсии имрӯза дар осори муҳаққиқон мубрам арзёбӣ шуда, ба омӯзиши ҳаракатҳои занон асарҳои зиёд бахшида шудаанд [12, 57]. Ин ҳаракат дар адабиёти илмӣ бо истилоҳи “феминизм” маъмул гардидааст. Вожаи англисии “феминизм” аз решаи “feminine” ба маънои ҷинси зан, марбут ба ҷинси зан шарҳу тафсир ёфтааст, ки дар асл дар забони сокинони Фаронса мавриди корбурд қарор гирифта, бунёди решаи лотинӣ (Femine) дорад. Аввалин зане, ки дар бораи ҳуқуқ ва манфитаҳои ҷинси худ ҳимоя ва сухан дар миён гузошт, зани фаронсавӣ Кристина де Пизан (1364–1430) буд [15,149]. Аммо истилоҳи “феминизм” дар нимаи аввали асри XIX аз ҷониби Чарлз Фуре ба илм ворид гардид. Ба ақидаи муҳаққиқи мазкур: «Васеъ намудани ҳуқуқҳои занон–сарчашмаи асосии рушди ҷомеа мебошад» [16, 150]. Яъне бархӯрдор

будани занҳо аз ҳуқуқ ва озодиҳо, кафолати таъмини иштироки ин қишри ҷомеа дар фазои сиёсӣ ба шумор меравад. Аз ҷониби дигар, самаранокии фаъолияти занон дар ҳаёти иҷтимоӣ ба имкониятҳои дар ихтиёрдоштаи онҳо вобастагии калон дорад.

Феминизм маҷмуи ҳаракатҳои сиёсию иҷтимоие, ки ҳадафи асосии он таъмини баробарии ҳуқуқҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва шахсии занон мебошад. Раванди ташаккулёбии феминизм якчанд марҳалаҳои таърихиро тай намудааст. Дар марҳалаи аввал, мақсади асосии ҳаракат ба даст овардани ҳуқуқҳои сиёсию иҷтимоӣ буд ва дар марҳалаи дуюм, феминистҳо ба мушкилоти бунёдии бознигарии нақши зан дар ҷомеа муроҷиат намуданд. Дар марҳалаи сеюм, ҳадаф дигаргунсозии амиқи ҷомеа ва низоми нақшҳои гендерӣ мебошад [18, 94]. Аз ин бармеояд, ки дар ҳар як марҳалаи таърихӣ инкишофи ғояҳои феминистӣ хусусиятҳои ба худ хосро доро буда, дар ҳамоҳангӣ бо вазъи иҷтимоию сиёсӣ густариш ёфтаанд.

Пайдоиши тафаккури феминистӣ, ҳамчун аксуламали ҳокимияти мардон, имкон дод, ки муносибатҳои байни занон ва мардон натанҳо аз ҷиҳати иҷтимоиву психологӣ ва байнишахсӣ, балки аз ҷиҳати сиёсӣ низ омӯхта шуда, ба танзим дароварда шаванд. Муҳаққиқ В.Брайсон қайд менамояд, ки назарияи сиёсии феминистӣ кӯшиш намуда истодааст, ки «ҷомеаро дарк кунад, то ба он муқобат нишон дода, онро тағйир диҳад» [5, 5]. Ҳамин тавр, феминизм натанҳо иштироки занон дар сиёсат, балки ҳуқуқи онҳоро барои тағйир додани вазъи мавҷуда тақозо менамояд, ки дар ин ҳолат феминизм ба марксизм ҳамчун назарияи радикалии иҷтимоӣ қаробат пайдо мекунад.

Бояд қайд намуд, ки дар нимаи дуюми асри XX се шакли асосии феминизм пайдо шуданд: *либералӣ, сотсиалистӣ, радикалӣ,* ки баъдан бо назарияҳои нав мукаммал карда шуданд. Феминизми либералӣ дар як вақт бо рушди капитализм дар Аврупо ба вуҷуд омадааст. Ба ақидаи мактаби либералӣ сабаби нобаробарии гендериро метавон дар анъанаҳои таърихӣ ҷӯст ва онро танҳо тавассути ислоҳоти расмии ҳуқуқӣ бартараф кардан мумкин аст.

Дар робита ба зарурати баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа ва вусъат бахшидани иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ, назарияи сотсиал–демократӣ ва марксистӣ низ ҷонибдорӣ гардидааст. Сотсиал–демократ А.Бебел руҳияи назарияи феминистиро ба таҳқиқ гирифта, қайд менамояд, ки «зан дар аксар маврид дар натиҷаи вобастагии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аз мард азият мекашад». Ҳалли ин мушкилот ба андешаи муҳаққиқ на дар аз байн бурдани ҳукмронии мардон аст, балки дар сарнагун намудани капитализм ва барҳам додани истисмори тамоми заҳкашон, аз ҷумла занон,

мебошад [26]. Ҳамин тавр, ҷонибдорони ҳаракати марксистӣ чунин мешуморанд, ки ягона роҳи ба даст овардани баробарҳуқуқии занон дигаргуниҳои инқилобии системаҳои иқтисодию сиёсии ҷомеа мебошад.

Феминизми радикалӣ дар ИМА солҳои 60–уми асри XX падид омад. Дар ин марҳала патриархат (падарсолорӣ), ҳамчун манбаи асосии табъиз, нисбати занон баррасӣ мегардид. Тибқи ин шакли феминизм, ба сабаби он, ки мардон дар сари ҳокимият қарор доранд, барои ба даст овардани баробарӣ низоми мавҷудаи иҷтимоию сиёсиро куллан тағйир додан зарур аст. Ба андеашаи ҷонибдорони ин назария, оила манбаи зулми занон аст, бинобар ин, ё тақсимоти нобаробарии меҳнатро дар оила барҳам дод, ё худи ниҳоди оиларо бояд аз байн бурд. Тибқи андешаи Симон де Бовуар, “зан дар ҷаҳони падарсолорӣ ва мардона маҷбур аст, ки ҳамчун “ҷинсияти дуюм” амал кунад” [6].

Дар маҷмуъ, метавон ду равиши асосиро қайд намуд, ки дар назарияи сиёсӣ доир ба арзёбии нақши зан дар сиёсат нақш бозидаанд: 1) Муносибати анъанавӣ (классикӣ), ки ҳуқуқи занро дар иштироки фаъолияти сиёсӣ рад мекунад; 2) Муносибати феминистӣ, ки баръакс, чунин субъективияти сиёсиро рад намуда, эътирофи ҳуқуқи занро дар иштироки у дар корҳои сиёсӣ таъкид менамояд.

Мавриди зикр аст, ки дар сиёсатшиносии гендерӣ ҳангоми гузаронидани таҳлилҳои сиёсии вазъи занон натанҳо ҳолатҳои нобаробарии зану мардро дар ҷомеа, балки моҳияти сиёсии ин нобаробарӣ ва худи муносибатҳои гендериро нишон додан зарур аст. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад: *«Сиёсат–фаъолияти сохторҳои ҷамъиятие мебошад, ки зиддиятҳои ба озодии тамоми ҷамъият таҳдидкунандаро ҳал мекунанд. Дар сатҳи моҳият амалҳои сиёсӣ ҳамчун инъикоси муносибати баҳснок дар муайянсозии манфиатҳо, низоъ ва ҳокимият баромад мекунанд»* [6. 85,87]. Маҳз дар чунин ҳолат, ба инобат гирифтани мавқеи зан дар ҷомеа ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо аз самаранокии сиёсати давлатӣ шаҳодат медиҳад. Ҳамин аст, ки феминизм ва тамоми шаклҳои он масъалаи поймол кардани манфиатҳои занонро қайд намуда, ба сифати як фаъоли мустақили сиёсӣ эътироф намудани занонро талаб менамояд ва роҳҳои гуногуни расидан ба ин ҳадафро таъкид мекунанд.

Ҳамзамон тавре муҳаққиқ С.Айвазова менигорад: «Яке аз равшантарин далели робитаи гендер ва сиёсат, аз ниҳоди шаҳрвандӣ дур мондани занон дар давраи инқилобҳои бузурги асрҳои XVIII–XIX мебошад. Сиёсат ҳамчун қобилияти худмуайянкунӣ, интихоб ва доштани ҳуқуқҳо аз рӯйи анъана танҳо кори мардон дониста мешуд» [2, 25]. Аммо равандҳои сиёсию иҷтимоӣ исбот намуд, ки чунин нобаробарӣ ба пайдоиши нуқсонҳои ҷамъиятӣ сабаб гардида, фаъолияти самарабахши

тамоми қишрҳои ҷомеа таъмин нагардид. Аз ин рӯ, зарурат ба миён омад, ки дар инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ мақеъгирии тамоми қишрҳои ҷомеа бояд ба инобат гирифта шавад.

Ҳамин тавр, новобаста ба он, ки ҳанӯз соли 1791 Эъломияи ҳуқуқҳои занон ва шаҳрвандон ба Маҷмааи миллии Фаронса пешниҳод гардида буд ва он эътирофи баробарҳуқуқии иҷтимоию сиёсии занонро талаб мекард [24], барои занони Фаронса ба даст овардани ҳуқуқи овоздиҳӣ дар баробари мардҳо ва иштирок дар баробари мардҳо дар равандҳои сиёсӣ, таҳия ва татбиқи қарорҳои сиёсӣ, тақрибан якуним аср тул кашид ва дар моҳи апрели соли 1944 имконпазир гардид. Занони Арабистони Саудӣ танҳо дар соли 2011 ҳуқуқи овоздиҳӣ ва интихоб шуданро ба даст оварданд [11, 66,72]. Новобаста аз марҳалаҳои тулонии баррасии масъала, чунин тадбирҳо дар муддати кӯтоҳ самараи мусбати худро нишон дода, ба ҳамоҳангии қишрҳои гуногуни ҷомеа мусоидат намуд.

Истилоҳи «сиёсӣ» бо ҳар як мафҳуми умумӣ ва падидаҳои ҷамъиятӣ якҷоя карда мешавад. Аз ин рӯ, ворид намудани мафҳуми «сиёсати гендерӣ» дар илмҳои ҷамъиятӣ асоснок мебошад. Моҳияти сиёсат, ба ақидаи пажуҳишгар К.Шмит, ба дӯсту душман ҷудо намудан, мебошад. Аз ин рӯ, барои сиёсӣ гаштани муносибатҳо субъектҳои он бояд дар мухолифат «душман–дӯст» будан қарор гиранд, ки аз тафовути ҳадафҳо, арзишҳо ва манфиатҳояшон сар мезанад. Муносибатҳои гендерӣ, ҳамчун муносибатҳои байни гурӯҳҳои бузурги иҷтимоӣ, ки аз рӯйи ҷинс муайян карда мешаванд, комилан сиёсӣ мебошанд, зеро як қатор манфиатҳои ин гурӯҳҳо ба ҳам мухолифанд. Онҳо бо пайдоиши назарияи феминистӣ, ки ифодаи манфиатҳои занон ва гузоштани ин манфиатҳо ба муқобили манфиатҳои мардон мебошанд, воқеан сиёсӣ мегарданд [26]. Тибқи назарияи диалектикаи класикии низоъ, намояндагони феминизм таъкид мекунанд, ки манфиатҳои зану мард ба ҳам мувофиқ намешаванд, пас аз дарк намудани баҳамзидҳо манфиатҳои созмонҳои сиёсӣ ташкил карда мешаванд (гурӯҳҳои низоӣ), ки бо гурӯҳи ҳукмрон ба низоъ меоянд ва дар сурати ғалаба шакли нави ташкилоти ҷамъиятӣ эълон карда мешавад. Дар он ҳукмронӣ ва тобеият аз нав инкишоф меёбанд ва ин давра мунтазам ба сурати даврӣ такрор шудан мегирад [14, 145].

Дар марҳалаи сиёсии муносибатҳои гендерӣ ҳаракатҳои занон ва андешаҳои феминистии ифодагари манфиатҳои занон аллакай равшантар зуҳур мекунанд, сиёсати гендерӣ вусъат меёбад, ки тибқи он «муносибатҳои ҳокимиятӣ байни мардон ва занон танҳо бо соҳаҳои ҷамъиятии қонун, давлатҳо ва иқтисод маҳдуд нестанд, балки тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро мегирад... Ин маънои онро дорад, ки оила, насл ва ҷинсият бояд ба таҳлили сиёсӣ дохил карда шаванд» [5, 269]. Тавре

муҳаққиқ И.Кон қайд менамояд: *«Суҳбатҳои имрӯза дар бораи буҳрони мардонагӣ хусусияти ғоявӣ дошта, ташвишу норозиии рӯзафзуни марду занро аз тартиботи мавҷудаи муносибатҳои онҳо инъикос мекунанд... Пайдо шудани ҷунбиши муташаккил ва идеологии занонро мардон ҳамчун таҳдид, даъвати зеҳнӣ ва ё намунаи пайравӣ, фаъол кардани хоҳиши дифоъ аз манфиатҳои гурӯҳии худ медонанд”*. Ба сифати мисол, ҷунбиши консервативӣ–муҳофизатии мардона, ки ба ҳифз ва эҳёи имтиёзҳои мардона нигаронида шуда, дар «Ҷунбиши ҳуқуқи мардон»–и амрикоиро инъикос ёфтааст, меоварад. Фаъолони он хатари асосиро дар феминизм ва афзоиши нуфузи занон мебинанд ва бар ин бовараанд, ки «бартарияти мардон» афсонае беш нест, ки занони хашмгин бо мақсади таҳқир ва табъиз нисбат ба онҳо ихтироъ кардаанд. Ҳам дар кор ва ҳам дар оила мардони муосир нисбат ба заноне, ки ба онҳо дар ҳама ҷо бартарӣ дода мешаванд, бештар мазлумдида мебошанд [9, 13–14.]. Умуман, метавон ақидаҳои зидди феминистиро ба чаҳор гурӯҳ тақсим намуд: ба андешаи гурӯҳи якум дар ҷомеа зулми занон вуҷуд надорад ва гурӯҳи табъизшуда дар асл мардон мебошанд [21]. Далелҳои гурӯҳи дуюм ба он нигаронида шудаанд, ки зани «одӣ» аллакай аҳволи хуб дорад, ба ӯ лозим нест, ки барои ҳуқуқи худ мубориза барад, дар шароити патриархӣ (падарсолорӣ) ӯ танҳо ғолиб меояд. Гурӯҳи сеюм бо ин иттиҳом гунаҳкор аст, ки феминистҳо барои аз нав тақсим кардани захираҳо ба манфиати худ қудрат мехоҳанд [20]. Ва ниҳоят, чаҳорум дар бораи оқибатҳои харобиовари додани ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари занон бо мардон ҳукм меронанд.

Дар натиҷа, бо мавҷудияти таърихи зиёда аз сесадсолаи назарияи феминистӣ [5, 17] ҳаракати умумиҷаҳонии занон, ки манфиатҳои занонро ҳимоя менамуд, занон танҳо дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ муваффақиятҳои ҷиддии сиёсиро ба даст оваранд [25]. Дар сатҳи миллӣ мушкилот вобаст ба баробарии гендерӣ ҳатто дар кишварҳои пешрафта ҳоло ҳам боқӣ монда [27], бо дарназардошти таҷрибаҳои муваффақ, масъалаи мазкур тадбирандешиҳои саривақтиро талаб менамояд.

Тавзеҳи чунин натиҷаҳои муборизаи сиёсии занон ва мардонро бояд дар хусусиятҳои ҷонибҳои низоъи сиёсӣ, яъне гурӯҳҳои гендерӣ ва муносибатҳои байни онҳо бояд ҷуст. Ҳувияти гендерӣ яке аз устувортарин хусусиятҳои равонии шахс мебошад. Дар муқоиса ба синну сол, шахс тамоми умр дар як гурӯҳи гендерӣ боқӣ мемонад ва тағйир додани он хеле душвор аст, ки ин сабаби асосии мушкилоти муносибатҳои мутақобилаи гендерӣ мебошад. Дар муқоиса ба ҷинс, гендер аз ҷиҳати иҷтимоӣ тағйирёбанда аст. Муносибатҳои гендерӣ (ба монанди мафҳуми гендер дар муқоиса бо ҷинс) табиати таърихӣ доранд, зеро ғояҳо, нақшҳо ва арзишҳои гендерӣ бо рушди ҷомеа бо сабаби равандҳои объективӣ дар сохторҳои

иқтисодӣ ва истеҳсолӣ метавонанд тағйир ёбанд. Мисоли равшани ин падида ворид шудани занон ба бозори меҳнат мебошад. Зиёда аз ин, дар мавриди занони шуравӣ ҷой доштани меҳнати маҷбурӣ низ ба назар мерасид, ки фаъолияти сиёсии занонро аз байн мебурд. Истилоҳи “гендер” дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зерин шарҳ дода шудааст: гендер–муносибатҳои иҷтимоии байни мардону занон, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳуқуқ, идеология, фарҳанг, зоҳир мегардад [3]. Дар адабиёти соҳавӣ гендер чунин таъриф шудааст: *«Гендер маънои маҷмуи меъёрҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро дорад, ки ҷомеа ба одамон барои иҷро, вобаста ба ҷинси биологияшон равона менамояд. На ҷинси биологӣ, балки меъёрҳои иҷтимоиву фарҳангӣ дар ниҳоят, сифатҳои равонӣ, тарзи рафтор, навъҳои фаъолият ва касбу кори занону мардонро муайян мекунанд»* [13, 21].

Дар шуури оммавӣ дар бораи гендер нофаҳмиҳо ва таассубҳои зиёде мавҷуданд. Гузашта аз ин, бисёриҳо бар ин назаранд, ки гендер ва ҳар чизе, ки ба он иртибот доранд, ихтирои феминистҳои ғарбӣ, идеологияи бегонае мебошад, ки зеҳни ноболиғонро фасод мекунад. Вақтҳои охир бо талошҳои як қатор созмонҳои ҷамъиятии радикалӣ (пеш аз ҳама, динӣ) гендер бо ҳамҷинсгароӣ тобишҳои манфӣ пайдо кардааст ва мубориза барои баробарии гендериро ин созмонҳо ҳамчун мубориза барои ҳуқуқи ақаллиятҳои ҷинсӣ муаррифӣ мекунанд. Намунаи чунин тафсири якҷонибаро таҳқиқоти Устинкин С.В., Рудакова Е.К., Эминов Д.С. тақвият мебахшанд, [17, 5–15] ки қайд намудани баъзе нуктаҳо муҳим мебошад [8, 138–144.]. Муаллифон ояндаеро тасвир мекунанд, ки дар сурати қабули қонунҳои "гендерӣ" дар давлат ба вуҷуд хоҳад омад, ки он барои Тоҷикистон низ аз аҳаммият холӣ нест. Ин ҳолат, ба ақидаи онҳо, амнияти иҷтимоӣ ва демографии кишварро халалпазир мегардонад. Аз ҷумла ивазшавии муносибатҳои гендерӣ дар ҷомеа ба амал меояд, ки боиси аз байн рафтани ниҳоди оила мегардад, қонунҳои "гендерӣ" ҳамҷинсгароӣ ва никоҳи ҳамҷинсҳо, занҳои суррогат, аз оилаҳо гирифтани кӯдакон бо қарори суд (адлияи ноболиғон) ва ғайраро қонунӣ менамояд, ки ҳамаи ин дар умум, сабаби рушди насли ҳамҷинсгаро гардида, мушкилоти иҷтимоиро ба дунбол меорад [17, 14.]. Инчунин, афзоиши низоъҳо дар заминаи дур кардани ташкилотҳои динӣ аз иштирок дар сиёсати иҷтимоӣ ба таври алоҳида қайд карда мешавад [17, 13]. Дар таҳқиқоти муаллифон ҳамкории калисо ва давлат дар масъалаҳои оилавӣ ва сиёсати иҷтимоӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Ба андешаи мо, дахолати ниҳодҳои динӣ ба сиёсати давлатӣ вайрон намудани принсипи дунявияти давлат мебошад.

Ба қавли муҳақиқон мафҳумҳои ҷинс ва гендер аз солҳои 60–ум ва 70–уми қарни гузашта аз ҳамдигар ҷудо шудаанд. Дар ҳоле ки мафҳуми

ҷинс тафовутҳои анатомиро таъкид мекунад, мафҳуми гендер бо тафовутҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва руҳиву равонӣ алоқаманд аст [23]. Равобити ҷинсӣ биологӣ аст, ки табиӣ, собит, бетағйир ва хос мебошад. Гендер падидаи сунъӣ буда, тағйирёбанда, фарҳангӣ ва ғайримоддӣ аст ва дар асл маҳсули худи инсон мебошанд. Ҳувияти гендерии муташаккил ба зиммаи фард масъулиятҳои гуногунро бор менамояд ва нақшҳои гендерӣ дар баробари хусусиятҳои биологии фард инкишоф меёбанд. Инҳо он нақшҳоеро мебозанд, ки ҷомеа ба ҳар як фард таълим медиҳад ва интизор мешавад, ки фард тибқи ҷинси худ дар ҳаёти ҳаррӯза нақшҳоро иҷро кунад [22]. Гендер тавассути фарҳанг, эътиқод, унсурҳои муҳити зист, шароити зиндагӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, сиёсат ва қонунҳои ҳукумат ва бисёр унсурҳои дигар нигоҳ дошта мешавад. Намунаҳои рафтори духтарон ва писарон гуногунанд. Аз синни мактабӣ оғоз карда, тафовутҳо дар самти таълим пайдо мешаванд ва дар ин марҳала шахсияти гендерӣ равшантар зоҳир мегардад. Сипас дар баробари тақсимоти нақшҳои иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои оилавӣ, ҳувияти иҷтимоии онҳо ба таври назаррас ташаккул ёфта, ба одамони ҷинсҳои гуногун тарзи зиндагӣ пешниҳод карда мешавад.

Мушоҳидаҳои мо ва муҳаққиқони соҳа нишон медиҳанд, ки солҳои охир вобаста ба таъмини баробарии занону мардон дар амалия ва назарияи сиёсатшиносӣ истилоҳи «сиёсати гендерӣ» бештар истифода мегардад [10, 116]. Мафҳуми «гендер» дар омӯзиши падидаҳои сиёсӣ бештар истифода гардида истодааст ва аллакай ҳамчун меъёри муайян кардани зерфарҳанги сиёсӣ истифода мешавад; ҳамчун омили муайянкунандаи иштирок ва рафтори сиёсӣ; ҳамчун тахассус барои ба даст овардани ҳуқуқи овоздиҳӣ; ҳамчун шарти ҷалби нухбагони (элитаи) сиёсӣ; ҳамчун тағйирёбанда дар баробари омилҳои динӣ, миллӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ [23,11–26] мақоми аввалият пайдо кардааст.

Бояд қайд намуд, ки яке аз аввалин мафҳумҳо дар ин самт «сиёсат ба манфиати занон» буд, ки таърихан солҳои 70-ум ва 80-уми қарни гузашта пайдо шуда, амалҳои ҳукуматҳои як қисми муайяни давлатҳои аврупоиро, ки ба рафъи табъизи занон дар соҳаи сиёсат ва бозори меҳнат нигаронида шудааст, тавсиф менамуд. Асоси ин сиёсатро принсипи «табъизи мусбат» ташкил медод [10, 102–105]. Мафҳуми «сиёсат нисбат ба зан» дар ин маврид ҳамчун тадбирҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва амалҳое, ки ба занон ҳамчун як гурӯҳи иҷтимоӣ–демографии ҷомеа нигаронида шудаанд, фаҳмида мешавад.

Инчунин, истилоҳоти «сиёсати зан», «сиёсат нисбат ба зан» ва дигар таърифҳои ба ҳам монанд дар адабиёти соҳа шарҳу тафсир шудаанд. Таъкид кардан зарур аст, ки робитаи баҳснопазири ин мафҳумҳо: пайдоиши мафҳумҳои «сиёсати занон», «сиёсат нисбат ба занон» ва ғайра

боиси пайдоиш ва инкишофи минбаъдаи таърихии сиёсати ба даст овардани ҳуқуқу имкониятҳои баробар барои занон ва мардон гардид.

Бо дарназардошти таҳлилҳои соҳавӣ, чунин тафовутҳои сиёсати гендерӣ ва сиёсати давлатии «занон»-ро қайд намудан мумкин аст:

1) Объекти сиёсати занон танҳо занҳо ҳамчун як қисми табъизшавандаи аҳолӣ мебошанд, объекти сиёсати гендерӣ бошад, дар маҷмуъ, тамоми ҷомеаро фаро мегирад;

2) Субъектҳои сиёсати занон мақомоти хизматрасонии иҷтимоӣ мебошанд, ки дар соҳаи дастгирии занон, оила ва кӯдакон фаъолият мекунанд; субъектҳои сиёсати гендерӣ мақомоти сохторҳои гуногуни хизмати давлатӣ мебошанд;

3) Сиёсати «занон» мушаххас буда, ба ҳалли масъалаҳои амалӣ нигаронида шудааст, сиёсати гендерӣ стратегияи бунёдӣ дошта, татбиқи он вақти бештарро тақозо дорад;

4) Мақомоте, ки бо масъалаҳои пешбарии занон машғуланд, чун қоида, дар як ё якчанд вазоратҳо муттаҳид карда мешаванд. Дар ҷараёни татбиқи сиёсати гендерӣ дар ҳар як вазорат сохторҳои махсуси идориро таъсис додан лозим аст, то татбиқи қарорҳои қабулшуда ба ноил шудан ба баробарии гендерӣ таҳлил карда тавонанд.

Сиёсати давлатӣ доир ба таъмини баробарии занон ва мардон ба принсипҳои консептуалии равиши ҳамаҷониба (меинстриминги гендерӣ) асос ёфтааст, ки дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ дар ҳамбастагӣ бо принсипҳои анъанавии дастгирии занон инъикос ёфтаанд, зеро охирин бо дарназардошти вазъи воқеии заноне, ки дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа нисбат ба мардон мақоми камтар доранд, аҳаммияти худро аз даст надодааст.

Аз ин рӯ, сарфи назар аз тағйирот дар шакл ва мазмуни фаъолияти ҷомеа, давлат ва субъектҳои байналмилалӣ доир ба истиқрори принсипи баробарии гендерӣ дар даҳсолаҳои охир зарур мешуморем, ки чи дар Тоҷикистон ва чи дар дигар давлатҳои ҷаҳон, таҳқиқот оид ба масъалаи ҳифзи манфиат ва ҳуқуқҳои занон дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ минбаъд ҳам ба роҳ монда шавад. Дар баробари ин, омӯзиши масъалаҳои кафолати ҳуқуқи мардон низ ба сурати дар асарҳои алоҳидаи илмӣ ба таҳқиқи ҷиддӣ ниёз дорад. Самтҳои мушаххаси таҳқиқот доир ба ҳуқуқ ва озодиҳои занон ва мардон ҳамдигарро истисно намекунанд, балки баръакс, як ҷузъи дарки равандҳои рушди ҷомеа дар сатҳи миллӣ (маҳаллӣ, минтақавӣ, миллӣ) ва байналмилалӣ мебошанд.

Дар марҳалаи имрӯза дар заминаи таҳқиқоти анҷомёфта мафҳумҳои бештар истифодашаванда «сиёсати гендерӣ» ва «сиёсати давлатии гендерӣ» мебошанд, истилоҳоти дигари навзуҳур такмилдиҳандаи истилоҳоти мазкур ба ҳисоб мераванд. Ин мафҳумҳо баъзан ҳамчун

ҳаммаъно истифода мешаванд, аммо дар ин масъала ҳамовозӣ дар байни муҳаққиқон ба назар намерасад. Агар чунин бошад, пас ҳамгунсозии истилоҳот пеш меояд. Зиёда аз ин, дар илми сиёсатшиносӣ, равиши ягонаи тафсири ин мафҳумҳо ва муносибати онҳо бо ҳамдигар коркард нашудааст. Ба андешаи мо, истифодаи мафҳуми «сиёсати гендерии давлатӣ» ҳамчун афзалияти дигаргуниҳои демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқтар аст.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу баррасии масоили мавриди таҳқиқ метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Муносибатҳои гендерӣ сиёсӣ мебошанд, зеро нобаробарии гендерӣ қисми ҷудонашавандаи нобаробарии иҷтимоӣ дар тули таърихи башарият сабт шудааст. Сабаби пурра ба сиёсатшиносӣ ворид гардидани муносибатҳои гендерӣ, ҷой доштани баҳсу мунозираҳо дар ҷомеа вобаста ба зид будани манфиатҳои занону мардон, аз мавҷуд будани мушкилоти нобаробарии гендерӣ сарчашма мегирад. Ин вазифаро омӯзишҳои сиёсии занҳо ва феминизм ҳамчун инъикоси назариявии ҳаракати занон ба зимма гирифтааст. Дар инкишофи мазмуни сиёсии муносибатҳои гендерӣ як қатор марҳалаҳоро тасниф кардан мумкин аст: давраи пеш аз сиёсӣ, сиёсӣ ва баъд аз сиёсӣ. Дар марҳалаи охирон тафовутҳои гендерӣ дар сиёсат аҳаммият надоранд, зеро баробарии сиёсӣ байни марду зан дар сатҳи қабули қарорҳои асосӣ даст медиҳад. Ҷиҳати ноил шудан ба ин ҳадаф иҷро намудани шартҳои меҳнатӣ, идеологӣ, иқтисодӣ, ташкилию ҳуқуқӣ зарур аст. Мавҷудияти ҳизбҳои сиёсии оммавӣ дар асоси аломати гендерӣ бинобар сабаби гурӯҳҳои гуногуни гендерӣ ва мавҷудияти манфиатҳои ба ҳам зид дар дохили ин гурӯҳҳо вобаста ба нажод, даромад, хусусиятҳои фарҳангӣ ва мазҳабӣ имконнопазир мебошад. Сабаби дигар мавҷудияти доираи васеи манфиатҳои ба ҳам мувофиқи мардон ва занон вобаста ба таҷдиди биологӣ сар мезанад;

2. Дар асоси зуҳури ақидаҳои доир ба мушкилоти баробарии гендерӣ хелҳои сиёсати патриархалӣ (падарсолорӣ), патерналистӣ ва либералиро ҷудо намудан мумкин аст. Стратегияи нави ноил шудан ба баробарии гендерӣ дар ҷомеа сиёсати эгалитарӣ мебошад, ки ба муносибати комплексӣ ба мушкилоти баробарии ҷинсҳо асос ёфтааст;

3.Таърихан дар адабиёти соҳа, ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, санадҳои ҳуқуқии кишварҳои гуногун дар самти кафолати мувозинати гендерӣ аз ҷониби давлат, истилоҳоти гуногун истифода мегарданд. Аз ҷумла: «сиёсат ба манфиати занон» «сиёсати (давлат) нисбат ба занон» ва «сиёсати занон». Баъдан ҳангоми муайян гардидани ҳолатҳои маҳдудияти мардон дар баробари занон, пажуҳишгарон, ходимони ҷамъиятӣ, сиёсатмадорон ва дигарон мафҳумҳои васеътарро истифода намуданд: «сиёсат ба манфиати

баробарӣ», «сиёсати (давлат) ба даст овардани ҳуқуқҳои баробар ва имкониятҳо», «сиёсати гендерӣ», «сиёсати давлатии таъмини баробарии занон ва мардон», «сиёсати гендерии давлатии таъмини баробарии занон ва мардон», «сиёсати гендерии давлатӣ» ва ғайра. Ин истилоҳот паҳлуҳои гуногуни мавзуъро ифода намуда, комилан бо ҳам алоқаманд ва вобастаанд. Мазмуну маънои истилоҳоти «сиёсати гендерӣ» ва «сиёсати гендерии давлатӣ» гуногун ва нобаробар мебошанд. Сиёсати гендерӣ маъмултар буда, он бояд ба таъмини иштироки мутавозини мардону занон дар қабули қарорҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ нигаронида шавад.

АДАБИЁТ

1. Абилзода, Г.С. Татбиқи сиёсати гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Г. С. Абилзода, Ф. С. Абилова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2020.-No. 3(31).-P. 138–142.–EDN EIBBKO., Содикзода, Х. Современное состояние гендерной политики в Таджикистане: достижения и перспективы / Х. Содикзода // Вопросы политологии.–2017. –№ 1(25). –С. 87–91. –EDN YIRDUR.

2. Айвазова С.Г. Гендерный ракурс массовой политики // Женщина в российском обществе. 2016. №1 (78). С.25.

3. АМОҶТ, 2005, №3, мод.129

4. Бовуар С. де. Второй пол. – М.; СПб., 1997.

5. Брайсон В. Политическая теория феминизма ... С.269.

6. Волков В.А. Историко–логические основания структуры понятия политики // Управленческое консультирование, 2011. № 4. – С. 85,87.

7. Воронина О.А. Государственные механизмы обеспечения гендерного равенства/ / «Гендерное равенство в современном мире». М.– Макс Пресс, 2008. –С. 11–26;

8. Тартаковская И.Н. Гендерная политика в Европейском регионе // «Гендерное равенство в современном мире», Макс Пресс–2008;

9. Тёмкина А.А. Женское политическое движение как общественное движение: история и теория // Гендерная реконструкция политических систем. – СПб: Алтейя, 2003. –С. 41–52;

10. Шведова Н.А. Просто о сложном: гендерное просвещение (Пособие), Воронежский Государственный Университет, 2002.

11. Кашина М.А. О научном подходе в дискуссии о значении гендерных исследований и гендерного законодательства для России // Власть. 2016. -№ 6. –С. 138–144.

12. Кон И.С. Мужчина в меняющемся мире… С.13–14.

13. Левченко К. Б. К определению понятий «женская» и «гендерная» политика. Право и Безопасность. 2002. №4. –С. 102–105

14. Масленникова А.Е.Проблемы гендерного равенства в Саудовской Аравии: права и правовой статус женщины /А.Е.Масленникова, М. С. Нагорная //Вестник Совета молодых учёных и специалистов Челябинской области. – 2022. – Т. 1, № 2(37). – С. 66–72. – EDN LCNFXU.

15. Мирзоева, В. М. История развития женского движения в Таджикистане за годы независимости дис... канд. ист. наук: 07.00.02, Зикриёева М.Ф. Историография проблем женщин Таджикистана. – Душанбе: Ирфон, 2001.–340 с.

16. Словарь гендерных терминов. М.: Информация–XXI век, 2002. – С. 21

17. Тернер Дж. Структура социологической теории: пер. с англ. М.: Прогресс, 1985. –С. 145.

18. Успенская В.И. Феминизм: происхождение понятия и его современный смысл // Женщины. История. Общество. Сб науч.тр. под. Ред. В.И. Успенской. Вып.1. Тверь: Изд–во Тверского гос. ун–та, 1999. –С.149

19. Успенская В.И. Феминизм: происхождение понятия…–С.150.

20. Устинкин С.В., Рудакова Е.К., Эминов Д.С. Гендерные стратегии «мягкой силы» НПО как инструмент переформатирования культурного года общества и государства в России // Власть. 2016. № 1. –С. 5–15.

21. Ушакова В.Г. Женщины и феминизм в современном политическом процессе / В. Г.Ушакова //Вестник РГГУ. Серия: Философия. Социология. Искусствоведение. – 2023.–№ 2.–С. 93–104. – DOI 10.28995/2073–6401–2023–2–93–104. – EDN FBJIAG.C. 94

22. Хидирзода, М. У. Таркиби гендерӣ дар сиёсати давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ: вазъи муосир ва дурнамои рушд/М. У. Хидирзода, Г.Раҳмонзода//Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия общественных наук. – 2019. – №. 3–1(61). – С. 15–20.

23. Holter, Øystein (1995) “Gender, Patriarchy and Capitalism: A Social Forms Analysis”. Doctoral thesis, the University of Oslo. Published by the Work Research Institute, Oslo

24. Malmi Pasi Discrimination against Men: Appearance and Causes in the Context of a Modern Welfare State Rovaniemi: University of Lapland, 2009, 453 pp.

25. Roof, J. (2007). Gender Roles. F. Malti–Douglas içinde, Encyclopedia of Sex and Gender (ss. 616–617). New York: The Gale Group. 616

26. West, C., & Zimmerman, D. H. (1987). "Doing Gender". Gender and Society, 1 (2), 125–151. –С.125

Сарчашмаҳои электронӣ

24. Женское избирательное право. [Электронный ресурс] Доступ: URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%96%D0%B5%D0%BD%D1%81%D0%BA%D0%BE%D0%B5_%D0%B8%D 0%B7%D0%B1% (Дата обращения 17.01.2024).

25. Конвенцияо борьбе с торговлей людьми и эксплуатацией проституции третьими лицами» от 2 декабря 1949 года. [Электронный ресурс]//URL: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/ traffic cking_suppression.shtml. (Дата обращения: 17.01.2024.).

26. Рекомендации к «Конвенции о ликвидации всех форм дискриминации женщин». [Электронный ресурс] Доступ: URL http:// www.un.org. (Дата обращения 15.02.2024).

27. Фрэнсис Кронин, Эмма Сандерс Скандал с Харви Вайнштейном: какие последствия ждут Голливуд? // Русская служба BBC. 10 октября 2017 г. [Электронный ресурс] Доступ: URL http://www.bbc.com/russian/features–41571825. (Дата обращения 12.02.2024).

ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ ФОРМИРОВАНИЯ И ОСОБЕННОСТИ ГЕНДЕРНОЙ ПОЛИТИКИ

ДЖАББОРИ НАСИБА ДЖАББОР,
проректор по воспитательной части
Дангаринского государственного университета
735320, Таджикистан, Дангаринский район, улица Маркази 25;
тел: (+992) 901-09-45-45; e-mail: 901094545@gmail.com

Хотя гендер относится к физическим различиям между мужчинами и женщинами, женщины и мужчины связаны друг с другом и определяются этими социологическими отношениями. В этом контексте мужчины и женщины обрели идентичность благодаря ролям и ожиданиям, которые общество определило для них, помимо их гендерных характеристик. Эти социальные позиции мужчин и женщин также формируют их политические взгляды и поведение. Политические взгляды и поведение мужчин и женщин представляют собой важную проблему в политологической литературе. В этом контексте цель статьи заключается в изучении истории развития особенностей политического участия женщин с точки зрения гендерных характеристик. Отмечается, что исторически женщины меньше участвовали в политической жизни, чем мужчины, как в узком, так и в широком смысле. Тем не менее, по мере повышения уровня образования и социально–экономических условий женщины в настоящее время начинают проявлять более активную

позицию и демонстрируют более либеральную тенденцию в своих политических ценностях.

Ключевые слова: *гендер, гендерное равенство, феминизм, радикальный феминизм, гендерная роль, гендерная политика, государственная политика.*

THE MAIN STAGES OF FORMATION AND FEATURES OF GENDER POLICY

JABBORI NASIBA JABBOR,
Vice–rector for educational affairs of Dangara State University
735320, Tajikistan, Dangara district, Markazi street 25;
tell: (+992) 901-09-45-45; e-mail: 901094545@gmail.com

Although gender refers to the physical differences between men and women, women and men are related to each other and are defined by these sociological relationships. In this context, men and women gained identity through the roles and expectations that society defined for them, in addition to their gender characteristics. These social positions of men and women also shape their political views and behavior. The political attitudes and behavior of men and women represent an important issue in the political science literature. In this context, the purpose of the article is to study the history of the development of the characteristics of women's political participation from the point of view of gender characteristics.

It is noted that historically women have participated less in political life than men, both in a narrow and in a broad sense. However, with increasing levels of education and socio–economic conditions, women today are beginning to take a more active stance and show a more liberal tendency in their political values.

Keywords: *gender, gender equality, feminism, radical feminism, gender role, gender policy, public policy.*

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В Вестнике Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан **«Международные отношения и безопасность»** печатаются статьи в области политологии, экономики и философии, которые являются результатами научно–исследовательских работ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан и других организаций. Редколлегия журнала обращает внимание авторов на необходимость при направлении статьи в редколлегию строго соблюдать следующие правила:

1. Статьи принимаются по рекомендации главного редактора Вестника или его заместителей.

2. Текст статьи представляется редакционной коллегии в виде файла на съемном диске и бумажном носителе и должен быть подготовлен в текстовом редакторе MS Word, шрифтTimes New Roman 12 пт для статей на русском и таджикском языках. Для компьютеров с Windows XP и любой версией МС Офис необходимо использовать клавиатурный редактор Keyman. Интервал между строками– 1,15. Все листы рукописи должны быть пронумерованы.

3. Размер статьи не должен превышать10 стр. компьютерного текста, включая текст, таблицы, список литературы (не более 15 источников), рисунки, число которых не должно превышать 6.

4. Рисунки, диаграммы и фотографии прилагаются отдельно в формате той программы, в которой они выполнены. Диаграммы в формате Excel, ри сунки и фотографии в форматеJPEG.

Оформление статьи:

1. Титульная страница статьи должна содержать: УДК, Ф.И.О. автора(ов) (полностью), ученая степень и (или) звание, должность, название учреждения(ий), в котором выполнена представленная статья, адреса(почтовый и электронный), номера телефонов, полное название специальности.

2. Сокращение слов, имен, названий не допускается, за исключением общепринятых сокращений мер, физических, химических и математических величин, терминов и т.д.

3. Ссылки на цитируемую литературу даются в тексте статьи в квадратных скобках, например: [1], [1, 3–5]. Список литературы приводится общим списком (под заголовком «Литература») в алфавитном порядке и оформляется следующим образом:

Для книг: фамилия и инициалы автора, полное название книги, том или выпуск, место издания, издательство, год издания, номер страницы или общее количество страниц. Для периодических изданий: фамилия и инициалы автора, название статьи, название издания, год и номер издания, номер страницы или первая и последняя страницы статьи.

НАПРИМЕР:

1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.

2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.

К статье прилагается резюме на русском, английском и таджикскомязыках(не менее5 строк) и ключевые слова (3–10).

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей, рекомендовать статьи к депонированию.

Рукописи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

*Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором(ами). Подробную инструкцию по оформлению статей можно скачать на сайте (*http://m.vestnik.mts.tj/*).*

Примечание: Позиции авторов и редакционной коллегии могут не совпадать. За правильное использование источников, фактов и цифр ответственность несут авторы.

Адрес редакции: 734025, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: (+992 37) 221–11–00; (+992 37) 221–32–36
Факс: (+992 37) 221–11–00
e–mail: info@mts.tj

Ба чопхона 27.11.2024 таҳвил гардид. Чопаш 27.12.2024
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 70х100 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 35,5. Адади нашр 80 нусха.
Супориши № 15/6. Нархаш шартномавӣ.

Маҷалла дар чопхонаи ҶДММ «Ҳаёт – 69» ба табъ расидааст.